Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна

# ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК

## Фонетика (савтиёт)





ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

**Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна**

# ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК

***Фонетика (савтиёт)***

Бо қарори шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба нашр тавсия шудааст. (28 ноябри соли 2019, баённомаи №4)

Самарқанд-2020

**Сабоҳат Маҷитова. Забони адабии муосири тоҷик (*Фонетика (савтиёт).* – Самарқанд: Нашри ДДС, 2020.-256 саҳифа.**

*“Забони адабии муосири тоҷик” (фонетика) аз рӯи дастури хониш яке аз фанҳои асосии мутахассисӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи мақсад дар китоби дарсии мазкур боби “Фонетика” – сохти овозии забони адабии тоҷик, системаи фонемаҳо, ҳиҷо, задаи калима, оҳанг ва падидаҳои овозии ба онҳо алоқаманд дар заминаи дастовардҳои илми фонетика дар замони имрӯза баён шудааст. Дар китоб роҷеъ ба баъзе масъалаҳои фонетикаи умумӣ ва вобаста ба дастури таълимӣ оиди имлову хат низ аз навгониҳо ва қонуну қоидаи имрӯз тасдиқнамудаи забони адабӣ маълумоти муфассал дода шудааст. Китоб барои донишҷӯёни факултети филология, қисмати бакалавр, магистр, докторант ва муаллимони забон ва адабиёт таълиф гардидааст.*

**Муҳаррир** Амон Воҳидов, номзади илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд

**Муқарризон** Ҷумъақул Ҳамроев, доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Таваккал Чориев, номзади илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро

**Донишгоҳи давлатии Самарқанд, соли 2019**

# ПЕШГУФТОР

Дар Ӯзбекистони соҳибистиқлоли мо зиёда аз 120 миллат чун дӯсту бародар, баробарҳуқуқ зиндагӣ доранд, яъне бо забон ва дину анъанаҳои худ озодона муносибат мекунанд, ки ин озодӣ дар сарқонуни ҷумҳурӣ низ сабт гардидааст. Ҳамчунин барои ба роҳ мондани таълими мардуми гуногунзабон, дар мактабҳои олӣ низ гурӯҳҳои ҷудогона амал мекунад. Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Термиз ва Фарғона гурӯҳҳои махсус бо забони тоҷикӣ таълиму тадрис доранд. Аммо бояд қайд намуд, ки барои донишҷӯёни бахши тоҷикии олигоҳҳои мазкур дар солҳои наздик сарфи назар аз баъзе дастурҳои услубиву таълимӣ адабиёти чашмрас нашр нашудааст, яъне донишандӯзон ба китобҳои дарсӣ эҳтиёҷманданд. Махсусан дар ҷодаи омӯзиши забони адабӣ, зеро грамматикаи забони адабии муосири тоҷик аз якчанд қисмҳои ба ҳамдигар алоқаманд иборат буда, оиди ҳар як бахш китобҳои дарсии алоҳида пешкаш намуданамон лозим аст.

Бахши фонетикаи (савтиёт) забони тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик аз солҳои 30-юми асри XX ба ҳайси як соҳаи мустақили забоншиносӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгории ҷумҳурӣ тадрис мешавад, аммо то имрӯз дар таълиму тадриси ин фан мушкилоти зиёде ба назар мерасад. Сабаби асосӣ набудани китоби дарсист. Барои устодон ва шогирдон то солҳои 1980 "Очерки мухтасари фонетикаи забони тоҷикӣ"-и В.С.Расторгуева (Сталинобод, 1955) чун манбаи илмӣ хизмат кардааст. Баъдтар китоби "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (нашри академикӣ, Душанбе, 1985) ва фасли "Фонетика"-и китоби дарсии "Забони ҳозираи тоҷик" (барои мактабҳои олӣ) пешкаши аҳли илм гардид, ки қисми "фонетика"-и ин китобҳо аз ҷониби олими савтшиноси тоҷик Т.Н.Хаскашев омода гаштааст. Муҳаққиқи савтшинос Т.Н.Хаскашев тадқиқоти мукаммали худро соли 1983-1984 бо номи "Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (дар ду 2 қисм, Душанбе, 1983-1984) ва соли 1989 бо таҳрири нав "Фонетикаи забони адабии тоҷик" дар шакли китоби дарсӣ пешниҳод намуд. Маҳсули ранҷу заҳмати беш аз бистсолаи ӯ аз ҷониби забоншиносони тоҷик ва устодони бахши филологияи мактабҳои олӣ, эроншиносон академик М.Н.Боголюбов, профессор В.А.Лившис, В.С.Расторгуева, олимони шинохтаи тоҷик Д.Тоҷиев, Ш.Рустамов, Р.Ғаффоров, омӯзгорону хонандагони

мактабҳои миёна ва алоқамандони забони шево ва муқтадири тоҷикӣ хуш пазируфта шудааст ва то имрӯз бахши фонетикаи забони тоҷикӣ, асосан дар асоси ҳамин манбаъ омӯзонида мешавад. Бояд қайд намуд, ки манбаи асосии китоби мазкур низ "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (Душанбе, 1985, ҷилди 1), "Фонетикаи забони адабии тоҷик"-и Т.Хаскашев (Душанбе, 1989) ва "Таълими баъзе масъалаҳои душвори фонетика ва имлои тоҷикӣ"-и Ш.Бобомуродов, М.Бобомуродова (Душанбе, 2016) аст.

Китоби "Забони адабии муосири тоҷик" (фонетика), ки дар даст доред дар асоси дастури таълимии имрӯза ва маълумотҳои назарии маводҳои фавқуззикр бо номгӯи истилоҳоти нави забоншиносӣ таҳия карда шудааст. Дар китоби мазкур масъалаҳои савтиёти забони тоҷикӣ фонема чун воҳиди забон, овоз чун воҳиди нутқ, донистани мактабҳои фонологӣ, оҳанг (интонатсия) ва функсияҳои он, меъёр ва вариантҳои талаффуз ҳаллу фасл гардидааст.

Ҳадафи асосии таълифи ин дастур ба он равона карда шудааст, ки донишҷӯён тавассути машғулиятҳои назарию амалӣ, корҳои мустақилона, навиштани реферату корҳои курсӣ, мутолиа ва рӯйнависи матнҳои манзуму мансур, омӯхтани системаноки адабиёти илмӣ, илмӣ-методӣ ва адабиёти бадеӣ ба масъалаҳои асосии предмети баҳси илми фонетика ҳаматарафа ошно гарданд. Дарк намоянд, ки **фонетика** маҳсули афкори назарии мутафаккирони олам буда, дар бораи ҷиҳати овозии нутқ, низоми фонемаҳои забони тоҷикӣ, қонунҳои ҳамнишинию тағйирёбии фонемаҳо, ҷиҳатҳои сегонаи воҳидҳои фонетика (тавлидӣ, шунавоӣ, забоншиносӣ), қабатҳои гуногуни забон: овоз, калима, ҷумла, матн, воҳидҳое, ки аз маъно маҳруманд, ҷиҳатҳои шинохтану фарқ кардани воҳидҳои маънодор, симои фонетикии калима баҳс менамояд.

Омӯзиши амиқ ва дурусти мавзӯъҳои пешбинишудаи фанни **"Фонетика"** мафкураи илмиву забоншиносии донишҷӯёнро мустаҳкам намуда, имконият медиҳад, ки дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ҳамчун забоншиноси касбӣ ба воя расанд ва дар онҳо қобилияти таҳлил намудан ва баҳо додан ташаккул ёбад, барои дарку фаҳми фанҳои дигари забоншиносӣ, аз қабили лексикология, морфология, синтаксис, таърихи забон, услубшиносӣ заминаи мусоиди маънавӣ муҳайё мегардад.

**Вазифаи муҳими фонетика** зимни омӯзиш ва таълим аз шарҳи мазмуни мафҳуму истилоҳҳои асосии илми фонетика, шарҳи батафсили аломатҳои фонетикӣ: овоз, ҳиҷо, зада, оҳанг ва дар баробари омӯзишу баррасии ин масъалаҳо ҳангоми нутқ ба талаффузи овоз, мавқеи зада, оҳанги гуфтор ва риояи меъёри имлои забони тоҷикӣ амал намудан аст.

Дар китоби дарсии мазкур муаллиф дар баробари таҳияи маърӯза, барои дар амал санҷидани андешаҳо дар асоси ҳар як мавзӯ кори мустақилона, саволномаҳо ва адабиёти махсуси истифодашударо низ пешкаши донишҷӯ намудааст. Ҳамчунин ба таври илова саволномаҳои тестӣ ва вожанома низ барои мустаҳкам намудани мавзӯъ ва тафаккури эҷодии донишҷӯ илова карда шудааст, ки қобили қабул аст.

# Аз таърихи омӯзиши фонетикаи забони тоҷикӣ

**Мавқеи фонетика (савтиёт) дар байни қисматҳои дигари илми забоншиносӣ.** Фонетика (савтиёт) соҳаи муҳими илми забоншиносӣ буда, аз қадим диққати олимонро ба худ ҷалб кардааст. Гузаштагони мо онро илми **ҳуруф** номидаанд. Дар Эрон **овошиносӣ, савтиёт** низ номанд. Илми ҳуруф донишест, ки дар бораи ҳарфҳо, яъне овозҳое, ки ба туфайли онҳо калима, ҷумла ва калом ташкил мешавад, баҳс мекунад. Имрӯз дар миёни аҳли тадқиқи тоҷик низ такя ба ин истилоҳҳо фонетикаро дар ҷараёни таълим савтиёт ва овозшиносӣ ном бурда истодаанд.

Таърихи ташаккулу таҳаввули илми забоншиносии тоҷик хеле қадима буда, то имрӯз саҳифаҳои нав ба навро ҷило бахшидааст. Дар китобҳои донишмандони асрҳои миёнаи форсу тоҷик шарҳу тавзеҳи бисёр масъалаҳои забоншиносӣ омадааст ва ҳамчунин таълифотҳои муфиде ҳам анҷом дода шудааст. Чунончи, дар аксари рисолаҳои ба илми сегонаи адабӣ: арӯз, қофия, нақди адабӣ ва мусиқӣ бахшидаи муаллифони асри миёна ба масъалаҳои фонетика (ба истилоҳи эшон “ҳуруф”) эътибори ҷиддӣ дода шудааст.

**Қайду мулоҳизаҳои Ибни Сино, Носири Хусрав, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ роҷеъ ба масъалаҳои савтиёт.** Донишмандони забоншиноси форсу тоҷик аз қабили Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ Сино, Носири Хусрав, Шамси Қайси Розӣ, Насриддини Тӯсӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва дигарон доир ба масъалаҳои ҷудогонаи забоншиносӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд.

Носири Хусрав, ки яке аз адибони маъруфи адабиёти классикист, доир ба масъалаҳои забоншиносӣ ҳам фикру ақида баён намудааст. Ба фикри ӯ, ном, яъне калима маҷмӯи овозҳо буда, ҳарфҳо шакли графикии овозҳо мебошанд. Ӯ ба узвҳои нутқ, ҷойи ҳосилшавии овозҳо низ эътибор додаст ва овозҳоро ба навъҳо ҷудо кардааст. Дар ташаккули овозҳо нақши узвҳои фаъолу ғайрифаъолро хеле хуб муайян кардааст.

Қадимтарин асаре, ки дар он ба истилоҳҳои фонетикии “мусавват” (садонок) ва “сомит” (ҳамсадо) вомехӯрем, “Китоб ул--мусиқӣ”-и Форобӣ мебошад. Пас аз Форобӣ донишманди ҳамадон

Абӯалӣ Сино рисолае бо номи “Махориҷ ул-ҳуруф” таълиф кардааст, ки дар он сабабҳои пайдоиши ҳуруф (овозҳо), дастгоҳи овозсозӣ, хусусиятҳои сифатию миқдории фонемаҳо, овозҳои хоси тоҷикӣ ва арабӣ баён шудаанд. Рисолаи мазкури Ибни Синоро олими Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ ба забони форсӣ тарҷума кардааст, ки он соли 1333 шамсӣ (1955 мелодӣ) дар Теҳрон нашр шудааст. Андешаи Абӯалӣ ибн Сино дар бораи садонокҳои дароз ва кӯтоҳ чунин аст: “Аммо алиф-и мусаввват (садоноки **“о”**) ва хоҳари ӯ забар (яъне фатҳа **“а”**) ба гумони ман, махраҷи ин ду раҳо кардани ҳавост ба равонӣ ва бемузоҳамат (бемамонят).

**Вов**-и мусаввват ва хоҳараш **“пеш”** (“у”-и кӯтоҳ), ба гумони ман, аз раҳо кардани ҳаво бо каме танг кардани махраҷ ва андак майле ба боло падид меояд. **Ё**-и мусаввват ва хоҳараш **“зер” (“и”**-и кӯтоҳ) аз раҳо кардани ҳаво бо андак тангии махраҷ ва каме майл ба поин ҳосил мешаванд. Аммо ин се ҳарф бар ман душвор аст, аммо ин қадар ба яқин медонам, ки “алифи мамдуди мусаввват” (ҳарфи садоноки дарози “о”) дар замоне бештар ё ду баробари замони забар воқеъ мешавад. Ва низ чунин аст нисбати **вов**-и мусаввват (“ӯ”-и дароз) ба **пеш** ва **ё**-и мусаввват ба **зер**”[1].

Бояд қайд намуд, ки ин тавзеҳоти Абӯалӣ ибн Сино ба назарияи илми фонетикаи муосири тоҷик аз чанд ҷиҳат наздикӣ ва умумият дорад. Ба ақидаи ӯ дар бораи системаи фонемаҳои садонок амри қатъӣ намудан душвор аст. Донишмандони имрӯзаи савтиёти тоҷик низ дар ин масъала дар ихтилофи назаранд. Як гурӯҳ садонокҳоро ба **8 адад** (и, й:, ӣ, у, ӯ, о, э, а), гурӯҳи дуюм ба **7 адад** (а, и, ӣ:, у, ӯ, о, э), гурӯҳи сеюм ба **6 адад** (и, у, о, э, а, ӯ) ҷудо мекунанд, вале аксари мутахассисони савтиёти муосири тоҷик ҳам ба мисли Ибни Сино системаи шашфонемагиро ҷонибдоранд.

Дар мавриди дарозӣ ва кӯтоҳии садонокҳо назари имрӯзаи илми фонетика аз назари донишмандони пешин, аз ҷумла Абӯалии Сино фарқ дорад. Аз нуқтаи назари ӯ овозҳои **ӯ, о, э** садонокҳои дароз (ба истилоҳи Ибни Сино “мусаввати мамдуд”) нисбат ба садонокҳои кӯтоҳ (ба истилоҳи Абӯалӣ ибни Сино **забар**, **пеш** ва **зер**), дар фосилаи ду баробари вақт ҳосил мешаванд. Аз назари

---

[1] Абӯалӣ ибн Сино. Осори мунтахаб. ҷ.II. – Душанбе, 1983.-с.237.

фонетикаи муосир низ дарозию кӯтоҳии овоз ба сифати воситаи фонемафарққунӣ ба назар гирифта мешавад. Чунончи:

| Ӣ | И |
|---|---|
| **бӣно** - иморат | **бино** - бинанда |
| **шӣн-** номи ҳарф | **шин-** биншин |
| **бӣн-** бубин | **бин-** ибн |
| **У- и дароз** | **У** |
| **пул-** нақдина | **пул-** кӯпрук |
| **пур** - писар | **пур** - лабрез |
| **сур** - тӯй | **сур** - сурх |
| **дур** - дароз | **дур(р)** - нақдина |

Таваҷҷӯҳи Абӯалӣ ибн Синоро ба забону забоншиносӣ аз як ишораи худи ӯ, ки дар муқаддимаи рисолаи "Махориҷ ул-ҳуруф" кардааст, фаҳмидан мумкин аст. Яъне равшан аст, ки донишманди маъруфи илми луғат Абӯмансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар Ҷуббон ба нуктасанҷию забонфаҳмии Абӯалӣ ибни Сино эътимоди комил пайдо намуда, дар боби савтиёт таълифи рисолаеро аз ӯ хоҳиш кардааст. Ҳарчанд Абӯалӣ ибни Сино доир ба бахшҳои дигари илми забоншиносӣ таълифоти алоҳидае ба анҷом нарасонидааст, аммо дар чандин рисолаҳояш қайду ишораҳои пурарзише роҷеъ ба онҳо дорад. Як хусусияти назарияи забоншиносии Абӯалӣ Сино ин аст, ки ӯ қонунҳои илми забоншиносиро ҳамеша дар робита бо илми фалсафа, бахусус мантиқ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз назариёт ва ишораю қайдҳои Абӯалӣ Сино дар боби забоншиносӣ чунин бармеояд, ки ӯ барҳақ яке аз бунёдгузорони илми забоншиносии тоҷик буда, дар ташаккулу таҳаввули ин илм ҳам саҳми пурарзише дорад.

Ин ҷо як нуқтаро бояд таъкид кунем, ки Абӯалӣ ибн Сино рисолаи "Махориҷ ул-ҳуруф"-ро навишта, бунёди илмии ин фанро гузошта бошад ҳам, илми савтиёт дар асарҳое, ки ба гурӯҳбандии улум бахшида шудаанд, ба сифати илми алоҳида ё бахше аз илми лисонӣ ҷудо нашудааст. Абӯалӣ Сино рисолаи илмии "Махориҷ ул-ҳуруф"-ро, ки доир ба системаи овозҳо мебошад, ба забони арабӣ навиштааст. Ин асарро забоншинос Г.С.Ахвледиани бо номи

“Рисолаи фонетикаи Авитсена” соли 1966 ба забони русӣ тарҷума мекунад. Рисола аз шаш бахш иборат буда, дар онҳо сабаби пайдоиши овозҳо, ҷойи пайдоиши онҳо ва навъҳои овозҳо нишон дода шудааст. Ӯ овозҳоро ба **муфрад** ва **мураккаб** ҷудо мекунад. Овозҳои б, т, ч, з, д, к, л, м, н-ро муфрад ва боқиро мураккаб меномад. Овозҳоро ба ҳамсадо (сомит) ва садонок (мусаввват) ҷудо намудааст.

Дар рисолаҳои “Эъсоъ ул-улум”-и Абӯнасри Форобӣ, “Мафотеҳ ул-улум”-и Котибии Хоразмӣ (910-980), “Ал-феҳраст”-и Муҳаммад Исҳоқи Надим (вафоташ соли 990), “Ақсом ул-ақлия”-и Абуалӣ ибн Сино, “Ҷомеъ ул-улум”-и Фахри Розӣ (асри XII), “Нафоис ул-фунун”-и Маҳмуди Омулӣ, “Матлаъ ул-улум ва маҷмаъ ул-фунун”-и Воҷидалии Муҷмалӣ (асри XIX) ва ғайра низ миқдори илмҳое, ки гоҳе бо номи улуми лисонӣ ҳам ёд шудаанд, дар ҳудуди 10-15 фан ном мебаранд (илми хат, луғат, тасриф, сарф, иштиқоқ, наҳв, маонӣ, балоғат, баён, қофия, тақриз, амсол, давовин, иншо ва ғайра), аммо илми ҳуруф (ба истилоҳи имрӯз фонетика, савтиёт) ҷудо карда нашудааст. Ба ин фикр олими тоҷик Давлатбек Хоҷаев “... илми **ҳуруф** ё **савтиёт** дар гузашта дар ҳайати илмҳои арӯз, қофия омӯхта мешудааст. Дар аксари рисолаҳое, ки дар бораи илми сегонаи адабӣ навишта шудаанд, муаллифон дар онҳо, пеш аз ҳама, оид ба ҳуруф, ному хели онҳо ва саҳмашон дар сохтори шеър маълумот додаанд”[2], – гӯён фикри худро дар мисоли “Меъёр ул-ашъор”-и Насриддини Тӯсӣ равшан месозад: “Аҷзои лафз (калима) ҳуруф бошад ва ҳуруф сомит (ҳамсадо) бувад ё мусаввват (садонок) ва мусаввват ё мамдуд (дароз) бошад ва он ҳуруфи мад(д) (кашиш ва афзунӣ ва дарозӣ) ё мақсур (кӯтоҳ яъне садонокҳои кӯтоҳ) ва он ҳаракат бувад”[3].

Парвиз Нотили Хонларӣ дар “Таърихи забони форсӣ”, (Теҳрон, 1369 ҳиҷрӣ) таъкид мекунад, ки вожаи **ҳарф** дар забони арабӣ ва форсӣ шаш маънои мухталиф дорад. **Ҳарф** – номи овоз, **ҳарф** – сухан, **ҳарф** – ҳиссаи нутқ, бинобар ин ӯ барои ифодаи овоз, фонема **“вок”**-ро пешниҳод кардааст.

Дар таълимоти имрӯзаи фонетика низ ҳамин нукта чизи асосӣ аст, яъне фонетикаи муосир ҳам таъкид мекунад, ки **овоз** вобаста ба

---

[2] Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011.-с.15.

[3] Насриддини Тӯсӣ. Меъёр ул-ашъор. – Душанбе: 1992.-с.21

ҳамон саҳме, ки дар сохтори ҳиҷо ва калима дорад, дар ташкили воҳидҳои сатҳи болоии забон мисли ибора, ҷумла, матн иштирок мекунад.

Ҳамин маъниро Насриддини Тӯсӣ хеле равшану возеҳ баён кардааст: ”... калом алфозе бошад муаллаф (таълифшуда) аз ҳуруф, ки бар ҳасби вазъ (мувофиқи тартиб) ба маънии мақсуд муаллаф (ифодаёфта)”[4].

Илми арӯз бо илми забоншиносӣ, махсусан бахши фонетика, сарф ва наҳв алоқаи қавӣ дорад, зеро арӯз, ки ба каломи мавзун сару кор дорад, дар ташкили воҳидҳои ин навъи калом воҳидҳои сатҳи гуногуни забон, мисли овоз, ҳиҷо, калима, ибораю ҷумла бевосита иштирок мекунанд. Аз ин ҷост, ки ин ду илмро аз ҳам ҷудо тасаввур кардан мумкин нест. Ин маъниро яке аз донандагони беҳтарини илми арӯз ва қофия, донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Шамси Қайси Розӣ чунин баён кардааст: “... бинои шеър бар вазне хуш ва лафзе ширин ва иборате матин ва қофии дуруст ва таркибе саҳл ва маънии латиф ниҳанд”[5].

Ин андешаҳои Шамс Қайси Розӣ он қадар ба эзоҳ эҳтиёҷ надорад, аммо як нуктаро бояд таъкид намуд, ки он ҷузъиёти номбаршуда ҳама дар заминаи қонуниятҳои дастури забон тарҳрезӣ шуда, амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, муаллифони рисолаҳои илми бадеъ дар шарҳи масъалаҳои арӯзу қофия муҳимтарин мавзӯоти илми забоншиносӣ, махсусан фонетикаро низ тавзеҳ додаанд. Масалан, Шамси Қайси Розӣ дар ду фасли боби якуми рисолаи арӯз оид ба овозҳои нутқ, саҳми онҳо дар ташкили каломи мавзун изҳори ақида кардааст. Чунончи: “Бидон, ки малфузи ҳуруфро дар талаффуз се ҳайати хос аст, ки онро ҳаракати ҳуруф хонанд. Чунон ки агар дар гуфтани ҳарф даҳон бикшоянд, онро **ҳаракати фатҳа** хонанд ва ҳарфро мафтӯҳ гӯянд ва агар дар гуфтани он лабу даҳонро ба пеш берун оранд, онро **ҳаракати замма** хонанд ва **ҳарфро мазмум** гӯянд ва агар дар гуфтани он мили даҳон ба сӯи зер диҳад, онро **ҳаракати касра** хонанд ва ҳарфҳоро **мақсур** гӯянд. Ва ин се ҳайат усули ҳаракоти ҳуруф аст ва соири анвоъи ҳаракот, ки дар оммаи луғат

[4] Насриддини Тӯсӣ. Меъёр ул-ашъор. – Душанбе: 1992.-с.14
[5] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991.-с.329.

чун юнонию арабию румию туркию форсӣ ва ғайра он ёфт шавад ҳам, бар ин се усул мутафарреъ аст”[6].

Ҳамчунин Шамс Қайси Розӣ дар бораи ҳарфҳои мутаҳаррик ва сокин, махраҷи ҳосилшавии овозҳо, ҳолатҳои малфузию мактубии онҳо маълумоти мушаххас медиҳад.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар “**Чаҳор гулзор”** дар бахши савтиёт (фонетика) системаи ҳамсадоҳои забони тоҷикиро хеле мушаххас таъйин кардааст. Вай мегӯяд: “Аз он ҷумла (аз ҷумлаи 28 овози муштараки арабию тоҷикӣ) ҳашт ҳарф аст, ки мустаъмали забони форсӣ нест, хоси забони арабист”. Ва ин андешаи худро бо ин қитъаи Шарофуддини Алӣ тақвият медиҳад:

*Ҳашт ҳарф аст, ки андар порсӣ ояд ҳаме,*

*То наёмӯзӣ, набошӣ андар ин маънӣ маоф.*

*Бишнав аз ман то кадом он ҳуруфу ёд гир,*

*“Со”-ву “ҳо”-ву “сод”-у “зод”-у “то”-ву “зо”-ву “ъайн”-у “қоф”.*

Боқӣ, – мегӯяд Нисорӣ, **бим** ҳарф аст, ки дар ҳар ду забон мустаъмал аст ва ҳамчунин чаҳор ҳарфи дигар аст, ки махсуси каломи форсӣ буда, дар забони арабӣ мустаъмал нест. Ва барои он ки теъдоду номи ин чаҳор ҳарф дар зеҳни навомӯзон бимонад, қитъаи зеринро меорад:

*Ҳарфи махсуси порсӣ ба чор,*

*“Пе”-ву “че”, “же”-ву “гоф”, ай мухтор.*

*Дар каломи араб ба ғайри бадал,*

*Нашавад ҳеҷ гоҳ мустаъмал.*

Дар ин сурат – таъкид менамояд Нисорӣ, “каломи арабӣ мураккаб аз бисту ҳашт ҳарф аст ва забони форсӣ мураккаб аз бисту чаҳор ҳарф”[7].

Чунон ки мебинем, ин андешаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар мавриди овозҳои ҳамсадо ба фаҳмиши системаи фонемаҳои ҳамсадои забони адабии муосири тоҷик мувофиқ мебошад. Пас, назари Хоҷа Ҳасани Нисорӣ то имрӯз тағйир наёфтааст, чуночи, дар боби фонетикаи “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (нашри

[6] Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991.-с.40

[7] Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе: 1998.-с.12.

академӣ, §47), ки тозатарин натиҷаи тадқиқоти илмиро фаро гирифтааст, гуфта шудааст: “Системаи ҳамсадоҳои забони тоҷикиро бисту чаҳор фонема ташкил менамояд”[8].

Нисорӣ **“ф”**-ро хоси тоҷикию арабӣ медонад. Ҳамсадоҳои “**ъ**” ва “**ғ**”-ро хоси арабӣ гуфта, ҳамсадоҳои забони тоҷикиро 22 то мешуморад. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ масъалаҳои ***табдил, коҳиш, афзоиш*** *ва* ***бадалшавӣ*** барин тағйиротҳои овозиро низ дар асоси мисолҳои собит намудааст.

**Саҳми эроншиносони рус ва савтшиносони тоҷик дар омӯзиши сохтори овозии забони тоҷикӣ.** Таҳқиқи савтиёти (овошиносии) тоҷик аз солҳои 1926-1928 сар мешавад ва бо номи эроншиноси шинохтаи рус, профессор И.И.Зарубин иртибот дорад. И.И.Зарубин асосгузори пояи фонологияи тоҷик аст. Агар фонетика ҷиҳатҳои тавлидию шунавоии забонро омӯзад, фонология арзишу вазифаҳои лингвистии ин воҳидҳоро таҳқиқ мекунад.

Аввалин забоншиносе, ки бо усули озмоишӣ низоми овозии забони тоҷикиро таҳқиқ кардааст, В.С.Соколов мебошад, ки ӯ соли 1949 “Фонетика таджикского языка” ном асаре пешниҳод намудааст.

Расторгуева В.С. дар китоби “Краткий очерк фонетики таджикского языка” оид ба фонетикаи тоҷикӣ маълумоти мукаммал додаст.

Забоншиноси тоҷик Л.Бузургзода соли 1940 китоби “Фонетикаи забони адабии тоҷик”-ро менависад. Ӯ “и” - дароз ва “у” - и дарозро эътироф кардааст: нур, дуд, дид… Вай ҳар он чи мешунавид, сабт мекард.

Бузургзода дар боби падидаҳои овозӣ соли 1941 бо ҳамроҳии Б.Ниёзмуҳаммадов “Грамматикаи забони тоҷикӣ”-ро менависад ва ин ҷо доир ба фонетика маълумоти фишурда додааст.

Мавриди зикр аст, ки саҳми забоншинос Хаскашев Т.Н. дар боби фонетика беандоза аст. Дар китоби ӯ “Фонетикаи забони адабии тоҷик” масъалаҳои асосии сохти овозии забони адабии тоҷик – системаи фонемаҳо, ҳиҷо, задаи калима, оҳанг ва падидаҳои овозии ба онҳо алоқаманд дар заминаи дастовардҳои илмӣ баён шудааст.

---

[8] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. -саҳ.27.

Имрӯз низ дар боби савтиёти забони тоҷикӣ аҳли тадқиқ ҷустуҷӯ доранд ва вобаста ба воситаҳои технологии нав ва методҳои ҷудогонаи замонавӣ корбарӣ карда, дигаргуниҳои фонетикии забони имрӯзаи тоҷикро мавриди баррасӣ қарордод намудаанд. Аз ҷумлаи онҳо аз олимони тоҷик метавон Ш.Бобомуродов, М.Бобомуродова, Д.Хоҷаев, Р.Шоев ва дигаронро номбар намуд.

**Савол ва супоришот:**

1. Илми фонетикаро дар гузашта чӣ номидаанд?
2. Фонетикаро ҳамчун қисми забоншиносӣ чаро ҷавҳари забон номанд?
3. Аз донишмандон – забоншиносони форсу тоҷик доир ба савтиёт киҳо изҳори ақида кардаанд?
4. Рисолаи Форобӣ оид ба савтиёт чӣ ном дорад?
5. Аз шарқшиносони рус оид ба савтиёт киҳо хизмати арзанда кардаанд?
6. Доир ба савтиёт кадом асарҳои забоншиносони тоҷикро медонед?
7. Хаскашев Т.Н. ва мавқеи ӯ дар омӯзиши овозшиносӣ?
8. Миқдори садонок ва ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ?
9. Аҳамияти ба низом даровардани алифбо аз чӣ иборат аст?
10. Андешаҳои шумо дар боби чун фан омӯзонида шудани фонетика?

***Ҷустуҷӯи мустақилона:***

- ❖ Аз асари мутолиакардаистодаи худ калимаҳои шаклан якхела, вале дар талаффуз тафовутдоштаро нишон диҳед.
- ❖ Аз калимаҳои зерин садонокҳои устувор ва ноустуворро ёбед: *худшиносӣ, истиқлолият, хештаншиносӣ, меҳр, некӣ, хирад, одоб, муҳаббат, ақл, мардум, адиб, эҳтиром.*
- ❖ Китоби *“Гуфтори накӯ куҳан нагардад”*-и Давлатбек Хоҷаевро хонед ва андешаҳои муҳаққиқро доир ба фонетика мавриди муқоиса қарор диҳед.
- ❖ Зарбулмасал ва тезгӯякҳои зеринро маънидод карда аҳамияти овозҳоро шарҳ диҳед:
  1. Наояд зи гуфтори бисёр суд.
  2. Дӯст дар рӯзи бад шинохта мешавад.

3. Қудрати илмро заволе нест.
4. То нахонанд, нарав, то напурсанд, магӯ.
5. Дар боғи мо як тутча,
   Ин тутча чихел тутча.
6. Шасту шаш шиша доштам,
   Шастто шишааш шикаст.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985.-с.13-20.
2. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.5-26.
3. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ кухан нагардад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011.-с.12-90.
4. Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.143.
5. dic.academic.ru

## Фонетика – илм дар бораи сохтмони овозии забон

**Мафҳуми сохтмони овозии забон.** Забон воситаи муҳимтарини муносибати байни одамон ва омили асосии тараққиёти ҷамъият аст. Забон воқеан аз зарурати алоқа дар ҷамъияти инсонӣ ба воситаи иртиботу мухбира (вазифаи мухбиротии забон) ва ифодаю ташаккули тафаккури аъзоёни ҷамъият пайдо шудааст ва махсуси инсон мебошад. Аз ин ҷиҳат мафҳуми забон – забони овозӣ каломро мефаҳмонад. *Забони инсон сарвати бебаҳои маънавист,* ки аз насл ба насл мегузарад, муносибати наслҳо ва садоқати онҳоро барқарор дошта, ганҷинаи илму маданиятро ҳифз ва насиби авлодони оянда мегардонад.

Мубодилаи афкор дар байни аъзоёни ҷамъият дар шакли мухобира сурат мегирад. Воситаи асосии мухобира *гуфтор* аст, ки он бо воситаи хабар додан ё нақл кардан (гуфтори ахборӣ), аз ҳамсӯҳбат чизеро пурсидан ё дар бораи ҳодисае маълумот гирифтан (гуфтори саволӣ) ва касеро ба иҷрои коре водор кардан (гуфтори амрӣ) амалӣ мегардад.

Гуфтор ду ҷиҳат дорад – *ҷиҳати маъноӣ ва ҷиҳати овозӣ*[9].

Ҷиҳати маъноии гуфторро ҷиҳати ифодашавӣ меноманд, ки воҳиди асосии алоқаи одамон буда, пеш аз ҳама, дорои маъно мебошад ва бо воситаи он фикри як аъзои ҷамъият ба аъзои дигари он расонида мешавад.

Ҷиҳати овозии гуфторро ифодакунӣ меноманд, ки дар он аъзоёни ҷамъият ягон маъно ё фикрро ба ҳамдигар дар шакли овозӣ (ё хаттӣ) мерасонанд.

Гуфтор мураккабтарин воситаи алоқа аст. Вай ба як ё якчанд ҷумла, ҷумлаҳо ба ибора, калима ва морфемаҳо, морфемаҳо ба фонемаҳо ҷудо мешаванд. Ин воҳидҳо сатҳҳои мухталиф, қабатҳои гуногуни як чиз – сохтмони забонро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди масолеҳи як сохтмон буданашон воҳидҳои ин сатҳҳо дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд. *Ҷумла, ибора ва калима* бо он характернок мебошанд, ки онҳо мисли гуфтор ҷиҳати маъноӣ ва

[9] Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. қ.I. – Душанбе: 1983. -с.5.

овозӣ доранд. Аз ҳамин рӯ, онҳоро воҳидҳои дуҷиҳата, дутарафа номида, ба сатҳи маъноӣ, сатҳи махсуси забон нисбат медиҳанд ва ин сатҳро сатҳи маъноӣ ва онҳоро бошад, воҳидҳои маънодор меноманд. Овозҳо баръакси воҳидҳои болоӣ танҳо як ҷиҳат – ҷиҳати овозӣ доранд ва ба ҳамин сабаб онҳоро ба сатҳи алоҳидаи забон нисбат дода, онро сатҳи овозӣ номидаанд. Хусусияти барҷастаи воҳидҳои сатҳи овозӣ ин аст, ки онҳо маъно надоранд ва чун масолеҳ дар сохтмони воҳидҳои маънодор истифода мешаванд. Системаи воҳидҳои овозие, ки барои сохтани таркиби овозии воҳидҳои маънодор хизмат мекунанд, сохтмони овозӣ ё ҷиҳати овозии забонро ташкил медиҳанд. Масалан, овози [о] ва [б] ё ки [к], [н], [о] дар алоҳидагӣ маъноеро ифода намекунанд, вале агар мо онро бо тартиб муттаҳид созем, калимаҳои маънодори [об], [бо] ва [кон] ва [нок] ҳосил мешавад. Ҷиҳатҳои ифодашавию ифодакунӣ бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ба туфайли ҳамин алоқаи ногусастании ин ду ҷиҳат шинохтану фарқ кардани воҳидҳои маънодор, ҳамдигарро фаҳмидани аъзоёни ҷамъият имконпазир мегардад.

***Мавзӯи баҳси фонетика*** (овозшиносӣ). Фонетика (аз калимаи юнонии “phone” – овоз, савтиёт, порсӣ: آواشناسی)[10] як соҳаи илми забоншиносӣ буда, ҷиҳати овозии забонро меомӯзад. Сохти овозии забон воситаҳою воҳидҳои овозиеро дар бар мегирад, ки барои сохтану шинохтани воҳидҳои маънодор истифода мешаванд. Дар сохтани калима овозҳо, қонунҳои ҳамнишинию тағйирёбӣ, гурӯҳбандӣ, қонунҳои ҳиҷосозию ҳиҷоҷудокунӣ, сохти ҳиҷоии забон ва хелҳои ҳиҷо, навъҳои гуногуни зада ва қонунҳои қолабҳои заданокии калимаҳо иштирок мекунанд. Дар ташаккули овозии ҷумла ғайр аз воҳидҳои дар боло зикршуда оҳанг (интонатсия) ва воситаҳои асосии он: мавзуният, наво, тамдид, танфис, танин, суръати гуфтор ва ғайра иштирок доранд.

Аён мегардад, ки сохтмони овозии забон ҳодисаи ҷудогона аст. Ҳар як ҳодисаи овозӣ дар натиҷаи кори ягон узви дастгоҳи гуфтории инсон падид меояд. Гуногунҷиҳатии сохти овозии забон ва мақсаду методи омӯзиши онро ба ҳисоб гирифта, савтшиносон намудҳои зерини фонетикаро фарқ мекунанд:

---

[10]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.7.




❖ *Фонетикаи умумӣ* имкониятҳои овозии органҳои нутқи инсонро ба таври умумӣ меомӯзад. Маводи фонетикаи умумӣ забонҳои гуногун аст. Овозҳои садонок ва ҳамсадо, қоидаи умумии ҳиҷоҳоро муайян мекунад, хусусияти мухталифи задаро меомӯзад, дар бораи мафҳуми фонемаҳо ва тобишҳои онҳо баҳс намуда, тафовути байни ҳамдигарии овозҳоро ба таври илмӣ нишон медиҳад.

❖ *Фонетикаи таърихӣ* дар хусуси тағйирот ва инкишофи тадриҷӣ ва дуру дарози таърихи системаи овозии забони муайяне баҳс мекунад. Фонетикаи таърихӣ ҷараёни тағйироти овозҳои алоҳидаи ин ё он забонро муқаррар мекунад, таъсири он тағйиротро бо системаи овозии забон шарҳ медиҳад ва маҳсули чандин давраи гузаштаи таърихӣ будани системаи овозии забони ҳозираро равшан менамояд. Масолеҳи асосии фонетикаи таърихӣ материалҳои овозшиносии забони ҳозира, муқоисаи он ба ҳодисаҳои гуногуни овозии лаҳҷаҳо ва муқоисаи ҳодисаҳои алоҳидаи овозии худи лаҳҷаҳо мебошад. Навиштаҳои қадимӣ ва баъзе хусусиятҳои овозии забонҳои хеш низ аз масолеҳи фонетикаи таърихист. Ҳамаи ин аломатҳо тағйироту падидаҳои нави овозиеро, ки дар давоми даҳсолаҳо пайдо шудаанд, сабабҳои таърихии ҳодисаҳои овозии ҳолати овозии забонро ошкор месозад ва самтҳои ояндаи инкишофи онро нишон медиҳад.

❖ *Фонетикаи таҷрибавӣ* ҳодисаҳои овозии нутқро ба воситаи асбобҳо, дастгоҳҳои гуногун меомӯзад. Бо ёрии асбобҳои техникӣ мумкин аст, ки овозҳои алоҳида айнан сабт гарданд ва омӯхта шавад. Имрӯз бо воситаи асбобҳои гуногуни замонавӣ метавон таҷрибаҳои ҷудогона гузаронида сифати овозро аз ҳар ҷиҳат

мушоҳида намуд. Фонетикаи таҷрибавӣ дар омӯхтани ҷиҳати шунавоӣ ва физиологии овозҳои нутқ хеле муҳим аст.

❖ *Фонетикаи баёнӣ* системаи овозии забони имрӯзаро меомӯзад. Фонетикаи баёнӣ аз натиҷаҳои фонетикаи умумӣ, таърихӣ ва таҷрибавӣ ба таври васеъ истифода мекунад. Яъне ҳамаи навъҳои фонетика ба ҳамдигар робитаи мустаҳками илмӣ доранд.

Фонетикаи баёнӣ системаи овозии нуткро ҳамчун ҳодисаи мураккаби таърихӣ объекти тадқиқи худ қарор дода, онро дар назар дорад, ки он монанди ҳар як факти иҷтимоӣ тағйирёбанда аст, яъне ҳолати имрӯзаи системаи овозӣ маҳсули тараққӣ ва инкишофи давраҳои дуру дарозе буда, баъзе ҷиҳатҳои он кӯҳна шуда, аҳамияти пешинаи худро сусту кам кардаанд ва ҳамин ҷиҳатҳои кӯҳнашуда бо ҳодисаҳои зиндаву муҳими имрӯза якҷоя амал мекунанд.

❖ *Фонетикаи хусусӣ* сохти овозии забони алоҳида (масалан, сохти овозии забони тоҷикӣ, русӣ ё ӯзбекӣ)-ро меомӯзад. Яъне сохти овозии ин ё он забонро бе муқоиса бо забонҳои дигар, бидуни муроҷиат ба давраҳои пешинаи инкишофи забон ва бештар дар замонҳои ҳозира мавриди баҳс қарор медиҳад. Дар фонетикаи хусусӣ маъмулан ҳодисаҳои овозӣ дар як давраи муайяни инкишофи забон, бештар дар замони ҳозира омӯхта мешаванд. Манбаи тадқиқи фонетикаи баёнӣ ва фонетикаи хусусӣ системаи овозии забони имрӯза бошад ҳам, фонетикаи хусусӣ қатъи назар аз вазъияти таърихии забон хулосабарорӣ мекунад.

Дар асоси ин намудҳои зикршуда фонетика воҳидҳои овозии забонро равшан ва муқаррар намуда, моҳият ва саҳми онҳоро дар ташкили мубодилаи афкор муайян менамояд. Фонетика бо таҳқиқи ҳодисаҳои овозӣ дар як давраи муайяни таърихӣ маҳдуд намешавад, балки амали онҳоро дар давоми муддати кӯтоҳ омӯхта, қонуният ва сабабҳои таҳаввулу такомулашонро ошкор менамояд. Яъне вазифаи илми фонетика *тадқиқи системаи овозии забон* мебошад.

***Дар сатҳи калима се воҳиди асосии фонетика – овоз, ҳиҷо ва зада амал мекунад.***

**_Воҳидҳои асосии фонетика._** Фонетика чун соҳаи илм дорои мафҳум ва категорияи хоси худ аст. Ин мафҳум ва категорияҳои овозшиносиро

воҳидҳои асосии фонетика ифода мекунад. *Воҳидҳои фонетика* маҷмӯи воситаҳои овозӣ буда, ҷиҳати овозии воҳидҳои маънодори забонро меомӯзад.

Дар айни замон барои мавҷудияти калима на танҳо миқдори овоз ва ҳиҷову зада, балки тартиби корбасти онҳо низ басо муҳим мебошад. Ин се воҳиди асосӣ бо тарзи истеъмоли худ се унсури асосии калима буда, сохтмони фонемагӣ, ҳиҷогӣ ва заданокии онро ташкил медиҳанд, ки ба туфайли онҳо *як овоз аз овози дигар ва як вожа аз вожаи дигар* фарқ мекунад ва дар натиҷа соҳибони забон онро чун воҳиди мустақили лексикӣ мешиносанд. Аммо бояд гуфт, ки миқдори воҳидҳои фонетика бо инҳо маҳдуд намешавад. Таҷзияи маъноию овозии ҷараёни нутқ воҳидҳои зерини овозиро (аз калон ба хурд) ҷудо мекунад: матн, банди овозӣ, фраза, синтагма, калимаи овозӣ, ҳиҷо ва овози нутқ. Дар байни ин воҳидҳо муносибатҳои ҷудошавӣ (аз калон ба хурд) ва ҳамроҳшавӣ (аз хурд ба калон) мушоҳида мешавад.




Воҳидҳои фонетикӣ бо вуҷуди вазифаи муштаракашон дар ташкили воҳидҳои маънодори забон ва фароҳам овардани

имконияти мубодилаи афкор, дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, вобаста ба тарзи истеъмол ба ду гӯрӯҳ: *занҷирӣ* ва *забарзанҷирӣ* ҷудо мешаванд. Нутқи овозӣ хусусияти пайдарҳамӣ ё силсилавӣ дорад, ки паиҳам, ба ҳам васл шуда, як занҷири овозиро ба вуҷуд меорад. Яъне *ҳиҷо, калима, синтагма, фраза ва банди овозӣ* бонавбат ва паиҳам дар як хати рост талаффуз мешаванд, зеро узвҳои нутқ наметавонанд, ки дар як вақт ду овоз ё ҳиҷо ва ё синтагмаро талаффуз намоянд. Сабаби воҳидҳои *занҷирӣ (хаттӣ)* ном гирифтани онҳо низ дар ҳамин аст. Ҷиҳати дигари воҳидҳои занҷирӣ хусусияти мустақил доштан ва ба якдигар муқобил будан аст. Ба гурӯҳи *воҳидҳои забарзанҷирӣ* навъҳои гуногуни *зада ва оҳанг* дохил мешаванд. Хусусияти хоси воҳидҳои забарзанҷирӣ ин аст, ки онҳо гӯё бар воҳидҳои занҷирӣ зам мешаванд ва бе онҳо вуҷуд надоранд. Яъне *хелҳои зада* (задаи калима, синтагма, фраза ва ғ.) ва *оҳанг* (оҳанги пурсиш, нақл, ангезиш, супориш ва ғайра) бо *воҳидҳои забонӣ* ҳамроҳ омада, бар воҳидҳои занҷирӣ гӯё зам шуда, онҳоро ба таври овозӣ муттаҳид месозанд. Аз ин сабаб онҳоро забарзанҷирӣ номидаанд, аммо бояд гуфт, ки тафовути асосии онҳо аз воҳидҳои занҷирӣ дар истеъмол ба назар мерасад. Ин ҳолатро метавон дар ҷараёни талаффузи як ҷумла бо чанд оҳанг мушоҳида намуд.

Дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои ҷудогонаи воҳидҳои фонетикӣ савтшиносон ҷиҳатҳои *забоншиносӣ (лингвистӣ), шунавоӣ (акустикӣ), тавлидӣ (физиологӣ)*-ро мавриди тадқиқ қарор додаанд. Яъне:

- ***Аз нуқтаи назари забоншиносӣ (лингвистӣ)* ҷиҳати маъноро ифода намудани овозҳои нутқ, чун масолеҳи бинокорӣ корбаст шудани онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.**
- ***Аз нуқтаи назари шунавоӣ (акустикӣ),* ҷиҳати давомнокӣ, баландӣ ва қувватнокии овоз ба ҳисоб гирифта мешавад ва ин табиати мураккабии овозҳоро як соҳаи илми физика акустика (юн. akustikos – шунавоӣ) меомӯзад.**
- ***Аз нуқтаи назари тавлидӣ (физиологӣ)* дар натиҷаи ҳаракати органҳои нутқи инсон ба вуҷуд омадани овоз ошкор карда мешавад, ки муайян намудани ин хусусияти овозӣ ҷиҳати анатомию физиологиро ташкил намуда, мавзӯи баҳси фонетикаи тавлидӣ аст.**

Масалан, дар вақти омӯзиши оҳанг ҳам тарзи кори садопардаҳо, нафасгирию нафасбарорӣ, дараҷаи фишурдашавии

узвҳо ва танфисҳои нутқ, ҳам тағйири унсурҳои физикии нутқ: зудии лаҳни асосӣ (наво), қувватнокӣ, тамдид, сифат ва танини овозҳо алоқамандона бо навъҳои оҳанг, таносуби онҳо дар қисматҳои гуногуни фраза ва ҳам нишонаҳои фарққунанда ва тазодҳои просодӣ[11] муайян карда мешаванд. Ин ҷиҳати воҳидҳои овозӣ дар амалӣ гардонидани вазифаи асосии забон саҳми гуногун доранд. Ҷиҳатҳои тавлидӣ ва шунавоӣ нисбат ба ҷиҳати забоншиносӣ туфайлӣ ҳисоб меёбанд: онҳо дар забон маҳз ба туфайли он арзиш пайдо мекунанд ва омӯхта мешаванд, ки дар мубодилаи афкор маъмулан дар шакли овозӣ амалӣ мешавад ва ҳодисаҳои овозӣ дар он иштирок карда, вазифаи муайянеро адо мекунанд. Аз ҳамин сабаб онҳо дар ду гурӯҳи муттаҳида ҳамчун ду соҳаи як илм омӯхта мешаванд: ҷиҳати *тавлидӣ ва шунавоиро* дар якҷоягӣ фонетика ва ҷиҳати забоншиносиро фонология (юн. phōnē – овоз ва logos – таълимот) меноманд. Бо вуҷуди ду соҳаи як илм буданашон *фонетика ва фонология* бо силсилаи мафҳумҳо, категорияҳо ва усулҳои тадқиқоти худ аз якдигар фарқ мекунанд.

***Алоқаи фонетика бо фанҳои дигар.*** Фонетика ҳамчун як шохаи маърифат бо илмҳои дигар вобастагӣ дорад ва дар навбати худ муваффақиятҳои фонетика мавриди истифодаи дигар илмҳо низ қарор мегирад. Аз ин рӯ фонетика пеш аз ҳама бо фанҳои забоншиносӣ – *орфоэпия, лексикология, сарфу наҳв, имло, услубшиносӣ, таърихи забон, фразеология ва аз илмҳои адабиётшиносӣ, асосан ба назмшиносӣ* ва қисматҳои он алоқамандии зич дорад. Аз илмҳои ғайризабоншиносӣ бошад, *физика, равоншиносӣ, педагогика, илми тиб, илмҳои дақиқро* метавон номбар намуд.




[11]Просодия (юн. prosodia - зада). Воҳидҳои забарзанҷириро дар якҷоягӣ гоҳо просодия меноманд.

❖ *Фонетика бо орфоэпия* (лот. orthos – дуруст, саҳеҳ ва epos – нутқ)[12] хеле алоқаи наздик дорад. Зеро ҳар ду илм ҳам нормаҳои талаффузи адабии ин ё он забони миллӣ, ҷиҳати овозии забонро меомӯзад ва муайян мекунад. Орфоэпия масъалаҳои гуногуни дурустии нутқи овозӣ, истеъмолу талаффузи дурусти овоз, таркибҳои овозӣ, қолабҳои заданокӣ, оҳангро меомӯзад ва меъёру мавриди истифодаи онҳоро муайян мекунад. Аммо бояд гуфт, ки орфоэпия ин вазифаи худро бо воситаи овозшиносӣ иҷро мекунад, яъне тарзи дурусти талаффузи овозу калимаву ҷумларо аз худ накарда онро дар орфоэпия корбаст намудан номумкин аст. Аз ин рӯ фонетикаро як навъ таҳкурсии орфоэпия шуморидан дуруст аст.

❖ *Ҳамбастагии фонетика бо калимашиносӣ (лексикология)* дар он зоҳир мешавад, ки мавҷудияти калимаро бе симои овозии он тасаввур кардан номумкин аст. Дар асоси ҳамбастагии маънои луғавӣ бо сохтмони муайяни овоии калима тафовути як калима аз калимаи дигар имконпазир мегардад. Аз ҷумла, агар сохтмони овозии калимаи “модар” (миқдори фонемаҳо, сохтмони ҳиҷогӣ ва қолабҳои заданокӣ) дар талаффуз риоя нашавад ва ё ягон унсури овоии таркиби ин калима бар хилофи меъёри забон талаффуз шавад, симои овоии он халалдор мегардад, ки ин ҳолат дарку шинохти ин воҳиди луғавиро мушкил мегардонад. Ё дар талаффузи калимаҳои “дар, дур, дер, дор”; “ним, ном, нам”; “сар, сир, сер”, ки як овоз ҷои худро бо овози дигар иваз кардааст, аллакай калима ба воҳиди дигари луғавӣ табдил ёфтааст. Инчунин фонетика ҳангоми шарҳи қоидаҳои ҳиҷоҷудокунӣ ва ҳамнишинии овозҳо ҳам қонуниятҳои калимашиносиро ба инобат мегирад, яъне дар забони тоҷикӣ калима бо ду ҳамсадо оғоз намеёбад ва бо се ва ё зиёда ҳамсадо ба анҷом намерасад.

❖ *Алоқаи фонетика бо сарф (морфология).* Сарф бо омӯзиши шакли калима ва қонунҳои тағйири он машғул бошад ҳам, ҳамеша ба қонунҳои овозии тағйири овозҳо муроҷиат мекунад, зеро тағйироти шаклии калима маҳз дар заминаи овозҳои таркиби он воқеъ мегардад. Чунин тағйиротро дар сохтори дастури забон (грамматика) флексияи дохилӣ меноманд, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани овозҳои дохилии калимаи решагӣ воқеъ мешавад. Дар забони тоҷикӣ бадалшавии фонемаҳо дар асосҳои феълӣ (пухт – паз, сӯхт – сӯз, гуфт – гӯй) зоҳир мегардад. Сарф бештар ба тадқиқи

[12]Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983. -с.143.

ҳодисаҳои овоии марбути морфема (бадалшавӣ, монандшавӣ, ҳамнишинӣ, истеъмоли фонемаҳо ва ғайра) ва воситаҳои овоии ифодаи сохтори дастурии забон сару кор дорад.

❖ *Алоқаи фонетика бо наҳв (синтаксис).* Фонетика бо наҳв низ алоқаи мустаҳкам дорад, зеро ҳар як ибора ва ҷумла дорои мавзуният ва тарҳи муайяни оҳанг аст. Фарқи навъҳои асосии мухобиротии гуфтор (ахбор, амр, пурсиш)-ро маҳз оҳанг таъмин мекунад. Алоқаи фонетика бо наҳв инчунин дар он воқеъ мегардад, ки таҷзияи дастурии маънои ҷумла ба порчаҳои тематикӣ ва рематикӣ тавассути воситаҳои фонетикӣ – танфис, задаи таъкидӣ, фраза, навъҳои гуногуни наво ва ғайра амалӣ мегардад.

❖ *Фонетика ва хату имло* (орфография юн. orthos – дуруст, саҳеҳ ва grapho – менависам*)*[13]. Нутқи мо шакли хаттӣ дорад, ки он инъикоси нутқи овозӣ мебошад. Аз ин рӯ фонетика бо хат (графика) ва имло, ки паҳлуҳои гуногуни шакли хаттии забонро меомӯзад, алоқаманд аст.

Системаи графикии забон (алфавит, қоидаҳои хондани ҳарфҳо ва таркибҳои ҳарфӣ ва ғ.) комилан бо фонетика асос меёбад. Яъне то замоне ки ҳайати фонемаҳои забон таъйин нашавад, рӯйхату таркиби воситаҳои графикии забонро пурраю дуруст муқаррар кардан номумкин аст.

Алоқаи фонетика ва имло (орфография), ки тарзи дуруст навистани калимаҳоро меомӯзад, мураккабтар аст, зеро принсипҳои имло гоҳе бар хилофи талаффуз амал мекунанд, аммо баъзан барои муқаррар намудани имлои ин ё он калима тарзи талаффузи он ба эътибор гирифта мешавад. Савтшинос Л.Р.Зиндер қайд намудааст, ки “... назарияи фонема, ҳиҷо ва зада бо хат алоқаи зич дорад. Назарияи хат, алалхусус назарияи хати “овозӣ”, бидуни ба эътибор гирифтани нутқи овозӣ вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамаи муҳаққиқоне, ки бо масъалаи хату имло сару кор доштаанд, ба масъалаҳои талаффуз рӯ овардаанд”[14].

❖ *Фонетика ва назмшиносӣ.* Назмшиносӣ яке аз соҳаҳои адабиётшиносӣ буда, маҷмӯи хусусиятҳои бадеию тасвирии адабиётро меомӯзад. Фонетика дар фаслҳои ҷудогонаи назмшиносӣ – илми қофия, илми арӯз ва бадеъ фаровон истифода мешавад.

[13] Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983. -с.144
[14]Зиндер Л.Р. Обшая фонетика. – Изд. 2. – М.:1979. -с.4.

Барои назарияи қофия ва амалӣ гардонидани он барои адабиётшиносу шоир на танҳо донистани хусусиятҳои микдории овозҳо (теъдоди овозҳо), балки хусусияти сифатии онҳо – махраҷи тамдид, лаҳн, танин ва ғайра зарур аст.

Ҳамбастагии фонетика бо *арӯз* бештар аст, зеро мавзунияти ҳар як мисраъ ва байтро, ки дар адабиётшиносӣ тавассути теъдоди мушаххаси қолабҳо (баҳрҳо) муайян карда мешавад, воситаҳои фонетикӣ: наво, задаи мавзун ва воситаҳои дигари оҳангӣ ташкил медиҳанд.

Чунин алоқамандии *назмшиносӣ* ба ҷиҳати овозӣ имконият медиҳад, ки фонетика дар тадқиқотҳои худ аз маълумотҳои ин фан истифода намояд. Масалан, забоншинос ҳангоми муқаррар намудани ҳайати фонемаҳои ҳолатҳои пешинаи инкишофи забон метавонад аз назарияи қофия ва қоидаҳои қофиябандӣ фоида барад.

Фонетика бо як қатор илмҳои ғайризабоншиносӣ низ алоқаманд аст. Ин ҷо пеш аз ҳама метавонем илмҳои *физика* (акустика) ва *биология* (физиология)-ро номбар кунем. Зеро ҷиҳати овозии забон маҳсули кори узвҳои инсон – (падидаҳои физиологӣ) буда, дар шакли мавҷҳои овозӣ (ҳодисаҳои физикӣ) дарк карда мешавад. Беҳуда нест, ки дар фонетикаи тавлидӣ ва фонетикаи шунавоӣ айнан ҳамин ду ҷиҳати воҳидҳои овозӣ омӯхта мешавад.

Азбаски тамоми ҳодисаҳои фонетикӣ моҳияти иҷтимоӣ доранд ва дар майнаи инсон ба амал меоянд, *фонетика бо равоншиносӣ* низ алоқамандӣ дорад. Зеро ҷилоҳои сершумору гуногуни ҳар як овоз, наво, зада, шаклҳои мухталифи таҷзияи овоии ин ё он ҷумла, ки зоҳиран номуназзаму бетартиб ба назар мерасанд, тавассути майнаи инсон идора ва ба система дароварда мешаванд. Арзиши забоншиносии ин тафовутҳо бевосита аз ҷониби соҳибони забон дарк карда мешавад.

Савтшиносон дар боби алоқамандии *фонетика ва илми тиб* низ ибрози ақида намудаанд. Муваффақияти кори фонопедия ва логопедия, ки бо ислоҳу табобати нуқсонҳои талаффуз ва навъҳои гуногуни афазия машғуланд, бе дониши мустаҳкаму равшан роҷеъ ба механизми талаффуз ва вазифаҳои забонии воҳиди нутқ номумкин аст. Таълими бачагони кар ва гунг (сурдопедагогика) низ бо фонетика асос ёфтааст. Бояд гуфт, ки маҳз зарурати амалии

сурдопедагогика ба маълумотҳои дақиқи овозӣ яке аз сабабҳои муҳими пешрафти донишҳои савтшиносӣ гардид.

*Фонетика бо илмҳои дақиқ* низ робитаи мустаҳкам дорад. Истифодаи дастовардҳои овозӣ дар соҳаи телефония ва радиотехника бо нияти беҳтар кардани нутқ ҳангоми мухобираи телефонию воситаҳои дигари иртибот таърихи тӯлонӣ дорад. Маълумотҳои овозшиносӣ барои сохтан ва мувофиқ кунонидани ҷадвалҳои артикулятсионӣ бо сохти овозии ин ё он забон дар муайян ва ислоҳ намудани ғалатҳои овозӣ басо муҳим аст.

Ҳамчунин пешрафт ва корбурди *илми кибернетика* низ ба фонетика алоқаманд аст. Асосан пайдоиши илми кибернетика зарурати тарҳрезӣ ва ихтирои дастгоҳҳои бо фармони шифоӣ идорашаванда, талаб ва ҳалли масъалаи таъмини шинохти мошинии нутқро ба миён овард. Ҳаллу фасли ин масъала бе маълумоти дақиқу мукаммал доир ба сохти овозии забон, қонунҳои ҳамнишинӣ ва тағйири овозҳо номумкин аст.

***Аҳамияти фонетика.*** Омӯзиши сохти овозии забон аҳамияти калони амалӣ ва назариявӣ дорад.

Аҳамияти назариявии фонетика пеш аз ҳама, ба аҳамияту арзиши ҷиҳати овозӣ дар забон вобаста аст. Аҳамияти аввалиндараҷаи ҷиҳати овозӣ дар он аст, ки алоқа байни одамон маҳз ба воситаи овозҳо воқеъ мегардад. Забоншинос Т.Н.Хаскашев *ҷиҳати овозӣ – шакли моддӣ, ҷавҳари забон аст ва маҳз бо воситаи ин ҷавҳар инкишофи забон аз як насл ба насли дигар ва аз як ҳазорсола ба ҳазорсолаи дигари инсонӣ мегузарад*”[15] – гӯён таъкид намудааст. Аз ин рӯ барои гузашта, имрӯз ва ояндаи халқро омӯхтан, фонетика дар қатори дигар илмҳои забоншиносӣ мақому аҳамияти махсус дорад. Фонетика асоси таълими савод ба ҳисоб меравад. Омӯзиши савод дар сурати фарқ кардани ҳарф аз овоз, шакли навишт аз шакли овозии забон имконпазир мегардад. Забоншинос Ю.С.Маслов[16] менависад:

[15]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989. - с.22.
[16] Маслов Ю.С. Введение в языкознание. М. – 1975.-с.36.

*“Фонетика барои тамоми соҳаҳои илми забоншиносӣ ва илмҳои ба забоншиносӣ алоқаманд, масалан, барои равоншиносӣ, физиология ва ғайра аҳамияти бағоят калони принсипиалӣ дорад... . Фонетика масолеҳи овозии забон, яъне масолеҳеро меомӯзад, ки дар он фикр (маъно) дар ҷараёни мубодилаи афкор шакли моддӣ мегирад, амалӣ мешавад. Табиист, ки моҳияту хусусияти ин масолеҳро надониста, яъне аз маълумотҳои овозшиносӣ воқиф набуда, таҳқиқи ҷиддии забоншиносиро анҷом додан мумкин нест.”*

Вусъати доираи истифодаи нутқи шифоӣ ба воситаи радио, телевизион, телефон ва дастгоҳҳои дигари алоқа, зарурати таълими ҳусни сухан, нутқи бурро, ба гуфтугӯи адабӣ ҷалб намудани оммаи васеъ дар замони мо талаб мекунад, ки нормаҳои талаффузи адабӣ – орфоэпияи забон дуруст муайян карда шавад. Нормаҳои талаффузи адабӣ дар заминаи воситаҳои овозӣ муайян карда мешаванд. Такмил додан ва ба шакли овозӣ наздиктар кардани шакли хаттии забон алоқамандона бо инкишофи умумии он, таҳқиқу тавзеҳи падидаҳои нави овозӣ ва дар хат инъикос кардани онҳо аҳамияти фонетикаро равшану барҷаста нишон медиҳанд.

Аҳамияти фонетика дар таълими *забонҳои хориҷӣ* низ калон аст, зеро дар рафти омӯзиши забонҳои хориҷӣ мутахассисон аз фонетика пурсамар истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки маълумотҳои фонетика барои мутахассисони соҳаи тиб низ арзишманд аст. Зеро бисёр масъалаҳои *фонопедия ва логопедия,* аз ҷумла масъалаи бартараф кардани нуқсонҳои талаффуз, табобати шаклҳои гуногуни *афазияро* бе маълумоти кофӣ дар бораи механизми талаффуз ҳал кардан мумкин нест. Ҳамчунин *сурдопедагогика,* ки бо роҳҳои гуногун машғули таълими карру гунгҳо мебошад, маҳз ба фонетика такя мекунад.

Азбаски фонетика ба табиати моддии забон бештар сару кор дорад, ба илмҳои дақиқ рӯз ба рӯз наздиктар мешавад ва ба ин восита дар ҳалли масъалаҳои истеҳсолию техникӣ арзишу аҳамияти бештар пайдо мекунад. Силсилаи методҳои озмунии фонетика ва истифодаи маълумотҳои он дар соҳаҳои гуногуни техника: алоқа,

радиотехника, электроакустика, кибернетика ва ғайра далели ҳамин пешравист.

**Транскрипсия калимаи юнонӣ буда, маънои бо мақсади илмӣ-лингвистӣ ба тарзи махсус навишта гирифтани нутқ, овознависӣ мебошад.**

***Овознависӣ*** *(транскрипсия).* Нутқи овозӣ дар хат ба воситаи аломатҳои махсус – ҳарфҳо инъикос меёбад. Аммо ба воситаи ҳарфҳо нутқи овозиро дар хат пурра инъикос кардан номумкин аст, зеро дар байни овоз ва ҳарф мувофиқати комил дида намешавад. Ё ки имлои баъзе забонҳо (англисӣ, франсузӣ...) бо принсипи анъанавӣ-таърихӣ асос карда шудааст, бинобар он системаи ҳозираи овозии ин забонҳо инъикоси худро дар навишт пурра нишон намедиҳад. Ғайр аз ин дар вақти аз ҷиҳати илмӣ навиштани овозҳои забонҳо, навиштани шеваҳо ва луғатҳои тарҷумавӣ баъзе душвориҳо ба амал меоянд. Барои бартараф кардани ин душвориҳо ва дар тадқиқоти илмӣ барои пурратар ошкор намудани хусусиятҳои нутқи овозӣ хати махсуси овознависӣ – транскрипсияро истифода мебаранд. Фарқи муҳимтарини хати махсуси овознависиро аз хати маъмулӣ аз зеринҳо иборат донистаанд:

- ҳангоми тасвири сохти овозӣ танҳо ба воситаҳои овозии забон такя мекунад ва ягон қоидаи хату имлоро риоя намекунад;
- мақсади ягонаи овознависӣ ҳарчи пурратар нишон додани таркиби овозии калима ё ҷумла мебошад;
- дар хат як ҳарф метавонад фонемаҳои гуногунро тасвир кунад, вале дар овознависӣ як ҳарф танҳо як овозро ифода мекунад.

Фарқи *овонависии фонетикӣ ва овонависии фонологӣ* дар тарзи истифодаи аломатҳои овознависист. Дар *овонависии фонологӣ* ҳамаи тобишҳои фонема ба воситаи як аломати транскрипсионӣ (як ҳарф) ифода мешаванд; дар *овонависии фонетикӣ* бошад, ҳар як тобиши фонема аломати махсуси (ҳарфҳои гуногуни) тасвир дорад. Масалан, дар калимаи *биринҷ* мо ду тобиши фонемаи **и**-ро мебинем. Дар овонависии фонологӣ ин ду тобиш ба воситаи як аломат – ҳарфи **и** ифода мешавад, аммо дар овонависии фонетикӣ ин ду тобиши фонемаи **и** ба воситаи ду аломат (масалан, [э] ва [и] –

бэринҷ ифода мегардад.

*Овонависии фонологӣ* ҳангоми таҳқиқи системаи фонологии забон дар се маврид истифода бурда мешавад.

- ҳангоми зарурати инъикоси таркиби овозии забони ношинос;
- барои пурратар муайян кардани тобишҳои фонема;
- дар таълими забонҳои бегона бо мақсади беҳтар ошно шудан бо таркиби овозии калимаҳо ва талаффузи дурусти онҳо.

Агар овонависии фонологӣ танҳо фонемаҳоро инъикос кунад, *овонависии фонетикӣ* тамоми хусусиятҳои овозии фонемаҳоро, ки дар натиҷаи таъсири муҳити гуногуни овозӣ пайдо мешаванд, акс менамояд.

Фонетика ба яке аз алифбоҳои маълум (масалан, лотинӣ, кириллӣ ва ғайра), ки барои инъикоси сохти овозии забон имконияти бештар дорад, асос меёбад. Бо вуҷуди имкониятҳои хаттии ҳар як забон ҳеҷ як алифбо нутқи овозиро пурра инъикос карда наметавонад. Аз ҳамин рӯ дар овонависӣ ба ҷуз ҳарфҳои алифбо як силсила аломатҳою нишонаҳои хаттии иловагӣ истифода бурда мешаванд. Дар дастури забон низ ин усул риоя шудааст.

Барои омӯзиши забонҳои ҷудогонаи дунё то имрӯз аз ду системаи овознависӣ (транскрипсия) истифода намудаанд, ки яке системаи овонависии ҳарфҳои лотинӣ ва дигаре ҳарфҳои кириллӣ мебошад.

***Сохтори овознависии ҳарфҳои лотинӣ:***

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Hh | ه | Hh | Šš | ش | Sh | Āā (дароз) | آ | Oo |
| Tt | ة | Tt | Ss | ص | Ss | Bb | ب | Bb |
| Yy | ي | Yy | Zz | ض | Zz | Pp | پ | Pp |
| Ȃä | ي | Ii | Tt | ط | Tt | Tt | ت | Tt |
| ’ | ء | ’ | Zz | ظ | Zz | Ss | ث | Ss |
| Aa | ◌َ | Aa | ‘ | ع | ‘ | Jj | ج | Jj |
| Ee | ◌ِ | Ee | γ | غ | G`g` | Čč | چ | Ch |
| Oo | ’ | Oo | Ff | ف | Ff | Hh | ح | Hh |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Uu | و | Uu | γ | ق | Qq | Xx | خ | Xx |
| Ii | ي | Ii | Kk | ك | Kk | Dd | د | Dd |
| An | ◌ً | | Gg | گ | Gg | Zz | ذ | Zz |
| On | ◌ٌ | | Ll | ل | Ll | Rr | ر | Rr |
| Ташдид (ду бор) | ◌ّ | | Mm | م | Mm | Zz | ز | Zz |
| | | | Nn | ن | Nn | Žž | ژ | Jj |
| | | | Ww | و | Ww | Ss | س | Ss |

***Сохтори овознависии алифбои кириллӣ:***

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Оо | Āā | آ | Рр | Рр | ر | Гг | Гг | گ |
| Аа | Аа | ا | Зз | Зз | ز | Лл | Лл | ل |
| Ээ | Ээ | ا | Жж | Жж | ژ | Мм | Мм | م |
| Уу | Оо | ا | Сс | Сс | س | Нн | Нн | ن |
| Бб | Бб | ب | Шш | Шш | ش | Вв | В,о,у,оу | و |
| Пп | Пп | پ | Сс | Сс | ص | Ҳҳ, Ээ | Н,э,(е) | ه |
| Тт | Тт | ت | Зз | Зз | ض | Йй, Ии | Й,и,эй(ей) | ي |
| Сс | Сс | ث | Тт | Тт | ط | | | |
| Чҷ | Дж | ج | Зз | Зз | ظ | | | |
| Чч | Чч | چ | Ъ | Ā,Э,О,-‘ | ع | | | |
| Ҳҳ | Hh | ح | Ғғ | ғ | غ | | | |
| Хх | Хх | خ | Фф | Фф | ف | | | |
| Дд | Дд | د | Ққ | ғ | ق | | | |
| Зз | Зз | ذ | Кк | Кк | ك | | | |

***Ҳарфнависӣ (транслитератсия)*** низ барои омӯхтани забон ва хатҳои матрук ва алифбои душворфаҳм ба кор бурда мешавад. Ҳарфнависӣ гуфта дар навишт алфавити душворро ба алфавити осон ва оммафаҳм гардониданро меноманд. Ҳангоми ҳарфнависӣ кардан ягон аломат ва ё ҳарфи зиёдатӣ илова кардан ва ё партофтан мумкин нест. Масалан калимаи писар, падар, модар, парранда ... дар сохтори дастурии забони арабӣ پسر پدر مادر پرنده навишта

мешавад ва онҳоро мо ба шакли пср, пдр, модр, прнда .. ҳарфнависӣ мекунем.

## Савол ва супоришот:

1. Забон чӣ гуна ҳодиса аст?
2. Мухобира чист? Бо кадом восита амалӣ мегардад.
3. Гуфтор чист? Тафовути ҷиҳати маъноӣ ва овозии он.
4. Фонетика чиро меомӯзад?
5. Савтшиносон фонетикаро аз чанд навъ иборат донистанд?
6. Маводи асосии фонетикаи умумиро муайян кунед?
7. Навиштаҳои қадимӣ ва хусусиятҳои овозии онҳоро кадом навъи фонетика меомӯзад?
8. Фонетикаи баёнӣ чиро меомӯзад?
9. Ҷиҳати шунавоӣ ва физикии овозҳои нуткро кадом навъи фонетика меомӯзад?
10. Вазифаи воҳидҳои фонетикаро муайян кунед.
11. Корбурди воҳидҳои занҷирӣ ва забарзанҷирӣ?
12. Тафовути ҷиҳатҳои тавлидӣ ва физикии воҳидҳои овозӣ аз ҷиҳати забоншиносии он?
13. Алоқаи фонетика бо илмҳои забоншиносӣ ва ғайризабоншиносӣ?
14. Овознависии сохтори кириллӣ аз лотинӣ чӣ фарқ дорад?
15. Аҳамияти ба низом даровардани алифбо аз чӣ иборат аст?

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Мулоҳизаҳои худро доир ба алоқамандии фани тиб ва фонетика баён кунед.
- Аз ғазалиёти Ҳофиз калимаҳои ифодагари ҳусну зебоиро нависед ва овознависӣ кунед.
- Калимаҳои вомии аз асари бадеӣ чашмрасшударо овознависӣ карда, тафовути онҳоро нисбати калимаҳои аслӣ муайян кунед.
- Аз фарҳанги забони тоҷикӣ бо ҳарфҳои **“т” ва “д”** калимаҳоеро нависед, ки ҳангоми талаффуз ба ҳодисаҳои фонетикӣ дучор мешаванд.

## Адабиёт:


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985.-с.13-20.
2. Зиндер Л.Р. Общая фонетика. – Изд. 2. М.: – 1979.-с.4-32.
3. Матусевич М.И. Введение в общую фонетику. – М.: 1959.-с.9-33.
4. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.-с.68-77
5. Файзов М. Гласные звуки таджикского литературного языка. – Душанбе: 1992.-185 с.
6. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.5-26.
7. dic.academic.ru

**Омӯзиши сохтмони овозии забон.** Сохти овозии забон табиати бисёр мураккаб дорад ва аз ин рӯ талаб мекунад, ки он аз ҷиҳатҳои гуногун омӯхта шаванд. Чи тавре ки қайд намудем савтшиносон аз нуқтаи назари омӯзиш ҷиҳатҳои *шунавоӣ (акустикӣ), тавлидӣ (физиологӣ*) ва *забоншиносӣ* (*лингвистиву функсионалӣ)*-ро мавриди тадқиқ қарор додаанд. Ин нуқтаҳои омӯзиш бевосита аз ҳамдигар фарқ карда, хусусиятҳои ҷудогонаро соҳибанд, яъне се тарафи як масъала, ҷиҳатҳои сегонаи нутқи овозиро мавриди тадқиқ қарор дода, аз ҳамдигар ҷудо намешаванд. Барои исботи фикр як-як қайд намудани категорияҳои асосии ин се соҳаи фонетикаро ҷоиз донистем:

## Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати шунавоии (акустикӣ) воҳидҳои овозӣ

Бояд гуфт, ки нутқи мо, пеш аз ҳама, ҳодисаи овозист ва табиати физикӣ дорад. Ҳар як ҳодисаи овозӣ дар вақту замони муайян бо воситаҳои ба худ хос воқеъ мегардад. Табиати мураккаби физикии овозҳоро як соҳаи илми физика акустика (юн. akustikos – шунавоӣ) меомӯзад. Хусусияти физикии овозҳо дорои аҳамияти ба худ хос буда, дар ташкили мубодилаи афкор иштирок мекунад. Аз ин рӯ овозҳои нутқ мавзӯи илми забоншиносӣ низ мебошанд, вале забоншиносӣ на ҳамчун ҳодисаи физикӣ, балки чун ҳодисае, ки моҳияту аҳамияти иҷтимоӣ дорад, тадқиқ мекунад. Ин намуди омӯзиши нутқи овозӣ *ҷиҳати акустикии (шунавоӣ) фонетика* ном дорад.

Овозҳои нутқи мо чун овозҳои дигари табиат (масалан, садои рубоб, раъду барқ, ғул-ғулаи кӯчаҳои шаҳр) ҳодисаҳои физикӣ мебошанд. Овозҳо дар натиҷаи таъсири як ҷисм ба ҷисми дигар падид меоянд ва тавассути ҳавои атроф паҳн мешаванд. Овози дар натиҷаи ҳаракати ин ё он ҷисм пайдошуда ҳавои атрофро бурида мегузарад ва ин боиси тағйири фишори ҳавои атроф, сабаби фишурдашавӣ ва сустшавии муҳити атроф мегардад. Ҳамин тағйири фишори ҳавои атрофро ҳангоми бурида гузаштани овоз фишори овозӣ мегӯянд. Фишори овозӣ бо паскалҳо (Pa) чен карда мешавад.

Фишурдашавию сустшавии фишори ҳавои атроф ҳангоми аз он гузаштани овоз мавҷеро ба вуҷуд меорад, ки онро мавҷи овозӣ меноманд. Овозҳои нутқ, ки дар натиҷаи ҳаракати (кори) узвҳои овозсози мо падид меоянд, низ тавассути ҳамин мавҷҳои ҳаво паҳн шуда, ба гӯши мо мерасанд. Овозҳо дар натиҷаи ду хел ҳаракати лаппиш ба вуҷуд меоянд: лаппишҳое, ки давомнокии якхела доранд, *лаппишҳои мудаввар ё муназзам* ва лаппишҳое, ки давомнокии гуногун доранд *лаппишҳои ғайримудаввар ё номуназзам* мебошанд.

Овозҳое, ки дар натиҷаи лаппишҳои мудаввар пайдо мешаванд, лаҳнҳои мусиқӣ ё лаҳн ва овозҳое, ки аз лаппишҳои номуназзам падид меоянд, шавшув номида мешаванд.

Манбаи пайдоиши лаҳнҳо (садоҳо) садопардаҳо мебошанд, ки ба таври муназзаму мудаввар ҳаракат мекунанд. Шавшуви барои ҳамсадоҳо хосро монеае ба амал меорад, ки ба воситаи ягон узви мутаҳаррик (лабҳо, забон, дандон ва ғ.) дар роҳи маҷрои ҷараёни ҳаво ба вуҷуд оварда мешавад.

Лаппишҳои овозӣ дорои хусусиятҳои хоси физикӣ мебошанд. Ҳар як ҳодисаи овозӣ дар замону мӯҳлати муайян амал мекунад ва чун ҳодисаи физикӣ дорои зудии ба худ хос буда, бо қувваи муайян паҳн мешавад ва бо сифати худ аз овозҳои дигар фарқ мекунад. Ин чор унсури овоз, ки бо тартиб *дарозӣ, лаҳн, қувва ва спектр* номида мешаванд, ҳамнисбатҳои объективии овозҳо мебошанд. Ҳамнисбатҳои объективии овозҳоро дастгоҳи шунавоии инсон дар шакли *тамдид, лаҳннокӣ, қувватнокӣ ва танин* (ҳамнисбатҳои субъективӣ) дарк мекунад.

Аммо бояд дар хотир дошт, ки бо вуҷуди таносуби байни хусусиятҳои зикршуда дар байни хусусиятҳои физикии овозҳо ва ҳамнисбатҳои субъективонаи онҳо ҳамеша мувофиқати том мушоҳида намешавад. Ҳангоми тадқиқи хусусиятҳои физикии овозҳо ин ҳолат бояд ба эътибор гирифта шавад. Хусусиятҳои физикии овоз дар поён мухтасар баён мешаванд.

***Вақти талаффуз ва тамдиди овоз.*** Овозҳои нутқ монанди овозҳои дигари табиат дар замони муайян воқеъ мегарданд. Вақте ки дар сохтани овоз сарф мешавад, тамдиди (дарозии) овоз номида мешавад. Тамдиди овоз ба воситаи аз ҳазор як ҳиссаи сония –

*миллисонияҳо* (ихтисоран мс) чен карда мешавад. Аз рӯи таъкиди савтшинос Т.Н.Хаскашев “тамдиди овозҳои нутқ ҳудуди муайяни дарк доранд, ки ба воситаи таҷрибаҳои озмоишгоҳӣ таъйин карда шудааст: ҳадди поёнии дарки овоз ба 30-50 мс ва ҳадди болоӣ ба 300-400 мс баробар аст.”[17]

Тамдиди овоз воситаи муҳими низоми фонологии забон аст. Вай метавонад дар системаи фонологии забон вазифаҳои гуногун, аз ҷумла барои фарқ кардани овозҳои дарозу кӯтоҳ, ҳиҷои заданок аз безада, таҷзияи ҷараёни нутқ ва ташкили оҳангии гуфтор ва ғайра истифода шавад.

Тамдид дар давраҳои пешинаи инкишофи забони тоҷикӣ арзиши муҳими фонологӣ дошта, вазифаи фонемафарқкуниро иҷро мекардааст (а:, а, и:, и, у:, у ва ғ.), вале имрӯз ин вазифаро аз даст додааст ва барои фарқ кардани садонокҳои устувор аз ноустувор истифода мешавад.

***Зудии лаппиш ва баландии овоз.*** Зудии лаппиши ин ё он ҷисм, ки мо инро дар шакли баландии овоз мешунавем, ба вазни ҷисм мутаносиби чаппа ва ба қувваи барангезандаи он мутаносиби роста мебошад: вазни ҷисм чӣ қадар зиёд ва қобилияту қувваи барангезиши он кам бошад, миқдори лаппишҳо кам шуда, овози ҳосилшуда хеле *паст* ва баръакс, вазни ҷисм ҳар қадар кам ва қувваи барангезандаи он зиёд бошад, миқдори лаппишҳо ҳамон андоза зиёд ва овози ҳосилшуда ҳамон дараҷа *баланд* мешавад.

Барои чен кардани зудии овоз, пеш аз ҳама, миқдори ҳаракатҳои ҷисми овозсоз (тори рубоб) дар як сония муайян карда мешавад. Воҳиди ченаки зудӣ *герс* (ихтисори гс) қабул шудааст. Як герс ба як ҳаракати дутарафаи пурраи ҷисм дар як сония баробар аст.

Баландии овоз ҳудуди дарк дорад, ки он ба 16 гс 20.000 гс баробар аст. Овозҳое, ки аз 16 гс зудии камтар доранд *инфраовоз* ва овозҳое, ки дорои зудии аз 20.000 гс бештар мебошанд, *ултраовоз* ном доранд. Ин овозҳо аҳамияти забоншиносӣ надоранд ва дар фонетика омӯхта намешаванд.

***Қувваи талаффуз ва сахтии овоз.*** Қувва ба доманаи лаппиши ҷисми ҳаракаткунанда, ки сабаби тағйири фишори ҳавои

[17]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.41.

атроф мешавад, вобаста аст. Барои мисол тори рубобро мегирем. Агар тори рубобро ба ҳаракат дарорем, вай аз нуктаи марказӣ ба ду тараф: чап ва рост ҳаракат мекунад; вай аз нуқтаи марказӣ ба нуқтаи охири тарафи рост (ё чап) омада, лаҳзае таваққуф мекунад ва баъд ба тарафи чап (ё рост) бармегардад. Суръати он то нуқтаи марказӣ тадриҷан афзоиш ва аз нуқтаи марказӣ то нуқтаи чап (ё рост) рафта-рафта коҳиш меёбад ва ғайра. Фосилаи лаппиши тору рубоб аз нуқтаи марказӣ то охири яке аз тарафҳо (чап ё рост) доманаи лаппиш (ё доманаи ҳаракат) номида мешавад. Доманаи ҳаракатро мо ҳамеша дида метавонем: *доманаи лаппиши санги соати деворӣ, сими телефон, шохи дарахт ва ғайра.*

Вале ҳаракати тори рубоб беохир нест ва аз ҳаракат мемонад. Зеро тори рубоб ҳангоми ҳаракат ҳаворо бурида, ба муқобилияти он дучор мешавад ва бинобар ҳамин овози дар натиҷаи ҳаракати ҷисм ҳосилшуда (тори рубоб) дорои фишори муайян мебошад. Фишори овозӣ мисли ҳамагуна фишор ба воситаи қувва нисбат ба масоҳат чен карда мешавад.

Қувватнокии овозро мо дар шакли баландии овоз дарк мекунем: афзоиши фишори овозӣ сахтии овозро зиёд ва коҳиши он сахтии овозро кам мекунад. Дар сӯҳбати маъмулии дорои баландии миёна фишори овозӣ ба 1 дин[18] дар 1 $см^2$ баробар аст. Қувватнокӣ гуфта тавонеро (энергияеро) мегӯянд, ки дар як сония аз як сантиметр мураббаъ ба тарафи паҳншавии мавҷҳо чун хати амудӣ (перпендикуляр) мегузарад.

Қувватнокӣ ба доманаи лаппиши ҷисм (тори рубоб) вобаста аст: доманаи лаппиш ҳар қадар калон бошад, қувватнокии он ҳамон дараҷа зиёд аст ва баръакс.

Воҳиди ченаки сатҳи қувваи овоз детсибел (дб) қабул шудааст. Сахтии овозро ба таври объективӣ чен кардан мумкин нест ва аз ҳамин рӯ алоқамандона бо қувва чен мекунанд. Ҷадвали дараҷаи сахтии овоз барои зудии 1000 гс, ки дар он дараҷаи сахтии овоз ба дараҷаи қувватнокии он шартан баробар дониста шудааст, сохта шудааст. Барои зудиҳои дигар дараҷаи сахтӣ ва қувватнокии овоз фарқ мекунанд. Овозҳои нутқи мо дар ҳудуди зудиҳои аз 100 гс то 8000 гс қарор мегиранд. Дар ин зудиҳо дар байни дараҷаи сахт ва

[18]Дин – воҳиди қувваеро мегӯянд, ки ба ҷисми дорои вазни 1гр. 1см/$см^2$ суръат мебахшад. Фишор ба воситаи дин/$см^2$ чен карда мешавад.

қувватнокии овоз фарқияти калоне мушоҳида намешавад. Барои мисол хусусиятҳои миқдории баъзе овозҳоро меорем; Ҳадди шунавоӣ – 0 дб, садои соати дастӣ – 2 дб, нутқи беовоз – 40 дб, нутқи нимовоза – 60 дб, нутқи сахт – 80 дб, оркестри симфонӣ – 100-110 дб, ҳадди эҳсосӣ – 130дб.

Қувватнокии овоз барои забон аҳамияти калон дорад: *сараввал* нутқи фасеҳу балеғ ва дарки онро таъмин кунад, *сониян,* қувватнокӣ асоси овозии яке аз типҳои маъмули зада – задаи қуввагӣ мебошад ва ниҳоят, он дар ташаккули овозии воҳидҳои аз калима калонтар иштирок менамояд.

***Танини овоз.*** Овозҳои нутқ мисли овозҳои дигари табиат ва лиҳози физикӣ соф нестанд. Онҳо одатан ҳамроҳи “шариконашон” – овозҳои иловагӣ мебошанд. Пайдоиши ин овозҳои иловагӣ сабабҳои гуногун дорад.

Яке аз сабабҳои пайдоиши ин овозҳо ҳаракати мураккаби ҷисми овозсоз (тори рубоб, садопардаҳо ва ғ.) мебошад. Барои мисол боз рубобро мегирем. Ҳангоми ба ҳаракат даровардани тори рубоб на танҳо тамоми тор, балки ними он, сеяки он, чоряки он ва ғайра ҳаракат мекунад, вале ҳаракати ин қисмҳои тори рубоб якхела нест. Ҳаракати тори рубоб дорои зудии аз ҳама камтар ва овозе, ки он ҳосил мекунад, овози аз ҳама пасттар аст. Ин зудӣ зудии асосӣ ё зудии манбаъ ва овозе, ки ҳосил мешавад, *лаҳни асосӣ* ном дорад. Зудии лаппиши қисматҳои тор як баробар нисбат ба зудии тамоми тор зиёд мебошад: масалан агар зудии лаппиши тамоми тор бист бор дар сония (гс) қабул шавад, зудии ними он 40 гс, сеяки он 60 гс ва чоряки он 80 гс хоҳад буд.

Садопардаҳое, ки воситаҳои асосии садосозӣ мебошад, мисли тори рубоб ҳаракати мураккабро анҷом медиҳанд, ки дар натиҷаи он овози мураккаб (садо) ҳосил мешавад. Сифати овозро лаҳни асосӣ муайян мекунад. Лаҳнҳои иловагӣ ба овози ҳосилшуда тобишҳои гуногун мебахшанд. Лаҳнҳои иловагӣ алоҳида вуҷуд надоранд. Онҳо ҳамеша бо лаҳни асосӣ омада, онро ҳамроҳӣ мекунанд. Истилоҳи “лаҳни иловагӣ” низ ҳамин хусусияти онҳоро далолат мекунад.

Сабаби дигари пайдоиши овозҳои иловагӣ ҳодисаи резонанс мебошад. Дар боло қайд шуд, ки овоз аз ҳаракати ҷисмҳои гуногун

пайдо мешавад. Масалан, ҳаракати сутунҳои ҳаво дар лӯлаҳо (трубаҳо) ё ҳаракати ҳавои дохили ин ё он зарф метавонанд овоз ба вуҷуд оранд. Ҳавои дохили зарф зудии ба худ хос дорад. Агар ба зарф ҷисми садодиҳандае ё овозе ворид шавад ва зудии ларзиши он ба зудии лаппиши ҳавои дохили зарф баробар бошад, овози асосӣ тақвият пайдо карда баландтар мешавад, зеро баробари ворид шудани ҷисми садодиҳанда (садо) ҳавои зарф бо зудии худ ба ҳаракат меояд ва баландии овози авваларо афзоиш мебахшад. Ҳамин гуна холигиҳо резонатор ва овозе, ки резонатор илова мекунад, *резонанс* номида мешавад.

Баландии лаҳни асосии резонатор ба ҳаҷм ва шаклу андозаи он вобаста аст. Ҳаҷми резонатор ҳар қадар калон бошад, лаҳни он ҳамон андоза пасттар мешавад ва баръакс. Ҳодисаи резонанс дар тарҳрезии бисёр асбобҳои мусиқӣ (дутор, рубоб, тор, ғижжак ва ғайра) ба назар гирифта шудааст. Косаи ин асбобҳо вазифаи резонаторро адо мекунад. Зудии ҳавои дохили онҳо ба зудии овози торҳояшон ҳамроҳ шуда, онро тақвият медиҳад, ба онҳо вобаста ба ҳаҷму шаклаш танини гуногун мебахшад. Дар дастгоҳи гуфтори одам холигии даҳон, бинӣ ва ҳалқ системаи мураккаби резонаторҳоро ба вуҷуд меоранд. Туфайли ҳаракатҳои гуногуни узвҳои нутқ, (лабҳо, забон, пардачаи ком ва ғайра) шакл ва ҳаҷми резонаторҳо (гоҳе қобилияти мутаҳаррикии деворҳои онҳо) овозҳои мухталифи нутқи мо бо хусусиятҳои гуногунашон ба вуҷуд меояд. Овозҳои сифатан гуногуни нутқи мо маҳз ба ҳамин восита пайдо мешаванд.

Зудии резонатор метавонад, ё лаҳни асосӣ ё яке аз лаҳнҳои иловагиро тақвият диҳад. Агар яке аз лаҳнҳои иловагӣ тақвият пайдо кунад, овоз танини махсус мегирад, зеро дар чунин овоз маъмулан лаҳни асосӣ аз лаҳни иловагии тақвиятёфта баландтар садо медиҳанд. Зеро баландии лаҳни асосӣ ба қувватнокӣ вобаста аст. Зудии лаҳни иловагӣ ҳар қадар зиёд бошад, қувватнокии он ҳамон қадар кам аст ва баръакс. Таносуби лаҳни асосию лаҳнҳои иловагӣ нисбат ба интенсивӣ (қувва) дар тӯли талаффузи овоз як хел нест. Вобаста ба ҳаҷми резонатор дар баъзе қисматҳои овоз зудиҳо тақвият пайдо кунанд, дар қисмҳои дигари он ин зудиҳо суст шуда, зудиҳои дигар қувват мегирад. Қисми тақвиятёфтаи зудиҳои (мутамаркази энергияи) овоз *форманта* ном дорад.

*Формантаҳо* дар таркиби овозҳо муносибати гуногун ва низоми муайяни ҷойгиршавӣ доранд. Миқдори муайяни формантаҳо ва таркибу таносуби ҷойгиршавии онҳоро дар таркиби овоз сохти формантии овоз меноманд. Сохти формантӣ спектри овозро ба вуҷуд меорад. Спектр яке аз хусусиятҳои муҳими овоз мебошад. Таҳлилу омӯзиши спектралии нутқ, имконияти ба қисмҳои (зудиҳои) гуногун ҷудо карда, тадқиқу мушоҳидаи овози алоҳидаро фароҳам овард.

Миқдори формантаҳои овоз ва зудиҳои онҳо танини овозро муайян мекунад, ки мо онро дар шакли тобишҳои гуногуни овозӣ дарк мекунем. Интихоби калимаҳо бо овозҳои сифатан ба ҳам монанд ё наздик ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сабки овозӣ дар назму наср истифода мешавад. Дар сатҳи оҳанг танин барои ифодаи ҷилоҳои рангоранги эҳсосотии нутқ истифода мешавад.

## Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати тавлидии (физиологӣ) воҳидҳои овозӣ

Овозҳое, ки мо мешунавем, манбаъ ва сабаби пайдоиш доранд. Манбаъ ва сабаби падид омадани овозҳои нутқ дастгоҳи гуфтори инсон ва кори узвҳои овозбарор аст. Аз тарафи дигар, аз сабаби он ки нутқро инсон истеҳсол ва дарк мекунад, дар ҷараёни овозсозӣ системаи асаби инсон иштирок мекунад. Бинобар ҳамин воҳидҳои овозӣ ҷиҳати анатомию физиологӣ низ доранд. Омӯзиши ҳаматарафаи ҷиҳати овозии забон талаб мекунад, ки пеш аз он ки дар бораи ягон ҳодисаи овозӣ сухан ронем, ҷараёну сабаби ба вуҷуд омадани онро ошкор созем. Тадқиқи ин ҷиҳати воҳидҳои фонетика хусусияти анатомию физиологӣ ва ё биологии онҳоро ташкил дода, мавзӯи баҳси *фонетикаи тавлидӣ* мебошад.

Ҳар як садо ё овозе, ки дар табиат ба вуҷуд меоянд, дар натиҷаи ҳаракати ягон ҷисм ҳосил мешавад. Овозҳое, ки мо талаффуз мекунем ва мешунавем, низ дар натиҷаи ҳаракати ҷисмҳо – узвҳои инсон ҳосил мешаванд. Тадқиқу омӯзиши овозҳои нутқи инсон аз нуқтаи назари кори узвҳои овозсоз ҳангоми талаффуз ва дарки овозҳо *ҷиҳати тавлидии (физиологии) воҳидҳои овозӣ ё ҷиҳати тавлидии сохти овозии забон*ро ташкил медиҳад. Ҳамаи узвҳои овозсоз дар якҷоягӣ *дастгоҳи нутқ ё дастгоҳи гуфторро* (расми

1.[19]) ташкил медиҳанд. Кори якҷояи узвҳои дастгоҳи нутқ дар ҷараёни овозсозӣ тавлиди овоз ё мухтасар *тавлид* номида мешавад.




**Расми 1. Дастгоҳи гуфтор:** 1 – ковокии бинӣ, 2 – коми сахт, 3 – дандонҳо, 4 – лабҳо, 5 – нӯги забон, 6 – рӯи забон, 7 – бехи (решаӣ) забон, 8 – таноякӣ забоншакл, 9 – халқ, 10 – нои нафас, 11– шуш, 12 – диафрагма, 13 – ковокии бинӣ, 14 – пардачаи ком (коми нарм), 15 – гулӯ, 16 – сурхрӯда.

Узвҳои инсон барои овозҳосилкунӣ ва нутқ пешбинӣ нашудаанд. Ҳар яки онҳо вазифаи хоси худ – вазифаи ба табиати инсон вобаста – вазифаи физиологӣ доранд, вале овозсозӣ (нутқ) вазифаи ғайриасосӣ ва дуюмдараҷаи узвҳои нутқ аст, ки инсон дар такомули таърихии худ ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин ҳангоми омӯзиши сохти овозии забон аз вазифаи асосии узвҳо чашм пӯшида, бар замми он, ки узвҳои нутқ, дар баробари кори физиологӣ вазифаи овозсозиро низ адо мекунанд, мо чун "дастгоҳи гуфтор" хусусияти "анатомӣ" ва "физиологӣ"-и онҳоро меомӯзем.

Дар овозсозӣ узвҳои нутқ саҳми ҷудогона доранд. Вобаста ба саҳмгузориашон узвҳои овозсоз ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- **a.** узвҳое, ки дар овозсозӣ иштироки бевосита доранд;
- **b.** узвҳое, ки барои овозсозӣ масолеҳ медиҳанд.

Гурӯҳи якуми узвҳо дар якҷоягӣ *дастгоҳи овозсозиро* ташкил диҳанд, узвҳои гурӯҳи дуюм *дастгоҳи нафасро* месозанд.

***Дастгоҳи нафас.*** Дастгоҳи нафас асосан се узви асосӣ – *шуш, хирной ё нои нафас ва диафрагмаро* дар бар мегирад, ки ҳар як вазифаи махсуси худро доранд.

*Шуш* аз ҳубобакҳои ниҳоят тунуку мулоими хурд, ки доираи онҳо аз 0,1 то 0,3 мм аст, иборат мебошад. Ин ҳубобакҳо байни худ бо найчаҳои бисёр борик, ки дар айни замон заминаи онҳо ҳастанд, пайваст шуда, бофти қисми чап ва рости шушро ба вуҷуд меоранд.

[19] Ҳамаи хулосаҳои лабораторӣ дар асоси китоби "Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989" пешниҳод шудааст.

Найчаҳои тарафи чап ва рости шуш рафта-рафта ба якдигар ҳамроҳ шуда, дар охир дар қисми чап ва рости шуш ду найчаи нисбатан ғафсро ба вуҷуд меоранд, ки хирной аз онҳо ибтидо мегирад. (расми 2.)




**Расми 2. Дастгоҳи нафас:** 1 – шуши рост, 2 – шуши чап, 3 – бронхҳо, 4 – хирной (трахея), 5 – тағояки ангуштарӣ, 6 – тағояки сипарвор, 7 – устухони зери забон.

*Хирной ё нои нафас* узвест, ки аз ҳалқаҳои нимдоирашакли рӯиҳам қарор гирифта, ки бо бофтаи мушакӣ пӯшида ва пайваст мебошанд, сохта шудааст. Хирной аз поён бо шуш ва аз боло бо ҳалқ ва гулӯ пайваст аст. Сохтмони ҳалқагии нои нафас ба вай имконият медиҳад, ки ҳамеша боз бошад ва ҳангоми нафасгирӣ фишурда нашавад. Хирной ва шаҷараи найчаҳои шуш дар якҷоягӣ як системаро ба вуҷуд меоранд, ки ба воситаи холигии даҳону бинӣ бо ҳавои берун алоқаманд мебошад. (расми 2.)

*Диафрагма* пардаи мушакие мебошад, ки холигии синаро аз ковокии шикам ҷудо месозад. Қафаси сина, ки шуш дар он ҷойгир аст, ба конуси аз рӯи дарозиаш, буридашуда шабоҳат дорад ва бо тарафи буридааш дар рӯи диафрагма қарор гирифтааст. Сатҳи гунбадмонанди он ба тарафи холигии сина нигарон аст. Диафрагма бо қабурғаҳои поён ва мӯҳраи пушт пайваст аст. Ҳангоми нафаскаши сатҳи гунбадшакли диафрагма поён мефарояд ва паҳн мешавад ва дар натиҷа ҳаҷми қафаси сина зери забон сина калонтар мегардад. Дар ҳолати аввала ҳаҷми қафаси сина камтар мешавад. Вазифаи асосии дастгоҳи нафас бо кислород таъмин кардани бадан ва аз он хориҷ кардани гази карбон мебошад. Ин кор ба туфайли табдилшавии ҳавои кӯҳна ба нав, ки ба воситаи мубодилаи муназзаму мураттаби нафасгирию нафасбарорӣ сурат мегирад, амалӣ мегардад. Нафас навъҳои гуногун (чор навъи асосӣ) дорад, ки ду хели онро фарқ кардан зарур аст:

- **a.** нафаси маъмулӣ;
- **b.** нафас дар ҷараёни нутқ.

Дар *нафаси маъмулӣ* нафасбарорӣ ба воситаи бинӣ ба амал меояд ва давомнокии нафаскашӣ ва нафасбарорӣ тақрибан баробар буда, ба 16-20 бар[20] дар дақиқа рост меояд.

Дар *ҷараёни нутқ* суръати нафаскашӣ нисбат ба нафасбарорӣ зиёдтар буда, миқдори ҳавои бароянда нисбат ба нафаси маъмулӣ се баробар зиёдтар аст. Ин ҳолат ба хусусиятҳои нутқ ва гоҳе ба майли гӯянда низ вобастагӣ дорад.

**Дастгоҳи садосозӣ,** овозсозӣ иборат аз ду узви асосӣ: *ҳалқ ва садопардаҳо* мебошад.

*Ҳалқ* дар пешгоҳи гардан қарор гирифтааст. Ҷараёни ҳаво аз шуш ба воситаи хирной ба қисми болоӣ ва васеътари он – ҳалқ мерасад. Вай аз боло бо пешгоҳи даҳон ва аз поён бо хирной пайваст аст. Аз ду тарафи ҳалқ рагҳои гардан ва аз қафояш сурхрӯда мегузарад. Аз рӯ бо даст метавонед ҳалкро ламс кунед. Ҳалқ садоро ба вуҷуд меорад ва сохти хеле мураккаб дошта, аз чор тағояки асосӣ ва пӯшиши онҳо сохта шудааст.




Ҳамаи тағоякҳои ҳалқ ба воситаи мушакҳо ба ҳамдигар алоқаманд буда, тавассути пӯшиши мушакии умумӣ пӯшонида шудаанд ва дар якҷоягӣ як лӯлаи кӯтоҳ, вале кушодеро, ки аз тарафи боло боз аст, вале метавонад (ба воситаи ба қафо майл кардани тағояки амрудак) пӯшида шавад, ташкил медиҳад.

Садопардаҳо қисми асосии ҳалқ буда, дар овозсозӣ саҳми асосӣ доранд. Садопардаҳо ду чини дохилии ҳалқ буда, ду лаби ба таври уфуқӣ муқобили якдигар хобида доранд. Ҳар кадоми садопардаҳои асосӣ аз ду мушак иборатанд, ки якеи онҳо аз лаби поёни тағояки

[20]Бар – воҳиди ченкунии фишор, ки ба $10^5$ Нютон дар метри мураббаъ баробар аст.

кафлезшакл, дигаре аз гӯшаи тағояки сипарак сар шуда, дар охир бо ҳамдигар пайваст мешаванд ва як ҷисми лӯндаи нӯгборикро ташкил медиҳанд. Холигие, ки дар байни садопардаҳо дар натиҷаи ҳаракати тағояки кафлезшакл ба вуҷуд меояд, *сӯрохии садо* ном дорад.

Садо дар натиҷаи ларзиши муназзаму мудаввари садопардаҳо, ки аз таъсири фишори ҳавои аз шуш бароянда ба амал меояд, дар шакли мавҷҳои овозӣ ҳосил мешавад, ки мо онро дар сурати лаҳн дарк мекунем.

Садопардаҳои козиб баръакси садопардаҳои аслӣ мушак надоранд. Онҳо аз қабатҳои маҳину нозуки сершумор иборат мебошанд. Дар мавридҳои дучори касалӣ шудани садопардаҳои аслӣ садопардаҳои козиб вазифаи онҳоро иҷро мекунанд. Дар чунин мавридҳо овоз ғафсу паст ва хиррӣ мешавад.

Сӯрохии садо ба туфайли ҳаракати тағояки аҳромӣ метавонад шаклу андозаи гуногунро гирад, вале аз нуқтаи назари овозсозӣ се ҳолати онро фарқ кардан зарур аст: аввалан, садопардаҳо метавонанд суст (нокашида) ва аз ҳамдигар ҷудо бошанд. Дар ин маврид сӯрохии байни онҳо боз аст ва ҳаво аз он бе монеа мегузарад. Ин ҳолати садопардаҳо ҳангоми нафасгирии физиологӣ ва талаффузи ҳамсадоҳои беҷаранг, масалан, п, ш, с, т, ч, г, х ва ғайра) воқеъ мегардад; сониян, садопардаҳо кашида шуда, тавре ба ҳамдигар наздик мешаванд, ки дар байни онҳо сӯрохии танге (наздик ба бастан) ба вуҷуд меояд, вале дар зери таъсири ҷараёни ҳаво як миқдори ҳаво аз ин сӯрохӣ мегузарад ва садопардаҳо боз дубора дар ҳолати фишурдагӣ ба ҳам наздик мешаванд ва боз ҳолати зикршуда такрор мешавад. Дар натиҷа як силсилаи пайдарпаи бо суръати зиёд суратгирандаи ҳамин ду ҳолат (наздикшавию дуршавии садопардаҳо) ба амал меояд (инро лаппиши даврагӣ ё мураттаб мегӯянд), ки дар натиҷаи он садо, ё дақиқтараш лаҳни мусиқӣ, ки барои садонокҳо (масалан: **и, э, а, у, ӯ, о**) ва ҳамсадоҳои ҷарангдор (**б, в, д, з, ғ** ва ғайра) хос аст, ҳосил мешавад.

Ниҳоят, садопардаҳо метавонанд сусту озод, вале сӯрохии садо нисбатан танг бошад. Дар ин маврид ҳаво бо мушкилӣ аз ҳалқ берун меояд ва ҳамроҳ бо ҳаво садои молишхӯрии он (ҳаво ба

лабҳои сӯрохии садо молиш мехӯрад) пайдо мешавад. Ин шавшув дар нутқи беовоз (начва) мушоҳида мешавад.

Садопардаҳо қодиранд, ки дар як сония тахминан аз 40 то 1700 бор ба ларзиш оянд, вале дар нутқи маъмулӣ лаппиши онҳо ба 85-200 (дар нутқи мардон) ё 160-340 (дар нутқи занон) ларза дар сония баробар аст. Ин тафовут ба фарқияти сохти садопардаҳо, ба ғафсию тунукии онҳо вобастааст. Садопардаҳо ҳар қадар ғафс бошанд, садо ҳамон қадар паст мешавад ва баръакс садопардаҳо ҳарқадар маҳин бошанд, онҳо ҳамон қадар мутаҳаррик мешаванд ва овоз ҳамон қадар баланд мешавад. Дар сифати овоз инчунин дараҷаи кашида шудани мушакҳо, мутаҳаррикӣ, қувваи мушакҳо ва ғайра асар дорад.

***Дастгоҳи овоз.*** Барои ба вуҷуд омадани овоз кори садопардаҳо кофӣ нест, зеро ларзиши онҳо овози бисёр заифро ба вуҷуд меорад. Овоз дар ковокии болои ҳалқ тақвият пайдо карда, танини хоси худро меёбад. Ковокиҳои аз ҳалқ болотар сето мебошанд:

**a.** *ковокии гулӯ;*
**b.** *ковокии даҳон;*
**c.** *ковокии бинӣ.*

Ин се ковокӣ вобаста ба шаклу ҳаҷмашон ба овоз на танҳо тобишҳои гуногун мебахшанд ва онро тақвият медиҳанд, балки овозҳои алоҳидаи нутқи моро месозанд. Истилоҳи “дастгоҳи овозсозӣ” ҳам бо мақсади қайд кардани ҳамин хусусияти ин се ковокӣ истифода мешавад.

Узвҳои овозсоз вобаста ба саҳмашон дар ташаккули овозҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

**a. Узвҳои фаъол:** *садопардаҳо, деворҳои ҳалқ, коми мулоим бо забонча, забон ва лабҳо;*

**b. Узвҳои ғайрифаъол:** *коми сахт, дандонҳо, милкҳои дандонҳо ва ковокии бинӣ.*

*Ковокии гулӯ* пеш аз холигии даҳон ва бинӣ ва баъд аз ковокии ҳалқ қарор гирифтааст. Ин ковокӣ ба як конуси кӯтоҳи нисбатан кушод шабоҳат дорад. Дар болои ин конус ду сӯрохӣ мавҷуд аст, ки ба ковокии бинӣ мераванд, вале метавонанд ба воситаи коми нарм (пардачаи ком) пӯшида шаванд. Қисми мобайнии ин найча, ки онро ҳалқум меноманд, бо холигии даҳон ҳамроҳ аст. Дар қисмати ақиби ин найча мушакҳое дида мешаванд, ки бо

кашида шудани худ ҳалқро ба пеш ҳаракат медиҳанд ва овозҳоро (масалан, дар забони тоҷикӣ ъ ва х) ба вуҷуд меоранд. Ҷараёни ҳаво аз ҳалқум гузашта, ба даҳон ва ё ба ковокии бинӣ меояд.

*Ковокии даҳон* холигиест, ки аз боло бо ком ва аз поён бо устухони зери забон, аз пеш бо лабҳо ва аз қафо бо ҳалқум маҳдуд мешавад. Нисбат ба ковокии ҳалқу бинӣ холигии даҳон дар овозсозӣ саҳми бештар дорад. Вай марказест, ки туфайли ҳаракатҳои гуногуни забону лабҳо шаклҳои гуногунро мегирад ва дар натиҷа дар роҳи ҷараёни ҳавои аз шуш оянда монеаҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд. Ҷараёни ҳаво аз ин монеаҳо гузашта шавшуви ба ин ё он овоз хосро ба вуҷуд меорад.

Дар ковокии даҳон узви аз ҳама фаъол *забон* аст. Забон аз бофтаи мушакҳои сершумор иборат буда, бехи он бо устухонҳои зери забон пайвастааст, вале нӯги он озод аст. Мутаҳаррикии забонро бофту гиреҳҳои мушакҳо таъмин менамоянд. Онҳо кашида шуда на танҳо тамоми бадани забон, балки қисматҳои гуногуни онро ба ҳаракат медароранд. Бадани забон ва қисматҳои он, дар овозсозӣ саҳм доранд. Аз ҳамин рӯ, забонро дар фонетика барои осон кардани гурӯҳбандии овозҳо ба се қисмат ҷудо мекунанд:

***a.*** *пеши забон;*
***b.*** *байни забон;*
***c.*** *паси забон.*

Марзи болоии ковокии даҳон *ком* аст. Комро дар фонетика шартан ба ду қисмат ҷудо мекунанд: *коми сахт ва коми мулоим.*

*Коми сахт* аз милкҳои дандонҳо сар шуда, баробари дандонҳои курсии охирин тамом мешавад. *Коми нарм* баъд аз коми сахт сар шуда, бо забонча ба охир мерасад. *Забонча* аз мушакҳое иборат аст, ки мутаҳаррикии онро таъмин менамоянд. Забонча метавонад ду ҳолатро дар худ таҷассум кунад:

**бардошта шуда, роҳи чараёни ҳаворо ба тарафи ковокии бинӣ бандад ва боиси ба ковокии даҳон дохил шудани чараёни ҳаво ва дохилшавии овозҳои ғайридимоғӣ (масалан, овозҳои б, и, т, д, в, ф ва ғайра) гардад.**

**фуроварда шуда чараёни ҳаворо ба ковокии бинӣ фиристад ва овозҳои дорои тобиши димоғӣ (овозҳои м ва н)-ро падид орад.**

Сарҳади болоӣ ва поёнии ковокии даҳон аз ду тараф бо дандонҳои боло ва поён иҳота шудааст, ки онҳо номутаҳаррик мебошанд. Решаҳои дандонҳо дар чоҳакҳои устухони зери забон ва ком қарор дошта, ба воситаи милкҳои дандон пӯшонида шудаанд.

Ковокии даҳон аз тарафи пеш бо лабҳо пӯшида шудааст. Лабҳо ҳам узви мутаҳаррик мебошанд. Онҳо ба туфайли мушакҳои худ шаклҳои гуногунро гирифта, тобишҳои гуногуни овозҳои лабиро ба вучуд меоранд.

Ковокии бинӣ холигиест, ки баръакси ковокии даҳон шакли худро тағйир намедиҳад. Дар овозсозӣ иштирок кардан ё накардани он ба вазъияти пардачаи ком вобаста аст: агар пардачаи ком роҳи ҳаворо кушояд, ҳаво ба ковокии бинӣ меояд ва ба девораҳои он молиш хӯрда, овозҳои дорои тобиши димоғӣ (м, н) ҳосил мекунад ва агар пардачаи ком роҳи чараёни ҳаворо ба ковокии бинӣ бандад, вай дар овозсозӣ иштирок намекунад.

Миқдор ва анвои ин узвҳо дар ҳамаи забонҳо якхела нест, зеро ҳар як забон дорои системаи овозҳои ба худ хос аст ва ин овозҳо ба воситаи узвҳои гуногун сохта мешаванд. Дар овозсозӣ, вазифаи асосӣ ба ӯҳдаи узвҳои фаъол аст. Зеро онҳо туфайли қобилияти мутаҳаррикиашон ҳаракатҳои барои овозсозӣ заруриро анчом медиҳанд.

***Пойгоҳи овозсозӣ.*** Ҳар касе, ки бо ду ва ё зиёда забонҳо гап мезанад, нағз медонад, ки ҳангоми суҳбат аз як забон ба забони дигар гузаштан ба душворие бармехӯрад ва ин душворӣ вобаста ба дарачаи наздик ё дур будани забони дуюм ба забони модарии гӯянда камтар ё зиёдтар мешавад. Масъала дар сари он аст, ки гӯянда ҳангоми ба забони бегона гап задан ба чои овозҳои ин забон

овозҳои забони модариашро талаффуз мекунад. Нуктаи асосӣ он аст, ки гӯянда барои гап задан ба забони бегона маҷбур мешавад, ки ҳолату вазъияти узвҳои гуфторро, ки барои забони модарӣ хос аст, тағйир диҳад, онҳоро барои талаффузи овозҳо, ҳиҷоҳо, зада ва ибораҳои забони бегона омодаю мувофиқ созад.

*Пойгоҳи овозсозӣ гуфта низом, ҳолату вазъият, кори узвҳои гуфтор ва малакаҳои талаффузеро мегӯянд, ки барои соҳибони як ҷамъияти забонӣ хос аст.*

Пойгоҳи овозсозӣ ҳодисаи модарзод ва физиологию анатомӣ нест. Низоми кори узвҳои нутқ ва малакаҳои талаффузи ин ё он забон категорияи таърихӣ мебошад ва дар ҷамъияти муайяни забонӣ пайдо шуда, тадриҷан баробари инкишофи ҷамъият ва сохти овозии забон инкишоф ёфта, аз насл ба насл гузашта, рафта-рафта соддатару суфтатар шуда, аз "талаффузи номуназзами овозҳои ҷудогона" ба талаффузи муназзаму мураттаби системаи муайяни овозҳо табдил меёбад ва дар ҳамон ҷамъияти забонӣ мустаҳкам мегардад. Аз ҳамин рӯ бо вуҷуди умумияти сохти физиологии узвҳои нутқи ирқҳои гуногун ҳар як халқ дастгоҳи овозсозии ба худ хос дорад ва бо хусусиятҳои он аз забонҳои дигар фарқ мекунад. Аз ҳамин сабаб бояд хусусиятҳои дастгоҳи овозсозии ҳар як забон ба таври алоҳида омӯхта шавад.

Омӯзиши дастгоҳи овозсозӣ барои омӯзиши талаффузи дурусти овозҳо, таркибҳои гуногуни онҳо ва ҳамчунин барои аз бар кардани нутқи фасеҳу балеғ аҳамияти калон дорад.

## Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати забоншиносии (лингвистӣ) воҳидҳои овозӣ

Азбаски мубодилаи афкор маъмулан дар шакли овозӣ воқеъ мегардад ва ҳодисаҳои овозӣ дар он иштирок карда, вазифаи муайянеро адо мекунанд, воҳидҳои асосии фонетика ҷиҳати иҷтимоӣ ё функсионалӣ ва ё забоншиносӣ (лингвистӣ) доранд. Ҷиҳати лингвистиву функсионалии воҳидҳои овозӣ мавзӯи баҳси соҳаи дигари фонетика – фонетикаи функсионалӣ ё фонологӣ (аз калимаи юнонии phone – овоз ва logos – калом, таълимот) мебошад.

Омӯзиши хусусиятҳои лингвистиву функсионалии воҳидҳои овозӣ аз лиҳози забоншиносӣ нисбат ба ду ҷиҳати дигар бартарии

зиёд дорад, зеро ҷиҳатҳои шунавоӣ ва тавлидии воҳидҳои овозӣ ба туфайли ҷиҳати забоншиносиашон омӯхта мешаванд.

**_Фонема._** Вазифаи аввалини фонетика муайян кардани миқдори фонемаҳо ва муносибати байни онҳо дар низоми фонологист. Ҳалли ин масъала ба фарқ кардани фонема ва овозҳои нутқ, фонема ва тобишҳои он зич вобаста аст. Муайян намудани теъдоди фонемаҳо, муносибати фонема ва тобишҳои он ба ҳалли масъалаи дигар – таҷзияи силсилаи овозӣ ба ҳиссаҳои хурдтарин вобаста аст. Ба иборати дигар, пеш аз он ки дар бораи ягон овози алоҳида (фонема) сухан ронем зарур аст, ки ин овоз аз овозҳои дигар ҷудо ва мавҷудияту мустақилияти он собит карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҷзияи ҷараёни нутқ ба ҷузъҳои хурдтарини овозӣ ва муайян намудани умумият ва тафовути байни ин унсурҳо аз масъалаҳои муҳими назарияи фонема ба шумор мераванд.

**_Таҷзияи ҷараёни нутқ._** Ҷараёни нутқ ба силсила, занҷири овозҳое шабоҳат дорад, ки дар он ҳар овоз ба овози дигар ба таври ногусастанӣ пайваст мебошад. Ин занҷири овозҳоро дар асоси меъёрҳои физикию физиологӣ таҷзия кардан мумкин нест. Таҷзияи ҷараёни нутқ ба овозҳои алоҳида бо роҳи забоншиносӣ алоқамандона бо маъно сурат мегирад. Таҷзияи ҷараёни нутқ ба воҳидҳои аз овоз калонтар чандон душвор нест, зеро онҳо дорои маъно мебошанд. Ҷудо кардани ин воҳидҳо дар ҷараёни нутқ дар асоси маънои луғавӣ ва дастурӣ воқеъ мегардад ва аз таҳлили маъмулии дастурӣ (грамматикӣ) фарқ намекунад. Вале ҳангоми ҷудо кардани овозҳо дар ҷараёни нутқ мушкилие ба миён меояд, чунки ин воҳидҳо баръакси морфемаҳо маъно надоранд. Бо вуҷуди ин овозҳо дар ҷараёни нутқ аз ҳамдигар маҳз ба воситаи маъно ҷудо карда мешаванд, зеро онҳо қобилияти бо маъно алоқаманд шудан доранд. Ин хусусияти овозҳо дар мавридҳое равшан зоҳир мешавад, ки онҳо ба сифати воҳиди маънодори забон – морфема, калима, ҳатто ҷумла истифода мешаванд ва маҳз дар таркиби ҳамин воҳидҳо ҳастӣ доранд. Ин тарзи истеъмол ба овозҳои нутқ имконият медиҳад, ки онҳо дар аввал чун воҳидҳои маънодор ба воситаи маънои дастурӣ (грамматикӣ) ва сарҳади сарфии худ аз ҳамдигар ҷудо шуда, баъд ҳамчун овозҳои алоҳидаи нутқ мустақилият пайдо кунанд. Масалан, садонокҳои [а], [у], [о], [и] ба сифати морфема *(даста, китобу ..., даво-дав, гули...)* истифода

мешаванд ва ба туфайли маъно ва марзаи сарфии худ аз фонемаҳои (морфемаҳои) дигар ҷудо мешаванд: *даст-а, китоб-у, дав-о-дав, гул-и.* Ҳангоми ҷудо кардани ҳамсадоҳо низ ба мо сарҳади сарфӣ ёрӣ мерасонад. Масалан: барои ҷудо кардани унсурҳои ҳамнишини овозии [кз] мо метавонем, аз марзаи морфемаҳои *ток-* ва *-зор* дар калимаи *токзор* истифода барем.

Овозҳои бо ёрии марзаи сарфӣ ҷудошуда тадриҷан мустақилият пайдо карда, дар майнаи соҳибони забон ҳамчун воҳидҳои мустақил ҷой мегиранд. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки мо ин овозҳоро дар мавридҳои мавҷуд набудани марзаи сарфӣ (масалан, дар калимаҳои *бозор, дока*) низ аз овозҳои дигар ҷудо кунем. Аз ин бармеояд, ки тақтеи овозӣ бо роҳи сарфӣ ҳал мешавад ва натиҷаи таҳлили морфологӣ (сарфӣ) мебошад.

***Фонема ва тобишҳои он.*** Пас аз ҷудо кардани ҳиссаҳои хурдтарини овозӣ мо метавонем онҳоро ба ҳамдигар муқоиса карда, умумияту фарқашонро ошкор ва миқдори фонемаҳоро муайян намоем. Дар ин маврид ҳам меъёрҳои физикию тавлидӣ ёрӣ намерасонанд, зеро овозҳои аз ҷиҳати физикию тавлидӣ монанд (масалан, овозҳои садоноки ҳиҷоҳои аввали калимаҳои *шутур, сафед, биринҷ*) метавонанд тобишҳои фонемаҳои гуногун бошанд ва ё баръакс. Ин масъала низ танҳо ба воситаи меъёрҳои забоншиносӣ, ба таври илмӣ ҳал карда мешавад.

Овозҳои алоҳидае, ки мо талаффуз мекунем (масалан, овозҳои с, т, д ва ғайра), дар алоҳидагӣ маъно надоранд ва мисли дигар овозҳо ва садоҳо (раъду барқ, аккоси саг, садои тори рубоб, акси садо ва ғайра) ҳодисаи маъмули физикӣ мебошанд.

*Вазифаи калимасозӣ* дар он зоҳир мешавад, ки овозҳо барои сохтани калимаҳо ҳамчун масолеҳ, истифода мешаванд. Масалан, дар калимаи *осмон* овозҳои [о], [с], [м], [о] ва [н] ба сифати масолеҳи сохтмон хизмат мекунанд ва аз ҳамин рӯ мавҷудияти ин калима ҳамчун воҳиди забонӣ ба миқдори муайяни овозҳо, тартиби онҳо, сохти ҳиҷогию заданокӣ вобаста аст: дар сурати риоя нашудани ин қоида калима ё ҳамчун воҳиди луғавӣ аз байн меравад ва ё ба калимаи дигар табдил меёбад.

Овози нутқ танҳо дар сурате қимати забонӣ пайдо мекунад, ки дар якҷоягӣ бо овозҳои дар сурати воҳидҳои маънодори забон – *морфема, калима, синтагма, фраза* ва ғайра иштирок намояд ва ба воситаи онҳо бо маъно алоқаманд гашта, вазифаи забонии худро адо кунад. Овозҳои нутқ дар таркиби воҳидҳои маънодор ду вазифаро иҷро мекунанд: *калимасозӣ ва калимафарққунӣ (маънофарққунӣ).*

Бинобар алоқамандии маънои калима бо таркиби овозии он муттаҳидию яклухтии калима, симои овозии калима ба вуҷуд меояд, ки ба воситаи он соҳибони забон як калимаро аз калимаи дигар фарқ мекунанд ва онро аз рӯи симои овозиаш мешиносанд. Ин маъниро савтшинос Л.Р.Зиндер чунин қайд менамояд: “Шубҳае нест, ки мо калимаи [стол]-ро аз калимаи [стул] маҳз аз он сабаб фарқ мекунем ва онҳоро берун аз матн мешиносем ва мебинем, ки дар таркиби калимаи якум садоноки [о], дар калимаи дуюм - садоноки [у] мавҷуд аст. Дар ин маврид мо бо вазифаи калимафарққунӣ ё калимашиносии фонема сару кор дорем”[21]. Аммо барои шинохтани таркиби овозии калима мавҷудияти ҷуфти калимаҳое, ки бо як овоз фарқ мекунанд, *квазиомонимҳо* (саф ва каф, дор ва дур) шарт нест. Калимаҳои *санг* ва *оташ* квазиомоним набошанд ҳам, мо онҳоро ба хубӣ фарқ мекунем.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои калимасозӣ ва калимафарққунӣ ду паҳлуи як масъала мебошанд. Бо вуҷуди чунин алоқамандӣ дар забон вазифаи калимасозӣ бар вазифаи калимафарққунӣ бартарӣ дорад, зеро иҷрои вазифаи дуюм ба вазифаи якум вобаста аст. Ҳар овоз (фонема) ба сифати воситаи калимафарққунӣ дар сурате истифода шуда метавонад, ки дар сохтани калимаҳо ва шаклҳои гуногуни онҳо иштирок дошта бошад.

Дар муносибати овозҳои нутқ ба ин ду вазифа тафовутҳо ба назар мерасад. Зеро вазифаи калимасозӣ хоси ҳамаи овозҳост, зеро тамоми воситаҳои овозӣ дар калимасозӣ ва шаклсозӣ иштирок доранд. Аммо вазифаи калимафарққунӣ овозҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад:

**а.** овозҳое, ки аз бобати тавлид ва хусусиятҳои физикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале бе тағйири маънои калимаҳо

[21]Зиндер Л.Р. Общая фонетика. Изд.2. М.:1979. -с.34-35.

якдигарро иваз карда метавонанд, масалан, садоноки [а]: *банд ва қанд, сафед ва коса;*

**b.** овозҳое, ки аз рӯи хусусиятҳои тавлиди физикӣ ба ҳамдигар шабоҳат доранд, вале бо тағйири маънои калима якдигарро иваз карда наметавонанд: масалан, садонокҳои [ӯ] ва [у] дар ҷуфти калимаҳои бӯр ва бур, гӯл ва гул, кӯш (аз кӯшидан) ва куш (аз куштан).

Овозҳое, ки қобилияти калимафарқкунӣ дошта, якдигарро бе тағйири маънои калима иваз карда наметавонанд, *фонема* номида мешаванд.

Овозҳое, ки қобилияти калимафарқкунӣ надоранд (шаклҳои гуногуни зоҳиршавии овози [а] дар калимаҳои боло), *тобишҳои як фонема* ҳисоб мешаванд.

Фарқи дигари муҳими фонема аз тобишҳои он дар ин аст, ки фонема воҳиди мустақил буда, ба муҳитҳои овозӣ тобеъ нест, аммо тобишҳои фонема вобастаи муҳитҳои овозӣ мебошад. Таъсири каму беши муҳитҳои овозӣ мустақилияти фонемаро тағйир намедиҳад. Масалан, фонемаҳои [ӯ] ва [у] дар ҳама ҳолатҳои овозӣ: дар аввал, байн ва охири калима, дар ҳиҷоҳои заданоку безада, кушодаю баста ва ғайра аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бо вуҷуди таъсири ин омилҳо овозҳои [ӯ] ва [у] мустақилияти худро чун фонемаҳои гуногун нигоҳ медоранд. Баръакси ин пайдоиши тобишҳои гуногуни фонемаи [а] ҳамеша ба муҳитҳои овозӣ вобаста мебошад. Масалан, фонемаи [а] дар калимаҳои *банд, қанд, сафед ва коса* тобишҳои гуногун дорад, ки бесабаб нест. Вай дар калимаи *банд,* дорои тобишҳои ба пеш моил ва дар *қанд* дорои тобиши ба қафо моил мебошад, зеро дар калимаи якум бо ҳамсадои пешизабонии [б] ва дар калимаи дуюм бо ҳамсадои забончагии [қ] омадааст. Сабаби ихтисори тамдиди [а] дар калимаи *сафед* ва афзудани дарозии он дар калимаи *коса* ба мавқеи ин садонок дар ҳиҷои аввал ва охири калима вобаста аст. Ё ин ки дар охири калимаҳои *кон, нон ва чанг, санг,* ки овозҳои [н] ва [η] шунида мешаванд, аммо ин ду овоз тобиши фонемаи [н] мебошанд, зеро пайдоиши овози [η] ба ҳамнишинии овози [н] ва [г] вобаста буда, бо ҳамнишинӣ бо овозҳои дигар ба мушоҳида намерасад: *дон, хон, зинда, замин, осмон...*

Ҳамин тариқ, дар байни овозҳои нутқ ду хел фарқият мавҷуд аст. Яке ба муҳитҳои овозӣ ҳеҷ гуна алоқамандӣ надорад ва онро низоми фонемагии забон идора мекунад. Чунин тафовутҳо *фарқияти фонемагӣ* ном дошта, соҳибони забон онҳоро равшан дарк мекунанд. Фарқиятҳои фонемагӣ дар байни воҳидҳои озод дар системаи тазодҳои лингвистӣ мушоҳида мешаванд. Фарқияти дигари овозҳо ба ҳолатҳои овозӣ вобаста мебошанд ва соҳибони забон, агар диққати махсус надиҳанд, онро фарқ намекунанд. Ин тафовутҳо *фарқияти тобишӣ* ном дорад. Фарқияти тобишӣ дар байни тобишҳои ҳар як фонема дида мешавад.

*Фарқиятҳои фонемагӣ ва тобишӣ* дар ҳамаи забонҳо як хел нест. Фарқияти фонемагии як забон дар забони дигар метавонад ба сифати фарқияти тобишӣ зоҳир шавад ва ё баръакс. Бинобар ин муносибати фонема ва тобишҳои он ҳамеша дар заминаи маводҳои забони алоҳида муайян карда мешавад.

*Фонема хурдтарин воҳиди занҷирии системаи овозии забон аст, ки барои сохтан ва шинохтани калима ва шаклҳои он истифода мешавад.*

Фарқиятҳои мустақил ва номустақил дар муайян намудани фонема ва тобишҳои он омилҳои асосӣ бошанд ҳам, барои пурра таъйин кардани муносибати байни фонема ва тобишҳои он меъёри ягона ба шумор намераванд. Масъалаи муносибати байни фонема ва тобишҳо дар назарияи фонема низ аз масъалаҳои асосиест, ки ҳалли он ҷараёни мураккаби истеъмоли фонемаро дар забон ошкор месозад. Миқдори фонемаҳо дар ҳамаи забонҳо нисбат ба миқдори тобишҳо (овозҳои нутқ) камтар аст. Ин ҳолат аз он сабаб рӯй медиҳад, ки ҳар як фонема масалан, фонемаи [а] вобаста ба омилҳои гуногун: муҳити овозӣ (дар ҳамнишинӣ бо овозҳои гуногун, дар аввал, мобайн ва охири калима, синтагма ва ғайра, дар ҳиҷоҳои кушода ва баста, заданок ва безада), сабки нутқ (сӯҳбати оддӣ, баромад дар маҷлис), муҳити нутқ (сӯҳбат дар назди дастгоҳи овоздори кор ва ғ.), фарқи синну сол (нутқи кӯдак, одами ҷавон ва марди пир), ҷинс (зан ва мард), нутқи намояндагони лаҳҷаҳои гуногун ва ғайра зоҳир мешавад ва вобаста ба ин шароит метавонад тобишҳои зиёде дошта бошад.

Дар забоншиносӣ муносибати байни фонема ва тобишҳои он ба воситаи категорияҳои кулл ва ҷузъ муайян карда мешавад. Фонема

мафҳуми куллест, ки дар шакли ҷузъҳои сершумор падид меояд. Ҳамаи овозҳое, ки мо талаффуз мекунем, тобишҳо (ҷузъҳо) мебошанд, ки дар фонемаҳо (кулл) муттаҳид мешаванд. Фонема ҳамчун кулл умумӣ ва мавҳум аст, вале ҳамеша дар шакли ягон овози муайян зоҳир мешавад. Аз ҳамин сабаб тобишҳои сершумор дар миқдори маҳдуди фонемаҳо (дар забони тоҷикӣ дар сӣ фонема) ба ҳам меоянд. Дар фонема муттаҳид шудани тобишҳои зиёд ба туфайли он имконпазир мегардад, ки ҳар як тобиши фонема дар муҳити муайян пайдо мешавад, ки дар он тобишҳои дигари ҳамин фонема зоҳир намешаванд ва тафовути байни тобишҳо низ дар ҳамин аст. Дар айни замон ин тобиш чун зуҳури фонемаи муайян аз тобишҳои фонемаҳои дигар фарқ мекунад. Азбаски тобишҳо ба муҳитҳои муайяни овозӣ вобастаанд, дар байни онҳо муносибати такмили истеъмоли якдигар мушоҳида мешавад. Маҷмӯи истеъмоли тобишҳо истеъмоли (дистрибутсия) пурраи фонемаро ташкил менамояд ва ин ҳодиса имкон медиҳад, ки мо зуҳуроти гуногуни овозҳоро дар ҷараёни нутқ ошкор карда, онҳоро дар миқдори муайяни фонемаҳо муттаҳид намоем.

Тобишҳои фонема вобаста ба сабабҳои пайдоиш гуногун (фардӣ, ҳатмӣ, ҳамнишинӣ, мавқеӣ ва ғайра) мешаванд. Аммо дар байни онҳо як тобиш ҳамеша ҳамчун тобиши асосӣ, ҳамчун намояндаи асосии фонемаи мувофиқ зоҳир мегардад. Ҳангоми тавсифи фонема ҳамин тобиши асосӣ ба эътибор гирифта мешавад. Тобишҳои асосии садонокҳо дар талаффузи алоҳидаи онҳо, тобишҳои асосии ҳамсадоҳо пеш аз садонокҳо (махсусан, пеш аз садоноки **а** ва **о**) зоҳир мешаванд.

***Нишонаҳои фонема.*** Фонема ҳамчун воҳиди мустақили системаи овозии забон дорои як силсила нишонаҳои тавлидию физикӣ мебошад. Ин нишонаҳо дар низоми овозии забон вазифаи гуногун доранд. Як гурӯҳ нишонаҳо барои фарқ кардани як фонема аз фонемаи дигар (як калима аз калимаи дигар) истифода шавад, гурӯҳи дигари онҳо барои ташкили симои овозии фонема (калима) хизмат мекунанд. Масалан, фонемаи [д] дар забони тоҷикӣ дорои нишонаҳои *шавшувнокӣ, пешизабонӣ, зичӣ, ҷарангнокӣ, ғайридимоғӣ (даҳонӣ) ва рӯизабонӣ* мебошад. Панҷ нишонаи аввал барои мавҷудияти фонемаи [д] муҳим аст, зеро ин фонема ба воситаи ин нишонаҳо аз фонемаҳои дигар: фонемаҳои лаҳнӣ *дам* –

*нам,* ғайрипешизабонӣ *дар – бар, дор – кор,* роғ *дар – зар,* беҷаранг *дор – тор,* димоғӣ *дом – ном* фарқ мекунад. Аммо нишонаи рӯизабонӣ (дорсалӣ) барои [д] нишонаи фарқкунанда ҳисоб намешавад, зеро дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамсадои шавшувноки ғайри пешизабонии зичи [д] мавҷуд нест, ки ҳамсадои [д] бо он муносибати тазодӣ пайдо кунад. Нишонаҳое, ки барои фарқ кардани лоақал як ҷуфти фонемаҳо (калимаҳо) истифода мешаванд, нишонаҳои фарқкунанда (фонемагӣ ё фонологӣ) ном доранд. Нишонаҳои овозҳо, ки қобилияти фонемафарқкунӣ (маънофарқкунӣ) надоранд, нишонаҳои тобишӣ (ё ғайрифарқкунанда) ном доранд.

Фонемаҳо аз ҳамдигар бо як ё якчанд нишона фарқ мекунанд. Масалан, фонемаҳои [д] ва [т] *дор – тор* аз якдигар бо як нишона – ҷарангнокиву беҷарангӣ, [д] ва [в] *додӣ – водӣ* бо ду нишона – ҷой ва тарзи тавлид, [д] ва [ф] *дона – фона* бо се нишона – ҷой тарзи тавлид, кори садопардаҳо фарқ мекунанд. Азбаски фарқиятҳои фонемагӣ маҳз ба нишонаҳои фарқкунанда вобаста мебошанд, гоҳо фонемаро ҳамчун маҷмӯи нишонаҳои фарқкунанда таъриф мекунанд.




Нишонаҳои фарқкунандаи фонемаҳо пас аз муайян кардани системаи фонемаҳои забон муқаррар карда мешаванд, зеро нишонаҳои фарқкунанда дар натиҷаи муқоисаи фонемаҳои алоҳида ошкор мешаванд. Миқдори нишонаҳои фарқкунанда аз миқдори фонемаҳо камтар аст, зеро як нишонаи фарқкунанда метавонад мансуби чанд фонема бошад. Масалан, нишонаи ҷарангнокиву беҷарангӣ ҷуфтҳои ҳамсадоҳои *б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-х*-ро фарқ мекунонад.

Нишонаи фарқкунанда мисли фонема воҳиди муайяну аз фонемаҳо алоҳида ҷудошаванда аст, ки маҳз дар ин ё он фонема зоҳир мешавад. Аз ҳамин сабаб фонема дар меҳвари ҷонишинӣ таҷзияпазир мебошад.

Нишонаҳои тобишии фонема низ дар забон вазифаи махсусро дорост. Бо вуҷуди аз овозҳои алоҳида сохта шуданаш калима на ҳамчун силсилаи овозҳои алоҳида, балки ҳамчун воҳиди яклухт, ки дар он ҷиҳатҳои маъногӣ ва овозӣ омезиш ёфтаанд, аз рӯи симои умумии овозиаш дарк карда мешавад. Симои овозии калимаро унсурҳои асоси таркиби он муайян мекунанд. Аз ҳамин рӯ “... барои шинохтан ва фарқ кардани калимаҳо ҳамаи фарқиятҳои овозӣ, ки дар забон воқеъ мегарданд ва дар таркиби ҳамнишиниҳои муайян дарк мешаванд, хизмат мекунанд”.[22]

Тазод навъҳои гуногун дорад: дутарафа ва чандтарафа, хусусӣ ва мутаодил (гурӯҳӣ), привативӣ, дараҷадор, устувор ва ноустувор, мутаносиб ва маҳдуд ва ғайра. Аз ин тазодҳо тазоди дуаъзогии мутаносиби привативӣ дар таҳлили фонологӣ аҳамияти калон дорад, зеро ҷуфти фонемаҳои муқоисашаванда бо доро будан ё набудани як нишонаи фонологӣ фарқ мекунанд ва аз ҳамин рӯ тафовути байни онҳо ба осонӣ ошкор мегардад. Масалан, тазоди фонемаҳои [д] ва [т], ки ба нишонаи ҷарангнокӣ – беҷарангӣ асос ёфтааст. Аъзои тазоди мутаносиби дутарафаи привативӣ, ки дорои як аломати фарқкунанда (дар ин ҷо дорои ҷарангнокӣ) мебошад, нишонадор ва аъзои тазод, ки аз ин нишона маҳрум мебошад, бенишона ном доранд.

Миқдори фонемаҳои забон ва нишонаҳои фарқкунандаи онҳоро дар муҳити қавӣ (муҳити фонемафарқкунӣ) ва ба воситаи тазоди собит муайян мекунанд. Дар муҳити заиф фарқи байни узвҳои тазод аз байн меравад ва тазоди фонемаҳо барҳам мехӯрад, яъне аъзои нишонадори тазод ба аъзои бенишона бадал шуда, мустақилияти худро аз даст медиҳад. Масалан, барои нишонаи фарқкунандаи ҷарангнок – беҷаранг муҳити аввали калима, пеш аз садонокҳо, ҳамсадоҳои сонорӣ ва ҳамсадои “в” қавӣ ҳисоб мешавад, зеро дар ин маврид ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро фарқ мекунанд, аммо муҳити охири калима, пеш аз ист, пеш аз ҷарангдорҳо ва беҷарангҳо заиф аст, зеро дар он тазоди байни ин ҳамсадоҳо барҳам мехӯрад, яъне аъзои нишонадори тазод (ҷарангнокҳо) нишонаи худро аз даст дода, ба аъзои бенишона (беҷарангҳо) табдил меёбад: аз сар [ас сар], тазкира [таскира], калид

[22]Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985. -с.19.

[калит], кабуд [кабут], бодпо [ботпо], себча [сепча], садто [сатто] ва ғайра. Миқдори фонемаҳо одатан ба миқдори тазодҳо баробар аст.

Зимни баёни хусусиятҳои сегонаи воҳидҳои фонетика ҳамин нуктаро бояд дар ёд дошт, ки ин се ҷиҳати фонетика алоқаи ногусастанӣ доранд ва онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан раво нест, зеро онҳо бо ҳамдигар асос ёфта, якдигарро пурра мекунанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Ҷиҳатҳои сегонаи нутқи овозиро муайян намоед?
2. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати физикии воҳидҳои овозӣ?
3. Фишори овозӣ чӣ гуна санҷида мешавад?
4. Дарки қувватнокии овоз ва аҳамияти он ба забон?
5. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати тавлидии воҳидҳои овозӣ?
6. Вазифаи физиологии узвҳои инсонро баён кунед.
7. Дастгоҳи гуфторро кадом узвҳои овозсоз ташкил медиҳанд?
8. Овозҳои дар табиат мавҷудбуда, ки бо ҳарф ишора карда намешаванд?
9. Барои чӣ узвҳои нутқро ба фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мекунанд?
10. Оё узвҳои нутқ барои овозҳосилкунӣ ва нутқ пешбинӣ шудааст?
11. Дар ҳосилшавии фонемаҳо кори кадом узви инсон фаъолтар аст?
12. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати забоншиносии воҳидҳои овозӣ?
13. Фонема ва хусусиятҳои ба худ хоси омӯзиши он?
14. Калимасозӣ ва калимафарққунии овозҳоро шарҳ диҳед?

***Ҷустуҷӯи мустақилона:***

❖ Матнеро интихоб кунед, ки шумораи ҳарфҳои он ба 1000 расад ва басомади вохӯрии ҳарфҳои матни мазкурро нишон диҳед.

- Ҷуфти калимаҳои кӯш-куш, хӯд-худ, хӯрд-хурд, бӯр-бур, сӯм-сум, хӯш-хуш, гӯл-гул-ро аз “Фарҳанги забони тоҷикӣ” пайдо намуда, фарқи маъноии онҳоро муайян кунед.
- Дар ҷумлаҳои поён калимаи **дӯш** кадом маъноҳоро ифода намудааст:

*Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш роҳ мерафт, фузуле (пургӯю лаққӣ) ба вай расид.*

Ҷомӣ

***Дӯш** дар турраи ӯ даст задам, гуфт ба ноз:*
*Хештанро зи чӣ дар доми бало афкандӣ?*

Шоҳин

**Адабиёт:**


1. Бондарко Л.В. и др. Основа общей фонетики. – Л.: 1983.-с.5-18.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985.-с.13-20
3. Климов Г.А. Фонема и морфема. К проблеме лингвистических единиц. – Либроком. 2009.-130 с.
4. Матусевич М.И. Введение в общую фонетику. – М.: 1959.-с.9-33.
5. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.-с.68-77.
6. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.28-58.
7. dic.academic.ru

## Фонемаҳои забони тоҷикӣ

**Миқдори фонемаҳо.** Дар муайян намудани миқдори фонемаҳо ду хусусияти муҳими овозҳо: қобилияти маънофарққунӣ ва вобаста набудани фарқиятҳои онҳо ба муҳитҳои ҳамнишинӣ ва мавқеӣ омили асосӣ ба шумор меравад. Табиист, ки танҳо фарқиятҳои озод барои фарқ кардани маъно истифода мешаванд: агар ду овози муқоисашаванда дар муҳити якхелаи овозӣ истеъмол шавад, ҳар кадоми онҳо фонемаи алоҳида ҳисоб меёбад. Аммо бо вуҷуди ин бояд гуфт, ки дар таснифи овозҳои забони тоҷикӣ то имрӯз аз ҷониби олимони савтшинос як фикри муайян ба миён гузошта нашудааст. Баъзе олимон ба системаи фонемаҳои забони тоҷикӣ сӣ фонемаро нисбат диҳанд, олимони дигар фонемаҳои забони тоҷикиро иборат аз сиву як ва сиву дуто медонанд, ки аз ин ихтилофҳо нишон додани миқдори гуногуни садонокҳо ва ҳамсадоҳо ба миён меояд.

> Овозҳои ҳар як забон ба ду гурӯҳи калон: садонокҳо ва ҳамсадоҳо тақсим мешаванд. Ин тақсимотро ҳанӯз донишмандони атиқа пешниҳод карда буданд ва то замони мо борҳо мавриди баҳсу мунозира қарор гирифтааст, вале имрӯз ҳам онро бебаҳс шуморидан мумкин нест.

Сабаби баҳси олимон, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ин ду истилоҳ (садонок ва ҳамсадо) овозҳоро ба тавре ки расм шудааст, дарбар намегиранд. Масалан, истилоҳи “садонок” – садо ё овоз, ки калкаи нодурусти истилоҳи русии “гласный” – садонок ва лотинӣ “sonant” – овозӣ, лаҳнӣ аст, маънои овоз ё овозӣ ё лаҳниро дорад. Истилоҳи “ҳамсадо” бошад, мисли истилоҳи русии “согласный” (со+глас-ный) ва лотинии con+sonant маънои овозеро дорад, ки бо садо меояд (ҳам+садо). Агар мо аз рӯи ин анъана амал кунем, бояд ҳамсадоҳои ***м, н, л, р, й***-ро низ садонок шуморем, зеро онҳо ҳам овозҳои лаҳнӣ буда, мисли садонокҳо мустақиланд ва метавонанд кашишнок (масалан, м ҳангоми сурудхонӣ) талаффуз шаванд. Аз назари махраҷи овозсозӣ ҳам ин ҳамсадоҳо аз садонокҳои бастаи и ва ӯ кам фарқ мекунанд. Сабаб ҳамин аст, ки баъзе муаллифон (масалан, Р.Якобсон ва ҳамроҳонаш) ба ҷои истилоҳҳои болоӣ истилоҳҳои “садонок” на “ғайрисадонок”, “ҳамсадо” ва

“ғайриҳамсадо”-ро пешниҳод кардаанд ва ба ин восита ҳамсадоҳои лаҳниро аз садонокҳо ва ҳамсадоҳо ҷудо намудаанд. Сониян, ин ду гурӯҳи овозҳо дар забонҳо хусусияти гуногун доранд. Масалан, дар забонҳои сомӣ, (семитӣ) агар садонокҳо барои ифодаи шаклҳои дастурӣ флексияи дохилӣ хизмат кунанд, ҳамсадоҳо вазифаи фарқ кардани маънои калимаҳоро адо мекунанд; дар гурӯҳи забонҳои туркӣ садонокҳо ба туфайли ҳодисаи ҳамгунӣ (сингармонизм) аз ҳамсадоҳо ҷудо мешаванд. Саҳми ин ду гурӯҳи овозҳо дар шинохти калимаҳо низ як хел нест. Бо вуҷуди ин душвориҳо забоншиносон фонемаҳоро шартан, ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда, тафовути онҳоро дар се замина нишон додаанд:




➢ Дар заминаи *ҳиҷосозӣ* фарқи ин овозҳо дар он аст, ки садонокҳо овозҳои ҳиҷосоз ҳастанд. Онҳо марказ, қуллаи ҳиҷо мебошанд. Ҳамсадоҳо ин қобилиятро надоранд ва дар ҳиҷосозӣ роли дуюмдараҷа мебозанд. Агар дар ҳиҷо садонок бошад, ҳамсадо ҳиҷо намесозад. Аммо бояд қайд кард, ки истилоҳи “ҳамсадо” дар ин маврид моҳияти ҳамсадоҳои сонориро пурра ифода намекунад, зеро онҳо дар баъзе забонҳо (аз ҷумла дар забони тоҷикӣ) дар ҳиҷосозӣ овозҳои дуюмдараҷа нестанд. Онҳо дар мавридҳои мавҷуд набудани садонокҳо ҳиҷо сохта метавонанд: фикр, ваҳм, паҳн, наҳр ва ғайра. Ин хусусияти ҳамсадоҳои сонорӣ ҳамеша воқеъ нагардад ҳам, шоҳиди имконияти ҳиҷосозии онҳо мебошад.

➢ Аз нуқтаи назари тавлид фарқи байни садонокҳо ва ҳамсадоҳо дар се лаҳза ба назар мерасад.

**1.** Муҳимтарин фарқ байни садонокҳо ва ҳамсадоҳо дар вазъияту ҳолати узвҳои овозсоз ва мавҷуд будан ё набудани монеа дар роҳи ҷараёни ҳаво мушоҳида мешавад. Ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар расидан ё наздик шудани узвҳо дар ин ё он ҷои дастгоҳи овозсозӣ дар пеши маҷрои ҳаво монеа ба вуҷуд меояд ва ҷараёни ҳаво ба он молиш хӯрда, шавшуви ба ин ё он ҳамсадо хосро ҳосил мекунад. Табиист, ки монеа ҳар қадар калонтар ва гузаштани ҳаво аз он ҳар қадар мушкилтар бошад, ҷараёни ҳаво ҳамон дараҷа шиддатноктар мешавад. Дар талаффузи садонокҳо роҳи маҷрои ҳаво боз аст ва ҳаво бемонеа аз даҳон хориҷ мешавад. Аз ҳамин рӯ садое (лаҳне), ки садопардаҳо дохил

мекунанд, шавшув надорад.

**2.** Садонокҳо ва ҳамсадоҳо аз рӯи шиддатнокии узвҳои овозсоз низ фарқ мекунанд. Дар талаффузи садонокҳо тамоми дастгоҳи нутқ шиддатнок мешавад ва ин шиддатнокӣ се резонатор (ковокии ҳалқ, даҳон ва бинӣ)-ро дарбар мегирад. Дар талаффузи ҳамсадоҳо чунин шиддатнокии яклухти дастгоҳи нутқ мушоҳида намешавад. Тарангӣ дар тавлиди ҳамсадоҳо бо маҳалли ба вуҷуд омадани монеа маҳдуд мешавад. Қисматҳои дигари дастгоҳи гуфтор ва резонаторҳо таранг нестанд.

**3.** Фарқи дигари садонокҳо ва ҳамсадоҳо дар нерӯи ҳавои хориҷшаванда зоҳир мегардад. Ҳангоми тавлиди ҳамсадоҳо ба туфайли ба монеа бархӯрданаш нерӯи ҳаво нисбат ба садонокҳо, ки монеа надоранд, бисёртар аст. Ҳамин тариқ, садонокҳо бо шиддатнокии яклухти дастгоҳи овозсозӣ, надоштани монеа ва ҷараёни нисбатан сусти ҳаво аз ҳамсадоҳо фарқ мекунанд. Хусусиятҳои зикршуда бештар барои фарқ кардани садонокҳо ва ҳамсадоҳои шавшувдор муҳим аст. Ҳамсадоҳои лаҳнӣ аз рӯи ин хусусиятҳо фарқ доранд. Аввал ин ки ҳамсадоҳои сонорӣ мисли ҳамсадоҳои шавшувдор дорои махраҷ мебошанд (ва онҳо дар ин маврид ба ҳамсадоҳо наздик мешаванд), вале монеа дар талаффузи онҳо то дараҷае заиф аст, ки он сонорихоро ба садонокҳо наздик мекунад. Роҳи баромади ҳаво низ дар талаффузи сонорихо нисбат ба шавшувдорҳо кушодатар аст ва ин ҳолат ҳам ин гурӯҳи ҳамсадоҳоро ба садонокҳо наздик месозад. Сониян, дар талаффузи сонорихо ҷараёни ҳаво мисли садонокҳо сусту заиф аст. Ниҳоят, дар тавлиди ин овозҳо монеа мисли ҳамсадоҳо дар махраҷи муайян ба вуҷуд меояд, қисматҳои дигари дастгоҳи нутқ шиддатнок нестанд.

➢ Аз рӯи хусусиятҳои шунавоӣ дар байни садонокҳо ва ҳамсадоҳо фарқи муайяне гузоштан душвортар аст, зеро ҳамсадоҳо аз рӯи аломатҳои физикии худ якхела нестанд.

!

- Ҳамсадоҳо аз рӯи хусусияти физикиашон ба ду гурӯҳ: *ҳамсадоҳои шавшувдор ва сонорӣ* ҷудо мешаванд.

Агар аз рӯи хусусиятҳои физикӣ гурӯҳи овозҳо (садонокҳо, ҳамсадоҳои сонорӣ ва ҳамсадоҳои шавшувдор)-ро байни худ

муқоиса кунем, ҳамсадоҳои сонорӣ аз рӯи баъзе хусусиятҳо ба садонокҳо, аз рӯи хусусиятҳои дигарашон ба ҳамсадоҳо наздикӣ пайдо мекунанд. Масалан, ҳамсадоҳои сонорӣ аз рӯи сохти формантӣ ва лаҳннокию тамдид ба садонокҳо наздиктаранд, вале аз ҷиҳати шиддатнокӣ онҳо ба ҳамсадоҳои шавшувдор наздикӣ доранд. Аз рӯи лаҳннокӣ ҳамсадоҳои сонорӣ ба садонокҳо ва ҳамсадоҳои ҷарангдор қаробату монандӣ доранд ва дар якҷоягӣ бо ҳамсадоҳои шавшувдор мувофиқи камшавии дараҷаи лаҳннокӣ силсилаи садонок – сонорӣ, ҷарангдор – беҷарангро ба вуҷуд меоранд. Ҳамин тариқ, аломати физикие, ки ҳамсадоҳои сонорию шавшувдорро аз садонокҳо фарқ мекунад, вуҷуд надорад. Аз рӯи хусусиятҳои физикӣ фарқи байни садонокҳо ва ҳамсадоҳо хусусияти дараҷагӣ дорад:

***садонокҳо*** → ***ҳамсадоҳои сонорӣ*** → ***ҳамсадоҳои шавшувдор***

**Низоми садонокҳои забони тоҷикӣ.** Дар забони адабии ҳозираи тоҷик миқдори садонокҳоро савтшиносон шаш то қайд намудаанд.[23] Аммо бояд гуфт, ки олимон дар баёни ин масъала ҳамфикрӣ надоранд ва вокализми (лот. vokalis – садонок) забони тоҷикиро баъзе савтшиносон иборат аз ҳашт фонема[24] *и, й; у, ӯ, у:, о, а, э* ва дигарҳо иборат аз ҳафт фонема[25] *и, й:, у, у:, о, а, э* медонанд. Бо вуҷуди ин дар давраи ҳозираи забоншиносии тоҷик аксарияти мутахассисон системаи шашфонемагии садонокҳоро меписанданд ва дар китобҳои дарсии мактабҳои оливу миёна овардани ин система расм шудааст.

---

[23]Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985. -с.21. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989. -с.48. Растаргуева В.С. Краткий очерк фонетики таджикского языка (Учеб. Пособие для филол. Факультетов тадж. вузов), Сталинобод, 1955, стр.24-25. Убайдуллоев Р.М. Таджикский вокализм. Учен. записки ДГПИ, т. 90, сер. "иност. языки", Душанбе: 1974, стр.193.

[24]Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Сталинобод. 1940. -с.39-41. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Қисми 1. Лексикология, фонетика, морфология. – Душанбе: 1973. -с.92-93.

[25] Л.Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммедов. Грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод: 1949. -с.21-22.

***Ҷадвали 1.***

***Тазоди садонокҳо***

| аъзои дуюм / аъзои якум | **Э** | **А** | **Ӯ** | **У** | **О** |
|---|---|---|---|---|---|
| **И** | сир-сер<br>шир-шер | сир-сар<br>бист-баст | шир-шӯр<br>дил-дӯл | пир-пур<br>дид-дуд | тир-тор<br>бим-бом |
| **Э** | | бед-бад<br>сер-сар | шер-шӯр<br>рез-рӯз | хеш-хуш<br>бед-буд | бед-бод<br>дер-дор |
| **А** | | | кар-кӯр<br>бар-бӯр | бар-бур<br>пар-пур | бад-бод<br>бар-бор |
| **Ӯ** | | | | хӯрд-хурд<br>гӯл-гул | сӯз-соз<br>тур-тор |
| **У** | | | | | буд-бод<br>буз-боз |

Мушоҳидаи нутқи адабии имрӯза ва баъзе тадқиқотҳои дар ин замина пешбурдаи илмӣ низ ҳамин фикрро тақвият медиҳанд. Хусусияти шашфонемагии вокализми забони адабиро тазодҳои болоӣ нишон медиҳад. ***(ҷадвали 1.)***

Мустақилияти фонемаҳои болоро бадалшавии овозҳои зерин низ тасдиқ карда метавонанд:

| **а/у** | **о/у** | **ӯ/у** |
|---|---|---|
| бар – бурд | супор – супурд | гӯй – гуфт |
| шав – шуд | шумор – шумурд | шӯй – шуст |

***Гурӯҳбандии садонокҳо.*** Дар сохта шудани садонокҳои забони тоҷикӣ аз узвҳои овозсоз асосан забон ва лабҳо иштирок мекунанд. Бинобар ин таснифи тавлидии садонокҳо дар асоси ҳамин ду узв сурат мегирад. Яъне забон ҳамчун узви фаъол ба ду тараф ҳаракат мекунад ва вобаста ба ҳаракати забон садонокҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад:

**a.** аз пеш ба қафо ё аз қафо ба пеш (ҳаракати уфуқӣ);
**b.** аз поён ба боло ё аз боло ба поён (ҳаракати амудӣ).

Барои таснифи садонокҳо аз ҷиҳати ҳаракати уфуқии забон се нукта: пеш, марказӣ (омехта) ва қафо ба назар гирифта мешавад.

Вобаста ба ҳамин садонокҳои забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

> **1.** Садонокҳое, ки дар талаффузи онҳо забон ба пеш кашида мешаванд, садонокҳои қатори пеш меноманд: и, э.
>
> **2.** Садоноке, ки ҳангоми талаффузашон забон ба ақиб моил мешавад, садонокҳои қатори ақиб ном доранд: о, у.
>
> **3.** Садоноке, ки дар талаффузи он қисми гуногуни забон баробар ба тарафи ком бардошта мешавад, садоноки қатори миёна ё омехта ном дорад: ӯ, а.

Дар ҳаракати амудии забон барои системаи садонокҳои забони тоҷикӣ се дараҷаи бардошт муҳим аст ва алоқамандона бо ҳамин садонокҳои забони тоҷикӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

**a.** садонокҳои бардошти поён – а;
**b.** садонокҳои бардошти миёна – э, ӯ, о;
**c.** садонокҳои бардошти боло – и, у.




Дар тавлиди садоноки бардошти поён [а] ҷоғи паст ба поён фаромада, забон каме ба боло майл мекунад ва даҳон нисбат ба талаффузи ҳамаи садонокҳои дигари тоҷикӣ кушодатару фарохтар мегардад.

Дар талаффузи садонокҳои бардошти миёна [э, ӯ, о] ҷоғи поён камтар мефарояд, дараҷаи кушодагии даҳон низ камтар аст. Ба туфайли чунин ҳолати даҳон забон дар тавлиди фонемаҳои [э, ӯ, о] бештар ба боло бардошта мешавад. Ин бардошт дар тавлиди садоноки э барҷастатар аст.

Ҳангоми сохта шудани садонокҳои бардошти боло [и, у] забон бо шиддат ба боло бардошта мешавад, аммо ҷоғи поён имконияти ба боло ҳаракат кардан надорад. Аз ҳамин ҷиҳат дараҷаи кушодагии даҳон дар ташкили овозҳои и ва у, нисбат ба ду гурӯҳи аввали садонокҳо камтар аст.

Чи тавре ки қайд намудем, баробари забон лабҳо низ дар сохта шудани садонокҳои забони тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд, вале иштироки онҳо дар тавлиди ҳамаи садонокҳо якхел нест. Агар онҳо дар тавлиди баъзе садонокҳо доиравор гирд шуда, ба дараҷаи кам ё зиёд ба пеш ҳаракат кунанд, дар талаффузи садонокҳои дигар беҳаракат мемонанд.

Вобаста ба иштироки лабҳо садонокҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

**a.** садонокҳои лабӣ – у, о, ӯ;

**b.** садонокҳои ғайрилабӣ – и, э, а.

Бояд гуфт, ки лабҳо дар сохта шудани баъзе садонокҳо (масалан [у]) бештар гирд шуда, доираи тангтарро ба вуҷуд оранд, ҳангоми сохтани садонокҳои дигар (чунончи, [о]) камтар гирд шуда, андак ба пеш ҳаракат мекунанд. Аммо ин фарқи кори лабҳо барои вокализми тоҷикӣ муҳим нест.

**Ҷадвали 2.**

**Нишонаҳои фарққунандаи садонокҳо**

| **Бардошти забон** | **қ а т о р** | | | **Иштироки лабҳо** |
|---|---|---|---|---|
| | **пеш** | **омехта** | **қафо** | |
| **боло** | | | **у** | **лабӣ** |
| | **и** | | | **ғайрилабӣ** |
| **миёна** | | **ӯ** | **о** | **лабӣ** |
| | **э** | | | **ғайрилабӣ** |
| **поён** | | **а** | | **ғайрилабӣ** |

***Тавсифи садонокҳо.*** Тавсифи садонокҳои тоҷикӣ дар бештари мавридҳо ба тобишҳои асосии онҳо асос меёбад. Тобишҳои асосии фонемаҳои садонок дар талаффузи алоҳидаи садонокҳо воқеъ мегардад. Ин тобишҳо ба тобишҳои дигари садонокҳо, ки дар муҳитҳои дигари овозӣ (масалан, дар ҳолати заданокӣ, аввал, мобайн ва охири калима ва ғайра) зоҳир мешаванд,

бисёр наздик мебошанд. Тобишҳои дигари фонемаҳо, ки дар ҷараёни нутқ падид меоянд, барои равшантар кардани тобиши асосӣ ва нишон додани доираи тағйири он оварда мешаванд.

❖ *Садонокҳои қатори пеш.* Фонемаи [и] садоноки қатори пеш, бардошти боло ғайрилабист. Ҳангоми талаффузи ин садонок нӯги забон ба поён моил шуда, дар паси дандонҳои поён қарор мегирад, забон ба пеш майл мекунад ва ба туфайли ҳамин ин садонок ба гурӯҳи садонокҳои қатори пеш дохил мешавад.


Расми 3. Рентгенограммаи садоноки [и].

Дар тавлиди садоноки [и] лабҳо гирд намешаванд ва ба пеш ҳаракат намекунанд, вале кунҷҳои онҳо ба тарафи чапу рост андаке кашида мешавад. Дар тавлиди [и] ковокии даҳон нисбат ба [э] тангтар аст. Садоноки [и] дар ҷараёни нутқ тобишҳои гуногун пайдо мекунад, вале онҳо аз доираи овози қатори пеш, дараҷаи бардошти боло берун намебароянд. Тобиши асосии фонемаи [и] дар сабки возеҳи нутқ дар се ҳолат мушоҳида мешавад:

Дар гуфтугӯ садоноки [и] ба тағйироти овозӣ дучор шуда, тобишҳои сершумор пайдо мекунад. Фонемаи [и] аслан садоноки танг аст, вале дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои й, ш, ж, ч, ҷ боз тангтар мешавад, ҷигар, ҷисм, чит, шин. Тобиши нисбатан кушоди [и]-ро дар охири калима (кӣ, чӣ) дидан мумкин аст.

**a.** дар ҳиҷои заданок: кин, шир, тир;
**b.** вақте ки ин садонок як ҳиҷоро ташкил медиҳад: и-шо-ра, Са-и-да;
**c.** дар ҳиҷоҳои аввали калима: (ид, ис-лом, ин-кор).

Фонемаи [и] дар ҳамнишинӣ бо фонемаҳои ҳамсадои забончагӣ ва ҳалқӣ тобиши моилӣ ба қафо пайдо мекунад: қир, хишт, хирман, ҳикоят. Тобиши нисбатан дарози [и] дар ҳиҷои охири калима (ё синтагма), пеш аз танфис воқеъ мешавад: *Зебой //зебоии ахлоқ аст. Ту омадӣ // вале...* Дар ин маврид заданок ё безада будани ҳиҷо аҳамият надорад.

Тобиши кӯтоҳтарини садоноки [и] дар ҳиҷои кушоди безада (гиреҳ, сифат, китоб, сиёҳ) зоҳир мешавад.

Садоноки [и] дар ҳамаи ҳолатҳо: дар аввал, охир ва мобайни калима истифода мешавад: имрӯз, ҷунбидан, сафедӣ.



Расми 4. Рентгенограммаи садоноки [э].

Фонемаи [э] садоноки қатори пеш, дараҷаи бардошти миёна, ғайрилабӣ мебошад. Дар тавлиди [э] даҳон нисбат ба [и] фарохтар шуда, рӯи забон ба ком бештар бардошта мешавад. Нӯги забон ё ба дандонҳои поён мерасад ва ё дар пушти онҳо қарор мегирад. Лабҳо гирд намешаванд ва ба пеш майл намекунанд, вале гӯшаҳои онҳо то андозаи диданӣ ба ду тараф кашида мешаванд, аммо на ба дараҷаи тавлиди [и]. Садоноки [э] устувор аст ва аз ҳамин рӯ, ба тағйироти сифатию миқдорӣ кам дучор мешавад. Бо вуҷуди ин баъзе тобишҳои онро қайд кардан мумкин аст. Тобиши асосии [э] дар ҳолатҳои зерин мушоҳида мешавад:

**a.** дар ҳиҷои заданок: бед, рег, дег, бех, сел;

**b.** дар аввали калима: элак, эмин, эм, эҳсон;

**c.** дар ҳиҷои безада: беда, мева, пешин, девор.

Аз ҷиҳати дараҷаи бардошт садоноки [э] ду тобиш дорад. Тобиши нисбатан кушоди он дар охири калима равшантар мушоҳида мешавад: шанбе, се, не, фарбе(ҳ). Тобиши нисбатан танги [э]:

**a.** дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои забончагӣ: мехча, рехта, теға;
**b.** дар охири калима: сухане, касе, чизе;
**c.** дар ҳамсоягӣ бо ҳамсадоҳои й, ж, ш, ч, ҷ: чеғ, пеша, шер, ченак воқеъ мешавад.

Дар ҳиҷои баста ва дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои байнизабонию ҳалқӣ садоноки [э] бисёртар кӯтоҳ шуда, ба фонемаи [ӣ] наздик мешавад ва ин ҳолат гоҳе сабаби пайдоиши вариантҳои овозии калимаҳо (ҳеҷ//ҳиҷ, бадеъ//бадиъ, монеъ//мониъ) ва бадалшавии э ба и мегардад: нех – ниҳод.

Садоноки [э] дар аввал, мобайн ва охири калима меояд: элак, беша, бед, шанбе.

❖ *Садонокҳои қатори омехта.* Фонемаи [ӯ] садоноки қатори омехта, дараҷаи бардошти миёна ва лабӣ мебошад. Дар тавлиди ин садонок даҳон нисбат ба садоноки [ӯ] кушодатар ва нисбат ба

садоноки [а] тангтар аст. Забон бардошта шуда, нӯги он қафо меравад ва қисми марказиаш нуқтаи баландтаринро ишғол менамояд. Дар тавлиди [ӯ] лабҳо гирд шуда, ба пеш ҳаракат мекунанд, вале доира ва дараҷаи ба пеш ҳаракат кардани онҳо дар тавлиди [ӯ] нисбат ба [у] камтар ва назар ба [о] бештар аст. Болиштакҳои лабҳо каме ба берун майл мекунанд. Садоноки [ӯ] аз ҷиҳати сифат садоноки устувор аст, аз ин рӯ нисбат ба садонокҳои дигар камтар тағйир меёбад.

Бояд гуфт, ки корбасти садоноки [ӯ] дар забони тоҷикӣ маҳдуд аст. Ин садонок дар аввали калимаҳои аслан тоҷикӣ истифода намешавад, вале дар мобайн ва охири онҳо кор фармуда мешавад: рӯбоҳ, кӯза, абрӯ, рӯзона, хушбӯ, хушрӯ.



Расми 5. Рентгенограммаи садоноки [ӯ].

Фонемаи [а] садоноки ғайрилабии дараҷаи бардошти поён ва қатори омехта аст. Дар тавлиди садоноки [а] даҳон нисбат ба талаффузи ҳамаи садонокҳои дигари забони тоҷикӣ кушодатар аст. Нӯги забон метавонад дар паси дандонҳои поён қарор гирад ва ё ҳамроҳи ҷоғи поён каме ба қафо кашида шавад, ки ин боиси пайдо шудани тобиши ба қафо моили [а] мегардад. Қисми пеши забон ба тарафи ком бардошта мешавад, вале ба сабаби кушодагии даҳон ба ком намерасад. Лабҳо дар тавлиди [а] иштирок намекунанд.

Садоноки [а] дорои варнантҳо буда, дар ҷараёни нутқ ба тағйироти сифатию миқдорӣ дучор гардида, тобишҳои басо гуногун пайдо мекунад. Тобиши асосии фонемаи [а] дар мавридҳои зерин ба назар мерасад:

**a.** дар ҳиҷои заданок *сар, бар, дар,* аммо ба шарте ки пас аз ин садонок ҳамсадоҳои забончагӣ наояд;
**b.** дар мавридҳои дар алоҳидагӣ ҳиҷо сохтан: *бо-а-даб, а-ро-ба, мат-ба-а.*

Аз рӯи аломати қатор тобиши ба қафо моили садоноки [а] дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои забончагӣ воқеъ мешавад. Таъсири ин ҳамсадоҳо ҳатто дар ҳиҷои заданок ҳам мушоҳида мешавад: *ханда,*



Расми 6. Рентгенограммаи садоноки [а].

*қад, ғарқ.* Тавлиди забончагии ҳамсадоҳои х, ғ, қ тамоми забонро ба қафо мекашад ва ин ҳолат боиси пайдоиши тобиши ба қафо майли садоноки [а] мегардад. Тобиши ба пеш моили фонемаи [а] дар ҳамнишинӣ бо садонокҳои е ва и (ё-и ваҳдат, ё-и ишорату бандаки изофӣ) ва ҳамсадои й пайдо мешавад: *хонаи дӯст, бачае, ки...* Дар ин маврид садоноки [а] аз рӯи дараҷаи бардошт тағйир меёбад. Вай гоҳе тобиши бисёр танг пайдо карда, дараҷаи аз поён болотарро мегирад.

Садоноки [а] дар ҳиҷои кушоди безада сифатан бештар тағйир меёбад ва ба фонемаи [и] наздик мешавад. Ин ҳолат гоҳо боиси ҳамдигарро иваз кардани ин овозҳо мешавад: *зимистон//замистон, бародар//биродар...*

Бояд гуфт, ки фонемаи [а] дар калима истеъмоли озод дорад: *абр, бача, хона, хабар, банда, ...*

❖ *Садонокҳои қатори қафо.* Фонемаи [у] садоноки қатори қафои моил ба пеш, лабӣ, дараҷаи бардошти боло мебошад.

Дар тавлиди садоноки [у] дараҷаи кушодагии даҳон нисбат ба [ӯ] камтар аст ва болиштакҳои лабҳо ба берун ва забон ба қафо майл мекунанд. Вобаста ба дараҷаи ба пеш ё қафо кашида шудани забон садоноки [ӯ] метавонад тобишҳои моили пеш ё қафо дошта бошад.

Аз ҷиҳати бардошт садоноки [у] ба тавлиди садоноки [и] баробар аст. Вай ба гурӯҳи танги садонокҳои бардошти боло дохил мешавад. Ин садонок дар ҷараёни нутқ моили тағйирот аст.

Садоноки [у] дар ҳолати заданокӣ аз ҷиҳати қатор асосан ду тобиш – тобиши моили қафо (аз қатори маъмулӣ қафотар) ва тобиши моили пеш дорад.

Тобишҳои гуногуни [у] дар ҳолати заданоку безада, дар сабки гуфтугуй дар се маврид пайдо мешавад:

**a.** дар ҳиҷои заданоки баста ва кушода: *гул, дуд, буд, ҷоду;*
**b.** дар ҳамнишинӣ бо ҳамаи ҳамсадоҳо ба ҷуз ж, ш, ҷ, ч, ғ, ҳ, к: *суд, руд, бозу, зону, каду;*

**с.** дар ҳиҷои аввали калима, дар мавридҳое, ки садоноки [у] алоҳида ҳиҷо месозад: *у-мум, у-сул, у-қоб, у-фуқ.*

Тобиши моили қафои садоноки [у] дар ҳамсоягӣ бо ҳамсадоҳои забончагӣ воқеъ мегарданд: *қудо, қум, ғул, ғубор, ғурбат, хурмо, хулқ.* Ин ҷо тавлиди [у] нисбат ба тобишҳои дигараш тавлиди қафотар дорад.



Расми 7. Рентгеногарммаи садоноки [у].

Фонемаи [у] дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои ж, ш, ч, ҷ ва й баръакси тобиши болоӣ майли пеш дорад: *шутур, шуш, шуҷоъ, ҷувол, ҷудо, ҷумла*. Ин садонок ҳам бештар дар ҳиҷои кушоди безада сифатан тағйир меёбад. Вай дар ин ҳолат, махсусан, баъд аз ҳамсадоҳои беҷаранг метавонад то дараҷаи аз байн рафтан ихтисор шавад: *шутур, ҷудо, шумо* ва амсоли инҳо.

Дар сабки возеҳи гуфтор фонемаи [у] хусусиятҳои худро барқарор мекунад. Ин фонема дар ҳама ҳолатҳои калима истифода мешавад*: устухон, умед, кабуд, кушод, каду, бону, дору...*

Фонемаи [о] садоноки қатори қафои майли пеш, дараҷаи бардошти миёна ва лабист. Дар тавлиди садоноки [о] ковокии даҳон нисбат ба [ӯ] ва [у] кушодтар, вале нисбат ба [а] тангтар аст. Нӯги забон як дараҷа аз дандонҳо дур ва забон бо устухони зераш ба қафо кашида мешавад ва лабҳо гирд шуда, ба пеш ҳаракат мекунанд. Доираи онҳо дар тавлиди [о] нисбат ба [ӯ] ва [у] калонтар, вале дараҷаи ба пеш майл кардани лабҳо ва [у] ва [ӯ] камтар аст. Болиштакҳои лабҳо каме ба берун майл мекунанд. Фонемаи [о] аз ҷиҳати дараҷа ба гурӯҳи садонокҳои кушоди дараҷаи бардошти миёна мансуб аст. Садоноки [о] ба тағйирот кам дучор мешавад. Бо вуҷуди ин баъзе тобишҳои онро метавон нишон дод.

Вобаста ба ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳо садоноки [о] ду тобиш пайдо мекунад: тобиши моили пеш ва тобиши моили қафо. Тобиши аввалӣ дар ҳамсоягӣ бо ҳамсадои лабию пеши забонӣ (боло, пода, модар, додар) ва тобиши дигар дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои

забончагӣ ва ҳалқӣ (қоқ, ғорат, ҳоким) пайдо мешавад. Дар ҳолати дуюм тавлиди тобиши фонемаи [о] қафотар аст.

Тобиши нисбатан танги [о] дар ҳиҷои безада зоҳир мегардад: *бо-бо, о-бӣ, до-дар, по-да.*



Расми 8. Рентгенограммаи садоноки [о].

Дар ҳиҷоҳои баста ва кушодае, ки бо ҳамсадо сар мешаванд, садоноки [о] тобиши кушодатар дорад: *до-дар, до-ру, боғ-бон, тоб-дор,* вале фарқҳои зикршуда барои моҳияти овозии фонемаи [о] чандон қобили таваҷҷӯҳ нестанд. Хусусияти барҷастаи фонемаи [о]-и тоҷикӣ устувории сифатию миқдории он аст: ин фонема дар ҳама ҳолат дароз ва равшан талаффуз мешавад ва дар калима истеъмоли озод дорад: *ободӣ, бобо, сабо, сода, гулоб, доно, орзу...*

**Ёдбарсарҳо.** Чӣ тавре ки қайд намудем забони тоҷикӣ 35 то ҳарф дорад, ки аз ҷумлаи онҳо 4 то ёдбарсар аст. Мо дар боло дар боби хусусиятҳои садоноку ҳамсадо батафсил маълумот дода гузаштем, аммо ин ҷо бояд таъкид намуд, ки ёдбарсарҳо ҳар кадом аз ду фонемаи мустақил, ҳамсадою садонок иборат буда, садонокҳое мебошанд, ки пеш аз худ овози "й" доранд (я – й+а; ё – й+о; ю – й+у; е – й+э;), аз ин боис савтшиносони тоҷик дар гурӯҳи алоҳида мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар забони форсӣ ин қабил ҳарфҳоро ***йотбарсар* (یاتبرسر)** хонанд ва аз лафзи юнонии "йот" будани онҳоро низ таъкид кардаанд. Ёдбарсарҳо ба ҷадвали умумии садонокҳо дохил намешаванд, аммо чун садонокҳо дар сохтани ҳиҷо ва зада мавқеи асосӣ доранд: Я-қуб, Яҳ-ё, Ёд-гор, ё-рӣ, та-мо-юл, юн-дӣ, е-лим, фо-не-ма.

**Низоми ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ.** Масъалаи миқдори ҳамсадоҳои забони адабии тоҷик низ бебаҳс нест. Шумори ҳамсадоҳои тоҷикиро иборат аз 24 фонема *б, п, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, ҷ, ч, м, л, р, н, й, к, г, ғ, х, қ, ҳ ва ъ* медонанд. Дар айни замон баъзе муаллифон овози ъ-ро ба руйхати фонемаҳо дохил накардаанд, аммо гарчанд фонемаи ъ иқтибосист, ба руйхати фонемаҳои тоҷикӣ дохил накунем, мо таркиби фонемагии калимаҳои типи *навъ, шамъ, лаъл, шӯъла, баъд, раъд, лаълӣ* ва амсоли онҳоро, ки бешубҳа унсурҳои

хазинаи луғати забони тоҷикӣ мебошанд, дуруст муайян карда наметавонем.

Аммо бояд гуфт, ки мувофиқи теъдоди ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ, ки 4 октябри соли 2011 тасдиқ шудааст, 35-то ҳарф мавҷуд аст.

Агар таркиби овозии калимаҳои аслан тоҷикӣ ва унсурҳои луғавии тоҷикишударо ба назар гирем, асосан 24 фонемаи ҳамсадо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Фарқи ин ҳамсадоҳоро нишонаҳои зерин собит менамоянд:

a. ***пеш аз садоноки [а]:*** бар – пар, бар – мар, варо – фаро, вар (аз ва агар) – фар, дар – тар, зар – сар, ҷой – чой, ранг – ланг, дам – нам, ноз – йоз, йах – рах, ганда – канда, ғам – кам, ғарқ – қарқ, қанд – ханд, ҳам – ҳам ва ғайра;

b. ***пеш аз садоноки о:*** бода – пода, бон – мон, дор – тор, зор – сор, рон – нон, жола – шола, чоҳ – ҷох (аз ҷоҳу ҷалол), гом – ком, ғор – хор, ҳой – хой, йор – нор, лошак – рошак ва ғайра.

Дар ин ҳолат танҳо фонемаҳои **ж, ш, ъ** бо сабабҳои муайян, яъне овози ъ дар аввали калима истеъмол намешавад ва овози ж камистеъмол буда, одатан ба ҳамсадои **ҷ** (жола//ҷола) табдил меёбад, бо ҷуфтҳои мувофиқи худ фонемаҳои **ш** ва **х** дар тазодҳо иштирок намекунанд. Дар ҳолатҳои дигар ин фонемаҳо аз ҷуфтҳои худ фарқ мекунанд: жола – шола, қаър – қаҳр, возеъ – возеҳ ва ғайра. Бинобар ҳамин ин овозҳоро ба руйхати фонемаҳои забони адабӣ даровардан зарур аст.

***Гурӯҳбандии ҳамсадоҳо.*** Ҳамсадоҳои забони адабии ҳозираи тоҷик аз рӯи хусусияти зерин аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

**a.** аз рӯи кори узви фаъол (ё махраҷ);
**b.** аз рӯи тарзи тавлид;
**c.** аз рӯи иштироки резонаторҳо;
**d.** кори садопардаҳо (иштироки шавшув ва лаҳн).

❖ *Аз рӯи кори узви фаъол.* Дар сохта шудани ҳамсадоҳои тоҷикӣ лабҳо, забон, забонча ва халқ саҳми бештар доранд ва узви фаъол ҳисоб мешаванд. Вобаста ба ҳамин чор узв ҳам садоҳо ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:

***a.*** *ҳамсадоҳои лабӣ*
***b.*** *ҳамсадоҳои забонӣ*
***c.*** *ҳамсадоҳои забончагӣ*
***d.*** *ҳамсадоҳои ҳалқӣ.*

➢ Ба гурӯҳи *ҳамсадоҳои лабӣ* фонемаҳои ***б, п, в, ф*** ва ***м*** дохил мешаванд. Дар тавлиди ин ҳамсадоҳо узви фаъол лаби поён аст. Дар тавлиди як гурӯҳи онҳо лаби поён ба лаби боло (фонемаҳои б, п, м), дар ташкили гурӯҳи дигар (ҳамсадоҳои в, ф) лаби поён ба дандонҳои боло ҳамкорӣ мекунад. Вобаста ба ҳамкории узвҳои фаъол бо ғайрифаъол ҳамсадоҳои овардашударо боз ба ду гурӯҳ: лабулабӣ (б, п, м) ва лабу дандонӣ (в, ф) ҷудо мекунанд. Дар тавлиди ин ҳамсадоҳо узви фаъол лаби поён аст, ки он бо узвҳои ғайрифаъол (лаби боло ва дандонҳои боло) дар якҷоягӣ ин ҳамсадоҳоро месозад.

➢ *Ҳамсадоҳои забонӣ* гурӯҳи калонтарини консонантизми (лот. consonans, consonantis – ҳамсадо) тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳ чаҳордаҳ фонемаро дар бар мегирад: **д, т, п, з, с, л, ж, ш, ч, р, й, г** ва **к**. Дар тавлиди ин фонемаҳо узви асосӣ забон аст, вале дар тавлиди фонемаҳои мухталиф қисматҳои гуногуни он иштирок мекунад. Дар забони тоҷикӣ барои аз якдигар фарқ кардани ҳамсадоҳо кори се қисми забон пеши забон, байни забон ва бехи забонро ба назар гирифтан муҳим аст. Ин се қисми забон ҳамсадоҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

**a.** ҳамсадоҳои пешизабонӣ: д, т, з, с, ж, ш, ч, ҷ, р, л, н.
**b.** ҳамсадои байнизабонӣ: й.
**c.** ҳамсадоҳои бехизабонӣ: г ва к.

Агар дар ташкили ҳамсадоҳои гурӯҳи аввал пеши забон бо дандонҳои боло ва милкҳои онҳо ҳамкорӣ дошта бошад, дар ташкили ҳамсадои й байни забон бо қисми пеши ком ва дар мавриди ҳамсадоҳои бехизабонӣ қисми қафои забон бо қисми охирини ком иштирок мекунад.

➢ Гурӯҳи *ҳамсадоҳои забончагӣ* се фонема (**ғ, х, қ**)-ро дарбар мегирад. Сабаби забончагӣ номида шудани ҳамсадоҳои мазкур ин аст, ки дар тавлиди онҳо забонча серҳаракат аст. Қисми бехи забон бинобар озод набуданаш барои ҳаракат имконияти камтар дорад. Ғафсӣ ва вазнинӣ, ҳаҷму шакли он имкон намедиҳад, ки вай серҳаракат бошад. Аммо забонча дар ин маврид вобаста ба ҳолату ҳаҷму вазнаш барои ҳаракат бештар имконият дорад.

➢ Ба гурӯҳи *ҳамсадоҳои ҳалқӣ* фонемаҳои **ъ** ва **ҳ** дохил мешаванд. Ин фонемаҳо ба воситаи ба якдигар расидан ё наздик шудани девораҳои ҳалқ сохта мешаванд. Фонемаи ъ ҳамсадои ҳалқии рӯякӣ ва ҳ ҳалқии чукур аст. Ҳамсадои ъ дар натиҷаи ба ҳам расидани девораҳои қисми болоии гулӯ ва ҳамсадои ҳ дар сурати ба ҳам наздик шудани деворҳои қисми поёнтари он воқеъ мегардад.

Гурӯҳбандии мазкур ба кори узви фаъол (махраҷ) асос ёфтааст. Дар сохта шудани ҳамсадоҳо иштироки узвҳои ғайрифаъол низ ҳатмист. Мувофиқи кори узви ғайрифаъол ҳамсадоҳои тоҷикӣ ба гурӯҳҳои *лабулабӣ* (б, п, м), *лабудандонӣ* (в, ф), *дандонӣ* (д, т, з, с, л, н), *пешикомӣ* (ж, ш, ҷ, ч, р), *байникомӣ* (й), *пасикомӣ* (г, к), *бехизабонӣ* (ғ, х, қ) ва *ҳалқӣ* (ъ, ҳ) ҷудо мешаванд.

***Аз рӯи тарзи тавлид.*** Ҳамсадоҳои тоҷикӣ аз якдигар бо шавшуви хос низ фарқ мекунанд. Шавшуви ҳамсадоҳоро монеаҳое ба вуҷуд меоранд, ки дар дами ҳаво дар ягон ҷои дастгоҳи овозсоз ба монеа меоянд. Ин монеаҳо дар натиҷаи се тарзи ҳамкории узвҳои овозсоз пайдо мешаванд: *дар натиҷаи ба ҳамдигар расидан; наздик шудан; ларзидани узвҳо.* Вобаста ба ҳамин се тарзи пайдо шудани монеа ҳамсадоҳои тоҷикӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: *зич, роғ, ларзон.*

Дар тавлиди ҳар як ҳамсадо дар се марҳила фарқ дида мешавад:

***равиш*** – аз ҳолати озод ё аз тавлиди ягон овоз гузаштан ва тавлиди овози навбатиро зарур шуморидан;

***ҳамоиш*** – ҳамкории узвҳо дар ташкили овозҳо дар ҳолати омодагӣ.

***раҳоиш*** – аз ҳамдигар ҷудо шуда ба ҳолати аввала (озод) баргаштани узвҳо ё гузаштан ба тавлиди ҳамсадои дигар.

Арзиши ин се марҳилаи тавлид дар сохтани ҳамсадоҳои зич муҳимтар буда, равшантар зоҳир мегардад.

➢ Ба гурӯҳи *ҳамсадоҳои зич* дувоздаҳ фонема дохил мешавад: **б, п, м, д, т, н, ч, ҷ, г, к, қ, ъ.** Ҳамаи ин ҳамсадоҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар расидани узвҳои овозсоз пайдо мешаванд, вале марҳилаи раҳоиши онҳо як хел сурат намегирад.

Дар зуҳури марҳилаи раҳоиш ҳамсадоҳои зичи тоҷикӣ боз ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

➢ ҳамсадоҳои зичи тарканда: **б, п, м, д, т, н, г, қ, к, ъ;**

- ➢ ҳамсадоҳои зичи рахнадор (ё аффриката): **ҷ ва ч.**

Фонемаҳои **ҷ** ва **ч**-ро ҳамсадои мураккаб номанд ҳам, онҳо аз ду овози мустақил иборат нестанд, зеро: ин ҳамсадоҳо таърихан аз як ҳамсадои зич пайдо шудаанд; ҳарду ҷузъи онҳо ба воситаи як узви фаъол (пеши забон) сохта мешаванд; ду марҳилаи тавлиди онҳо (ҳамоиш ва раҳоиш) ду марҳилаи як ҷараён мебошад; дарозии ин ҳамсадоҳо аз тамдиди ду овози мустақил (масалан, **д** ва **ж** ё **т** ва **ш**) камтар аст ва аз ҳамин сабаб соҳибони забон онҳоро чун як фонема дарк мекунанд.

➢Ба гурӯҳи *ҳамсадоҳои роғ* ёздаҳ ҳамсадо дохил мешавад: **в, ф, з, с, ж, ш, л, й, ғ, х, ҳ.** Ҳамаи ин ҳамсадоҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар наздик шудани узвҳои овозсоз ва дар дами ҷараёни ҳаво ба вуҷуд омадани рахнаи ҳавобаро сохта мешаванд, аммо шакли ин рахна дар тавлиди ҳамсадоҳои роғ як хел нест ва дар як ҷо ба вуҷуд намеояд. Вобаста ба ҷои воқеъ гардидани рахна ҳамсадоҳои роғ ба ду гурӯҳча тақсим мешаванд:

- ➢ ҳамсадоҳои пешрахна ё марказӣ: **в, ф, з, с, ж, ш, й, ғ, х, ҳ;**
- ➢ ҳамсадои баррахна (ё паҳлуӣ): **л.**

Фарқи байни ин ду гурӯҳи ҳамсадоҳо дар он зоҳир мешавад, ки дар тавлиди ҳамсадоҳои пешрахна рахна дар қисми пеши даҳон ба вуҷуд меояд ва ҷараёни ҳаво ба пеш ҳаракат мекунад. Аммо дар тавлиди ҳамсадои паҳлуӣ бинобар ба воситаи нӯги забон баста шудани қисми пеш ҳаво аз ду тараф хориҷ мешавад.

Дар тавлиди ҳамсадоҳои роғ рахна дар як ё ду ҷои холигии даҳон ба вуҷуд меояд ва дар ин ҳол ҳамсадо метавонад як ё ду махраҷи тавлид дошта бошад. Аз рӯи ин хусусият ҳамсадоҳои роғи тоҷикӣ боз ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- ➢ ҳамсадоҳои якмахраҷа: **в, ф, з, с, л, ғ, х, й, ҳ.**
- ➢ ҳамсадоҳои думахраҷа: **ж, ш.**

Дар тавлиди ҳамсадоҳои якмахраҷа монеа дар қисми пеши холигии даҳон ба вуҷуд меояд, вале ҳамсадоҳои думахраҷа ба воситаи як узв – забон сохта шаванд ҳам, ду махраҷи тавлид доранд: махраҷи якум дар қисми пеши холигии даҳон дар натиҷаи ба коми сахт наздик шудани қисми пеши забон ва махраҷи дуюм дар қисми мобайни холигии даҳон бо роҳи наздик шудани байни забон ба ком пайдо мешавад.

❖ *Аз рӯи иштироки резонаторҳо.* Дар тавлиди ҳамсадоҳо иштирок доштан ё надоштани резонаторҳо ба ду ҳолати забонча вобаста аст: агар забонча бардошта шавад, роҳи ҳаворо ба холигии даҳон мекушояд ва онро ба кор меандозад ва баръакс агар забонча фуроварда шавад, як қисми ҳаво ба холигии бинӣ меравад. Ҳаво ҳангоми гузаштан аз ин холигиҳо ба мамониат дучор мешавад ва шавшуву тобиши махсуси ҳамсадоҳо ба вуҷуд меояд. Вобаста ба кори ин резонаторҳо ду хели ҳамсадоҳо ба вуҷуд меояд:

- ҳамсадоҳои димоғӣ: ***м, н***.
- ҳамсадоҳои ғайридимоғӣ (ё даҳонӣ): **б, п, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, ҷ, ч, л, р, й, г, к.**

❖ *Аз рӯи иштироки шавшув ва лаҳн.* Дар тавлиди ҳамсадоҳо иштирок доштани шавшув ва ҷаранг ба кори садопардаҳо вобаста мебошад. Агар ҳангоми овозсозӣ садопардаҳо кашида шуда, лаппишҳои муназзаму мудавварро ба вуҷуд оранд, *лаҳн* ва агар ин вазифаро иҷро накунанд, *шавшув* ҳосил мешавад. Ҳамсадоҳои тоҷикӣ дар таркиби худ ҳам лаҳн ва ҳам шавшув дошта метавонанд.

1. Шавшув хоси ҳамаи ҳамсадоҳои тоҷикӣ нест. Ин хусусият барои ҳамсадоҳои **б, п, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, ч, ҷ, г, к, ғ, х, қ, ҳ, ъ** хос аст. Ҳамсадоҳои **м, н, л, р, й** шавшув надоранд. Бинобар ҳамин ҳамсадоҳои гурӯҳи аввалро **шавшувдор** ва ҳамсадоҳои гурӯҳи дуюмро **бешавшув ё лаҳнӣ ё сонорӣ** меноманд.

2. Дараҷаи лаҳннокии ҳамсадоҳои тоҷикӣ низ як хел нест. Вобаста ба дараҷаи лаҳннокӣ ҳамсадоҳои тоҷикӣ боз ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

**a.** ҳамсадоҳои лаҳндор**: б, в, д, з, ж, ҷ, г, ғ, м, н, й, л, р.**

**b.** ҳамсадоҳои белаҳн: **п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ҳ, ъ.**

Ҳамин тавр, вобаста ба иштироки лаҳн ва шавшув ҳамсадоҳои тоҷикӣ се гурӯҳро ташкил менамоянд:

- ҳамсадоҳои лаҳнӣ, ки дар таркиби худ шавшув надоранд**: м, н, л, р, й;**
- ҳамсадоҳои шавшувӣ, ки аз лаҳн маҳрум мебошанд: **п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ҳ, ъ;**
- ҳамсадоҳое, ки аз омезиши шавшув ва лаҳн иборатанд: **б, в, д, з, ж, ҷ, г, ғ.**

**Ҷадвали 3.**

**Гурӯҳбандии ҳамсадоҳо аз рӯи лаҳн ва шавшув**

| ш а в ш у в д о р | | бешавшув (сонорӣ) |
|---|---|---|
| п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ҳ, ъ | б,/в/, д, з, ж, ҷ, г, ғ | м, н, л, р, й, /в/ |
| **белаҳн (беҷаранг)** | **лаҳндор (ҷарангнок)** | |

Ба туфайли иштироки шавшув ва лаҳн дар тавлиди ҳамсадоҳо шонздаҳ фонемаи ҳамсадо дар 8 ҷуфт муттаҳид мешавад: **б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-х.**

Фонемаҳои беҷаранги **қ, ъ, ҳ** ва сонории **м, н, л, р, й** ҷуфти мувофиқ надоранд.

***Нишонаҳои фарққунандаи ҳамсадоҳо.*** Дар забони адабии ҳозираи тоҷик 24 фонемаи ҳамсадо мавҷуд аст: ***б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ.*** Ин фонемаҳо байни худ алоқаи муайян доранд аз рӯи низоми муайян амал мекунанд ва туфайли чунин муносибаташон муттаҳид шуда, як системаро ба вуҷуд меоранд. Муносибати байни фонемаҳоро шабоҳат ва фарқияти онҳо муайян менамояд. Шабоҳат ва фарқияти фонемаҳоро нишонаҳои тафриқии онҳо дар тазодҳои фонологӣ ошкор месозанд. Ҳар як фонема ба воситаи нишонаҳои фарққунандаи худ, бо фонемаҳои дигар, аз як тараф, шабоҳату қаробат пайдо кунад, аз тарафи дигар, аз онҳо фарқ мекунад. Масалан, фонемаи [б] дорои нишонаҳои фарққунандаи *лабӣ, зичӣ, шавшувнокӣ, ҷарангнокӣ ва ғайридимоғист,* ки мо бо ин хусусиятҳо аз фонемаҳои дигар фарқ карда метавонем.

Аммо гуфтан ҷоиз аст, ки нишонаҳои тафриқии ҳамсадоҳо дар ҳамаи забонҳо якхел нестанд ва арзишу аҳамият ва бори фонологии гуногун доранд.



Туфайли ин нишонаҳо ҳамсадоҳо дар тазодҳои гуногун иштирок карда, шабоҳат ва фарқияти худро зоҳир менамоянд ва бо ин восита бо ҳамдигар алоқаманд мегарданд. Аз ҷумла ин тафовут ва айнияти овозҳоро дар асоси ҷадвали (4) зер метавон ба муқоиса гирифт.

**Ҷадвали 4.**

**Нишонаҳои фарққунандаи ҳамсадоҳо**

<table>
<tr><th colspan="2" rowspan="3">Тарзи тавлид</th><th colspan="7">Махраҷи тавлид<br>(Иштироки узви фаъол)</th><th colspan="2" rowspan="2">Иштироки шавшув ва лаҳн</th></tr>
<tr><th></th><th colspan="5">забонӣ</th></tr>
<tr><th>лабӣ</th><th>пешизаонӣ</th><th>байнизабонӣ</th><th>пасизабонӣ</th><th>забончагӣ</th><th>халқӣ</th><th colspan="2"></th></tr>
<tr><td rowspan="4">зич</td><td rowspan="2">тарканда</td><td>б</td><td>д</td><td></td><td>г</td><td></td><td></td><td>ҷарангдор</td><td rowspan="8">шавшувдор</td></tr>
<tr><td>п</td><td>т</td><td></td><td>к</td><td>қ</td><td>ъ</td><td>беҷаранг</td></tr>
<tr><td rowspan="2">рахнадор</td><td></td><td>ҷ</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>ҷарангдор</td></tr>
<tr><td></td><td>ч</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>беҷаранг</td></tr>
<tr><td rowspan="4">роғ</td><td rowspan="2">якмахраҷа</td><td>в</td><td>з</td><td></td><td></td><td>ғ</td><td></td><td>ҷарангдор</td></tr>
<tr><td>ф</td><td>с</td><td></td><td></td><td>х</td><td>ҳ</td><td>беҷаранг</td></tr>
<tr><td rowspan="2">думахраҷа</td><td></td><td>ж</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>ҷарангдор</td></tr>
<tr><td></td><td>ш</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>беҷаранг</td></tr>
<tr><td colspan="2">Зичи тарканда</td><td>м</td><td>н</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td colspan="2" rowspan="3">сонорӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">Роғи рахнадор</td><td></td><td>л</td><td>й</td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="2">ларзон</td><td></td><td>р</td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

## Тавсифи ҳамсадоҳо

❖ *Ҳамсадоҳои лабӣ.* Фонемаҳои **б** ва **п** ҳамсадоҳои лабулабии зичи тарканда ва шавшувдору ғайридимоғӣ аст. Онҳо дар натиҷаи ба лаби боло расндани лаби поён ба таври зер пайдо мешаванд: лаби поён то ба сатҳи дандонҳои боло ба истиқболи лаби боло, ки ҳамзамона ба поён моил аст, бардошта мешавад ва ба он мерасад. Нуқтаи расиши лабҳо тамоми болиштакҳои лабҳоро мепӯшонад ва дар байни лабҳо сурохӣ дида намешавад. Фишурдагии лабҳо

ҳангоми пайдоиши **п** нисбат ба **б** бештар аст ва аз ин рӯ, дар тавлиди **п** нуқтаи расиши узвҳо пурратару қавитар мебошад. Дар ташаккули фонемаҳои **б** ва **п** забон дар ҷояш мехобад, забонча роҳи ҳавои ба сӯи холигии бинӣ равандаро мебандад. Садопардаҳо дар тавлиди **б** меларзанд, вале ҳангоми сохта шудани **п** кор намекунанд. Ҳамсадои **б** ҷарангдор буда, ин сифати худро бештар дар аввали калима, дар мобайни садонокҳо ва дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои ҷарангдору сонорӣ нигоҳ медорад, вале дар охири калима ва дар ҳамнишинӣ бо беҷарангҳо лаҳни худро аз даст медиҳад ва ба ҷуфти беҷаранги худ бадал мешавад: *бобо, абр, шанбе, хоб [хоп], боб [боп] кардан, обкаш [опкаш].*



Расми 9. Рентгенограммаҳои фонемаҳои [б] ва [п].

Ҳамсадои **[п]** беҷаранг аст ва дар аввалу охир ва мобайни калима омада метавонад. Вай аксар сифати беҷарангии худро устуворона нигоҳ медорад. Танҳо дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои ҷарангдор дар дохили калима ва марзаи морфемаҳо қисман ё комилан ҷарангнок мешавад: *чапгард [чабгард], чопгар [чобгар].*



Расми 10. Рентгенограммаи ҳамсадои [м]

Фонемаи **м** ҳамсадои сонории лабулабии зич ва димоғӣ буда, аз рӯи узвҳои овозсоз бо ҳамсадоҳои **б** ва **п** ҳамузв мебошад. Ҳамсадои **м** ба воситаи лаби поён ва лаби боло сохта мешавад. Онҳо дар сатҳи дандонҳои боло ба воситаи болиштакҳои дохилиашон ба ҳамдигар мерасанд. Дар як замон пардачаи ком фуроварда мешавад ва як қисми ҷараёни ҳаворо

ба резонатори бинӣ мефиристад. Ин ҳолат боиси пайдоиши тобиши димоғии **м** мегардад, ки ба воситаи он аз фонемаҳои ҳаммахраҷи худ **б** ва **п** фарқ мекунад.

Ҳангоми сохта шудани **м** садопардаҳо ба таври мураттаб меларзад ва лаппишҳои давранокро ҳосил мекунанд. Дар спектри он шавшув қариб дида намешавад. Фонемаи **м** дар забони тоҷикӣ истеъмоли озод дошта, дар аввал, мобайн ва охири калима меояд: *ман, мадад, хамир, замир, бом, ком.*

Фонемаҳои **в** ва **ф** ҳамсадоҳои лабудандонӣ, шавшувдор, роғ ва ғайридимоғӣ мебошанд. Ҳангоми сохта шудани онҳо лаби поён ба тарафи дандонҳои боло бардошта мешавад ва ба воситаи тарафи дарунии ин болиштаки худ ба пӯстаи берунии нӯги дандонҳои боло мерасад, вале дар айни замон лаби боло ҳам як дараҷа бардошта мешавад ва дар байни лаби поёну лаби боло фосилаи муайяне пайдо мешавад, ки онро дидан мумкин аст. Расиши лаби поён ба дандонҳои боло ба дараҷае суст буда, ҷараёни ҳаво аз нуқтаи расиш ба осонӣ хориҷ мешавад, вале лаби поён дар сохта шудани ин ҳамсадоҳо аз шиддатнокӣ тамоман маҳрум нест. Шиддатнокӣ дар талаффузи **ф** нисбати **в** равшантар мушоҳида шуда, забон иштирок намекунад ва пардачаи ком роҳи ҷараёни ҳаворо ба сӯи ковокии бинӣ мебандад. Ҳамсадоҳои **ф** ва **в** ғайридимоғианд. Дар тавлидӣ **в** садопардаҳо ба таври мураттабу мунтазам кор карда, дар сохта шудани **ф** иштирок надоранд, ҳамсадои **в** ҷарангдор ва **ф** беҷаранг аст.



Расми 11. Рентгенограммаҳои ҳамсадоҳои [в] ва [ф]

Фонемаи **ф** аз ҷиҳати шавшувнокии худ фонемаи нисбатан устувор аст. Вай дар аввал, мобайн ва охири калима омада,

хусусияти бечарангии худро нигоҳ медорад: *фардо, фармон, афсона, кафидан, каф, саф, соф*.

Фонемаи **в** ҳам дар ҳамаи ҳолатҳо мушоҳида мешавад, вале баръакси дигар чарангдор ҳомоили лаҳнокшавист. Вай дар аввали калима чун ҳамсадои шавшувдори чарангнок зоҳир шавад, дар ҳолатҳои зерин ба ҳамсадоҳои сонорӣ монандӣ пайдо мекунад:

- пеш аз ҳамсадоҳои бечаранг ва дар охири калима: *навча, хавф, савсан, навтар, нав, чав, дав* ва амсоли инҳо;
- дар байни ду садонок: *ҳаво, бовар, девор;*
- дар охири калима, пас аз садоноки о ин фонемаи в тобиши лабу лабӣ пайдо мекунад: *гов (гоw), нов (ноw);*
- дар байни садонокҳои лабии **о, у, ӯ** хусусияти лабулабии фонемаи **в** равшантар зоҳир мешавад: *гувоҳ (гуwоҳ), гуворо (гуwоро).*

❖ *Ҳамсадоҳои забонӣ.* Хусусияти барчастаи ҳамсадоҳои забонӣ он аст, ки дар тавлиди ҳамаи онҳо забон ва қисмҳои гуногуни он ширкат доранд.

Дар тавлиди ҳамсадоҳои зичи **д** ва **т** пеши забон саҳми асосӣ дорад. Ин фонемаҳо дар натичаи ба қафои дандонҳои боло расидани рӯи нӯги забон сохта мешаванд. Нӯги забон ба боло бардошта мешавад ва рӯи он ба пӯсти дохилии дандонҳои боло мерасад ва дами ҳаворо баста, милкҳоро мепӯшонад. Аз ҳамин рӯ ҳамсадоҳои **д** ва **т** рӯизабонӣ (дорсалӣ) мебошанд.



Расми 12. Рентгенограммаҳои ҳамсадоҳои [д] ва [т].

Баробари аз ҳам чудо шудани ин узвҳо чараёни ҳаво бо фишор аз даҳон хорич мешавад. Узвҳо дар тавлиди **т** нисбат ба **б** бо қувваи

зиёдтар ба ҳам мерасанд ва аз якдигар ҷудо мешаванд, ки ин боиси пайдоиши тобиши таркишнокии фонемаи **т** мешавад. Дар тавлиди **д** ва **т** лабҳо озоданд. Забонча роҳи ҷараёни ҳаворо ба ковокии бинӣ мебандад. Ҳамсадои **д** ҷарангдор ва **т** беҷаранг аст. Фонемаи **т** дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо дучор мешавад ва сифати худро нигоҳ медорад: тор, дутор, кат. Вай танҳо пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор метавонад ҷарангнок шавад. Фонемаи **д** дар аввали калима дар байни ду садонок ва пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангноку сонорӣ сифати худро нигоҳ медорад, вале дар охири калима ва пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг метавонад ҷарангнокии худро аз даст диҳад: *калид [калит], бадтар [баттар] ва ғайра.*



Расми 13. Рентгенограммаи ҳамсадои [н]

Ҳамсадои сонории пешизабонии зичи **н** мисли фонемаҳои ҳаммахраҷи худ (**д** ва **т**) ба воситаи нӯги забон ва дандонҳои боло сохта мешавад. Монеаи ҳамсадои **н** дар натиҷаи ба пӯстаки дохилии дандонҳои марказии пеш расидани нӯги забон ба вуҷуд меояд. Аз ин ҷиҳат **н** ҳамсадои апикалӣ мебошад. Ҳамсадои **н** димоғист, зеро ҳангоми тавлиди он пардачаи ком фаромада, роҳи ҳаворо ба ковокии даҳон гирифта, як қисми онро сӯи димоғ мефиристад. Аз ҳамин сабаб фонемаи **н** мисли **м** ду монеа – *даҳонӣ* дар қисми пеш резонатори даҳон ва *димоғӣ* дар резонатори бинӣ дорад. Ба туфайли ду қисм шудани ҳаво фишори он дар ҳар ду монеа камтару сусттар аст. Дар сохта шудани **н** садопардаҳо ҳаракатҳои даврагӣ ва мураттаби худро анҷом медиҳанд. **Н** ҳамсадои сонорист.

Ҳамсадои **н** дар аввал, мобайн ва охири калима меояд ва сифати худро устуворона нигоҳ медорад : *ном, нон, насаб, анор, манаҳ, мон, бин.* Вай танҳо пеш аз ҳамсадои зичи бехизабонии **г** тобиши пасизабонӣ пайдо мекунад, аммо ин тобиш туфайлӣ аст. Дар ин ҳолат истеъмоли варианти пешизабонии он низ имконпазир аст.

Масалан, калимаҳои ранг, чанг ва ангурро ҳам бо (н)-и нӯгизабонӣ ва ҳам бо (η)-и забончагӣ талаффуз кардан мумкин аст ва ин талаффуз хилофи нормаи забони адабӣ нахоҳад буд.

Дар тавлиди ҳамсадоҳои пешизабонӣ, шовшувдор ва роғи **з** ва **с** пеши забон ба тарафи дандонҳои боло бардошта мешавад. Монеаи барои ин ҳамсадоҳо хос ба воситаи ба милкҳои дандонҳои боло наздик шудани рӯи нӯги забон ба вуҷуд меояд. Аз ҳамин сабаб ин ҳамсадоҳоро рӯизабонӣ (дорсалӣ) меноманд. Рӯи ду тарафи пеши забон ба милкҳои рӯ ба рӯяшон нисбат ба нӯги забон наздиктар мешаванд. Дар натиҷа ба воситаи нӯги забон як навҷаи ба берун роҳ дошта ба вуҷуд меояд, ки ҷараёни ҳаво ба



Расми 14. Рентгенограммаҳои ҳамсадоҳои [з] ва [с].

воситаи он аз даҳон хориҷ мешавад. Аммо ҷараёни ҳаво пеш аз хориҷ шудан ба девори дохилии дандонҳои боло бармехӯрад ва фишори он суст мешавад. Аз сабаби он ки забон дар тавлиди **с** таранг аст, ба дандонҳо ҷафстар мешавад, новачаи **с** нисбат ба **з** тарангтар аст. Нуқтаи ҳамоиши забон ба ком дар тавлиди **с** нисбат ба **з** калонтар мебошад.

Дар тавлиди **з** ва **с** лабҳо иштирок намекунанд ва пардачаи ком роҳи ҳаворо ба сӯи бинӣ мебандад. Дар сохта шудани **з** садопардаҳо мураттаб меларзанд, вале дар тавлиди **с** онҳо лаппишҳои мудавварро ба вуҷуд намеоранд, аз ин боис ҳамсадои **з** ҷарангдор аст ва **с** беҷаранг.

Фонемаи **с** дар аввал, мобайн ва охири калима истифода мешавад ва баҷарангии худро нигоҳ медорад: *Соро, баст, гулистон, хос*. Танҳо дар мобайни калима, пеш аз ҷарангдорҳо метавонад қисман ҷарангнок шавад: *пасгард [пазгард], досгар [дозгар]*.

Ҳамсадои **з** дар аввал, мобайн дар байни садонокҳо ва пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор ҷарангнок аст, вале дар охири калима ва дар мобайн пеш аз беҷарангҳо ҷарангнокии худро қисман ё пурра аз даст медиҳад: *соз [сос] кардан, бозкунанда [бос кунанда]*.

Ҳамсадои **з** дар аввал, мобайн дар байни садонокҳо ва пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор ҷарангнок аст, вале дар охири калима ва дар мобайн пеш аз беҷарангҳо ҷарангнокии худро қисман ё пурра аз даст медиҳад: *соз [сос] кардан, бозкунанда [бос кунанда].*

Ҳамсадоҳои **ж** ва **ш** пешизабонӣ, роғ, думахраҷа ва шавшувдор мебошанд. Ҳангоми тавлиди онҳо қисми пеши забон ба тарафи коми сахт бардошта мешавад ва ду тарафи қисми пеши забон ба ду тарафи (чапу рости) пеши ком, ба ҳиссаи наздики милкҳо мерасад. Нӯги забон ба милкҳои дандонҳои пеши боло наздик мешавад, аммо намерасад. Ҳамсадоҳои **ж** ва **ш** фонемаҳои рӯизабонӣ мебошанд. Бардошта шудан ва ба милкҳои дандонҳои боло расидани ду паҳлуи забон ва озод будани нӯги он боиси пайдоиши новачае мешавад, ки он гузаргоҳи ҷараёни ҳаво низ ҳисоб меёбад. Қисми пеши ин новача мисли новачае, ки ҳангоми талаффузи **з** ва **с** пайдо мешавад, паҳни наздик ва ҳамвор аст, вале сӯрохии нӯги забон дар тавлиди **ж** ва **ш** нисбат ба сурохии **з** ва **с** калонтар мебошад. Махраҷи тавлиди **ж** ва **ш** нисбат ба маркази сохта шудани ҳамсадоҳои **з** ва **с** қафотар аст. Махраҷи дуюми ин ҳамсадоҳо дар қисми мобайнии забон пайдо мешавад. Ин қисмати



Расми 15. Рентгенограммаи ҳамсадоҳои [ж] ва [ш].

забон ба коми сахт наздик шуда, монеаи изофиеро ба вуҷуд меорад, ки боиси шавшуви иловагии **ш** ва **ж** мегардад. Ҳамсадои **ш** бо қувваи бештари узвҳои овозсоз сохта мешавад ва аз ҳамин сабаб роғии он нисбат ба **ж** тангтар аст. Дар тавлиди **ж** ва **ш**лабҳо озоданд. Пардачаи ком бардошта мешавад ва ҳаво ба ковокии димоғ намеравад. Дар сохта шудани ҳамсадои **ж** садопардаҳо мунтазам ҳаракат мекунанд, вале ҳамсадои **ш** бе иштироки онҳо сохта мешавад.

Фонемаи **ж** ҷарангдор ва ҳамсадои **ш** беҷаранг аст. Ҳамсадои **ш** дар аввал, мобайн ва охири калима истифода мешавад: *шаб, шона, ошёна, гӯш.* Фонемаи **ж** доираи маҳдуди истеъмол дошта, дар аксар маврид ба фонемаи **ҷ** иваз мешавад: *жола//ҷола, мижа//миҷа, каждум//каҷдум.*

Фонемаи **л** ҳамсадои сонории пешизабонии роғи ғайридимоғист. Дар тавлиди **л** рӯи пеши забон ва милкҳои дандонҳои боло иштирок мекунанд. Бехи забон ба пеш майл мекунад ва дар ақиб як сатҳи даврашакл пайдо мешавад. Ҷараёни ҳаво ба монеаи пеши забон бархӯрда, ба воситаи ду тарафи забон аз даҳон хориҷ мешавад. Ин монеаҳо, яъне зичии пеши забон, дандонҳову милкҳо ва кушодагии ду паҳлуи забонро дар ташаккули ҳамсадои **л** ба назар гирифта, онро ҳамсадои паҳлуӣ низ меноманд.



Расми 16. Рентгенограммаи ҳамсадои [р] ва [л]

Ҳамсадои **л** ғайридимоғист, зеро дар тавлиди он роҳи ҳаво ба сӯи ковокии бинӣ баста мешавад. Кор ва ҳаракати мураттаби садопардаҳо дар тамоми давраи талаффузи **л** ва дар ҳамаи ҳолатҳо – аввал, мобайн ва охири калима мушоҳида мешавад: лола, мол, малол. Ҳамсадои **л** сонорист.

Ҳангоми тавлиди ҳамсадои сонории **р** қисми пеши забон ба тарафи милкҳои пеши боло бардошта мешавад. Дар ҷараёни ларзиш нӯги забон ба милкҳои дандонҳои пеши боло гоҳ мерасад ва гоҳ наздик мешавад, ки дар натиҷаи он як силсилаи ларзишҳои иборат аз табдилшавиҳои зичу роғ пайдо мешавад. Баробари бардошта шудани пеши забон мобайни он низ боло мешавад ва ҳаҷми холигии дандонро танг мекунад. Ҳангоми тавлиди **р** пеши холигии даҳон кушода аст ва лабҳо дар ҳолати маъмулии худ

мебошанд. Пардачаи ком бардошта мешавад ва роҳи ҳаворо аз шуш ба холигии бинӣ мебандад. Садопардаҳо мураттаб ларзида, зудиҳои мудаввар ва лаҳнеро ҳосил мекунанд, ки каму беш бо шавшув ҳамроҳ аст, вале ин шавшув сифати **р**-ро тағйир намедиҳад.

Фонемаҳои **ҷ** ва **ч** ҳамсадоҳои шавшувдори пешизабонии зичи рахнадори (ё аффикатаҳои) ғайридимоғӣ мебошанд. Онҳо дар натиҷаи ба милкҳои дандонҳои боло ё қисми пеши коми сахт расидани пеши забон сохта мешаванд.

Ҳамсадоҳои **ҷ** ва **ч** рӯизабонӣ буда, дар тавлиди онҳо қисми пеши забон бардошта шуда, ба қисми пеши коми сахти наздики милкҳо мерасад. Дар айни замон ба ҳам омадани ин ду узв дар қисмати гунбадии байни милкҳо ва коми сахт сурат мегирад. Дар паҳлуи пеши забон ҳам ба ҳамин қисмати милкҳои чап ва рост мерасанд, вале нӯги забон мутаҳарриктару шиддатноктар аст. Нӯги забон ба милкҳо намерасад ва ба поён моил аст, танҳо



Расми 17. Рентгенограммаи ҳамсадоҳои [ҷ] ва [ч].

қисми қафои рӯи нӯги забон дар якҷоягӣ бо кому милкҳо монеаеро ба вуҷуд меорад. Майдони умумии нуқтаи ҳамоиш нисбатан калон аст. Вай аз милкҳо то қисми калони пеши коми сахтро дарбар мегирад.

Узвҳои овозсоз баробари ба ҳам расидан ва ба вуҷуд овардани монеа мисли ҳамсадоҳои тарканда якбора бо таркиш аз ҳам ҷудо нашуда, баъди ба ҳам расидан бо оҳистагӣ аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Аз ин рӯ, унсури охири тавлиди онҳо роғ (ж ё ш) аст.

Дар ташкили ин ҳамсадоҳо лабҳо иштирок надоранд ва роҳи ҷараёни ҳаво ба сӯи ковокии бинӣ бастааст. **Ҷ** ва **ч** ҳамсадоҳои ғайрилабӣ ва ғайридимоғӣ мебошанд.

Ҳамсадои **ҷ** бо иштироки садопардаҳо сохта мешавад ва ҷарангнок аст. Дар тавлиди **ч** садопардаҳо иштирок намекунанд, вай беҷаранг аст.

Фонемаи **ч** дар ҳамаи шароитҳои овозӣ истифода мешавад ва сифати беҷарангии худро нигоҳ медорад *(чап, ночор, печ),* ба ҷуз ҳолати пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор, ки тобиши ҷарангнок пайдо кунад: *печдор [пеҷдор], гачгар [гаҷгар].*

Ҷарангнокии фонемаи **ҷ** бештару равшантар дар аввали калима, дар байни ду садонок ва пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор, пеш ва баъд аз ҳамсадоҳои сонорӣ зоҳир мешавад. Дар охири калима ва пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг ба туфайли шавшуви зиёдаш ҷарангнокии худро қисман ё пурра гум мекунад: *панҷ [панч], ҳеҷ [ҳеч], ранҷ [ранч] ва ғайра*.

Ҳамсадои **й** байнизабонӣ, роғ, ғайридимоғӣ ва сонорӣ аст. Монеаи барои **й** хос дар натиҷаи ба тарафи қисми гумбадии коми сахт бардошта шудани қисми мобайнии забон ба вуҷуд меояд. Баробари бардошта шудани қисми мобайнии забон нӯги он ба поён майл карда, ду тангӣ – тангии мобайни забону ком ва тангии қисми пеши даҳон ба вуҷуд меояд, ки барои **й** тангии якум асосист.



Расми 18. Рентгенограммаи ҳамсадои [й].

Қисми решагии забон ба поён кашида мешавад ва ин боиси ба вуҷуд омадани гунбаде дар қисми марказии забон мешавад. Ҷараёни ҳаво аз ин гунбад гузашта, шавшуви барои **й** хосро ҳосил мекунад. Қисми пеши холигии даҳон боз аст, лабҳо ҳолати маъмулиро мегиранд. Роҳи ҳаво ба сӯи ковокии бинӣ баста мешавад ва садопардаҳо ба таври мураттаб дар ҳаракат мебошанд. Ҳамсадои **й** дар ҳамаи ҳолатҳо хусусиятҳои овозии худро нигоҳ медорад: ёрӣ, айб, майгун, май ва ғ.

Фонемаҳои **г** ва **к** ҳамсадоҳои шавшувдори бехизабонии зич, таркандаи ғайридимоғӣ мебошанд. Дар тавлиди онҳо бехи забон ба қисми қафои коми сахт мерасад ва шавшуви ба ин фонемаҳо хосро ба вуҷуд меорад. Расиши ин ду узв тамоми сатҳи мобайн ва ақиби коми сахтро дар бар гирифта тавонад ҳам, нуқтаи асосие, ки ба он бехи забон мерасад, қисми охирини коми сахт аст. Қисми қафои забон ҳангоми расиш шакли гунбазро мегирад, ки қуллаи он ба қисми рӯ ба рӯи ком мерасад. Қисми пеши забон ҳамвор шуда, андаке ба пеш майл мекунад.



Расми 19. Рентгенограммаи ҳамсадоҳои [г] ва [к].

Дар сохта шудани овози **к** шиддатнокию қувватнокии узвҳо нисбат ба **г** бештар аст. Аз ҳамин рӯ, ҳамсадои **к** дорои таркиши қавитар ва тобиши дамӣ мебошад. Дар тавлиди фонемаҳои **г** ва **к** лабҳо иштирок надоранд. Забонча роҳи ҳаворо ба сӯи димоғ мебандад. Фонемаҳои **г** ва **к** ҳамсадоҳои ғайридимоғӣ мебошанд. Дар сохта шудани ҳамсадои **г** садопардаҳо кор мекунанд, вале ҳамсадои **к** бе иштироки садопардаҳо сохта мешавад, аз ин боис **г** ҷарангдор ва **к** беҷаранг аст. Ҳамсадои **к** дар аввал, мобайн ва охири калима истифода мешавад ва беҷарангии худро нигоҳ медорад. Танҳо пеш аз ҳамсадоҳои ҷарангдор метавонад тобиши ҷарангнок пайдо кунад: *чокдӯз [чогдӯз], токзор [тогзор].*

Доираи истеъмоли **г** маҳдудтар аст. Вай дар аввал ва мобайни калима дар байни садонокҳо ва дар ҳамсоягӣ бо ҳамсадоҳои ҳамҷинси худ – ҷарангдорҳо ва ҳамсадоҳои сонорӣ ҷарангнок аст, вале дар охири калима ва пеш аз ҳамсадоҳои беҷаранг ҷарангнокиашро гум карда метавонад: дӯгтарош [дуктарош], тагшин [такшин].

❖ *Ҳамсадоҳои забончагӣ.* Ҳамсадои қ шавшувдор, зич, тарканда ва ғайридимоғист. Ин фонема дар натиҷаи ба қисми охирини забон расидани забонча пайдо мешавад. Дар тавлиди фонемаи **қ** лабҳо ва садопардаҳо кор намекунанд, ин ҳамсадо беҷаранг буда, ҷуфти ҷарангдор надорад. Ҳамсадои **қ** дар аввал, мобайн ва охири калима меояд, вале ба туфайли сустии нуқтаи расиш майли тағйирёбӣ дорад ва дар нутқи босуръат метавонад ба ҳамсадои роғи **х** табдил ёбад: *вақт [вахт], мақсад [махсад], тақсим [тахсим].* Фонемаҳои **ғ** ва **х** ҳамсадоҳои забончагии роғ аст, ки дар натиҷаи ба қисми охирини рӯи забон наздик шудани забонча сохта мешаванд.



Расми 20. Рентгенограммаи ҳамсадои [қ]

Дар ин маврид узви ғайрифаъол – решаи забон ба истиқболи забонча, ки бо суръати бештар ба поён фуроварда мешавад, бардошта мешавад, вале суръати он суст ва роҳи тайкардаи он камтар аст. Ба ҳам наздик шудани ин ду узв боиси тангшавии роҳи гузари ҳаво мешавад. Ҳангоми гузаштан аз он фишори ҷараёни ҳаво тақвият пайдо мекунад ва забончаро ба ларза медарорад, ки дар натиҷа овози ҳосилшуда дар шунид тобиши гирифтагию хиррӣ пайдо мекунад. Дар талаффузи **ғ** ва **х** лабҳо иштирок надоранд. Роҳи ҷараёни ҳаво ба ковокии бинӣ баста мешавад. Дар тавлиди **ғ** садопардаҳо кор мекунад, вале дар тавлиди **х** озод мебошанд. **Ғ** фонемаи ҷарангдор ва **х** беҷаранг аст.



Расми 21. Рентгенограммаи ҳамсадоҳои [ғ] ва [х]

Фонемаи **х** дар ҳамаи шароитҳо (аввал, мобайн ва охири калима) истифода мешавад ва сифати беҷарангии худро нигоҳ

медорад, аммо дар ҳамнишинӣ бо ҷарангдорҳо тобиши ҷарангдорӣ пайдо карда метавонад: сихгӯш [сиғгӯш], чархгардон [чарғгардон].

❖ *Ҳамсадоҳои ҳалқӣ.* Фонемаи **ъ** (аломати сакта) ҳамсадои ҳалқӣ, шавшувӣ, зич, тарканда, беҷаранг ва ғайридимоғист. Монеа дар тавлиди ин ҳамсадо дар натиҷаи ба якдигар расидани деворҳои ҳалқ, ҳосил мешавад. Ҳавои аз шуш бароянда ба монеа бархӯрда, шавшуви ба ҳамсадои **ъ** хосро ҳосил мекунад. Забон ба ақиб майл мекунад ва роҳи пеши холигии даҳон кушода шуда, тарафи холигии бинӣ баста мешаванд, аммо лабҳо амалеро анҷом намедиҳанд. Азбаски роҳи ҳаво ба сӯи димоғ бастааст **ъ** ғайридимоғист. Дар тавлиди **ъ** (аломати сакта) расиш бисёр суст буда, фавран сурат мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат дар баъзе мавридҳо – дар аввали калима, пеш аз садонокҳо *(илм, умр, арз),* дар байни ду садонок *(муаллим, саодат)* меафтад, вале дар лаҳзаҳои зарурӣ барқарор шуда метавонад. Ҳамсадои **ъ** дар ҳолатҳои дигар – дар мобайн ва охири калима мустақилияти худро нигоҳ медорад: *баъд, фаъол, табъ, ҷамъ, табъ ва ғ.*

Э з о ҳ: Фонемаи **ъ** аслан ҳамсадои вомист. Ин овоз ба забони тоҷикӣ аз забони арабӣ ворид шудааст. Дар давоми асрҳо ин овоз дар таркиби калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ корбаст шуда, хусусиятҳои аслии худро аз даст додааст. Вай дар талаффузи тоҷикӣ бо ҳамсадои дигари иқтибосӣ ( ء ҳамза) як шуда, хусусиятҳои нави овозӣ пайдо кардааст ва ба яке аз унсурҳои системаи фонологияи тоҷикӣ табдил ёфтааст. Аз ин сабаб овози **ъ** на танҳо дар таркиби калимаҳои вомии арабӣ, балки дар калимаҳои аслан тоҷикӣ (мӯъбад) низ ба назар мерасанд.


Расми 22. Рентгенограммаи ҳамсадои [х]

Фонемаи **ҳ** ҳамсадои ҳалқӣ, роғ ва беҷаранг аст. Вай дар холигии ҳалқ ба воситаи наздикшавии деворҳои он пайдо мешавад. Ҳамсадои **ҳ** нисбат ба ҳамаи ҳамсадоҳои дигар имконияти бештари садонокшавӣ дорад, зеро дар тавлиди **ҳ** роҳи ҷараёни ҳаво боз аст, узвҳои овозсоз кашида шуда, ҳаво аз байни онҳо ба осонӣ мегузарад ва чун дами сабуке, ки каме шавшув дорад, шунида мешавад. Дар тавлиди **ҳ** пеши

резонатори даҳон боз аст, лабҳо иштирок надоранд. Ба туфайли ба қафо кашида шудани ҳалқ ҷоғи поён ба поён ва қафо кашида мешавад ва дар натиҷа резонатори даҳон кушодатар ва холигии ҳалқ тангтар мегардад.

Дар сохта шудани **ҳ** ҳаво роҳи ба холигии димоғ рафтан надорад ва **ҳ** беҷаранг ва ғайридимоғӣ аст. Ҳарфи **ҳ** дар истеъмол маҳдуд ва ноустувор буда, ин ноустуворӣ бештар дар аввал ва охири калима, махсусан, дар нутқи бошитоб мушоҳида мешавад. Дар ин ду ҳолат ҳамсадои **ҳ** моил ба афтодан аст: *ҳезум – эзум, солеҳ – соле ё солӣ, моҳ – мо, шоҳ – шо.*

**Савол ва супоришот:**

1. Садонокҳо ва таснифи онҳо.
2. Аҳамияти ба низом даровардани алифбо аз чӣ иборат аст?
3. Шарҳи методи фонетикии омӯзиши забонҳои хориҷӣ?
4. Хусусиятҳои асосии садонокҳоро номбар кунед?
5. Узвҳои фаъол ва ғайрифаъол кадомҳоянд?
6. Калимаҳоеро номбар кунед, ки ҳарфи "ӣ" дар таркиби реша оянд.
7. Овозҳои ҷудогонаро талаффуз кунед ва иштироки узвҳои фаъол ва ғайрифаъолро муайян намоед.
8. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳамсадо ҳаст?
9. Ҳамсадоҳои сонорӣ кадомҳоянд?
10. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро номбар кунед.
11. Фарқи ҳамсадоҳо аз садонокҳо дар чист?
12. Ҳамсадоҳо аз кадом ҷиҳат тасниф мешаванд?
13. Ҳамсадоҳои ҷуфт кадомҳоанд?

***Ҷустуҷӯи мустақилона:***

- Корбасти калимаҳои решагии ҳарфи **"ӣ"** ва истеъмоли калимаҳое, ки ҳарфи **"ӣ"** чун пасванди калимасоз ва бандаки феълӣ корбаст шудаанд дар "Ғуломон"-и С.Айнӣ нишон диҳед.

- ❖ Порчаеро аз “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ бодиққат хонда, тарзи навишт, маънои луғавӣ ва сохти морфологии калимаҳои **“ӯ”** доштаро муайян кунед.
- ❖ Мавриди истифодаи овозҳои У, Ӯ, И, Ӣ-ро дар асоси мисолҳо муқоиса кунед.
- ❖ Хусусияти калимасозии аломати сакта **“ъ”**-ро бо мисолҳо дар асоси асари бадеӣ нишон диҳед.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I.– Душанбе: Дониш,1985.-с.21-40.
2. Климов Г.А. Фонема и морфема. К проблеме лингвистических единиц. – Либроком. 2009.-130 с.
3. Расторгуева В.С. Краткий очерк фонетики таджикского языка. Учебное пособие для филологических факултетов таджикских вузов. Сталинабад: 1955.-с.40-51.
4. Файзов М. Таджикское литературное произношение. – Душанбе: 1985.-с.19-48.
5. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.59-98.
6. dic.academic.ru

## Моҳияти фонетикии ҳамсадоҳои мушаддад

**Ташдиди овозҳо.** Пайи ҳам омадани ду ҳамсадои якхеларо дар забоншиносӣ бо чанд истилоҳ ифода намудаанд. Масалан, дар китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ “шадда”, “ташдид”, “ҳамсадои ташдиднок” қайд шудааст. Маънои луғавии калимаи **“ташдид”** шиддатнокӣ, сахтгирист. Маънои истилоҳии он аломати расми хат **(ّ),** ки шиддатнок талаффуз кардани овоз, ду бор талаффуз кардани онро нишон медиҳад. Масалан, дар калимаи (علّام) ҳарфи **“л”** дар боло аломати ташдид мегирад, яъне ду бор талаффуз мешавад: аллома.

*Бонг занад сахтии ташдид агар,*
*Ҳарф хазад дар дили ҳарфи дигар.*
Амир Хусрави Деҳлавӣ

Дар забони арабӣ ташдидро ба маънои дуюмаш “шадда” ва калимаҳои шаддадорро **“мушаддад”** мегӯянд.

Истилоҳи “ташдид”, “шадда” мисли истилоҳҳои “фатҳа”, “касра”, ”танвин”, “замма”, “сокин” дар заминаи хат ва имлои забони арабӣ ба вуҷуд омада, хусусиятҳои ҷудогонаи савтии ин забонро дар нутқи хаттӣ ифода мекунад. Азбаски графикаи забони адабии имрӯзаи тоҷик дар асоси хат ва алифбои русӣ қарор гирифтааст, истилоҳи “ташдид” ҳамаи хусусиятҳои такрори ҳамсадоҳоро дар бар гирифта наметавонад. Зеро пайи ҳам омадани ҳамсадоҳо дар забони тоҷикӣ на танҳо дар таркиби калимаҳои решагӣ (арра, акка, латта, бутта, диққат), балки дар васлгоҳи морфемаҳо низ ба назар мерасад: даррав, сарришта, шаббода. Баъзеи ин калимаҳо аз ҷиҳати тарзи талаффуз аз ҳамсадоҳои такрори калимаҳои решагӣ тафовуте надоранд. Аз ҷониби дигар, ин падидаи фонетикӣ дар натиҷаи афзудани морфемаҳои калимасозу шаклсоз низ воқеъ мешавад: чаппа, пурра, чилла. Бинобар ин, дар тавсифи забоншиносии ин падидаи фонетикӣ ҳам истилоҳи “ташдид” ва ҳам истилоҳи “ҳамсадоҳои такрор” ё “такрори ҳамсадоҳо” бояд ба таври мувозӣ корбаст шавад.

**Тавсифи фонетикӣ.** Мавҷуд будани ташдид, яъне ҳамсадоҳои такрор дар ин ё он забон ба қонунияту хусусиятҳои силсилаи овозӣ вобаста аст. Ин ҳодисаи фонетикӣ хоси забонҳоест, ки дар онҳо ба 100 фонемаи садонок аз 110 то 150 фонемаи ҳамсадо

рост меояд. Ба ин гурӯҳ забонҳои туркӣ, кореягӣ, финӣ, арабӣ, итолиёвӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Забони тоҷикиро низ аз ҷиҳати нисбати садоноку ҳамсадоҳо дар ҷараёни нутқ ба қатори ҳамин забонҳо дохил намудан мумкин аст.

Дар забоншиносӣ ҳамсадоҳоро ба лаҳзагӣ (зич) ва давомнок (роғ) ҷудо мекунанд. Ин таснифот ба он асос ёфтааст, ки фақат ҳамсадоҳои роғро (в, ф, з, е, ж, ш, ғ, х, ҳ) кашидатару дарозтар талаффуз кардан мумкин аст. Аммо лаҳзаи часпиши ҳамсадоҳои зич низ (д, т, г, к, б, п, ҷ, ч, қ, м, н) тӯл кашида метавонад. Имконияти дароз талаффуз кардани ҳамсадоҳо бештар ба хелу навъи онҳо (беҷаранг-ҷарангдор-лаҳнӣ; зич-роғ-ларзанда; якмахраҷа-думахраҷа), ба мавқеи истеъмол (оғоз, байн, интиҳои ҳиҷо ё калима), ба сохти ҳиҷою қолаби заданокии калима алоқаманд аст.

Маълум аст, ки талаффузи ҳар як овоз аз се лаҳза иборат аст:

а) лаҳзаи омодагӣ, ки узвҳои овозсоз барои талаффузи ину он овоз тайёр мешаванд;

б) лаҳзаи боздорӣ, ки талаффузи бевоситаи овоз мебошад;

в) лаҳзаи бозгашт (рекурсия), ки узвҳои овозсоз ба ҳолати аввалаашон бармегарданд ё ба талаффузи овози дигар мегузаранд.

Тарзи талаффузи ҳамсадоҳои такрор (ташдид) ба лаҳзаҳои талаффузи он вобаста аст. Яке аз ду ҳамсадои ҳамҷинси пайиҳамомада (одатан ҳамсадои якум) лаҳзаи сеюми талаффуз – бозгашташро гум мекунад. Ҳамсадои дуюм бошад, бе лаҳзаи якум талаффуз мешавад.

Хулоса, ҳамсадоҳои такрор дар лаҳзаи дуюми талаффуз ба ҳам пайваст гардида, назар ба ҳамсадоҳои тоқ дарозтару кашидатар талаффуз мешаванд. Муқоиса кунед: адо – моддӣ, ало – малла, моку – акка. Аз ин рӯ, дар овознависии (транскрипсияи) фонетикӣ пас аз чунин ҳамсадоҳо аломати баён **(:)** ё ба болои онҳо аломати дефис **(-)** мегузоранд, ки ба имконияти дарозшавии овоз далолат мекунад: лат: а (лата), мад: а (мада), паш: а (паша).

Аз ҷиҳати фонетикӣ мо дар ин маврид як ҳамсадо – ҳамсадои дарозро талаффуз мекунем, ки лаҳзаи боздории он тӯл мекашад. Чунин ҳамсадоҳо аз ҷиҳати тарзи талаффуз аз ҳамсадоҳои тоқ (кӯтоҳ) ба куллӣ фарқ мекунанд: мод:а – модда, ак: а – акка, дар: а – дарра.

Талаффузи пайвасту яклухти ҳамсадоҳои такрор, ки дар натиҷаи он танфиси кӯтоҳе ба вуҷуд меояд, дар як вақт марзи ҳиҷоро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин чунин ҳамсадоҳо пайвасту яклухт талаффуз шаванд ҳам, ба ҳиҷоҳои гуногун тааллуқ доранд. Ҳамин хусусияти ҳамсадоҳоро ба инобат гирифта, академик Л.В.Шерба ҳамсадоҳои такрорро дуқуллагӣ номидааст, зеро мувофиқи назарияи ӯ ҳамсадои дуюм (латта) аввалқулла ва ҳамсадои якум (латта) охирқулла буда, бошиддат талаффуз карда мешавад[26].

Ҳангоми дарки овоз тафовути дараҷаи шиддати ҳамсадоҳои такрор ҳиссиёти равшани марзи ҳиҷоро ба вуҷуд меорад. Ҳамсадоҳои такрор бештар дар мобайни калима (ҳолати интервокалӣ – байни ду садонок) воқеъ шуда, бо ҳамсадои якуми ҳиҷо баста мегардад ва ҳиҷои нав бо ҳамсадои дуюм сар мешавад, мисли лат-та, мод-да, қул-ла. Дар ин бора забоншинос Л.Бузургзода чунин нигоштааст: Ҳудуди нисбии ҳиҷо дар забони тоҷикӣ дар калимаҳое, ки дар миёнашон овозҳои ташдиднок доранд, пас аз ташдид мебошад: кал-ла, ар-ра.

Аз ин рӯ, ҳангоми таълими имлои калимаҳои мушаддат ва аз як сатр ба сатри дигар гузарондан ҳамсадоҳои такрорро мисли ҳамсадоҳои дугонаи интервокалӣ (пах-та, нар-гис, хан-да) ба ҳиҷо тақсим кардан мувофиқи мақсад аст.

Хусусиятҳои фонетикии ҳамсадоҳои такрор ба ҷиҳати тавлидию шунавоии онҳо алоқаи зич дорад:

**1.** Лаҳзаи дуюми артикулятсияи ҳамсадоҳои зичи беҷаранг бесадост, зеро ҳамсадоҳои зичи тарканда лаҳзавӣ буда, танҳо дар лаҳзаи сеюми талаффуз ба вуҷуд меоянд. Тамдиди (дарозии) ин ҳамсадоҳо дар исти кӯтоҳмуддати фосиладор таассуроти дарозшавии ҳамсадоро ба вуҷуд меорад: теп:а (теппа), диқ:ат (диққат).

**2.** Ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳои зичи ҷарангдор дар лаҳзаи боздорӣ садопардаҳо ба ларзиш медароянд, ки ин ҳолат ба ист танфиси шиддатнок як андоза хусусияти ҷарангосӣ мебахшад: мад:а (мадда), муд:ат (муддат), қуб:а (қубба), ҳуҷ:ат (ҳуҷҷат).

**3.** Дар сурати дароз талаффуз шудани ҳамсадоҳои роғи ҷарангдор лаҳзаи дуюми артикулятсия хеле хуб шунида мешавад: ав:ал (аввал), ҷаз:а (ҷазза), ғиж:ак (ғижжак), қиғ:ас (қиғас). Ин

[26] Щерба Л.В. Фонетика французского языка.-М.: Высшая школа, 1963.-с.79.

хусусият дар талаффузи ҳамсадоҳои лаҳнӣ (сонорӣ) низ мушоҳида мешавад: кал:а, (калла), ам:а (амма), мин:ат (миннат), тай:ор (тайёр).

**4.** Ҳамсадои пешизабонии лаҳнии **р** дар натиҷаи афзоиши замони талаффуз ва теъдоди ларзиши нӯги забон дароз талаффуз шуда, такрор меёбад: ар:а (арра), бур:о (бурро), зар:а (зарра).

**Тавсифи фонологӣ.** Барои муайян намудани арзиши фолнологии овозҳои нутқ меъёрҳои зеринро ба инобат мегиранд:

Мавҷуд будани ҷуфтҳои минималӣ-квазионимҳо, яъне муқобилгузории ду калима, ки танҳо бо як фонема (садонок ё ҳамсадо) аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **з-с** (зард-сард), **г-д** (марг-мард), **ғ-х** (ғам-хам), **и-е** (сӣ-се), **у-ӯ** (сум-сӯм), қобилияти тағйири маънои луғавӣ ва шаклҳои грамматикии морфемаю калимаҳо (мехонам – мехонем); новобастагӣ ё мустақилии ҳолатҳои фонетикӣ, принсипи морфологӣ.

Ҳангоми аз ҷиҳати фонологӣ омӯхтани падидаи овозии **ташдид** ба саволи зерин бояд ҷавоб дод: ҳамсадоҳои такрор як фонемаанд (дар ин ҳолат ба ҳамсадоҳои кӯтоҳ (тоқ) муқобил гузошта мешаванд (т:-т) ё ду фонемаи мустақиланд, ки аз лиҳози фонетикӣ пайваст шуда, яклухт талаффуз мешаванд.

Мушоҳида ва факту мисолҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки ҷуфтҳои минималӣ ё тазодҳои фонологиро дар микдори муайяни калимаҳои ташдиднок дидан мумкин аст. Ин тазодҳоро ба се гурӯҳ

1. Тазодҳои пурра – муқобилгузории ҳамсадоҳои шаддаю тоқа (дарозу кӯтоҳ) дар ҳолати ягонаи фонетикӣ: акка-ака, дарра-дара, курра-кура, модда-мода, қасос (қиссахон)-қасос (интиқом).
2. Тазодҳои ноқис ё нопурра – дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ вобаста ба тағйири ҷойи зада. Дар чунин ҷуфтҳо задаи калима вазифаи маънофарққуниро адо мекунад: маккон-макон, маккор-макор.
3. Тазодҳои имлоӣ. Ин қабил калимаҳо аз ҷиҳати талаффуз қариб фарқ намекунанд ва ба калимаҳое мансубият доранд, ки интиҳояшон ташдид дорад: занн(гумон)-зан, сирр-сир, тибб-тиб, дурр-дур, садд-

ҷудо мекунем:

Акнун принсипи морфологиро аз назар мегузаронем. Ҳамсадоҳои такрор дар забонҳое, ки фақат дар таркиби як морфема дучор мешаванд, хусусияти якфонемагӣ зоҳир мекунанд, яъне онҳо

тақсимнопазиранд, зеро дар байни ин гуна ҳамсадоҳо марза-ҳудуди морфологии ҳиссаҳои маънодор ва шаклсози калима (асос, реша, пасванд, пешванд) намегузарад.

Агар ҳамсадоҳои такрор дар байни ду морфема дучор шуда, боиси марзаи морфологӣ гарданд, аз назари фонологӣ ҳамчун ду фонемаи мустақил шинохта ва маънидод мешаванд.

Дар калимаҳои тоҷикӣ ташдид бештар дар таркиби калимаҳои решагӣ (сода) меояд: *акка, арра, барра, зарра, дакка, курра, мадда, латта, фалла.* Бар замми ин ҳамсадоҳои такрор дар васлгоҳи ду морфема ё калима низ омада метавонад (дар калимаҳои сохтаю мураккаб: *даррав, шабодда, танноз, ҷоннисор, ёддошт*, ки онро шартан ташдиди ғайриаслӣ номидан мумкин аст, зеро дар ин гуна калимаҳо ҳар ду ҳамсадо навишта мешавад (ҳам дар хати арабӣ ва ҳам дар имлои имрӯзаи тоҷикӣ). Аз ин рӯ, ҳамсадоҳои такрор дар асоси меъёрҳои фонетикӣ (имконияти ба ду ҳиҷо ҷудошавӣ) ва морфологӣ (имконияти ба ду морфема мансуб будан) ҳамчун пайвасти ду фонемаи мустақил шуморидан ва маънидод намудан мумкин аст.

**Калимаҳои мушаддад аз ҷиҳати баромад.** Дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик калимаҳои ташдиддор хеле зиёданд. Аз ҷиҳати баромад онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: *калимаҳои аслии тоҷикӣ ва вомӣ.*

❖ **Калимаҳои аслан тоҷикӣ.** Калимаҳои аслан тоҷикиро аз ҷиҳати сохти морфологиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем:

a. **калимаҳои решагӣ:** акка, арра, барра, бутта, васса, хуррам, малла ва монанди инҳо.
b. **калимаҳои сохта:** Ташдиди як гурӯҳ калимаҳо дар натиҷаи ҳамроҳ шудани пасвандҳои калимасоз пайдо шудаанд. Ҳамаи ин пасвандҳо бо садонок сар мешаванд: -*а* (чакка, чилла, пурра), -*анда* (бурранда, дарранда, парранда), -*ак* (каллак, шиппак), -*иш* (ғурриш, ҷаббиш), -*ос* (аккос, ғуррос, таракос, ғуввос), -*ок* (худрок), -*он* (паррон), -*ин* (заррин), -*ӣ* (хиррӣ). Ба назари мо, дар чунин калимаҳо падидаи афзоиши ҳамсадоҳо мушоҳида мешавад.

Дар охири калимаҳои аслан тоҷикӣ низ пайиҳам омадани ду ҳамсадои якхела имконпазир аст. Чунончи, дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаҳои зерин дар ду шакл оварда шудаанд: каф//кафф,

пар//парр, сум//сумм, тал//талл (пушта), кар//карр (зӯр, қувва), зар//зарр, фар//фарр. Баъзеи ин калимаҳо танҳо дар шеър бо тақозои вазну оҳанги каломи мавзун дар ду шакл корбаст шудаанд:

*Дилам аз* ***хумм****и фано ҷоми мусаффо задааст,*
*Ҳимматам санг бар ин соғари мино задааст.*

***Ҷомӣ***

*Баромад хурӯши* ***хум****и ҳафтҷӯш,*
*Бурун бурд ҳуш ҷӯш, аз димоғи сурӯш.*

***Ҳотифӣ***

*Ваҳ, чӣ хуш бошад, ки бинам бори дигар рӯи дӯст.*
*Дар суҷуд оям ба меҳроби* ***хами*** *абрӯи дӯст.*

***Махфӣ***

*Диловар даромад чу Дастони гурд,*
*Ба* ***хамм****и камандаш дароварду бурд.*

***Саъдӣ***

***Парр****и коҳе аз мураббӣ нест моро баҳрае,*
*Хӯшачинӣ мекунад дар аҳди мо деҳқони мо.*

***Сайидо***

*Сели бунёди ду олам шудӣ, эй оташи ишқ!*
*Мо гиёҳем, зи мо ҳам* ***пари*** *коҳе дарёб.*

***Бедил***

Маълум мешавад, ки мавҷудияти ҳамсадоҳои такрор дар таркиби калимаҳои сохтаи амволи *заррин, заррина, парранда, пурра* асосан асоси таърихию этимологӣ дорад.

Ин хусусият ҳангоми тавсифи аломату нишонаҳои фонетикии калимаҳои аслан тоҷикӣ бояд ба эътибор гирифта шавад.

**Калимаҳои вомӣ.** Дар таркиби луғавии забонамон аксари калимаҳое, ки ташдид доранд, арабиасосанд: *аббос, аввал, аммо, аттор, баққол, вассоф, даллол, зимма, иддао, қисса, мадда, миллат, музаффар, шаффоф.*

Дар забони арабӣ такрори яке аз ҳамсадоҳо воситаи муҳими шаклсозию калимасозӣ буда, барои фарқ кардани маъно ва шаклҳои грамматикии калимаҳо хизмат мекунад: ***дараса*** *– омӯхтан, дарраса – омӯзонидан, таълим додан;* ***ҷаласа*** *– нишастан, ҷалласа – шинондан;* ***хараҷа*** *– баромадан, харраҷа – баровардан;* ***назала*** *– пойин шудан, фуромадан, назалла – поён кардан, фуровардан.*

Калимаҳои мушаддад ба ин ё он қолабу вазни калимасозию навъи грамматикӣ мутааллиқанд. Масалан, калимаҳое, ки бар вазни мутафаъъил сохта шудаанд, сифати феълии навъи панҷуми фаъоланд ва ё калимаҳое, ки бар вазни тафаъъул омадаанд, ба исмҳои амали доимӣ далолат мекунанд. Барои намуна чанде аз ин қолабу вазнҳоро меорем:

1. **Муфаъъал:** муарраб, муаттар, мубаддал, муваффақ, мувашшаҳ, мудаввар, музаффар.
2. **Муфаъъил:** муаллим, муаллиф, муаррих, муассир, мунаққид, мунаҷҷим, мураттиб, мусаввир, мусанниф, муфаттиш, муқаллид, муҳаррир, муҳаққиқ, мудаббир, мусанниф, мураббӣ, мударрис.
3. **Мутафаъъил**: муташаккил, мутафаккир, мутаҳаррик, мутааллиқ, мутаассир, мутакаббир, мутақаллид, мутахассис, мутанаффир.
4. **Тафаъъул** (масдари боби панҷум): тааҷҷуб, такаббур, такаллуф, таваллуд, тавaққуф, таваққӯъ, таваҷҷуҳ, тасаввур. тасаддуқ, тахассус, тааммул, тааллуқ, табассум, тараҳҳум, таҷассум, танаффус, таманно, тавалло, тараҳҳум, тавалло, ташаббус, таназзул, тазаккур.
5. **Фаъъол:** вассоф, наққош, баққол, рассом, ҷаллод, даллол, саттор, ҷаббор, хаттот, ғаддор, маккор, наттоқ, ҷарроҳ, қассоб, қаҳҳор.

Баъзе шаклҳои ҷамъбандии шикасти арабӣ низ бо ҳамин роҳ сохта шуда, шомили калимаҳои маҳдудистеъмоланд: *ушшоқ (ҷамъи ошиқ), туҷҷор (ҷамъи тоҷир), ҳукком (ҷамъи ҳоким), қуззот (ҷамъи қозӣ):*

*Чу лола кушо турбати **ушшоқ**, ки бинӣ*
*Бар якдигар аз хуни ҷигар баста кафанҳо.*

***Мушфиқӣ***

*Амир Маъсум васиятнома дар санг навишт, ки баъд аз ин аз **ҳуккоми** Бухоро олуқу солуқ ба раоё вазъ накунанд. **(Аҳмади Дониш)**.*

Гурӯҳе аз калимаҳои иқтибосии арабӣ дар интиҳояшон шадда доранд ва дар забони асл (арабӣ) бо ду ҳарфи якхела навишта мешаванд. Агар ин қабил калимаҳоро мувофиқи принсипи фонетикӣ нависем, бештарини онҳо бо калимаҳои дигари арабӣ ё

тоҷикӣ хусусияти омонимӣ пайдо мекунанд: дур (марворид) - дур (муқобили наздик), аҷал (марг) - аҷал (бузургтар), зан (гумон) - зан (муқобили мард), зол (гумроҳ) - зол (пир), тиб (илми табобат) - тиб (бӯи хуш).

Аксари калимаҳои дар интиҳояшон ташдиддор дар калимабандии изофӣ, ҳангоми бо пайвандаки пайвасткунандаи ***-у (-ю)*** омадан, дар сурати ба онҳо илова шудани морфемаҳои калимасоз (баъзан шаклсоз) хусусияти аслии худ – ташдиднокиро барқарор мекунанд: *кул(л): кулли ҳодисот, куллу ҷузъ, куллиёт, куллӣ: мад (д): мадду ҷазр: фан (н): фанни забон, истилоҳоти фаннӣ: рад (д): радди маърака, радду бадал, раддия: зид (д): зиддият, зиддиинсонӣ: син (н): синну сол, синни мактабӣ: сад(д): садди роҳ, садди Искандар: ҳад (д): ҳадди меъёр, ба ҳадде, ҳадду ҳудуд: ҳис (с): беҳиссу ҳаракат, ҳиссиёт: маҳал (л): маҳалла, маҳаллӣ: дур (р): дурру гуҳар, дурри ноб: сир (р): сирре дорад, сирру асрор: ҷид (д): ҷиддан, ҷидду ҷаҳд, ҷиддӣ: шак (к): шакку шубҳа: ҳур (р): ҳуррият: ҳаҷ (ҷ): ҳаҷҷи акбар, ҳаҷҷи пиёда: зам (м): бар замми.*

Гурӯҳи муайяни калимаҳои ташдиддори забони арабӣ мураккабанд. Мураккабшавии ин қабил калимаҳо, ки аз ҷиҳати сохт шабеҳи ибораанд, ба хусусияти ҳамнишинии ҳарфҳои ҷудогона вобаста аст. Ҳарфҳои забони арабӣ ба ду гурӯҳ**: 14 то шамсӣ ва 14 то қамарӣ** ҷудо мешаванд.

- ҳарфҳои **шамсӣ**: т (ت то), с (ث со), д (د дол), з (ذ зол), р (ر ро), з (ز зо), с (س син), ш (ش шин), с (ص сод), з (ض зод), т (ط то-и итқӣ), з (ظ зо-и изғӣ), л (ل лом), н (ن нун);
- ҳарфҳои **қамарӣ**: а (ا алиф), б (ب бо), ҷ (ج ҷим), ҳ (ح ҳои ҳуттӣ), х (خ хо), ъ (ع айн), ғ (غ ғойн), ф (ف фо), қ (ق қоф), к (ک коф), м (م мим), в (و вов), й (ی йо), ҳ (ه ҳои ҳавваз).

**Ҳамсадоҳои мушаддад дар таркиби калимаҳои русию аврупоӣ.** Тавассути забони русӣ як миқдор калимаҳое иқтибос шудаанд, ки дар таркибашон ҳамсадоҳои мушаддад доранд. Масалан, **аз лотинӣ** вожаҳои *аккомадатсия, аппарат, ассимилятсия, ассистент, аффикс, аффриката, иммунитет, оппонент, коллегия;* **аз юнонӣ** *калимаҳои гамма, грамматика, эпиграмма;* **аз франсавӣ** вожаҳои *аккордеон, артиллерия, ассамблея, атташе, баллон, массаж, комиссар, миллиард,* **аз англисӣ** калимаҳои *горилла, доллар,*

*троллейбус*; **аз италиявӣ** вожаҳои *лиретто, новелла* маҳз ба воситаи забони русӣ ба таркиби забони адабии тоҷик дохил шудаанд.

Дар ҳамсадоҳои мушаддади такрори ин гуна калимаҳо ташдид на ҳамеша ҳатмист. Ин гуна калимаҳо аз ҷиҳати тарзи талаффуз махсусияти худро доранд ва аз калимаҳои аслан тоҷикию иқтибосии арабӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, мисли калимаҳои тоҷикӣ талаффуз кардани онҳо хилофи меъёри имрӯзаи забони тоҷикист.

Дар интиҳои баъзе калимаҳои иқтибосии аврупоӣ пайиҳам омадани ду ҳамсадои якхела мушоҳида мешавад: *балл, грамм, грипп, ватт, экспресс.* Чи дар забони русӣ ва чи дар забони тоҷикӣ ҳамсадои дуюми интиҳои чунин калимаҳо талаффуз намешаванд. Дар калимабандию калимасозӣ маҳфуз мондани онҳо танҳо барои нигоҳдошти асли онҳост*: балли баланд, гриппи сахт, металли ранга, металлгудоз.*

**Сабабҳо ва роҳҳои пайдоиши ҳамсадоҳои мушаддад.** Қонунҳо ва тағйироти овозӣ (фонетикӣ) дар забон бе сабаб ба вуҷуд намеоянд. Тағйиротҳои овозӣ, ки сифатию миқдорӣ мешаванд, аз як тараф, натиҷаи инкишофи тӯлонии системаи фонетикӣ бошад, аз тарафи дигар, ба равандҳои зиндаи сохти овозии забон марбутанд. Аз ин рӯ, қонуну ҳодисаҳои фонетикиро ба таърихӣ (мурда) ва муосир (зинда) ҷудо мекунанд.

Сабабҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани ҳамсадоҳои мушаддадро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

❖ **Морфологӣ:**

***a.*** **дар натиҷаи пайвасти бевоситаи ду морфемаи мустақил** – морфемаи мустақилу ёридиҳанда ё баръакс. Дар ин ҳолат морфемаи якум бо ҳамон ҳамсадое, ки морфемаи дуюм сар мешавад, анҷом меёбад, яъне ҳамсадоҳои мушаддад дар васлгоҳи ду морфема ба вуҷуд меоянд: *даррав, ҳаммаслак, гарддон, ҷоннок, баддил, баҳоррӯя, ёддошт, заррӯҳ, паррехта, сарришта, фаррух, танноз, шаббода, ҷаҳоннамо;*

**b. афзоиши пасвандҳо.** Ба баъзе калимаҳои аслан тоҷикӣ пасванди калимасоз ҳамроҳ шавад, онҳо хусусияти аслии (таърихии) худро барқарор мекунанд: *пур-пурра, зар-заррин, заррина, пар-парранда.* Дар ин гуна калимаҳо марзаи морфема баъд аз ҳамсадои мушаддад (пурр-а, зарр-ин, парр-анда) ва марзаи ҳиҷо аз байни он

мегузарад: *пур-ра, зар-рин, пар-ранда.* Дар калимаҳои сохтаи навъи каллак (дарахтро каллак кардан), чакка, чаппа, чилла (чиллаи зимистон), ҷаббиш, ғурриш, шиппак, якка, гулдуррос ҳамсадои дуюм хусусияти факултативӣ дорад ва аз лиҳози таърихӣ ҳатмӣ нест.

❖ **Фонетикӣ:**

***a.*** **монандшавӣ**. Дар забони адабии шифоҳӣ ҳамсадоҳои мушаддад дар натиҷаи қисман ё пурра монанд шудани ҳамсадоҳои ҷарангдор низ пайдо мешаванд. Ин хусусият дар марзи ду морфема ба вуҷуд меояд: *ҳамсадои якум ҷарангнок буда, ҳамсадои дуюм ҷуфти беҷаранги ҳамон ҳамсадост.* Масалан, ҳамсадои зичи ҷарангноки **д** дар ҳолати пеш аз ҳамсадои беҷаранги **т** омадан ба ассимилятсияи пурра дучор шуда, (зеро ҳамсадоҳои **д-т** аз ҷиҳати махраҷи пайдоиш ҳамҷинсанд), хусусияти ҷарангнокии худро гум мекунад: *зуттар, (зудтар), баттар (бадтар), сатта (садта).* Дар навишти ин қабил калимаҳо принсипи морфологӣ ба эътибор гирифта мешавад: *зуд-тар, бад-тар, сад-та.*

Як силсила калимаҳои вомии арабие, ки дар таркибашон артикли **ал-** доранд, ба ассимилятсияи пурра дучор шудаанд: *маликушшуаро, шайхурраис.* Аммо ин падида дар заминаи хусусиятҳои забони арабӣ ба вуҷуд омадааст.

**b. аналогия**. Яке аз сабабҳои пайдо шудани ҳамсадоҳои мушаддад қонуни аналогия мебошад. Ҳамсадоҳои такрори калимаҳои ӯзбекии *каппа, қурбоққа, қуттӣ* бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадаанд. Дар забони ӯзбекӣ калимаҳои зикршуда бо як ҳамсадо навишта ва талаффуз шудаанд.

**c. вобаста ба кӯтоҳу дароз талаффуз шудани садонокҳо.** Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба ҷойи садоноки кӯтоҳ садоноки дароз талаффуз шавад, хусусияти такрорёбии ҳамсадои баъзе калимаҳо барҳам мехӯрад: *пи:ла (пилла).* Ҳодисаи баръакс бештар мушоҳида мешавад: садоноки дароз кӯтоҳ талаффуз шавад, ҳамсадо такрор меёбад: *биннӣ (би:нӣ), қиммат (қи:мат), ҳилла (ҳи:ла), кисса (ки:са), чиннӣ (чи:нӣ).* Бинобар ин, дар навишт ва талаффузи калимаҳои боло ба ғалат роҳ дода мешавад. Калимаҳои бинӣ, қимат, ҳила, киса, чинӣ ташдид надоранд. Меъёри талаффузи адабӣ тақозо мекунад, ки садоноки ҳиҷои якуми ин калимаҳо андаке дарозтар, пасттар талаффуз карда шавад;

**d.** дар натиҷаи ихтисори **овозҳои калима** низ ҳамсадоҳои мушаддад ба вуҷуд омада метавонанд. Масалан, *шиннӣ* кӯтоҳшудаи калимаи *ширинӣ* аст.

**e. бо тақозои вазн ва оҳанги шеър**. Дар шеъри тоҷикӣ на танҳо адади рукнҳои афоили ҳамҷинс баробар мебошад, балки бо ҳамдигар рӯбарӯмонии ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳи он рукнҳо дар ҳар ду мисраи як байт низ талаб карда мешавад. Барои ба вуҷуд наомадани сактаҳо дар шеъре, ки бо вазни арӯз гуфта шудааст, агар ҳиҷои кӯтоҳи баъзе калимаҳо дар муқобили ҳиҷоҳои дароз қарор гиранд, бо афзудани як ҳамсадо ба ҳиҷои дароз табдил меёбанд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани ҳамсадоҳои мушаддад мегардад. Чанд мисол:

*Ҷаҳоно, чӣ бинӣ ту аз* ***баччагон,***
*Ки гаҳ модарӣ, гоҳо модандаро!*

***Рӯдакӣ***

*Ба корҳои гарон марди кордида фирист,*
*Ки шери шарза дарорад ба* ***хамми*** *каманд.*

***Саъдӣ***

*Ба сабр аз корҳо берун равад банд,*
*Шавад най* ***шаккару шаккар*** *шавад қанд.*

***Ҳилолӣ***

*Аз таҳайюр ҳам замоне дар роҳат*
*Рахти* ***уммедам*** *ба дигар манзилест.*

***Анварӣ***

*Дар ин ҷода метавон чунин хулоса намуд:*

- Ҳамсадоҳои мушаддади забони тоҷикӣ аз ҷиҳати фонетикӣ як овози пайвасту яклухтро ташкил диҳанд ҳам, аз лиҳози фонологӣ пайвасти (комбинатсияи) ду фонемаи якхелаанд. Бинобар ин дар овознависии фонетикӣ онҳоро бо як аломат (ҳамчун ҳамсадои дароз) ва дар овознависии фонематикӣ (ё фонологӣ) бо ду аломати графикӣ ифода мекунанд: лат:а-латта, бар:а-барра.
- Ҳамсадоҳои мушаддадро аз ҷиҳати тарзи талаффуз ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

**a. пайвастталаффуз**. Ба ин гурӯҳ ҳамсадоҳои мушаддади калимаҳои решагӣ (*арра, барра, модда, латта, мураккаб, диққат*) ва сохтаи навъи *бурро, дарранда, парранда, чилла, чакка, чаппа* дохил мешаванд;

**b. ҷудоталаффуз.** Ҳамсадоҳои такроре, ки дар васлгоҳи ду морфема дучор мешаванд, ба истиснои баъзеяшон (*шаббода,*

*ёддошт*) ҷудоталаффузанд: *дарро (пӯш), даҳҳо, ҷоннок, даррабурдан; неккирдор, каммаҳсул, мактаббачагон, кайҳоннавард.* Марзаи морфологӣ имкон намедиҳад, ки онҳо пайвасту яклухт талаффуз карда шаванд. Ин хусусият дар муқоиса бо ҳамсадоҳои такрори пайвастталаффуз хеле равшан мушоҳида мешавад: *ҳаммаслак – ҳаммом, оббоз – оббо, даррабудан – дарра.* Гурӯҳи якумро аслӣ (ё табиӣ) ва гурӯҳи дуюмро, ки бештар дар калимаҳои сохта (ҷоннок) ва мураккаб (баддаҳон) ба вуҷуд омада метавонанд, ҳамсадоҳои такрори *комбинаторӣ ё сунъӣ* номидан мумкин аст.

➢ Дараҷаи зуҳури равшании талаффузи ҳамсадоҳои мушаддад ба мавқеи задаи калима, таъкиду задаи мантиқӣ гирифтани калимаҳои ҷудогона ва услубҳои гуфтор алоқаманд аст. Масалан, дар нутқи шифоҳӣ калимаҳои *албатта, ҳатто, ҷиддӣ, лаббай, оббо, боракалло, яккаю ягона* аксар таъкид карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳамсадоҳои мушаддади ин қабил калимаҳо саҳеҳтару равшантар талаффуз мешаванд. Ин хусусият дар калимаҳои тақлиди овозӣ низ ба мушоҳида мерасад: *тараққос, гулдуррос, фишшос.* Ҷою мавқеи задаи калима барои хира ё сареҳ талаффуз шудани ҳамсадоҳои мушаддад аҳамияте дорад. Агар задаро садоноки пеш аз ҳамсадои такрор омада гирад, ҳамсадоҳои такрор ҳатман талаффуз мешаванд: *аммо, ҳатто.* Дар дигар ҳолатҳо ҳамсадоҳои мушаддад ба ҳиҷои заданок наздик бошанд, равшану бурро ва агар аз ҳиҷои заданок дуртар воқеъ шаванд, хиратар ва баъзан тамоман талаффуз намешаванд. Муқоиса кунед: *латта-латтакӯҳна, калла-каллаварам, ғалла-ғаллакорӣ, ҷусса-калонҷусса.* Ин қонуният мувофиқи меъёри талаффузи забони адабӣ дар калимаҳои русиву аврупоӣ ҳатман бояд риоя карда шавад: *программа, касса, комиссия, доллар, апарат (аппарат), асистент (ассистент), артилерия (артиллерия), комутатор (коммутатор).*

**Савол ва супоришот:**

1. Ташдид чӣ гуна аломат аст?
2. Калимаҳое, ки ташдид доранд, асосан аз кадом забонанд?
3. Калимаҳои решагиеро номбар кунед, ки ташдид доранд.
4. Ҳамсадоҳои такрор аз ҷиҳати баромад чанд хел мешаванд?
5. Ба калимаҳои пайвастталаффузи мушаддад мисол оред.
6. Чаро калимаҳои бе ташдид дар назм мушаддад мешаванд?
7. Мавқеи зада дар калимаҳои мушаддад?

8. Имлои калимаҳои мушаддад дар забони тоҷикӣ?

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Ба талаффуз ва имлои исмҳои хос зеҳн монда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед: *номҳои одамон ва номҳои ҷуғрофӣ.*

*Аббос, Бадриддин, Ҷалолиддин, Фаттоҳ, Зиддӣ, Муслиҳиддин, Калкутта, Лиссабон, Хайём, Ҷартеппа, Фаррух, Мовароуннаҳр, Садриддин, Сайфиддин, Амрулло, Макка.*

- Калимаҳои зерро нависед ва гӯед, ки чаро дар онҳо ҳамсадоҳо ташдид гирифтаанд? *Ҷаҳоннамо, оббозӣ, шаббода, каммева, каммаҳсул, ҷигарранг, серранг, яххона, кабккабоб, каммузд, маҳиннах.*
- Бо мисолҳои *дурри дарӣ, синни балоғат, зидди ақида, қадди дилҷӯ, кулли мардум, сирри мардон, имтиҳони хаттӣ, ...-ро* аз асари бадеӣ ба мушоҳида гирифта намуна биёред.
- Аз луғатҳои тафсирӣ маъноҳои луғавии исмҳои шахси шаддадорро муқаррар намуда, ба дафтари луғататон нависед:

*Баззоз, баққол, даллол, маддоҳ, машшоқ, муаззин, мунаҷҷим, мураббӣ, мусаввир, муаҳҳеҳ, мутахассис, муғаннӣ, муҳаррир, муҳассил, наққош, саҳҳоф, тарроҳ, фаррош, хаттот.*

**Адабиёт:**


1. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Ҷ.-1.-М., 1969.-951с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Ҷ.-2.-М., 1969.-947 с.
3. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011.-с.12-90.
4. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.73-98
5. Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.143.
6. dic.academic.ru

## Фонемаҳо дар ҷараёни нутқ

Нутқи овозӣ аз шакли хатии худ тафовут дорад. Ҷараёни нутқ аз силсилаи овозҳои алоҳидаи паси ҳам талаффузшаванда иборат нест, ки мо дар мавриди дилхоҳ дар он як овозро ба овози дигар иваз кунем. Узвҳои мо дар ҷараёни нутқ овозҳои аз лиҳози махраҷу тавлид гуногунро месозанд ва наметавонанд, дар як лаҳза гоҳ як ҳолат, гоҳ ҳолати дигарро бигиранд. Нутқ тобеи қонуни сарфакориву сабукӣ мебошад. Узвҳои нутқ мувофиқи ҳамин усул амал карда, дар як ҳаракати худ як овозро сохта, барои тавлиди якчанд овози навбатӣ шароит фароҳам меоваранд. Табиист, ки дар чунин тарзи кори узвҳо овозҳои ҳамнишину ҳамсоя бетағйир намемонанд.

Аз ҳамин сабаб тағйири фонемаҳо дар ҷараёни нутқ як қонуни маъмулии сохти овози забон аст, ки онро системаи овозии забон идора мекунад. Низоми фонологӣ алоқамандона бо ҳамин қонун доираи тағйири фонемаҳо ва ҳудуди тобишҳои онҳоро муайян менамояд. Фонема дар ҷараёни нутқ бо таъсири омилҳои гуногун хеле тағйир ёфта, тобишҳои зиёде пайдо карда метавонад, вале он дар баробари ин мустақилияти фонемагии худро нигоҳ дошта, аз фонемаҳои дигар фарқ мекунад.

Тағйирёбии овозҳо дар ҷараёни нутқ дар асоси қонунҳои фонетика – *мутобиқат* ва *бадалшавӣ* сурат мегирад.

***Мутобиқати овозҳо*** яке аз сабабҳои асосии пайдоиши тобишҳои фонема мебошад. Тобишҳои фонема (тобишҳои ҳамнишинӣ ва мавқеӣ), ки дар натиҷаи мутобиқати тавлиди як овоз ба овози дигар пайдо мешаванд, байни худ муносибати тазодӣ надоранд. Мутобиқат бо ҳамин хусусият аз табдил, ки бо бадали фонемаҳо сару кор дорад, фарқ мекунад. Дар ҷараёни нутқ мутобиқати ду гурӯҳ овозҳоро фарқ мекунанд:

- мутобиқати ҳамсадоҳо ва садонокҳо
- мутобиқати байниҳамдигарии ҳамсадоҳо

Дар мавриди аввал мутобиқат дар байни овозҳои гуногун (садонокҳо ва ҳамсадоҳо) сурат мегирад ва табиист, ки овозҳои гуногун наметавонанд ба якдигар пурра мутобиқ шаванд. Дар мавриди дуюм мутобиқат дар байни овозҳои ҳамҷинс (ҳамсадоҳо)

ба амал меояд ва барои монанд шудани ин овозҳо ба ҳамдигар монеа дида намешавад.

Мутобиқати овозҳои гурӯҳи аввал (ҳамсадо ва садонок) *мувофиқат* ва мутобиқати овозҳои гурӯҳи дуюм (ҳамсадоҳо) *монандшавӣ* ном дорад.

***Мувофиқат.*** Овозҳо дар ҷараёни нутқ дар ду муҳити овозӣ ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд: дар муҳити *ҳамнишинӣ ва мавқеӣ.*

*Мувофиқати ҳамнишинӣ* дар байни овозҳои ҳамнишин сурат мегирад ва вобаста ба навъи овозҳо ду хел мешавад:

- мувофиқати садонок бо ҳамсадо (С + Ҳ)
- мувофиқати ҳамсадо бо садонок (Ҳ + С).

Дар *мувофиқати садонок бо ҳамсадо* садонокҳо ба категорияҳои гуногуни ҳамсадоҳо аз ҷиҳати қатор (ҷой) мувофиқ мешаванд, ки ин ҳодиса дар мавридҳои зерин ба назар мерасад:

- Агар садонок баъд аз ҳамсадоҳои пешизабонӣ ё лабӣ омада бошад, мувофиқати пешрав ба амал меояд, зеро ин ҳамсадоҳо садонокро ба пеш мекашад: вуҷуд, бум, бом. Мувофиқати пасрави садонокҳо дар сурате барҷаста зоҳир мешавад, ки садоноки қатори ғайри пеш дар байни ду ҳамсадои лабӣ ё пешизабонӣ воқеъ шуда бошад: боб, бузург, бабр, бадан, бод, вафо.
- Агар пеш аз садонок ҳамсадоҳои пасизабонӣ омада бошад, садонок сахт ба қафо кашида мешавад: кар, гела, каҳ, гелос, гандум. Пеш аз садонок омадани ҳамсадоҳои забончагӣ ва гулӯӣ ин ҳодисаро равшантар нишон медиҳад: қанд, ханда, ҳилла, хира;
- Агар пеш аз садонок ҳамсадои димоғӣ ояд, садонок бо асари онҳо тобиши димоғӣ пайдо мекунад: нур, домод, мавиз. Тобиши димоғии садонокҳо дар байни ду ҳамсадои димоғӣ бештар намоён мешавад: ман, мом, мум, нун, нон ва ғайра.

*Мутобиқати ҳамсадо бо садонок* дар мавридҳое равшантар зоҳир мешавад, ки ҳамсадо пеш аз садоноки лабӣ омада бошад: кӯза, сӯзан, гувоҳ, бозор ва ғ. Дар ин маврид ҳамсадо дар натиҷаи мувофиқати пешрав бо садонок аз рӯи кори лабҳо мувофиқ шуда, тобиши лабӣ пайдо мекунад.

Мувофиқшавии *ҳамсадоҳо бо садонокҳо* бештар барои ҳолати заданокӣ хос аст. Ин ҳодиса дар ҳолати безадагӣ мушоҳида шавад

ҳам, ба туфайли тахфифи сахти садонокҳои ноустувор мувофиқшавии овозҳо бисёр заиф аст.

- ***Монандшавӣ.*** Монандшавии фонемаҳо (ассимилятсия[27] аз лафзи лот. assimilato – монандшавӣ), баръакси ҳодисаи мутобиқат дар байни як категорияи овозҳо мушоҳида мешавад. *Ҳодисаи ба ҳамдигар монанд шудани овозҳои нутқро монандшавии фонемаҳо мегӯянд, ки дар ҷараёни нутқ дар натиҷаи мутобиқати фонемаҳои ҳамнишин рӯй медиҳад.* Масалан, дар таркиби овозии [нб] дар калимаҳои шанбе, занбӯр, занбар, чанбар ҳамсадои сонории [н] аз ҷиҳати кори узви овозсоз (махраҷ) ба ҳамсадои [б] монанд мешавад: овози [б] ҳамсадои зич, ҷарангдор, лабӣ ва ғайридимоғӣ буда, овози [н] ҳамсадои зич, нӯгизабонӣ, сонорӣ ва димоғӣ мебошад, яъне ин ду фонема бо узвҳои гуногун, якумӣ ба воситаи лабҳо ва дуюмӣ ба воситаи нӯги забон сохта мешавад. Аммо дар ҳамнишинӣ ҳамсадои [б] овози [н]-ро ба худ аз ҷиҳати кори узви овозсоз (лабҳо) монанд мекунад ва аз ҳамин рӯ калимаҳои боло ба *шакли [замбӯр], [замбар] ва [чамбар]* талаффуз мешаванд.

Монандшавӣ вобаста ба дараҷаи монанд шудани овозҳо ду навъ мешавад: ***комил*** **ва** ***ноқис.***

Дар монандшавии *комил* овозҳо ба ҳамдигар пурра монанд мешаванд. Масалан, фонемаи **д**, ки аз **т** танҳо бо аломати ҷарангнокию беҷарангӣ фарқ мекунад (аломати дигар; зичӣ, пешизабонӣ ва ғайридимоғӣ барои ҳар ду фонема умумӣ мебошанд), дар калимаҳои *бадтар* ва *садто* дар ҳамнишинии [дт] омада, ин аломатро аз даст додааст ва ба ҳамсадои беҷаранги [т] комилан монанд шудааст: [бат-тар], [сатто]. Монандшавии комил барои ҳамнишиниҳои овозҳои ҳамузв хос аст.

Монандшавии ноқис одатан дар ҳамнишиниҳои ҳамсадо бо садонок, садонок бо ҳамсадо ва ҳамсадо бо ҳамсадо воқеъ мегардад.

- ***Мувофиқати мавқеӣ.*** Дар забони тоҷикӣ дар натиҷаи ба муҳити истеъмол мувофиқ шудани овозҳо ду ҳодисаи маъмули фонетикӣ *тахфиф* (редуксия) ва *монандшавӣ* ба амал меоянд. Ҳодисаи якум хоси садонокҳо ва дуюм хоси ҳамсадоҳо мебошад.

---
[27]Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.21.

Дар зери мафҳуми *тахфиф* тағйироти овозие фаҳмида мешавад, ки дар муҳити безадагӣ ва заиф воқеъ мегардад. Тахфиф бештар ба садонокҳо хос аст, зеро онҳо воситаҳои ҳиҷосоз мебошанд. Садонокҳо дар ҷараёни нутқ метавонанд аз ҷиҳати сифат ва миқдор (тамдид) тағйир ёбанд. Вобаста ба навъи тағйирот ду навъи тахфиф *сифатӣ* ва *миқдорӣ* фарқ карда мешавад.

***Тахфиф*** *(редуксия)* яке аз хусусиятҳои вокализми безадаи забони ҳозираи тоҷик аст, вале ҳамаи садонокҳо ба ин қонун тобеъ нестанд. Дар ин ҳолат баъзе садонокҳои тоҷикӣ ба дигаргунии сахте дучор мегарданд ва аз ҷиҳати сифату миқдор тағйир меёбанд. Барои садонокҳои дигар гӯё ин ҳолат вуҷуд надорад, корбасти онҳо дар муҳитҳои заданок ва безада кам фарқ мекунад. Вобаста ба ҳодисаи тахфиф садонокҳои забони тоҷикиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

- садонокҳои устувор: э, ӯ, о.
- садонокҳои ноустувор: и, а, у.

Ин ду гурӯҳи фонемаҳо дар ҳиҷои заданок фарқ намекунанд. Фарқи онҳо дар ҳиҷои кушоди безада равшантар маълум мешавад. Дар ин ҳолат садонокҳои ноустувор аз ҷиҳати миқдору сифат сахт тағйир меёбанд, вале садонокҳои гурӯҳи устувор дарозию сифати худро устуворона нигоҳ медоранд. Аз ҳамин рӯ ҳодисаи тахфифро мансуби садонокҳои ноустувор медонанд.

Садонокҳои **и, а, у** дар ҳолати заданок аз садонокҳои гурӯҳи устувор қариб фарқ надоранд, аммо дар ҳиҷои кушоди безада, онҳо сахт кӯтоҳ мешаванд. Ин кӯтоҳшавӣ гоҳо то дараҷаи аз байн рафтани онҳо оварда мерасонад. Масалан, фонемаи **и** дар ин ҳолат ҳам сифатан ва ҳам миқдоран тағйир ёфта, амалан дар ҳамсадои пешина зуҳур меёбад: китоб [кэтоб], сифат [сэфат]. Дар нутқи бошитоб ин тағйирот ба дараҷае мерасад, ки садонок гоҳо вазифаи ҳиҷосозиашро ҳам гум мекунад.

Садоноки **у** низ дар ҳолати безада тахфиф ёфта, мустақилияту муайянии худро аз даст медиҳад. Садоноки **у** ба туфайли тавлиди лабиаш дар ҳамсоягӣ бо ҳамсадоҳои ҷарангдор сифати хоси худро нигоҳ медорад: гувоҳ (г$^{у}$воҳ), гумон [г$^{у}$мон], гурусна [г$^{у}$р$^{у}$сна], аммо дар байни ҳамсадоҳои беҷаранг то ба дараҷаи аз байн рафтан тахфиф меёбад: хушбахт [х$^{у}$шбахт], чукри [ч$^{у}$кри]. Фонемаи **а**, ки нисбатан ба ду фонемаи аввала устувортар аст, низ дар ҳолати

безадагӣ ихтисор мешавад: сафед (сәфед), қасам (қәсам), чакидан (чәкидан).

Тахфифи садонокҳои **и, а, у** дар ҳолати безадагӣ онҳоро ба ҳамдигар наздик мекунад ва гоҳо ин наздикӣ ба дараҷае мерасад, ки ин се садонок ба як овоз [ә] бадал мешаванд, вале вазифаи ҳиҷосозӣ ва арзиши фонологии худро гум намекунанд. Бо вуҷуди ин ихтисоршавии садонокҳои **а, и, у** танҳо ба ҳолати безадагӣ вобаста нест. Дар фарқ кунонидани онҳо омилҳои дигар, алалхусус хусусиятҳои мавзунии нутқ (ритм) низ аҳамиятнок аст.




***Афзоиш.*** Дар ҷараёни нутқ дар натиҷаи ҳамнишинии фонемаҳо таркибҳои овозие пайдо мешаванд, ки талаффузашон мушкил аст. Бо мақсади осон шудани талаффуз дар ин таркибҳо як овоз (садонок ё ҳамсадо) афзуда мешавад. Дар фонетика ин ҳодисаро афзоиши овозҳо ё кӯтоҳтар афзоиш меноманд.

*Афзоиши таърихиро* дар калимаҳои таърихие вомехӯрем, ки дар талаффузи онҳо мушкилӣ пеш омада, бо иловаи овозе мувофиқ карда шудаанд. Аз ҷумла калимаҳои *шаҳриёр* ва *мардикор,* ки дар онҳо таърихан ҳамнишинҳои сегона [хрӣ] ва [рдк] шаҳрёр ва мардкор мавҷуд будааст ва барои талаффуз мушкилӣ мекардааст, садоноки [и] илова шуда, талаффузи таркибҳои овозиро осонтар кардааст. Садоноки [и] дар таркиби ин калимаҳо чунон мустаҳкам ҷой гирифтааст, ки ба нормаи талаффузи адабӣ дохил шуда, шакли хаттӣ пайдо кардааст, ки имрӯз навишти ин калимаҳо бе ҳарфи [и] ба нормаи имло дуруст намеояд. Ҳодисаи афзоиши фонемаҳо метавонад, боиси ба вуҷуд омадани вариантҳои овозии калимаҳо шавад. Масалан, дар калимаҳои зерин иловаи ҳамсадоҳои [н] ва [т] боиси пандоиши шаклҳои дигари ҳамин калимаҳо гардидааст:

| | |
|---|---|
| *бозигар//бози-н-гар,* | *чакма//чакма-н* |
| *дома//дома-н,* | *болиш//болиш-т* |
| *гӯшти//гӯшти-н* | *қоли//қоли-н.* |

Мавриди зикр аст, ки имрӯза имлои забони тоҷикӣ бевосита варианти охирини ин калимаро чун нормаи забони адабӣ қабул намудааст.

➢ *Афзоиши муосир* дар талаффузи имрӯза, дар ҷараёни нутқ мушоҳида мешавад. Дар афзоиши муосир баръакси афзоиши таърихӣ овози афзуда ҳанӯз дар ҳамнишиниҳои фонемаҳо ҷои комилан мустаҳкаму доимӣ надорад, вале рафта-рафта устувор мешавад ва тадриҷан ба нормаи талаффузи адабӣ дохил гардида, дар хат инъикос меёбад. Масалан, дар калимаҳои ҳавои [ҳавойи] хунук, бобои [бобойи] ман, бинои [бинойи] нав дар талаффуз ҳамсадои [й] афзуда мешавад ва ин ҳодиса мувофиқи норма аст, вале дар хат инъикос намеёбад. Аммо фонемаи [в], ки дар калимаҳои аввали таркибҳои *саҳрову дашт, ҷову ҷалол* афзудааст, мувофиқи норма буда, бар хилофи ҳодисаи болоӣ дар хат ба воситаи ҳарфи мувофиқ [в] ифода мешавад.




➢ *Афзоиши садонокҳо,* маъмулан, дар ҳамнишинии ҳамсадоҳо дучор мешавад. Дар ин гуна таркибҳо бо мақсади осон шудани соҳибони забон ё як ҳамсадоро талаффуз намекунанд (ҳодисаи коҳиш) ё як садонок илова мегардад. Масалан, дар калимаи *сохтмон* талаффузи ҳамнишинии сегонаи ҳамсадоҳо [хтм] вазнин аст ва барои осон кардани он ба ин таркиб садоноки [у] илова гардида, ин калима [сохтумон] талаффуз мешавад.

➢ *Афзоиши ҳамсадоҳо* дар ҳамнишиниҳои садонокҳо ба амал меояд. Масалан, агар исмҳо бо садоноки **и, а, у** тамом шаванд, ҳангоми ҷамъбандии онҳо бо пасванди -он ҳамсадоҳои [г], [в], [й] афзуда мешавад: *моҳи – (й)-он, оҳу – (в)-он.*

Бояд гуфт, ки на ҳамаи фонемаҳо қобилияти афзоиш доранд, масалан, фонемаҳои ***б, п, м, н, л, ф, ж, т, з, с, ғ, қ, ъ*** дар афзоиш иштирок намекунанд. Афзоиш бештар ба фонемаҳои ***й, в, г, ч*** хос аст.

***Коҳиш.*** Ҳодисаи коҳиши фонемаҳо акси ҳодисаи афзоиш аст. Сабаби воқеъ гардидани коҳиши фонемаҳо низ ҳамон усули осон кардани талаффузи таркибҳои овозии душворталаффуз мебошад.

Дар *коҳиши таърихӣ* як воҳиди овозӣ бо мурури замон ва вобаста ба қонунҳои инкишофи сохти овозии забон аз занҷири овозӣ меафтад. Масалан, коҳиши таърихӣ сабаб шудааст, ки дар

калимаҳои зерин, ки таърихан ба шакли *номак, бандак* ва *зардак* талаффуз мешудаанд, ҳамсадои охири онҳо коҳиш ёфта, имрӯз дар шакли *нома, банда, зарда* талаффуз шаванд.

*Коҳиши муосири* фонемаҳо тобеи қонунҳои ҳамнишинӣ ва талаффузи забони муосир аст. Масалан, дар талаффузи гуфтугӯии шакли феълии *меравам* аз асоси феълии *рав* ду фонема коҳиш ёфтааст ва ин шакли феълӣ дар се шахси танҳо ва ҷамъ ба таври зерин талаффуз мешавад.

*ме-р-ам*    *ме-р-ем*

*ме-р-ӣ*    *ме-р-ед*

*ме-р-ад*    *ме-р-анд*

Дар мисоли болоӣ аён мегардад, ки дар натиҷаи коҳиши фонемаҳо аз асоси феълӣ танҳо ҳамсадои [р] боқӣ мондааст.




Ҳодисаи коҳиши фонемаҳо бештар дар гурӯҳи ҳамсадоҳо – овозҳои махраҷдор дучор мегардад ва ба ҳамнишиниҳои мобайн ва охири ҳамсадоҳо хос аст. Дар ҳамнишиниҳои мобайнӣ коҳиш бештар дар мавридҳое содир мешавад, ки се ҳамсадо ҳамнишин гардад. Дар ҳамнишиниҳои сегона одатан яке аз фонемаҳо (маъмулан ҳамсадои зич) аз талаффуз меафтад: хиштгар – хишгар, кордча – корча, дастбурд – дасбурд.

Дар ҳамнишиниҳои охир низ ҳамсадоҳо коҳиш ёфта метавонанд: хез [хе], деҳ [те], карданд [кардан] ва амсоли инҳо.

Коҳиши муосир ба забони гуфтугӯӣ хос аст ва аз ин рӯ мувофиқи нормаи забони адабӣ воқеъ намегардад, вале метавонад ба таври тадриҷӣ ба забони адабӣ ворид шавад.

Дар гурӯҳи садонокҳо ҳодисаи коҳиш чандон характернок нест. Садонокҳо (одатан ноустуворҳо) тобеи қонуни тахфиф мебошанд.

***Ҷойивазкунӣ.*** Ҷойивазкунии фонемаҳо (метатеза[28] – лафзи юн. metathesis) дар натиҷаи ҳамнишинии овозҳо ба амал меояд ва ин ҳодисаи овозӣ ба осон кардани талаффуз вобаста аст. Агар дар ҳамнишинии дугона талаффузи аъзои якум нисбат ба дуюм мураккабтар бошад, аввал фонемаи дуюм, ки талаффузаш осонтар

---

[28]Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.121.

аст, сохта мешавад, баъд фонемаи якум тавлид мегардад. Масалан, дар ҳамнишиниҳои [бр], [фх], [фл], [зр], [фв] ва ғайра аввал фонемаи дуюм, баъд фонемаи якум талаффуз мешавад ва дар натиҷа фонемаҳои ин таркибҳо ҷойҳои якдигарро иваз мекунанд: тубра//турба, сафҳа//саҳфа ё саҳифа, Назрулло//Нарзулло, қуфл//қулф, афв//авф ва ғайра. Ҷойивазкунӣ дар забони тоҷикӣ хоси ҳамсадоҳо буда, ду хел мешавад: *таърихӣ ва муосир.*

❖ *Ҷойивазкунии таърихӣ* дар давраҳои пешинаи инкишофи забон сурат мегирад ва тадриҷан мустаҳкам шуда, ба норма дохил мешавад ва дар хат инъикос меёбад ва шакли талаффузи аслии калимаро танг карда, ҷои онро мегирад. Масалан, калимаҳои *қулф, китф, сурфа, маҳсӣ ва авф* аслан дар шакл *қуфл, кифт, суфра, масҳӣ ва афв* будаанд, вале ба туфайли ҷойивазкунии фонемаҳои ҳамнишин тадриҷан мустақил шуда шакли имрӯзаро гирифтаанд.




❖ *Ҷойивазкунии муосир* ҳанӯз зинда буда, ба нутқи гуфтугӯӣ хос аст. Дар ин маврид ҳар ду навъи талаффуз (бе ҷойивазкунӣ ё бо ҷойивазкунии фонемаҳо) ба таври мувозӣ вуҷуд дошта метавонад: ҳалво//ҳавло, дарё//дайро, ҷумъа//ҷуъма, вале рафта-рафта яке аз онҳо дигареро танг карда, аз истеъмол хориҷ месозад.

***Табдил.*** Фарқи фонемагии алломорфҳои як морфема, фарқи овозии байни шаклҳои як реша, ё пешванд, ё пасванд, ё анҷомаро *табдил (бадалшавӣ)* меноманд. Табдили фонемаҳо ба ҳодисаи мутобиқати овозҳо умумияте дошта бошад ҳам, ин ду ҳодиса аз якдигар фарқ мекунад:

- Дар табдил фонемаҳои гуногун ба ҳамдигар бадал мешаванд. Дар ин маврид шабоҳати фонемаҳо шарт нест, вале дар мутобиқат ва пайдоиши тобишҳои фонема шабоҳату монандии фонемаҳо ҳатмист;
- Табдили фонемаҳо ба мавҷудияти шаклҳои гуногуни як морфема вобаста аст ва аз ҳамин рӯ бадалшавӣ танҳо дар сурати монандии морфемаҳо ҷой дошта метавонад. Масалан, бадалшавии а//у дар ду шакли як морфема (паз//пухт) дида мешавад, аммо ин фонемаҳо дар таркиби морфемаҳои гуногун (масалан дар, бур) бадал намешаванд;
- Фарқи байни табдил аз пайдоиши тобишҳои фонема дар он аст, ки пайдоиши ҳар як тобиши фонема ба шароити муайяни овозӣ вобаста аст ва дар байни тобишҳо муносибати такмилӣ мушоҳида мешавад.

Агар шароити муайяни овозӣ тағйир ёбад, ба ҷои як тобиш тобиши дигар пайдо мешавад. Масалан, садоноки **[а]** дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои пасизабонӣ тобиши моили қафо [қафас] дорад, аммо дар ҳамнишинӣ бо ҳамсадоҳои пешизабонӣ тобиши моил ба пеши он [барра] пайдо мекунад. Вале дар табдили фонемаи **[д]** ба **[т]** дар калимаҳои кабуд [кабут] ва санҷид [санҷит] танҳо фонемаи ба ин ҳолати фонетм кӣ (охири калима) вобаста **[д]** ҳамчун фонемаи нишонадор дар охири калима истифода намешавад. Фонема **[т]** дар ин ҳолат озод аст ва ба тағйирот дучор намешавад.

Ҳамаи табдилҳо ба шароити гуногуни овозӣ алоқаманд мебошанд, аммо вобаста ба гузашти замон вобастагии онҳо ба шароиту ҳолатҳои овозӣ аз байн меравад ва бадалшавӣ ба ҳодисаи мустақил табдил ёфта, аз рӯи анъана сурат мегирад. Дар гурӯҳи дигари табдилҳо ҳодисаҳои овозие, ки мӯҷиби бадалшавӣ мешаванд, зиндаанд ва онҳоро дар заминаи маводи забони муосир шарҳ додан мумкин аст. Вобаста ба ҳамин ду навъи табдилро фарқ мекунанд: *табдили анъанавӣ ё таърихӣ, табдили зинда (ё муосир).*

❖ *Табдили таърихиро* дар заминаи масолеҳи забони муосир шарҳ додан мумкин нест, зеро онро танҳо таърих муайян мекунад. Фарқи дигари табдили *таърихӣ аз фонетикӣ* он аст, ки табдили овозӣ вазифаи сарфӣ надорад, аммо табдили таърихӣ вазифаи сарфӣ дорад, масалан, ба воситаи табдил фарқ кардани асосҳои феълӣ *паз//пухт, сӯз//сӯхт, хӯр//хӯрд, ...*

Ҳамчунин табдили таърихӣ дар хат ифода меёбад, вале табдили овозӣ чунин имконият надорад. Табдили таърихӣ яке аз мавзӯъҳои баҳси таърихи забон аст. Дар ин ҷо мо бо овардани чанд мисол маҳдуд мешавем.

***Табдили садонокҳо:***

*у//а: бурд//бар, пухт//паз, шуд//шав;*

*у//о: супурд//супор, шумурд//шумор, буд//бош, намуд//намо;*

*у//ӯ: шуст//шӯй, гуфт//гӯй ва ғайра.*

*Табдили ҳамсадоҳо:*

*з//хт: дӯз//дӯхт, сӯз//сӯхт, паз//пухт, соз//сохт, гудоз//гудохт*

*в//фт: ков//кофт, рав//рафт;*

*б//фт: кӯб//кӯфт, рӯб//рӯфт, тоб//тофт;*

*р//шт: дор//дошт, гузор//гузошт;*

*й//ст: шӯй//шуст, ҷӯй//ҷуст, рӯй//руст;*

*х//ст: хоҳ//хост, ҷаҳ//ҷаст, рах//раст.*

❖ *Табдили овозӣ* дар забони ҳозираи тоҷик ду навъ дорад: ***табдили ҳамнишинӣ ва табдили мавқеӣ.***

➢ ***Табдили ҳамнишинӣ*** дар натиҷаи мутобиқату мувофиқати фонемаҳои ҳамнишин ба вуҷуд меояд. Дар ин мавриd табдил натиҷаи бевоситаи монандшавӣ мебошад.

Табдили ҳамнишинии фонемаҳо дар гурӯҳи ҳамсадоҳо метавонад аз рӯи чор аломат: кори садопардаҳо, узви овозсоз ё махраҷи овозсозӣ, тарзи ташаккул ва вазъияти пардачаи ком сурат гирад, аммо табдили ҳамсадоҳои ҳамнишин аз рӯи ду аломати аввал равшантар зоҳир мешавад.

*Табдили ҳамсадоҳо* аз рӯи кори садопардаҳо дар ҳамнишинии ҳамсадоҳои ҷарангноку беҷаранг ба назар мерасад. Дар ин маврид бояд ду тарзи ҳамнишиниро фарқ кард:

- бадалшавии ҷарангдор ба беҷаранг
- бадалшавии беҷаранг ба ҷарангдор.

Дар ҳар ду маврид бадалшавӣ дар натиҷаи монандшавии пасрав ба амал меояд. Агар ҳамсадои якум ҷарангнок ва ҳамсадои дуюм беҷаранг бошад, ҳамсадои якум дар зери таъсири ҳамсадои дуюм ҷарангнокии худро аз даст медиҳад ва ба ҳамсадои беҷаранг бадал мешавад.

| | |
|---|---|
| *мазкур – маскур* | *зудтар – зуттар* |
| *тазкира – таскира* | *себча – сепча* |
| *калидсоз – калитсоз* | *китобча – китопча* |

Агар ҳамсадои аввали беҷаранг ва баъдина ҷарангнок бошад, ҳамсадои якум ба ҳамсадои дуюм табдил меёбад:

| | |
|---|---|
| *асбоб [азбоб]* | *афғон [авғон]* |
| *машғул [мажғул]* | *асосгузор [асозгузор]* |
| *миқдор [миғдор]* | *асғар [азғар]* |

Табдилҳои зикршуда метавонанд дар се маврид: дар дохили калима, дар ҳамнишинии калимаҳои ёрирасон бо калимаҳои мустақилмаъно ва дар ҳамнишинии ду калимаи мустақил ба амал оянд. Дар мисолҳои боло табдил дар дохили калима ба вуҷуд омадааст. Табдили ҳамсадоҳоро дар ду мавриди дигар мисолҳои зерин нишон медиҳанд:

- табдил дар ҳамнишинии калимаи ёрирасон бо калимаи мустақилмаъно: *аз сар – ассар, аз пас – аспас, аз худ – асхуд, об катӣ – опкатӣ, бод катӣ – боткатӣ.*
- бадалшавӣ дар васлгоҳи ду калимаи мустақилмаъно:

**a.** чарангдор ба беҷаранг: боз кун [бос] кун, бод кун [бот] кун, сад кас [сат] кас;

**b.** беҷаранг ба ҷарангдор: пас гирифтан [паз] гирифтан, пеш бурдан [пеж] бурдан, хок гирифтан [хог] гирифтан, чок дӯхтан [чог] дӯхтан.

Дар забони тоҷикӣ навъи бадалшавии ҳамсадоҳои ҷарангнок ба беҷаранг маъмултар аст ва ба ғайр аз ҳамнишиниҳо бо фонемаҳои *м, н, л, р, й* ва *в* дар ҳамаи ҳамнишиниҳои ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранг ба назар мерасад. Агар ҳамсадоҳои шавшувдор пеш ё баъд аз ин фонемаҳо оянд, аз ҷиҳати ҷарангнокию беҷарангӣ ба тағйироте дучор намешаванд:

| | |
|---|---|
| *амсол* | *аврат* |
| *атроф* | *авқот* |
| *алҳол* | *анкабут* |
| *арса* | *аркон* |

*Бадалшавии ҳамсадоҳо аз рӯи узви овозсоз* (ё махраҷи овозсозӣ) дар забони ҳозираи тоҷик чандон маъмул нест ва танҳо дар ҳамнишинии ҳамсадои зичи нӯгизабонии димоғии [н] бо ҳамсадои зичи лабии [б] мушоҳида мешавад. Дар ин ҳамнишинӣ дар натиҷаи монандшавии пасрав ҳамсадои пешина ба ҳамсадои баъдина аз рӯи узви овозсоз монанд мешавад ва ба ҳамсадои лабии сонории зичи димоғии [м] табдил меёбанд:

| | |
|---|---|
| *занбар – замбар* | *ҷунбидан – ҷумбидан* |
| *анбор – амбор* | *дунба – думба* |

*танбур – тамбур* *шанбе – шамбе*

➢ ***Табдили мавқеӣ*** ба мавқеи ҳамсадо дар калима ва ба омилҳои дигари талаффуз вобаста аст. Дар забони тоҷикӣ ҳамсадоҳои ҷарангдор дар ҷараёни нутқ дар охири калима пеш аз танфис ҷарангнокии худро гум карда, ба ҳамсадоҳои беҷаранг бадал мешаванд:

| | |
|---|---|
| *касб – касп* | *санҷид – санҷит* |
| *кабуд – кабут* | *калид – калит* |
| *лагад – лағат* | *сабад – сабат* |

Агар пас аз калима танфис набошад, ин табдил ба табдили ҳамнишинии ҳамсадоҳо дар васлгоҳи ду калимаи мустақилмаъно табдил меёбанд ва бадалшавӣ ба фонемаи аввали калимаи дуюм вобаста аст.

Табдили фонемаҳо метавонад дар натиҷаи дуршавии овоз (***диссимилятсия*** – лот. dissimilatio – аз ҳамдигар дуршавии овоз[29]) ба вуҷуд ояд. Диссимилятсия дар забони тоҷикӣ чандон маъмул нест, аммо дар мавридҳое, ки ин ҳодиса рӯй медиҳад, мӯҷиби бадалшавӣ мегардад. Табдил мувофиқи диссимилятсия дар ҳамнишинии фонемаи **“қ”** бо ҳамсадои беҷаранги **“х”** мушоҳида мешавад:

| | |
|---|---|
| *иқтисод – ихтасод* | *тақсир – тахсир* |
| *вақт – вахт* | *тақсим – тахсим* |
| *нақша – нахша* | *нақд – нахт* |

**Савол ва супоришот:**

1. Дар фонетика кадом ҳодисаҳои овозӣ мавҷуд аст?
2. Тафовути нутқи овозӣ аз нутқи хаттӣ дар чист?
3. Монандшавии ноқис ва комилро бо мисолҳо фаҳмонед.
4. Тахфиф ва муносибати он бо зада.
5. Тафовути афзоиши садонокҳо ва ҳамсадоҳоро муайян кунед?

[29]Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.44.

6. Коҳиш ва намудҳои он?
7. Ҷойивазкунии таърихӣ ва муосирро шарҳ диҳед.
8. Ба бадалшавии овоз мисол биёред.
9. Аҳамияти ҳодисаҳои овозӣ дар забон аз чӣ иборат аст?
10. Ҳодисаҳои фонетикӣ дар асоси кадом қонунҳо сурат мегиранд?

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ доир ба афзоиш ва табдили овозҳо мисол оред.
- Аз рӯзномаҳои давр оид ба афзоиши муосир мисол оред.
- Корбасти вожаҳои ифодакунандаи хислату хусусияти инсон ва тағйироти овозӣ дар онҳо. (дар асоси асари бадеӣ)
- ***Иқтисод, вақт, нақша, мақсуд, тақсир, тақсим, тақдир, нақд, мазкур, себча. шанбе, занбӯр, занбар, чанбар, анбӯр, анбор, гунбад, ҷунбидан, дунба.***

Ҳангоми талаффузи калимаҳои болоӣ кадом ҳодисаи фонетикиро мушоҳида намудед?

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I.– Душанбе: Дониш,1985.-с.31-47
2. Климов Г.А. Фонема и морфема. К проблеме лингвистических единиц. – Либроком. 2009.-130 с.
3. Кодзасов С.В., Кривнова О. Ф. Общая фонетика. – М.: РГГУ, 2001.-592с.
4. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.99-111

7. dic.academic.ru

## Ҳиҷо ва мавқеи он дар забони тоҷикӣ

**Мафҳуми ҳиҷо**. Забони мо, нутқи мо силсилаи муттасили овозӣ буда, аз чанд ҷиҳат таҷзия шуда метавонад. Дар таҷзияи забоншиносӣ ҳадди охирин ва воҳиди хурдтарини таҷзия фонема мебошад. Аммо аз нуқтаи назари талаффуз бошад ҳадди охирини тақтеъ ҳиҷо аст. Аз ҳамин сабаб ҳиҷоро воҳиди хурдтарини талаффуз меноманд, ки:

- Калима ва ё ҷумларо ба порчаҳои овозии аз ҳиҷо хурдтар тақсим намудан имконнопазир аст. Масалан: бо-дом, гул-дас-та, о-дам, во-ҳид-ҳо-и за-бон, ка-ли-ма....
- Ҳиҷо танҳо дар талаффуз воҳиди хурдтарин аст, дар таҳлили лингвистӣ ва дар шунид ҳиҷоро ба воҳидҳои хурдтар овозҳо – фонемаҳо тақсим намудан мумкин аст.
- Ҳиҷо танҳо аз силсилаи овозҳои паиҳамомада иборат нест, балки маҷмӯи овозҳое мебошад, ки онҳоро ягон хусусияти умумӣ муттаҳид месозад ва ин хусусият программаи ягонаи талаффузи ҳиҷо (овозҳои таркиби он) аст, ки тавассути он ҷараёни тавлиди нутқ, кори узвҳои овозсоз идора карда мешавад.

Ҳиҷоҳо аз таркибҳои гуногуни овозҳои садонок ва ҳамсадо ташкил мешаванд ва дар ҳама гуна шароиту муҳити нутқ яклухтӣ ва тақсимнопазирии худро нигоҳ медоранд. Табиист, ки дар забон ҳиҷоҳо аз як овоз (садонок) ҳам ташкил ёфта метавонанд, (о-ҳис-та, а-ро-сат, бо-о-доб, са-о-дат, та-би-ӣ) вале дар нутқи муттасил ин гуна ҳиҷоҳо кам дучор меоянд. Нутқи муттасил занҷири овозҳост, ки дар он ҳиҷоҳо ба воситаи ҳамнишинии ҳамсадою садонок сохта мешавад ва аз онҳо занҷирҳои овозии сершумор ва гуногуни нутқи овозӣ ба амал меояд.

***Хелҳои ҳиҷо.*** Ҳиҷоҳо вобаста ба таркибу хусусиятҳои овозиашон якчанд хел мешаванд. Вобаста ба овозҳои охир, ки бо садонок тамом мешавад ё бо ҳамсадо ҳиҷоҳо ду хел мешаванд: *кушода ва баста.*

- Агар ҳиҷо бо садонок тамом шуда бошад (со-да, со-ро, зо-ну, бо-ну, гу-лӣ, зе-бо), онро *ҳиҷои кушода* номанд.

- Агар ҳиҷо бо ҳамсадо ба охир расад (гул-зор, таҳ-дид, боғ-бон, сад-барг, нар-гис), онро *ҳиҷои баста* меноманд.

Дар забони ҳозираи тоҷик ҳиҷои баста ва кушода вобаста ба хусусияти хоси худ боз ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: [ҲС] ва [ҲСҲҲ]. Қолиби аввалӣ мансуби ҳиҷои кушода буда, ду навъ дорад: [С] ва [ҲС]. Қолиби дуюм хоси ҳиҷои баста буда, чор навъ дорад: [СҲ], [СҲҲ], [ҲСҲ] ва (ҲСҲҲ).

Маъмултарини ҳиҷои тоҷикӣ навъи /ҲС/ – (дар гурӯҳи ҳиҷоҳои кушода) ва /ҲСҲ/ (дар гурӯҳи ҳиҷоҳои баста) мебошад. Дар айни замон ҳиҷои кушода нисбат ба ҳиҷои баста бештар дучор меояд.

**Ҷадвали 5.**

**Навъҳои ҳиҷои баста ва кушода**

| **Кушода** | | **Баста** | |
|---|---|---|---|
| Навъи ҳиҷо | Мисол | Навъи ҳиҷо | Мисол |
| С | О-доб | СҲ | Ор-зу |
| ҲС | Шу-ҷо-ат | | Ар-зиш |
| | Бо-да | СҲҲ | Асп, орд |
| | Ши-ра | ҲСҲ | Кор-гар, |
| | | | Гул-зор |
| | | ҲСҲҲ | Бу-зург |
| | | | Хишт-рез |

Ҳиҷоҳо вобаста ба овозҳои аввал, оғоз низ ду хел мешаванд: *боз ва пӯшида*.

Агар ҳиҷо бо садонок сар шавад (орзу, абрӯ, усто), *ҳиҷои боз* ва агар ба ҳамсадо оғоз ёбад (баҳор, бону, фозил), *ҳиҷои пӯшида* ном дорад.

Ҳиҷоҳо вобаста ба заданокиашон низ ду навъ мешаванд: *заданок ва безада.*

Ҳиҷое, ки зада дорад, *ҳиҷои заданок* ва ҳиҷое, ки зада надорад, *ҳиҷои безада* номида мешавад.

Ҳиҷо дар системаи овозии забон вазифаи махсусро дорост. Вай ҳамчун *воҳиди хурдтарини талаффуз* ба пайдоиши тобишҳои сершумори фонема шароит фароҳам меорад. Мақоми ҳиҷо дар ташкили мавзунияти нутқи тоҷикӣ хеле калон аст. Зеро ҳиҷо

воситаи асосии ташкили мавзунияти нутқ (ритм) аст, чунки мавзунияти сухан ба бадалшавии ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва заданокию безадагии онҳо асос меёбад.

Ҳиҷоро ҳамчун воҳиди хурдтарини нутқи овозӣ илмҳои гуногун: физика, физиология, равоншиносӣ, психолингвистика ва ғайра бо мақсадҳои мухталиф меомӯзанд. Забоншиносӣ аз маълумоти ҳамаи ин илмҳо фаровон истифода барад ҳам, онро чун воҳиди асосии структураи забон бо мақсади забоншиносӣ мавриди тадқиқ қарор медиҳад.

Тарзҳои ҳиҷосозӣ ва роҳҳои муайян намудани ҳудуди ҳиҷо аз масъалаҳои асосии назарияи ҳиҷо ба шумор меравад.

***Ҳиҷосозӣ.*** Дар забони тоҷикӣ воситаи ҳиҷосоз фонемаҳои садонок мебошанд. Онҳо дар ҳудуди ҳиҷо ва дар тамоми ҳолатҳои он: дар аввал (ор-зу, ар-ча), мобайн (кор-гар, нар-гис, сад-барг) ва охир (са-до, бе-да, хо-на) озодона истеъмол мешаванд.

Садонокҳо мустақилона ё дар якҷоягӣ бо ҳамсадоҳо дар ҳиҷосозӣ иштирок намуда, навъҳои гуногуну сершумори ҳиҷои тоҷикиро ба вуҷуд меоранд: о-мад, о-ҳис-та, бо-о-доб, са-о-дат.

Э з о ҳ: Аксарияти ҳиҷоҳои забони тоҷикӣ ба воситаи садонокҳо сохта мешаванд, аммо дар сурати бо ҳамсадоҳо ҳамшафат набудани садонокҳо ҳамсадоҳои сонории м, н, л, р, (в) метавонанд чун воситаи ҳиҷосоз истифода шаванд. Ин қобилияти ҳамсадоҳои сонорӣ дар ду ҳолат – мобайн ва охири калима ё синтагма зоҳир мешавад: а-бр-ҳо, за-хм-ҳо, на-сл-ҳо, фи-кр, қа-ҳр, на-сл, ва-ҳм, ҳа-чв, ла-ҳн, ма-тн ва ғайра, вале ҳамин ки пас аз сонориҳо садонок ояд, ҳамсадоҳо аз ин вазифа озод мешаванд: фик-рӣ, зах-мӣ, нас-лӣ, ҳаҷ-вӣ ва ғайра.[30]

***Ҳиҷоҷудокунӣ.*** Яке аз масъалаҳои мушкилтарини забоншиносӣ ба ҳиҷо ҷудо кардани калима ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб то ҳол дар забоншиносӣ назарияи ягонаи ҳиҷо ва ҳиҷоҷудокунӣ, ки лоақал дар чанд забон қобили татбиқ бошад, дида намешавад. Аммо бояд гуфт, ки ин масъала аз давраи антиқа то имрӯз борҳо мавриди баҳсу тадқиқ қарор гирифтааст, вале имрӯз ҳам ҳалли қаноатбахш надорад. Душвории ҳиҷоҷудокуниро савтшинос Л.Р.Зиндер низ таъкид намудааст: "...дар забонҳои

[30] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I.– Душанбе: Дониш,1985.-с.48

дорои сохти фонемагӣ воҳиди хурдтарине, ки бори маъноӣ дошта метавонад, овози алоҳидаи нутқ фонема ба ҳисоб меравад. Ҳиҷо бошад бо маъно алоқа надорад ва аз ин рӯ гуё унсури боқимондаи давраи ҳиҷоӣ, давраи тофонемагии инкишофи забон аст.”[31]

❖ Ҳанӯз забоншиноси давраи атиқа Присман кӯшиш карда буд, ки ҳиҷоро ҳамчун ҳамнишинии овозҳо таъриф кунад. Филологҳои Рум ҳиҷоро аз нуқтаи назари арӯз мавриди тадқиқ қарор дода буданд. Савтшиносони машриқзамин низ масъалаи ҳиҷоро аз юнониҳо иқтибос карда, ба он аз диди арӯз наздик шуда, фикрҳои ҷолибе гуфта буданд. Абурайҳони Берунӣ ҳатто истилоҳи “силлоб”-и юнониро истифода бурдааст. Ибни Сино бошад, ҳиҷоро “муқаттаъ” номида чунин таъриф кардааст: *“чун ҳарфҳоро имконияти якбора адо кардан бошад, онро муқаттаъ меноманд”*. Худи истилоҳи ҳиҷо бори аввал дар китоби “Мизон-уш-шеър фи арӯз-ул-араб-вал-аҷам” дучор омадааст.[32]

Масъалаи ҳиҷо дар асрҳои миёна ва махсусан, аз солҳои 60-70-уми асри XIX сар карда диққати забоншиносонро бештар ба худ ҷалб кардааст. Мувофиқи қайди савтшиносон ҳиҷо воҳиди талаффуз аст, аммо бо вуҷуди монандии узвҳои овозсоз малакаҳои талаффуз дар ҳамаи забонҳо як хел нест. Ҳар як забони миллӣ малакаи хоси талаффуз дорад, ки алоқамандона бо хусусиятҳои системаи фонемаҳо, ҳамнишинию тағйири овозҳо, анъанаҳои талаффуз ва ғайра таърихан ба вуҷуд омадаанд. Маҷмӯи ҳамин малакаҳои талаффузи миллӣ сохти ҳиҷо ва ҳиҷоҷудокуниро дар забони миллӣ муайян мекунад. Аз ҳамин рӯ ҳиҷоҷудокунӣ бояд ба тавре сурат гирад, ки бо малака ва қонунҳои талаффузи забони тадқиқшаванда мухолиф набошад ва ҳиҷоҳои дар асоси ягон омил ҷудокардашуда бо ҳиҷоҳои интуитивӣ мувофиқати том дошта бошанд.

Дар забони тоҷикӣ дар мавриди ҷудо кардани калимаҳои навъи *бибӣ, беда, талаба* ва амсоли инҳо ба ҳиҷо душворие дида намешавад. Ин калимаҳо ба таври *би-бӣ, бе-да, та-ла-ба* ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд, зеро тарзи дигари ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани ин калимаҳо (масалан, биб-ӣ, бед-а, та-лаб-а) номумкин аст. Душвории асосии масъалаи ҳиҷоҷудокунӣ дар мавридҳое пайдо мешавад, ки

---

[31] Зиндер Л.Р. Общая фонетика, Л., 1960.-с.279.

[32] Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.118.

зарурати муайян намудани сарҳади ҳиҷо дар таркибҳои дугонаю сегонаи ҳамсадоҳо (масалан, таркибҳои [штр], [рзб], [рдб], [штг] дар калимаҳои навъи хиштрез, марзбон, нардбозӣ, киштгардонӣ ва амсоли онҳо) пеш ояд.

❖ **Ҳиҷо дар забони тоҷикӣ дорои панҷ омили асосӣ аст:**

- бо се ва зиёда ҳамсадоҳо ба охир намерасад;
- бо ду ва ё зиёда ҳамсадоҳо сар намешавад;
- дар таркиби худ аз як то чор овоз дошта метавонад, ки яктои ин овозҳо ҳатман садонок аст;
- аз як садонок сохта мешавад;
- як ҳамсадо ҳиҷо шуда наметавонад.

Дар асоси ин омилҳо қоидаҳои зерини ҳиҷоҷудокуниро дар забони тоҷикӣ нишон додан мумкин аст:

➢ агар дар байни ду садонок як ҳамсадо бошад, вай ба ҳиҷои баъдина мансуб аст: о-лу, о-зод, о-доб, о-дил, о-сӣ, и-дӣ...;

➢ агар дар байни ду садонок ду ҳамсадо паиҳам омада бошад, ҳамсадои аввал ба ҳиҷои пешина ва ҳамсадои дуюм ба ҳиҷои баъдина тааллуқ дорад: нар-гис, сӯҳ-бат, боғ-бо-нӣ. Ин тарзи ҳиҷоҷудокунӣ дар калимаҳои иктибосии арабӣ, ки дар таркибашон фонемаи ъ доранд, низ амал мекунанд: мас-ъа-ла, қит-ъа, қал-ъа, шӯъ-ла, шӯъ-ба ва ғайра;

➢ агар дар байни ду садонок се ҳамсадо оянд, ду ҳамсадои аввал ба ҳиҷои пешина ва ҳамсадои сеюм ба ҳиҷаи баъдина мансуб аст: сулҳ-дӯст, нард-боз, санг-ча;

➢ агар дар байни ду ҳамсадо як садонок омада бошад, вай ҳамеша ба ҳиҷои пешина мансуб аст: бо-дом, бе-го-на-гӣ, да-лерӣ;

➢ агар дар байни ду ҳамсадо ду садонок омада бошад, садоноки аввал ба ҳиҷои пешина ва садоноки дуюм ба ҳиҷои баъдина мутааллиқ аст: бо-об-рӯ, бе-о-зор, бо-а-даб, са-о-дат-

ман-дӣ ва ғайра.

Ҳамчунин агар дар байни ин ду садонок ҳодисаи афзоиш рӯй диҳад, ҳиҷоҷудокунӣ мувофиқи моддаи якум сурат мегирад: мо-ил [мо-йил], шо-ис-та [шо-йис-та] ва амсоли инҳо.

Ин ҷо асосан хусусияти ба худ хоси калимаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосии ҳазмшуда баён карда шуд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик теъдоди зиёди калимаҳои умумихалқӣ низ мавҷуданд, ки мафҳумҳои зарурии ҳаётро ифода карда, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ баробари калимаҳои гурӯҳи аввал истеъмол мешаванд. Структураи ҳиҷогӣ ва қоидаҳои ҳиҷоҷудокунии ин гурӯҳи калимаҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ тафовут дорад. Ин калимаҳои вомӣ дар забони тоҷикӣ хусусиятҳои асосии худро нигоҳ доштаанд ва мутобиқи қоидаи ҳиҷоҷудокунии забони худашон мебошанд. Аз ҷумла калимаҳои вомии русӣ мувофиқи қоидаи ҳиҷоҷудокунии забони русӣ ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд.

**Савол ва супоришот:**

1. Мавқеи садонокҳо дар ташкили ҳиҷо?
2. Ҳиҷоро чун воҳиди хурдтарини талаффуз шарҳ диҳед.
3. Ҳиҷоҳо чанд хел мешаванд?
4. Оё садонокҳо дар алоҳидагӣ бе иштироки ҳамсадоҳо ҳиҷо месозанд?
5. Дар забони тоҷикӣ бо кадом овозҳо ҳиҷои ҳамсадоӣ сохта мешавад?
6. Ҳиҷо дар калимаҳои иқтибосӣ чӣ гуна аст?
7. Ҳиҷо дар калимаҳои арабӣ?
8. Ҷои ҳиҷо дар калимаҳои ӯзбекӣ?
9. Ба ҳиҷои баста ва кушода мисол биёред.
10. Ба калимаҳои якҳиҷогӣ мисол биёред.

***Ҷустуҷӯи мустақилона:***

❖ Аз куллиёти Ф.Муҳаммадиев мақолаеро интихоб намуда, басомади (сон ва намуд) ҳиҷоҳои онро муайян кунед.

- ❖ Аз асари бадеӣ муайян намудани калимаҳои вомӣ ва ба ҳиҷо ҷудо кардани онҳо.
- ❖ Пандҳои зеринро хонед ва маънидод кунед. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳоро ба намуд ҷудо кунед.

1. *Шунидан кай бувад монанди дидан.*
2. *Асои пир, ба ҷои пир.*
3. *Некиро завол нест.*
4. *Салом аз хурду калом аз калон.*
5. *Пур дону кам гӯй.*
6. *Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.*
7. *Дониш аз хониш.*

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш, 1985.-с.47-50
2. Климов Г.А. Фонема и морфема. К проблеме лингвистических единиц. – Либроком.2009.-130 с.
3. Кодзасов С. В., Кривнова О.Ф. Общая фонетика. – М.: РГГУ, 2001.-592 с.
4. Файзов М. Гласные звуки таджикского литературного языка. – Душанбе: 1992.-185 с.
5. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе:1989.-с.112-129.
6. http:// www.irandoc.ac.ir

## Зада дар забони тоҷикӣ

**Мафҳуми зада.** Калима аз ҷумлаи воҳидҳои асосии маънодори забон буда, аз пайдарҳамии овозҳо ва ҳиҷоҳо ба вуҷуд меояд, аммо ҳиҷоҳо ва овозҳои таркиби он дар ҷараёни нутқ талаффузи якхела надоранд. Маъмулан, дар ҳар як калимаи овозӣ яке аз ҳиҷоҳо нисбат ба ҳиҷоҳои дигар равшантару барҷастатар талаффуз мешавад. Масалан, дар байтҳои зерин мо ин хусусиятро дар асоси ду хел талаффуз шудани як калима мушоҳида карда метавонем:

*Мардӣ*` набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ, *ма`рдӣ.*

**Рӯдакӣ**

Лаззати ҳури *биҳи`шту* лаби ҳавзаш набувад,

Ҳар касе домани маъшуқи худ аз даст *би`ҳишт.*

**Ҳофиз**

Чи тавре ки дида мешавад, калимаи **“мардӣ”** ва **“биҳишт”** дар байтҳои болоӣ тарзи талаффузи ҷудогона доранд. Дар мисраи аввал ҳиҷои дуюми калимаи “**мардӣ”** равшантар шунида шавад, дар мисраи дуюм ҳиҷои якуми он баҷастатар ба гӯш мерасад. Дар байти дуввум бошад, калимаи **“биҳишт”** низ чунин хусусиятро дар худ таҷассум намудааст. Яъне гуфтан ҷоиз аст, ки ин шакли талаффузи калимаҳо аз якдигар ба туфайли задаҳои худ фарқ мекунанд ва чунин фарқияти ҳиҷоҳоро дар калима *задаи калима* таъмин менамояд. Тафовути ҳиҷои заданок аз ҳиҷоҳои безада дар хусусиятҳои тавлидӣ ва шунавоии овозҳои таркиби ҳиҷо зоҳир мегардад. Аз ин рӯ тавассути воситаҳои фонетикӣ (тавлидию шунавоӣ) фарқ карда шудани яке аз ҳиҷоҳои калимаро *зада* (аксент лот. accontus - зада) гӯянд.

Дар талаффузи алоҳида ҳамаи калимаҳо дорои зада мебошанд, аммо дар ҷараёни нутқ (матн) маъмулан калимаҳои мустақилмаъно (якҳиҷоӣ, дуҳиҷоӣ ва ғ.) зада қабул мекунад. Калимаҳои ёрирасон (пешоянду пасояндҳо ва ғ.) дар ҷараёни нутқ бе зада талаффуз мешаванд. Онҳо бо калимаҳои пешинаю баъдинаи мустақилмаъно

ҳамроҳ шуда, якҷоя чун воҳиди яклухт талаффуз мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки калима танҳо аз овозҳо ва ҳиҷоҳо иборат нест. Овоз ва ҳиҷоҳои паиҳам омада танҳо дар сурате ягон маъноро ифода намуда, чараёни мубодилаи афкорро мусоидат мекунанд, ки тавассути зада ба таври овозӣ муттаҳид шаванд. Яъне зада чун "ширеш" овозҳои алоҳида ва ҳиҷоҳоро ба ҳам пайваста як воҳиди яклухти овозӣ "калима"-ро ба вуҷуд меорад. Бинобар ҳамин задаро яке аз унсури ҳатмии овозии калима мешуморанд.

***Моҳияти овозии зада.*** Аз гуфтаҳои болоӣ аён аст, ки ҳиҷои заданок аз ҳиҷои безада бо равшании талаффуз ва қобилияти беҳтар дарк гардидани худ фарқ мекунад. Талаффузи равшани ҳиҷоҳои заданокро маҷмӯи воситаҳои овозие таъмин менамояд, ки бо воситаи онҳо ҳиҷои заданок аз ҳиҷоҳои безада фарқ мекунад. Аз ҷумла:

- Қувваи ҳаракати узвҳои овозсоз ё дараҷаи тарангии узвҳои гуфтор ҳангоми овозсозӣ.
- тамдиди овоз ё вақте, ки дар тавлиди овозҳои ҳиҷо сарф мешавад;
- лаҳн (овоз) ё дараҷаю суръати лаппиши садопардаҳо дар овозсозӣ;
- Танин ё тобиши иловагии овоз, ки вобаста ба ҳаҷму шакли резонаторҳо ҷамъшавии қувва дар ягон ҷои дастгоҳи овозсоз.

Зада падидаи нисбист. Вай хосияти овозиест, ки ҳиҷо (овоз) метавонад бо он доро бошад ё набошад. Аз ин рӯ моҳияти овозии зада дар муқоисаи ҳиҷоҳо аз рӯи доро будан бо воситаҳои овозии заданокӣ: *дарозӣ, лаҳнокӣ, қувватнокӣ* ва сифати овоз равшан мегардад.

Иштироки воситаҳои овозӣ дар ташаккули ҳиҷоҳои заданок дар ҳамаи забонҳо як хел нест. Мавқеи ин унсурҳоро дар ташкили ҳиҷои заданок ва фарқи онро аз ҳиҷоҳои безада системаи фонологии забони конкрет муайян мекунад. Моҳияти фонетикӣ ва навъи задаро низ дар ҳар забон унсурҳое муайян мекунанд, ки дар ташкил ва фарқ кунонидани ҳиҷои заданок аз ҳиҷоҳои безада саҳми бештар дошта бошад. Вобаста ба саҳми ин ё он унсур дар ташаккул ва фарқ кардани ҳиҷои заданок, яъне аз рӯи аломати асосии заданокӣ чор хели зерини задаи калимаро фарқ мекунанд:

- задаи миқдорӣ (ё квантативӣ);
- задаи лаҳнӣ (навоӣ ё мусиқавӣ);
- задаи қуввагӣ (ё динамикӣ);
- задаи сифатӣ.

Воситаҳои фонетикии зада дар фарқу ҷудо кардани ҳиҷои заданок якдигарро ҳамроҳӣ мекунанд ва аз ҳамин сабаб зада дар аксари забонҳо хусусияти омехтагӣ дорад. Масалан, дар забони франсавӣ ҳиҷои заданок бо се унсури аввала, дар забони олмонӣ ҳиҷои заданок аз ҳиҷои безада бо ду унсур (қувва ва лаҳн) фарқ мекунад. Дар забони русӣ унсурҳои асосии заданокӣ тамдид ва сифат мебошанд. Вале дар ҳар сурат дар ҷудо кардани ҳиҷои заданок аз ҳиҷоҳои безада, маъмулан, яке аз унсурҳо нисбат ба воситаҳои дигар фаъолтар иштирок мекунад ва унсурҳои дигар ба сифати воситаи ёрирасон ба ҳамин унсури асосӣ хизмат мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Т.Н.Хаскашев[33] истилоҳи *“зада” ё “зарба” ё “зарб”* дар забони тоҷикӣ дар аввалҳои солҳои 30-юми асри XX пайдо шуд, вале моҳияту табиати овозии задаи калимаи забони тоҷикӣ то солҳои охир мавриди баҳс қарор нагирифта буд. Бо вуҷуди ин дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ задаи калимаи забони тоҷикӣ задаи “қуввагӣ” ё “динамикӣ” номида мешуд ва онро ҳамчун “қувватноктар гуфта шудани яке аз ҳиҷоҳо дар калима” таъриф мекарданд.

Тадқиқоти солҳои охир, ки маҳз ба ошкор сохтани моҳияти овозии задаи калимаи забони адабӣ бахшида шуда буданд, нишон доданд, ки аломатҳои асосии заданокӣ – *тамдид, қувва ва лаҳн* дар фарқият ва ҷудо кардани ҳиҷои заданок дар забони тоҷикӣ саҳми гуногун доранд.

❖ ***Тамдиди овозҳо*** дар ҷудо кардани ҳиҷои заданоки забони тоҷикӣ иштирок намекунад, зеро овозҳо сарфи назар аз заданокию безадагии ҳиҷоҳо тамдиди гуногун дошта метавонанд. Тамдиди овозҳо ба моҳияти овозии худи овозҳо (устуворӣ ва ноустуворӣ) ва мавқеи онҳо дар синтагма (аввал, охир, мобайн) вобаста аст.

---

[33]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.133.

Садонокҳои ҳиҷои охири синтагма хоҳ устувор бошанду хоҳ ноустувор ва хоҳ заданок бошанду хоҳ безада, ҳамеша нисбат ба ҳамаи садонокҳои заданоку безадаи дохили ҳамин синтагма дарозтар талаффуз мешаванд. Ин ҳодиса далели он аст, ки тамдид дар забони тоҷикӣ унсури заданокӣ набуда, воситаи таҷзияи овозии ҷумла ва ташкили мавзунияти он аст.

❖ ***Қувватнокӣ*** дар фарқ кунонидани ҳиҷои заданок ҳамеша иштирок намекунад. Қувватнокии ҳиҷои заданок аз интенсивии ҳиҷои безада зиёдтар, ё баробар ва ё ҳатто аз он камтар ҳам шуда метавонад. Баландтар садо додани ҳиҷои заданок ҳамеша ба қувваи талаффуз вобаста нест. Баландии ҳиҷои заданок, пеш аз ҳама, ба хусусияти садонокҳои ҳиҷосоз – ба кушодагию бастагии онҳо вобаста аст.

Дар забони тоҷикӣ ҳиҷои заданок ба туфайли ҳамкории мураккаби лаҳну қувванокӣ ташкил мешавад, ки дар он мавқеи асосиро лаҳн ишғол мекунад ва дар айни замон дорои се имконият мебошад:

- ҳиҷои заданок метавонад аз ҳиҷои безада бо лаҳни баланд ва қувваи бештар фарқ кунад;
- ҳиҷои заданок метавонад лаҳни баландтар дошта бошаду қувваи он ба қувваи ҳиҷоҳои безада баробар, ҳатто аз он камтар бошад;
- ҳиҷои заданок метавонад нисбат ба ҳиҷои безада қувваи бештар дошта бошад ва лаҳни он ба лаҳни ҳиҷоҳои безада баробар ё аз он камтар бошад.

Имконияти сеюм танҳо дар охири ҷумла ва дар мавридҳое ба назар мерасад, ки хабар ба воситаи ҳиссаҳои номии нутқ, ки зада дар ҳиҷои охир меояд, ифода шуда бошад. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар ҳиҷои заданокро лаҳн ҳамроҳӣ мекунад ва интенсивӣ ба заданокӣ вобаста нест. Аз ин рӯ, "лаҳнро унсури асосии овозии зада ҳисобида, навъи задаи калимаи забони тоҷикиро лаҳнӣ ё оҳангӣ шуморидан ба ҳақиқат наздиктар аст."[34]

***Ҷои зада дар калима.*** Калимаҳо аз рӯи қолиби заданокӣ вобаста ба талаффуз ва меҳвари истеъмоли худ дар забони тоҷикӣ якранг нестанд. Дар гурӯҳе аз калимаҳои таркиби луғавӣ зада дар ҳиҷои охир *(ода̀м, наргѝс, пахта̀)*, дар гурӯҳи дигар дар ҳиҷои

---

[34]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.135.

*аввал (о̀ре, а̀на, о̀ё, ко̀шкӣ, но̀хост, ҷо̀ба-ҷо, фа̀рдо),* дар гурӯҳи сеюм дар ҳиҷоҳои мобайн *(перо̀рсол, парѐрӯз, ҳамо̀но, азба̀ски)* ва ғайра меоянд. Агар ин масъаларо дар ҷараёни нутқ ба мушоҳида гирем, боз мураккабтар мешавад. Аз як тараф, калимаҳо морфемаҳои безада қабул карда, қолиби заданокии худро тағйир медиҳанд: китоб / – – /, китоби /– – – /, китоберо /– – – – /, аз тарафи дигар, калима дар алоҳидагӣ ва дар ҷараёни нутқ метавонад, дар ҳиҷоҳои гуногун задаро қабул кунад ва қолибҳои гуногуни заданокӣ дошта бошад. Масалан: дар шумораи сеса̀д дар алоҳидагӣ зада дар ҳиҷои охир меояд, аммо дар ҷараёни нутқ (сѐсаду бисту як) ҳиҷои аввали он заданок аст.

Агар истеъмоли калимаҳоро дар алоҳидагӣ (дар шакли луғавӣ) ва дар ҷараёни нутқ (дар шаклҳои калима) ба назар гирем, калимаҳои забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои зерини *заданокӣ (аксентологӣ – аксентология*[35]*)* тақсим мешаванд.

***1. Гурӯҳи калимаҳое, ки зада дар ҳиҷои охир меоянд*** [– – – –̀][36]. Ин калонтарин гурӯҳи заданокӣ буда, ҳамаи ҳиссаҳои номии нутқ (ба истисноi баъзе исмҳои хос ва ҷонишинҳо, ки дар моддаҳои оянда аз назар мегузаронем, шаклҳои ғайритасрифии феъл (дар шакли луғавӣ) ва баъзе зарфҳоро дарбар мегирад. Ин гурӯҳ дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерини лексикию грамматикӣ ҷудо мешавад:

***a.*** ҳамаи гурӯҳҳои лексикии исмҳо дар шакли луғавӣ: *саҳро̀, хонѝш, марду̀м, пахтако̀р, донишҷӯ̀, савдога̀р ғайра;*

**b.** ҳамаи гурӯҳҳои лексикии сифатҳо дар шакли:

- луғавӣ: *сафѐд, қадбала̀нд, оҳанѝн, абрӯкамо̀н, бисёрошёна̀;*
- дар ҷумла бе аломати морфологӣ: *хонаи сафѐд, марди қадбала̀нд;*
- сифатҳои аслие, ки пасванди – *тар* ва – *тарин* қабул кардаанду аломатҳои дигари морфологӣ надоранд: *оқилтарѝн мард, заҳматкаштарѝн шахс;*

***c.*** ҳамаи гурӯҳҳои маъноии шумораҳо:

---

[35]Қисми забоншиносӣ, ки табиат, хусусият ва вазифаҳои задаро меомӯзад.

[36]Дар қавс ҳудуди калима ва хатчаҳои тасвиршуда сони ҳиҷо ва нишонаи зада дар охир гузошта шудааст. Ин ҷо барои мисол қолаби чорҳиҷогӣ тасвир шудааст, дар дуҳиҷогӣ, сеҳиҷогӣ, ... низ амал мекунад.

- дар шакли луғавӣ: *ҳазо̀р, дувозда̀ҳ, сеса̀д, панҷса̀д, нузда̀ҳ, ҳафту̀м, шонздаҳу̀м, сея̀к, чоря̀к*;
- дар ҷумла бе аломати морфологӣ: *хонаи панҷу̀м, дувозда̀ҳ китоб, ҳазо̀р аскар ва ғайра;*

**Э з о ҳ:** Агар аз шумораҳои дусад, сесад, чорсад, панҷсад, шашсад, ҳафтсад, ҳаштсад ва нӯҳсад шумораҳои таркибӣ созем, зада ба ҳиҷои аввал мекӯчад: сѐсаду бист, ду̀саду даҳ.

**d.** баъзе ҷонишинҳои гурӯҳҳои зерин:
- саволӣ: *киҳо̀, чиҳо̀, чанду̀м, кадо̀м, кадомѝн;*
- ишоратӣ: *ҳамѝн, ҳамо̀н, чунѝн, чуно̀н;*
- номуайянӣ: *кадо̀м, яго̀н, фало̀н, чандѝн;*
- муштарак: *дига̀р, якдига̀р, ҳамдига̀р ва ғайра;*

**e.** ҳамаи масдарҳо:
- дар шакли луғавӣ: *хонда̀н, дида̀н, омада̀н, гузашта̀н, хобида̀н*
- дар ҷумла бе аломати морфологӣ; *хуб хонда̀н ҳунар аст;*

**f.** ҳамаи шаклҳои сифати феълӣ:
- замони гузашта: *хонда̀, навишта̀, баромада̀, гирифта̀, омада̀*;
- замони ҳозира: *раванда̀, шунаванда̀, бинанда̀, гиранда̀, хонанда̀;*
- замони ҳозира-оянда: *мерафтагӣ, меомадагӣ, медидагӣ, мехондагӣ;*
- замони оянда: *рафтанӣ, омаданӣ, шуниданӣ, хонданӣ;*

**g.** феъли ҳол: *бозикуно̀н, роҳраво̀н, табассумкуно̀н, сӯҳбаткуно̀н;*

**h.** баъзе зарфҳои гурӯҳи зерин:
- зарфҳои ҳолат: *далерона̀, хушҳолона̀, мардона̀*
- зарфҳои замон: *рӯзона̀, шабона̀, бегоҳӣ, пагоҳӣ, пешинӣ;*
- зарфҳои макон: *поё̀н, беру̀н, қафо̀, наздѝк, дохѝл.*
- зарфҳои тарзи амал: *оҳиста̀, паснокӣ, савора̀, рӯнокӣ, беѝст.*

Дар ҳамаи гурӯҳҳои лексикию грамматикии калимаҳои номбаршуда қатъи назар аз таркиби ҳиҷоии онҳо (дуҳиҷоӣ, сеҳиҷоӣ, чорҳиҷоӣ ва ғайра), зада дар нутқи маъмулӣ (бидуни обуранги бадеию эҳсосӣ) дар ҳиҷои охир меояд. Калимаҳое, ки аз

ҳиссаҳои дигари нутқ ба гурӯҳи исмҳо ва сифатҳо гузаштаанд ва мегузаранд низ тобеи қолиби зикршуда мебошанд. Яъне ҳангоми ба исм ва сифат гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ як гурӯҳи калимаҳо, ки қолаби заданокиашон аз қолаби заданокии исм ва сифат фарқ мекунад, қолаби аслии худро гум карда, қолаби заданокии исмҳо ва сифатҳоро қабул мекунанд. Мисол: *боло гу`зар ва гуза`ри боло.* Дар мисоли аввал калимаи *гузар* феъл аст ва дар ҳиҷои аввал зада дорад, аммо ҳангоми ба исм гузаштан қолаби худро аз даст дода, қолаби заданокии исмро қабул кардааст. Ҳангоми ба исм, сифат ва шумораҳо илова шудани морфемаҳои калимасоз (шаклсоз не) низ қолаби зикршуда тағйир намеёбад. Дар ин маврид ҳам зада ҳамеша дар ҳиҷои охир меояд: *хонагӣ, подабо`н, баодо`б, донишма`нд.*

***2. Гурӯҳи калимаҳое, ки задаи онҳо дар ҳиҷои дуюм аз охир меоянд*** [– – –`–]. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама ҳиссаҳои номии нутқе дохил мешаванд, ки яке аз панҷ нишондиҳандаи граммматикии дар боло зикршударо қабул карда бошанд:

***a.*** исмҳое, ки як морфемаи безада қабул кардаанд:

- ҳамаи исмҳои ҷинс: *ро`ҳи дур, хона`и баланд, чоря`ки донишҷӯён;*
- фамилияи мардона бо пасванди *-ов[-ев]* дар алоҳидагӣ ва дар ҷумла бе нишондиҳандаи морфологӣ: *Аҳма`дов, Нози`мов; инженер Давла`тов, муаллим Гулназа`ров, саркор Раҳматулло`ев.*

***b.*** сифатҳое, ки дар ҷумла як аломати морфологӣ қабул кардаанд: *қалами кабу`даш..., себи су`рхи боғамон, хонаи бисёртабақа`и гузар, марди қоматбала`нде ва ғайра;*

***c.*** шумораҳое, ки дар ҷумла морфемаҳои безада қабул кардаанд*: ҳазо`ру нӯҳсаду ҳафто`ду нӯҳ, даҳя`кӣ..., шонздаҳу`ми..., дувоздаҳу`ми..., шашу`маш...;*

***d.*** ҷонишинҳои гурӯҳҳои зерин, ки дар ҷумла аломати морфологӣ қабул мекунанд:

- ҷонишинҳои шахсӣ: *мо`ро..., моё`нро, шумо`ро, шумоё`нро..;*
- ҷонишини нафсӣ: *ху`ди ман, ху`дам;*
- ҷонишинҳои номуайянӣ: *фалони`ро, бисмадони`ро;*
- ҷонишини муштарак: *якдига`рро..., ҳамдига`рро...;*
- ҷонишинҳои ишоратӣ: *ҳами`нро, ҳамо`нро;*

***e.*** баъзе зарфҳои замон: *паре`рӯз, перо`рсол, ҳамо`но;*

***f.*** пешояндҳои:

- номии изофӣ: *ҷонѝби..., бароба̀ри..., лаб-ла̀би..., қад-қа̀ди...;*
- номии таркибии ғайриизофӣ: *наза̀р ба..., доѝр ба..., роҷѐъ ба...;*

***g.*** баъзе пайвандакҳои замон: *ҳамѝн ки, пеш аз о̀н ки, баъд аз о̀н ки.*

***3. Гурӯҳи калимаҳое, ки зада дар ҳиҷои аввал меояд*** [–`– – –]. Ин гурӯҳи заданокӣ яке аз гурӯҳҳои калонтарин буда, бештар ба ҳиссаҳои ғайриномии нутқ хос аст, вале он баъзе номҳои ҷуғрофиро, ки задаҳои қадимаи худро нигоҳ доштаанд ва чанд ҷонишинеро, ки моил ба ифодаи тобишҳои модалию экспрессивӣ мебошанд, низ дар бар мегирад. Ба ин гурӯҳ калимаҳои зерин дохил мешаванд:

***a.*** баъзе номҳои ҷуғрофӣ, ки задаи қадимаи худро нигоҳ доштаанд дар шакли луғавӣ ва дар ҷумла бе аломати морфологӣ: *Вѝштхавр, Пё̀те, По̀ршнев, Со̀кчор, Тѝшор.*

- баъзе ҷонишинҳо:
- саволӣ: *чӣ хел, чӣ гуна, чӣ навъ, чӣ тарз;*
- ишоратӣ: *ѝн хел, о̀н хел, ѝнчунин, о̀нчунин, ҳа̀мчунин, ҳа̀мчунон;*
- номуайянӣ: *ба̀ъзе, кѝм-кӣ, кѝм-чӣ, кѝм-кадом*
- таъйинӣ: *ҳа̀ма, ҳа̀р як, ҳа̀р кадом;*

**b.** ҳамаи шаклҳои тасрифии феълҳои ғайритаркибӣ:

- шаклҳои мусбат: *гѝрифтам, хо̀ндам, дѝдам, ха̀ндондам, хо̀нондам, ра̀вондам, фа̀ҳмондам;*
- шаклҳои ҳикоягӣ: *мѐдидам, мѐдидагистам, мѐхондам;*
- шаклҳои нақлӣ: *мѐхондаам, хо̀ндаам, дѝдаам, гѝрифтаам;*
- шаклҳои амрӣ: *хо̀нед, хо̀нонед, на̀висонед, о̀ред, ба̀ред;*

**c.** баъзе зарфҳои гурӯҳи зерин:

- тарз: *да̀ррав, но̀хост, бѐихтиёр, ғу̀рри;*
- замон; *дѝрӯз, ѝмрӯз, дѝна, фа̀рдо, па̀сфардо, по̀рсол, да̀рҳол, по̀рина, на̀вакак;*
- миқдору дараҷа: *ѝн қадар, о̀н қадар, я̀к қадар, а̀ндак ва ғайра;*

***h.*** баъзе пайвандакҳои:

- хилоф: *а̀ммо, ва̀ле, лѐкин, на̀бошад;*

- сабаб: *зѐро, зѐро ки, ча̀ро ки, чу̀нки;*
- шарт: *га̀рчи, ҳа̀рчанд, ҳа̀рчанд ки;*
- замон: *ва̀қте ки, да̀ме ки;*
- монандӣ: *гӯ̀ё ки;*

***i.*** баъзе ҳиссачаҳо:

- ишоратӣ: а̀на, ма̀на;
- тасдиқӣ: о̀ре, ба̀ле, ма̀йлаш;
- саволӣ: бѝё, на̀ход, на̀ход ки;
- модалӣ: ко̀шкӣ, ма̀бодо, шо̀яд, бѝгзор, ка̀нӣ, бѝё;

***j.*** ҳамаи нидоҳо: ху̀ше, ҳо̀ппа, о̀ббо, а̀ло, ҳа̀йфо, до̀де, ча̀вре, бо̀ракалло, у̀ра, ӯ̀ҳӯ;

***k.*** калима ва таркибҳои арабии типи а̀лқисса, мѝнбаъд, ло̀ақал, фѝлҷумла ва амсоли инҳо.

***4. Гурӯҳи калимаҳое, ки дар ҳиҷои дуюм аз аввал зада мегиранд*** [– –̀– –]. Ин гурӯҳи заданокӣ миқдоран маҳдуд буда, танҳо баъзе зарфҳо ва пайвандакҳоро дар бар мегирад:

**a.** баъзе зарфҳо:

- миқдору дараҷа: ҳамѝн қадар, ҳамо̀н қадар;
- замон: перо̀рсол, ҳамо̀но, парѐрӯз;

**b.** баъзе пайвандакҳо:

- замон: ҳамѝн ки, ҳанго̀ме ки;
- миқдору дараҷа: ба та̀рзе ки, ба ҳа̀дде ки, то ҳа̀дде ки, ба қа̀дре ки, ба та̀вре ки;
- сабаб: азба̀ски, ага̀рчи, модо̀м ки;
- тарз: ба та̀рзе ки;
- монандӣ: чуно̀н ки.

Дар пайвандакҳои мазкур задаро ҳамеша ҷузъи номӣ мегирад.

**1.** ***Дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳое вомехӯранд,*** ки зада дар ҳиҷои аз охир сеюм меафтад [– –̀– – ]. Ин тарзи талаффуз ва заданокӣ низ маҳдудият дошта, асосан дар се маврид ба чашм мерасад:

**a.** Дар исмҳои хос:

- фамилияҳои занона, ки бо пасванди -овна (-евна) сохта шудаанд, Бобо̀евна, Мирфозѝловна, Фозѝловна,
- фамилияҳои мардонаи бо пасванди -ов (-ев) сурат ёфта, дар сурате, ки яке аз морфемаҳои грамматикиро қабул кунанд: Салѝмови..., Мирбобо̀евро...,

b. Дар талаффузи пайвандакҳои замони ҳанго̀ме ки, лаҳза̀е ки ва ғайра, ки ҷузъҳои маънодорашон задаи худро нигоҳ доштаанд.

Қолабҳои зикршудаи зерин заданокии феълҳои таркибиро дар бар намегиранд, зеро феъл бо задаи худ аз ҳамаи гурӯҳҳои заданоки зикршуда фарқ мекунанд ва гурӯҳи махсусеро ташкил медиҳанд.

Дар феълҳои таркибӣ танҳо ҷузъи асосӣ (номӣ ё феълӣ) заданок мешавад. Ҷузъҳои ёридиҳанда мисли морфемаҳои безада дар атрофи ҷузъи заданок муттаҳид шуда, дар якҷоягӣ як воҳиди яклухтро ба вуҷуд меоваранд, ки бо як задаи муттаҳидкунанда талаффуз мешавад. Дар ин гуна калимаҳо вобаста ба таркиби ҳиҷогии ҷузъҳои феълҳои таркибӣ миқдори ҳиҷоҳо тағйир ёбад ҳам, қолиб бетағйир мемонад. Дар таркибҳои феълӣ задаи асосӣ ҳамеша дар ҳиҷои охири ҷузъи асосӣ (феълӣ ё номӣ) меояд. Задаи феълҳои ёридиҳанда суст мешавад ё тамоман аз байн меравад:

Имтиҳон *тамо̀м шуд.* Республика як миллион пахта *тайёр кард.* Вақти ба зал даромадани ман қарор *хонда̀ шуда истода буд.* Вай пас аз чанд вақт ҳис кард, ки худаш танҳо *рафта̀ истодааст.* Ӯ мепиндошт, ки ман ба ҳикояаш *бова̀р карда истодаам.*

Агар шаклҳои феълӣ пешванди инкории *на-* гирад, зада ба ҳамин пешванд мегузарад: *тайё̀р шуда буд – тайёр на̀шуда буд, хонда̀ шуда буд – хонда на̀шуда буд.*

Қонунияти зикршудаи задаи феълҳои таркибӣ дар мавридҳое амал мекунад, ки шакли феълӣ дуруст таҷзия шуда, ҳамчун воҳиди алоҳида (дар як синтагма) талаффуз шавад. Тақтеи нодуруст ва иловашавии задаи мантиқӣ, калимаҳои муассиру эҳсосӣ ва ғайра ба қолиби заданокии шакли феълӣ таъсир мерасонанд. Муқоиса кунед: Қарор *хонда шуд* – Қарор *тез* хонда шуд.

Дар чунин мавридҳо задаи аоосӣ (синтагма) бо калимае меояд, ки пеш аз шакли феълӣ воқеъ шудааст ва ҳамаи унсурҳои таркибии феълӣ (ҷузъҳои асосӣ ва ёрирасон) задаҳои худро суст, ҳатто тамоман гум мекунанд.

Гурӯҳҳои тавсифшуда дар ҷумла дараҷаи заданокии гуногун доранд. Онҳо вобаста ба вазни маъно ва ҷояшон дар хати оҳангии фраза, тобишҳои гуногуни ифоданокию эҳсосӣ, вазни гуногуни заданокӣ пайдо карда, задаҳои синтагма, фраза, таъкидӣ ва

эмфатикиро қабул карда ба унсури оҳанги гуфтор табдил меёбанд, аммо қолиби заданокии онҳо дар ҳар сурат тағйир намеёбад, зеро ҳамаи навъҳои зада дар заминаи задаи калима ва ба воситаи унсурҳои овозии он амалӣ мешаванд.

***Зада дар калимаҳои вомӣ.*** Дар таркиби луғавии забонамон дар баробари калимаҳои аслӣ миқдори зиёди калимаҳои вомӣ (иқтибосӣ), вожаю таркибҳои қадимаи забонҳои ба ҳам хеш ва бегона мавҷуданд, ки аз он ҳар як соҳибзабон истифода мебарад. Ин калимаҳо мафҳумҳои зарурию ҳаётиро ифода намуда, дар мавҷудияту истифода шудани забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи алоқа арзиш доранд. Аз ин рӯ омӯзиши хусусиятҳои заданокии онҳо яке аз вазифаҳои фонетикии забони тоҷикӣ аст.

Маълум аст, ки "симои овозӣ", сохтори дастурӣ ва маънои луғавии калимаҳои вомӣ мувофиқи қонунҳои дохилии забони иқтибоскунанда тағйир меёбанд, ба хусусиятҳои овозӣ, калимашиносӣ ва сохтори дастурии забони иқтибоскунанда мувофиқату мутобиқат карда, дар забон устуворӣ пайдо мекунанд.

Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани калимаҳои бегона ба давраҳои гуногун вобаста ба ҳодисаҳои муҳими таърихӣ ва алоқаҳои давлатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, савдо ва маданию илмӣ алоқамананданд. Яъне калимаҳои вомӣ дар марҳилаҳои гуногуни мутобиқшавӣ ва мувофиқат қонунҳои овозӣ ва сохтори дастурии (фонетикӣ ва грамматикӣ) забони тоҷикӣ қабул кардаанд. Баъзан калимаҳои вомии арабӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, ҳиндӣ, юнониеро вомехӯрем, ки дар давоми асрҳо дар нутқи шифоӣ ва хаттии тоҷикон корбаст мешаванд ва хусусиятҳои миллии худро аз даст дода, ба дараҷае тоҷиконида шудаанд, ки мо онҳоро аз калимаҳои аслан тоҷикӣ фарқ карда наметавонем. Аз ҷумла калимаҳои зеринро метавон номбар намуд, ки хусусияти заданокии миллии худро дар забони тоҷикӣ иваз кардаанд:

- **калимаҳои арабӣ:** *олѝм, қодѝр, котѝб, содѝқ соҳѝб, собѝр, муаллѝм, садоқа̀т, тариқа̀т, маърифа̀т мунозѝра, муборѝза, музокѝра ва ғайра.*
- **калимаҳои юнонӣ:** *қафа̀с, тарё̀к Афлоту̀н, Арасту̀, қону̀н, қала̀м, Суқро̀т, уқёну̀с, Иқлиду̀с ва ғайра.*
- **калимаҳои лотинӣ:** *Қайса̀р, дақёну̀с, санда̀л, сандалӣ ва ҳиндии тӯпӣ, тову̀с, шатра̀нҷ ва ғайра.*

Инчунин дар гурӯҳи калимаҳои туркӣ ва ӯзбекӣ бошад аз сабаби мувофиқ омадани қолабҳои заданокӣ зарурати мутобиқу мувофиқшавӣ пеш наомадааст. Онҳо бо қолабҳои тайёри худ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд ва мавриди истифода қарор гирифтаанд: *байра̀қ, қошу̀қ, эла̀к, қишло̀қ, қаймо̀қ, бегѝм, қӯшу̀н, қарову̀л, юзбошӣ.*

Дар баробари иқтибосоти зикршуда дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои вомии русӣ ва русӣ-байналмилалӣ низ ниҳоят бисёр буда, асосан исмҳоро ташкил медиҳанд ва истилоҳоти соҳаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, хоҷагӣ, кишоварзӣ, техникӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегиранд.

Гурӯҳи калимаҳои ҳазмнашудаи русӣ, русӣ-байналмилалӣ, ки ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, бо задаи русӣ талаффуз мешаванд. Дар ин калимаҳо зада дар ҳиҷоҳои гуногун:

- аввал: *а̀том, фѝзика, ра̀дио, о̀пера, а̀лгебра;*
- охир: *билѐт, ваго̀н, вокза̀л, бригадѝр;*
- мобайн: *омо̀ним, агита̀тор, интеллигѐнсия, демокра̀тия, библиотѐка...*

Агар ба калимаҳои вомии русӣ ва русӣ-байналмилалӣ морфемаҳои тоҷикӣ ҳамроҳ шаванд, қолаби заданокии аслиашонро тағйир медиҳанд, ки мавридҳои зер намуна шуда метавонад:

- агар ба калимаҳои вомӣ пасвандҳои калимасози тоҷикӣ ҳамроҳ шавад: фѝзик – физикӣ, а̀том – атомӣ, а̀вгуст – августӣ, хѝмия – химиявӣ, грамма̀тика – грамматикӣ;
- агар калимаҳои вомӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ ҷамъ баста шавад: атомҳо̀, физикҳо̀, грамматикаҳо̀, ваннаҳо̀, вазаҳо̀, агитаторҳо̀, газетаҳо;
- дар мавриди аз калимаҳои вомӣ бо морфемаҳои тоҷикӣ калимаи нав сохтан: машѝна – машинасо̀з, машинаро̀н, пианѝно – пианинонаво̀з, газѐта – газетахо̀н, артѝстка – артистдухта̀р ва ғайра.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои вомӣ аз рӯи хусусиятҳои заданокӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- калимаҳои вомие, ки бо *задаи тоҷикӣ* талаффуз мешаванд;

- ➢ калимаҳои вомие, ки *задаи забони вомшавандаро* нигоҳ медоранд.

***Калима ва морфемаҳои безада.*** Мувофиқи таъкиди болоӣ дар талаффузи алоҳида, берун аз бофтаҳои гуногун калимаҳои ёрирасон, морфемаҳо ва ҳатто фонемаҳо мисли калимаҳои мустақил дорои зада мебошанд, вале дар матн, дар таркиби воҳидҳои аз худ калонтар онҳо ҳамеша мустақилияти якхелаи овозӣ надоранд ва ҳамаашон бо зада талаффуз намешаванд. Дар таркиби бофтаҳои гуногуни забонӣ як гурӯҳи вожаву таркибҳо задаи худро суст, гурӯҳи дигари онҳо онро гум мекунанд. Онҳо дар гирди калимаҳои заданок муттаҳид шуда, як воҳиди яклухти овозиро ба вуҷуд меоранд.

Вобаста ба ҷояшон нисбат ба калимаҳои мустақилмаъно унсурҳои безада ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- **a.** морфемаҳое, ки пеш аз калимаи заданок – проклитикаҳо[37] меоянд;
- **b.** морфемаҳое, ки баъд аз калимаи заданок – энклитикаҳо[38] меоянд.

Дар забони имрӯзаи тоҷикӣ ба гурӯҳи **проклитикаҳо** калимаҳои зерин дохил мешаванд:

- ➢ **пешояндҳои аслии соддаи аз, бар, бо, ба, бе, бар, то, дар:** *аз хона̀, бо қала̀м, бе заҳма̀т, дар ро̀ҳ, то Самарқа̀нд;*
- ➢ **пайвандакҳои паиҳами на, на... на, чи... чи:** *Чи дар ла̀фзу чи дар фѝкру чи дар ко̀р;*
- ➢ **пайвандаки ҷудоии ё... ё:** *Агар пул ба даст орад, камтар орди ҷуворимакка ё ҷа̀в, лаблабу ё са̀бзӣ... харида мемонд; (С.Улуғзода)*
- ➢ **пайвандаки пайвасткунандаи ва:** *Гул ва булбул. Булбули шефтаи гул парвозкунон ба боғ даромад ва хонишкунон ба гул илтифот намуд.*

Бояд хотиррасон намуд, ки пешвандҳо ба гурӯҳи проклитикаҳо дохил намешаванд, зеро онҳо ҷузъи калимаи заданок (мустақилмаъно) мебошанд. Ин хусусияти онҳоро имлои забони

---

[37]Проклитика – калимаҳои безадае, ки пеш аз калимаи заданок омада, аз ҷиҳати талаффуз ба он наздик мешаванд.

[38]Энклитика – калимаи безадае, ки ба калимаи заданок наздик талаффуз мешаванд.

тоҷикӣ низ инъикос мекунад.

Ба гурӯҳи **энклитикаҳо** бошад, морфемаҳои зерин дохил мешаванд:

- **бандакҳои феълӣ: -ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд:** *хондам, хондӣ, хонданд:*
- **бандакҷонишинҳо: -ам, -ат, -аш, -амон, -ашон, -атон:** *дӯстам, номааш, фармоишатон;*
- **бандакҳои хабарӣ:** *хондаам, хондаӣ, хондаем;*
- **феълҳои ёридиҳандаи будан, шудан, намудан ва амсоли инҳо:** *Ӯ дар пеши ман калон шуд, кор кард ва то ба дараҷаи раиси ҷамоа боло бардошта шуд. Он номаро дӯстам навишта буд. (С.Улуғзода);*
- **пасояндҳои -ро, -барин, -боз, -катӣ//қатӣ:** *хонаро, барф барин, дер боз, дӯстам қатӣ.*
- **ҳиссачаҳои инкорӣ ва саволии -мӣ, -чӣ, -а:** *Ин мард шинос-мӣ? –Аҳмад бародари дӯсти шумо-чӣ? Муаллимро мешиносед-а?*
- **ҳиссачаҳои эмотсионалии -дия, -да, -е, -ку, -куя:** *Ин мард бо шумо шинос-ку? Шумо ҳам гуфтед-дия! Ин гапро дигар нагӯед-е!*
- **пайвандаки паиҳами -у (-ю, -ву):** *Мо бисёр кӯчаву пасткӯчаҳоро бурида гузашта, оқибат ба ҳавлӣ расидем. (С.Айнӣ);*
- **пайвандаки тобеъкунандаи ки***:* *гуфтам, ки меоянд.*
- **бандаки изофӣ:** *марди оқил, китоби нодир;*
- **аломати номуайянии -е:** *ша̀хсе..., ма̀рде, гу̀ле, о̀шиқе.*
- **о-и нидо:** *шои̇̀ро, ё̀ро, ди̇̀ло, у̀стодо*
- **пасвандҳои фамилиясози -ов (-ев), -ова (-ева), -овна (евна), евич:** Аҳта̀мов Сали̇̀м Аҳма̀дович, Аҳма̀дова Азиза̀ Ази̇̀мовна.

Вожа ва таркибҳои зикршуда дар ҷараёни нутқ зада надоранд ва зада гирифта ҳам наметавонанд. Аммо гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҷараёни нутқ калима ва морфемаҳои безада муттаҳид шуда, порчаҳои мавзунро ба вуҷуд меоранд, ки аз силсилаи онҳо ритм ва мавзунияти гуфтор ташкил мешавад ва ин вижагӣ дар ободу маъмур сохтани бинои сухан ва таҷассуми зебоию ҳашамати

рӯзгори имрӯза мушкилкушои суханварон ва илҳомбахши ниёзмандон шуда метавонад.

***Вазифаи задаи калима.*** Задаи калима чун унсури системаи овозии забон вазифаи ба худ хос дорад. Вазифаи асосии фонологии зада ин аст, ки вай ҳамчун масолеҳ дар сохтани таркиб ва симои овозии калима иштирок мекунад. Зада фонемаҳоро дар қолиби овозии калима муттаҳид намуда, воҳиди яклухти овозиро ба вуҷуд меорад. Ин вазифаи зада дар он амалӣ мешавад, ки ба воситаи зада яке аз ҳиҷоҳои калима намоёнтар талаффуз мешавад ва ҳиҷоҳои дигарро дар атрофи ҳиҷои заданок муттаҳид месозад. Калимаҳои *шафтолу`, пахта`, сабзӣ, кабу`д* танҳо аз силсилаи фонемаҳо иборат нестанд. Барои шинохтани ин калимаҳо мавҷудияти зада дар ҳиҷои охири онҳо низ шарт аст.

Вазифаи *калимафарққунии* зада бо ҷуфти калимаҳои навъи *о`мад-ома`д, гу`зар-гуза`р, ба`рор-баро`р, ки`ро-киро`, ча`ро-чаро`, ба`рдошт-бардо`шт* маҳдуд намешавад. Вазифаи калимафарққунии зада, ки аз вазифаи асосии калимасозии он сар мезанад (калима пеш аз он, ки фарқ карда шавад, бояд сохта шавад), ҳамаи калимаҳои забонро фаро мегирад. Ҷуфти калимаҳое, ки танҳо аз рӯи ҷои задаашон фарқ мекунанд, миқдоран каманд, аммо калимаҳое, ки мустақилияти овозиашон ҳамчун воҳиди маъноӣ ба мавҷудияти зада дар яке аз ҳиҷоҳои онҳо вобаста аст, аксарияти мутлақи луғати забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Тағйир додани ҷои зада дар ин гуна калимаҳо ба он оварда мерасонад, ки калима мустақилияти овозии худро аз даст дода, ба калимаи дигар табдил мeёбад ё тамоман аз байн меравад. Маҳз ба туфайли вобастагии маъно ва таркиби овозҳо ба зада симои умумии калима ба вуҷуд меояд, ки ба воситаи он мо калимаҳои алоҳидаро мешиносем ва аз калимаҳои дигар фарқ мекунем.

Бояд гуфт, ки вазифаи махсуси задаи калимаҳои забони тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай барои фарқ кардани гурӯҳҳои лексикӣ ва грамматикии калимаҳо истифода мешавад:

**а. Калимаҳои мураккаб аз ибора:** чорма`ғз – чо`р ма`ғз, мардико`р – ма`рди ко`р, сегӯ`ша – се` гӯша`, номанави`с – но`ма на`вис, қадрдо`н – қа`др дон, гилембо`ф – гиле`м боф, чуни`н – чу`н ин, ҳами`н – ҳа`м ин;

**b. Тафовут дар боби задаи ҳиссаҳои нутқ:**

исм аз феъли замони гузашта: ома̀д – о̀мад, суру̀д – су̀руд, гуза̀шт – гу̀зашт;

исм аз сиғаи амрӣ: андо̀з – а̀ндоз, баро̀р – ба̀рор, гуза̀р – гу̀зар;

исм аз ҷонишин: киро̀ – кѝро, чаро̀ – ча̀ро;

сифат аз нидо: ало̀ – а̀ло;

сифат аз зарф: расо̀ – ра̀со

сифат аз феъл: раво̀н – ра̀вон, сӯзо̀н – сӯ̀зон, ларзо̀н – ла̀рзон;

феъли ҳол аз феъли амр: бозикуно̀н – бозӣ ку̀нон, табассумкуно̀н- табассу̀м куно̀н, гапзано̀н – гап за̀нон;

## Савол ва супоришот:

1. Вазифаи задаи калима ва ҷои онро шарҳ диҳед.
2. Зада дар калимаҳои вомӣ чӣ гуна аст?
3. Хелҳои задаро номбар кунед?
4. Зада дар калимаҳои мустақилмаъно ва ғайримустақилмаъно?
5. Калимаҳое, ки зада намегирад?
6. Вазифаи оҳанг дар муайян намудани заданокии калима?
7. Задаи мантиқиро шарҳ диҳед?
8. Проклитика чист? Мисол биёред.
9. Энклитика чист? Мисол биёред.
10. Задаи калимаҳои туркию ӯзбекӣ ва тафовути онҳо аз забони тоҷикӣ?
11. Тафовути задаи калимаҳои арабӣ?

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Ғазали “Тани одамӣ шариф аст...”-ро аз ёд намуда, таҳлил кунед ва ҷои задаи калимаҳои аслӣ ва вомиро муқоиса кунед.
- Тафовути задаи калимаҳои мураккаб ва ибораро дар асоси мисолҳо аз асарҳои С.Айнӣ нишон диҳед.
- Задаро дуруст гузошта, калимаҳоро хонед. Тафовути маъноии онҳоро муайян кунед ва аз асари бадеӣ чунин

мисолҳоро ба мушоҳида гиред: *Содда – сода, даррав – дарав, маккон – макон, маккор – макор, хуррам – хурам.*

❖ Дар мавзӯи “Китоб – манбаи дониш” нақле навишта, задаи мантиқии ҳар як ҷумларо муайян кунед.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. – Душанбе: Дониш,1985.-с.50-56.
2. Зализняк А. А. Древнерусское ударение: Общие сведения и словарь. М.: Языки славянской культуры, 2014.-728 с.
3. Зиндер Л.Р. Общая фонетика. – Изд. 2. М.: – 1979.-с.258-267.
4. Маслов Ю.С. Избранные труды: Аспектология. Общее языкознание. М.: Языки славянской культуры, 2004.-с.88-102.
5. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Мaориф, 1989.-с.130-152.
6. dic.academic.ru

## Оҳанг дар забони тоҷикӣ

**Мафҳуми оҳанг (интонатсия).** Дар мавзӯи якум қайд намудем, ки воҳиди хурдтарини муҳобира – гуфтор аст. Гуфтор воҳидест, ки як фикри томро ифода мекунад ва аз лиҳози дастуриву овозӣ комилан муташаккил аст.

Гуфтор аз як ё якчанд калимаи бо ҳам алоқаманд иборат мешавад, аммо калимаҳои ба ҳам марбут танҳо дар сурате ягон маъно ё фикрро ифода карда метавонанд, ки бо оҳанги махсус – ахборӣ, саволӣ, хитобӣ талаффуз шаванд:

Ҳукм хонда шуд.

Ҳукм хонда шуд?

Ҳукм хонда шуд!

Ҷумлаҳои мазкур аз воҳидҳои якхелаи луғавию грамматикӣ иборат мебошанд, аммо онҳо ҳар кадом тобеи оҳанги муайян гардида, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Моҳияти фонологии оҳанг низ дар ҳамин аст. Яъне:

*Тағйири пасту баландии наво, қувва, тамдид ва танини овозҳо ҳангоми талаффузи гуфтор (ҷумла) оҳанг номида мешавад.*

Оҳанг дар ҳар ду шакли мавҷудияти гуфтор (шифоҳӣ ва хаттӣ) зоҳир мегардад. Оҳанг унсури зоҳирии нутқи шифоҳӣ мебошад. Нутқ бе оҳанг намешавад, зеро рангорангии маъно ва ифоданокии нутқро оҳанг таъмин менамояд. Маҳз оҳанг бофти овозии ҷумларо, он чизеро, ки дар унсурҳои луғавию грамматикӣ инъикос намешавад ба вуҷуд меорад, зеро модалияти ҷумла танҳо ба воситаи оҳанг ифода мешавад. Дар нутқи шифоҳӣ ба туфайли шакли овозиаш оҳанг равшантар зоҳир мешавад ва гуногунрангу ғановатманд аст. Ҳар як ҷумла дар нутқи овозӣ метавонад тобишҳои гуногуни маъноиро ифода карда, хелҳои сершумори оҳангӣ дошта бошад, аммо ҳамеша тобишҳои оҳангии як ҷумла аз тобишҳои оҳангии ҷумлаи дигар фарқ мекунад. Сабаб ҳамин аст, ки баъзе забоншиносон оҳангро хоси нутқи овозӣ медонанд. Аммо чунин фаҳмиши оҳанг маҳдуд ва яктарафа аст, зеро ҳар як ҷумлаи матни хаттӣ имконияти дер ё зуд ба шакли овозӣ табдил шудан дорад. Дар ин маврид ҷумла (матн) танҳо дар сурате дуруст фаҳмида мешавад, ки хонанда маъно ва оҳанги дар он ҷо кардаи

навидсандаро дуруст фаҳмад ва хонад. Аз ин боис маъное, ки оҳанг ифода мекунад, баъзан хилофи маънои умумии воҳидҳои луғавию грамматикии таркиби ҷумла мебошад: *Китобро овардӣ? – Ҳа, овардам! (яъне, не, наовардам).*

Дар нутқи хаттӣ оҳанг ба воситаи аломатҳои китобат – *нуқта, вергул, нуқтавергул, қавсҳо, сархат, тире, аломати баён, аломатҳои ахбор, пурсиш, амру хитоб, ҳарфи калон* ва ғайра ифода мешавад.

Зеро "... ҳамаи аломатҳои китобат мувофиқи вазифаи худ аз зарурати таҷзияи ҷараёни нутқ ва оҳанг пайдо шудаанд"[39].

Аломатҳои китобат ваҳдати синтаксисии порчаҳои гуногунро ифода мекунанд. Барои ифодаи яклухтии воҳидҳои хурдтар вергулу нуқта истифода шавад, барои муттаҳид сохтани воҳидҳои калонтар (ҷумлаҳои мураккаб, бандҳои синтаксисӣ) нуқта ва сархат хизмат мекунанд. Ҳар ду навъи воҳидҳои синтаксисӣ ҳамчунин метавонанд тавассути қавсҳо, нуқтавергул, аломати баён, аломатҳои саволу хитоб ва ғайра муттаҳид гарданд ва ҷудо шаванд.

Ба туфайли имкониятҳои фаровонаш дар ифодаи тобишҳои мухталифи модалӣ оҳанг навъҳои гуногун дорад. Ҳар як ҷумларо бо *оҳангҳои пурсиш, ахбор, хоҳиш, амр, хитоб, ангезиш, нақл, тааҷҷубу таҳайюр, таъкиду хоҳиш, огоҳию таҳқиқ, илтиҷою супориш, маслиҳат, бетарафию ҳавасмандӣ, нидо, инкор, даъват, муқоиса* ва ғайра гуфтан мумкин аст. Бо вуҷуди сершуморӣ ва рангорангии навъҳои оҳанг ҳамаи онҳо чанд типи асосиро ташкил медиҳанд. Ин типҳои асосӣ барои ҳамаи соҳибони забон комилан фаҳмо ва умумӣ буда, мубодилаи афкори байни онҳоро таъмин менамоянд. Оҳанг ҳамчун ҳодисаи овозии забон ду ҷиҳати омӯзиш дорад:

a. *ҷиҳати мухобиротӣ (коммуникативӣ)*
b. *ҷиҳати ифоданокӣ.*

*Дар ҷиҳати мухобирот* саҳм ва имкониятҳои оҳанг дар ифодаи маъноҳои гуногун – хабар, пурсиш, амр, нотамомии фикр ва воситаҳои овозии ташкили онҳо таҳқиқ мешавад.

*Дар ҷиҳати ифоданокӣ* имконияти ба воситаи оҳанг ифода шудани эҳсосоти рӯҳии гӯянда – қаҳр, хурсандӣ, тааҷҷуб ва ғайра омӯхта мешавад.

[39] П.В.Щерба. Теория русского писма. – Л., 1983.-с.128

Ҷиҳати ифоданокии оҳанг ҳамеша бо маънои умумии ҷумла вобаста нест, зеро бо вуҷуди маъно ва оҳанги умумиаш ҷумла метавонад, бо тобишҳои таассуф, қаҳр, тааҷҷуб, таъкид, хурсандӣ ва ғайра талаффуз шавад ва ин ба маънои умумии он халал намерасонад. Бо вуҷуди ин масъалаи ифоданокии оҳанг мавзӯи баҳси забоншиносист, зеро он бо категорияи модалият вобаста аст.

***Вазифаи оҳанг.*** Оҳанг аз ҷумлаи ҳодисаи сервазифаи фонетикӣ буда, *воситаҳои асосии фарқ кунонидани хелҳои асосии ҷумла* мебошад. Вобаста ба мақсади гуфтор се хели асосии оҳанг фарқ карда мешавад:

- **хабарӣ:** *Мавсими ғунучини мева тирамоҳ аст.*
- **саволӣ:** *"Ғуломон"-и Садриддин Айниро хондаӣ?*
- **амрӣ:** *Албатта, асарҳои Садриддин Айниро хонед!*

Дар фарқ кунонидани хелҳои гуфтор оҳанг бо воситаҳои лексикию грамматикӣ ҳамкорӣ мекунад, вале ин вазифаро мустақилона низ иҷро карда метавонад:

Қаҳрамонҳои асарро намунаи ибрат кард.
Қаҳрамонҳои асарро намунаи ибрат кард?
Қаҳрамонҳои асарро намунаи ибрат кун!

Дар фарқ кунондани навъҳои асосии гуфтор ҳамаи унсурҳои оҳанг иштирок дошта бошанд ҳам, роли асосиро *наво*(мелодика) мебозад. Се навъи асосии мухобирот *ахбор, пурсиш ва амр* аз рӯи тарҳҳои оҳангии худ аз якдигар фарқ кунанд ҳам, дар байни оҳанг ва навъҳои ҷумла мувофиқати том дида намешавад.

Оҳанг ба сифати *воситаи алоқаи синтаксисӣ* низ истифода мешавад. Вазифаи синтаксисии оҳанг дар ҷумлаҳои мураккаб равшантар зоҳир мегардад. Дар ин маврид оҳанг дар якҷоягӣ бо воситаҳои дигари грамматикӣ дараҷаи алоқаи унсурҳои ҷумларо ифода мекунад. Агар воситаҳои грамматикӣ тарзи алоқа ва муносибати маъноию синтаксисии қисмҳои ҷумларо ифода намоянд, оҳанг танҳо дараҷаи алоқамандии унсурҳои ҷумларо нишон медиҳад.

Мақоми оҳанг дар ифодаи алоқаи синтаксисии калимаҳо, махсусан дар мавридҳое калон аст, ки омонимияи грамматикӣ фаҳмидани мазмуни ҷумларо душвор мегардонад. Дар чунин

мавридҳо оҳанг алоқамандона бо матни умумӣ маънои ҷумла ва муносибату алоқаҳои синтаксисии ҷузъҳои таркиби онро муайян менамояд.

Оҳанг аз *воситаҳои муҳими ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла* мебошад. Аз нуқтаи назари оҳанг дар ҳар як ҷумла маркази маъноӣ мавҷуд аст ва ин қисми ҷумла ҳамчун қисми муҳими он ба қисмҳои дигараш муқобил меистад. Ду ҷумлаи аз нуқтаи назари мароми гуфтор ва таркиби лексикӣ монанд вобаста ба таҷзияи маъноӣ семантикаи гуногун дошта метавонанд.

Дар ҷудо кардани хабари маълум аз хабари номаълум воситаҳои дигари грамматикӣ (масалан, тартиби калима) иштирок мекунанд, аммо дар ҳар сурат дар ҷудо кардани маркази маъноии гуфтор (предикати мантиқӣ) ва фарқ кардани он аз қисматҳои дуюмдараҷа (субъекти мантиқӣ) оҳанг воситаи асосӣ мебошад. Оҳанг ин вазифаи худро ба воситаи яке аз унсурҳояш – **задаи таъкид** иҷро мекунад. Дар ин маврид тартиби калима тағйир намеёбад:

*Ман аз падарам ҳунар* ***омӯхтам.***
*Ман аз падарам* ***ҳунар*** *омӯхтам.*
*Ман* ***аз падарам*** *ҳунар омӯхтам.*
***Ман*** *аз падарам ҳунар омӯхтам.*

Дар ин мисолҳо воситаи асосие, ки ин ҷумлаҳоро фарқ мекунонанд, задаи таъкидӣ ва вобаста ба иваз шудани ҷои он тағйири хати умумии оҳанги онҳо мебошад.

❖ Вазифаи дигари оҳанг *ташкил ва таҷзияи ҷараёни нутқ* мебошад. Ҷараёни муттасили нутқ аз воҳидҳои гуногуни оҳанг (синтагма, фраза ва ғ.) ташкил мешавад. Оҳанг, аз як тараф, ин воҳидҳоро ба таври овозӣ муташаккил кунад, аз тарафи дигар, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо месозад. Ин вазифаи оҳанг дар он зоҳир мешавад, ки ҳар як навъи гуфтор, фраза бо ёрии воситаҳои муайяни оҳангӣ ташкил мешавад ва ба туфайли ҳамин тафовути оҳангиаш аз фразаи дигар фарқ мекунад, ҷудо мешавад.

❖ Оҳанг аз *воситаҳои ташкили нутқи ифоданок* ба шумор меравад. Ҳар як хели асосии гуфтор ғайр аз маънои умумии худ (ахбор, пурсиш, амр) муносибати гӯяндаро ба мавзӯи сухан низ ифода менамояд. Гӯянда метавонад, дар бораи ягон факт бо хурсандӣ ё андӯҳ нақл кунад ё пурсад, шунавандаро ба иҷрои коре

бо ғазаб ё меҳрубонӣ водор намояд. Воситаи асосии ифодаи муносибати гӯянда ба мавзӯи сухан оҳанг мебошад.

Тобишҳои маъноии эҳсосие, ки ба воситаи оҳанг ифода мешаванд, гуногунанд, аммо ҳамаи онҳо дар ду гурӯҳи асосӣ муттаҳид мешаванд:

- маъноҳои гуногуни эҳсосӣ
- тобишҳои маъноии ҳолати рӯҳӣ

Фарқи ин ду навъи маънои эҳсосӣ гоҳо бо ёрии воситаҳои луғавӣ ифода мешавад. Маъноҳои эҳсосиро бештар ҳиссачаҳою нидоҳо: *афсӯс, э кош, албатта, ҳатман, баҳ-баҳ, вой, э вой, хайрият-е, ура, воҳ, оббо, аҷабо* ва амсоли онҳо ифода кунанд, тобишҳои маъноии эмотсионалӣ дар нутқи муаллиф баён мешавад: *Ман ӯро кайҳо боз фаромӯш кардаам! – гуфт бо овози маҳзун Саттор.*

Фарқи дигари ин ду навъи маънои эҳсосӣ дар он аст, ки маъноҳои эҳсосӣ хусусияти миллӣ доранд ва дар забонҳои гуногун бо ёрии воситаҳои мухталифи маъноиву овозӣ ифода мешаванд, аммо тобишҳои эҳсосӣ умумӣ мебошанд.

Аз ҷиҳати оҳанг низ ин ду навъи маъно фарқ мекунад. Маъноҳои эҳсосӣ ба туфайли семантикаи хосашон дорои навъҳои махсус (навъҳои эҳсосии гурӯҳҳои асосии оҳанг) мебошанд. Тобишҳои эҳсосӣ, ки ногаҳон пайдо мешаванд, дар хати умумии оҳанг тағйирот ба амал меоранд. Дар ташкили оҳанги маънои эҳсосӣ ҳамаи унсурҳои он: танин, тамдид, наво ва ғайра иштирок мекунанд, аммо оҳанги тобишҳои эмотсионалӣ бештар ба воситаи танин, суръат ва тамдид ташкил мешавад.

Дар фраза калимаҳо дараҷаи гуногуни ифоданокӣ доранд. Барои фарқ кунонидани калимае, ки бо ягон сабаб вазни бештари ифоданокӣ дорад, *задаи эмфатикӣ* истифода мешавад. Задаи эмфатикӣ хоси нутқи эҳсосӣ буда, бо унсурҳои овозии худ аз задаҳои дигари фраза фарқ мекунад.

***Унсурҳои асосии оҳанг.*** Оҳанг моҳиятан воҳиди мураккаб аст. Вай маҷмӯи воситаҳои овозие мебошад, ки дар ташкили оҳанги типҳои асосии гуфтор (ахбор, амр, ангезиш ва хитоб) ширкат варзида, онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд. Савтшиноси соҳибтаҷриба Т.Н.Хаскашев ин воситаҳоро, яъне нишонаҳои

объективии оҳангро аз зеринҳо иборат медонад:[40]

- **наво** – зудии лаппиши садопардаҳо ё ҳаракати пасту баландшавии лаҳни асосии овоз ҳангоми талаффузи ягон ҷумла (унсури савтӣ);
- **тамдид ё суръат** – вақте, ки дар талаффузи ин ё он порчаи овозӣ сарф мешавад (унсури суръат);
- **танфис** – қатъ гардидани талаффуз бинобар эҳтиёҷоти физиологӣ;
- **қувва** – тавоне, ки дар талаффузи овозҳо сарф мешавад (унсури қуввагӣ ё динамикӣ);
- **танин** – сифати талаффузи овозҳо (унсури сифатӣ).

Унсурҳои овозии оҳанг алоҳида амал намекунанд. Ҳамаи онҳо барои адои як вазифа – ташкили оҳанги нутқ, хизмат мекунанд. Оҳанги типҳои асосии мухобира дар натиҷаи ҳамкории бисёр мураккаби ҳамаи унсурҳо ташкил мешавад. Ҳамаи унсурҳои оҳанг (ғайр аз танфис) ҳамеша дар мухобира вуҷуд доранд, зеро талаффузи ҳар як порчаи овозӣ бе танину наво ва қувваю вақти муайян имконнопазир аст.

Ҳамкории унсурҳои оҳанг дар такмили истеъмоли ҳамдигар ҳангоми амалӣ шудани ягон вазифаи оҳанг ошкор мегардад. Масалан, барои таҷзияи оҳангии матн танфис воситаи асосӣ мебошад, аммо дар амалӣ гардонидани ин вазифа танфисро маъмулан тамдид ва наво ҳамроҳӣ мекунанд: ҳар як синтагмаи тақтеъшуда ба ҷуз танфис бо дарозии бештар ва навои баландтари (ё пасттари) ҳиҷои охири заданокаш фарқ мекунад. Тағйироти муҳимтарини тарҳи оҳанг одатан дар ҳиҷои заданоки фраза (ё синтагма) ба амал меояд, вале ин ҳиҷоро дар бештари мавридҳо навои баланд ҳамроҳӣ мекунад.

Бо вуҷуди вазифаи муштаракашон унсурҳои оҳанг дар ҷараёни нутқ мустақил буда, хусусияти хос доранд ва вазифаҳои ҷудогонаро адо мекунанд.

❖ ***Наво*** ё пасту баландшавии лаҳни гуфтор ҳангоми талаффузи ягон фраза (ҷумла) – муҳимтарин унсури оҳанг аст. Наво хусусияти умумибашарӣ дошта, чун унсури оҳанг дар забонҳои ғайрилаҳнӣ, ки забони тоҷикӣ аз ҷумлаи онҳост, барои фарқ кунонидани

[40]Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-с.159.

воҳидҳои занҷирӣ (фонемаҳо) бисёр истифода мешавад. Ба туфайли имкониятҳои фаровонаш наво дар забон вазифаҳои зиёдеро адо мекунад.

**1.** Наво дар якҷоягӣ бо танфис яке аз воситаҳои асосии таҷзияи ҷараёни нутқ мебошад. Сарҳади синтагмаҳо ба воситаи шикасти хати умумии наво (аз боло ба поён, аз поён ба боло майл кардан, аз ибтидои паст ба интиҳои баланд табдил ёфтан) муайян карда мешавад. Дар мавридҳои набудани танфис сарҳади синтагмаҳо ба воситаи наво муайян карда мешавад.

**2.** Наво аз воситаҳои асосии алоқаи қисматҳои гуногуни нутқ (фразаҳо ва синтагмаҳо) мебошад. Масалан, баландшавии наво дар охири синтагма ё фраза на танҳо оҳанги пурсишро далолат мекунанд, балки шоҳиди нотамомӣ ва алоқамандии ин синтагма (ё фраза) бо синтагмаи (ё фразаи) баъдина низ мебошад: Об – манбаи ҳаёт аст. Анҷоми кор – соати шаш.

**3.** Наво воситаи асосии фарқ кардани навъҳои асосии мухобиротии ҷумла мебошад. Ҷумлаҳои 1. Китобро хонд. 2. Китобро хондӣ? 3. Китобро хон! таркиби якхелаи грамматикию луғавӣ дошта бошанд ҳам, ба туфайли гуногунии наво маъноҳои ҷудогона: *ахбор, пурсиш ва амрро* ифода мекунанд.

**4.** Наво дар якҷоягӣ бо унсурҳои дигари оҳанг барои ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла, фарқ кунонидани хабари маълум аз номаълум ва ташкили маркази маъноию оҳангии ҷумла истифода мешавад. Маркази маъноии ҷумла дар ҳар кадом қисми он қарор гирад, навои баланд ҳамеша ҳамроҳи он аст:

Шогирд аз устод *пурсид.*

Шогирд *аз устод* пурсид.

*Шогирд* аз устод пурсид.

Наво дар ифодаи тобишҳои гуногуни эҳсосӣ низ саҳмгузор аст. Дар ифодаи тобишҳои гуногуни маъно на танҳо хати умумии баланду пастшавии наво дар тӯли талаффузи фраза (ё синтагма), балки фосилаҳои (мусбат ва манфии) тағйири наво – (фосилаи байни баландтарин ва пасттарин нуқтаҳо), суръати болоравӣ ва пастшавии он низ аҳамият дорад.

Фосилаҳо ва суръати тағйири наво сабабҳои гуногун доранд. Тобишҳои гуногуни маъноӣ, сабку хусусиятҳои фардии нутқи гӯянда, лаҳзаи нутқ, матн ба фосила ва суръати тағйири наво таъсир

мерасонанд. Аммо бо вуҷуди вобастагии наво ба омилу шароитҳои гуногун ҳамаи навъҳои он дар атрофи ду навъи асосӣ муттаҳид мешаванд:

***a. навои том*** моили пастшавӣ буда, хоси синтагмаи ниҳоӣ (охир) аст. Ин навъи наво бештар дар охири гуфторҳои ахборӣ, амрӣ ва дар баъзе навъҳои пурсиш истифода мешавад;

***b. навои нотамом*** хусусияти болоравӣ дошта, хоси синтагмаҳои ибтидоӣ (дохилӣ) мебошад. Авҷи ин наво бештар дар аввалу мобайн ва гоҳо (дар гуфторҳои пурсишию нотамом) дар охири фраза меояд.

**Тамоми навъҳои оҳанги тоҷикӣ дар заминаи ҳамин ду навъи наво ташкил мешаванд.**

Суръати талаффузи порчаҳои нутқи овозӣ (овозҳо, ҳиҷоҳо, калимаҳо ва ғайра) дар воҳиди вақт низ яке аз унсурҳои оҳанг мебошад. Суст ё босуръат талаффуз кардани порчаҳои нутқи овозӣ вобастаи омилҳои гуногун аст. Суръати хондани маърӯза, баромади мавзӯъҳои алоҳида дар маҷлис ё митинг аз суръати сӯҳбат дар ҳалқаи дӯстон ё дар хона, дар сари дастархон фарқ мекунад. Суръати нутқ ба хусусиятҳои фардии нутқ (тез ё суст гап задан), дарсхонаҳои махсус (маърӯза барои 400 кас ё 20 кас) низ вобаста аст. Аммо барои оҳанг суръати мутлақи нутқ муҳим нест. Барои оҳанг суръати нисбии нутқ – талаффузи воҳидҳои овозӣ нисбат ба замон – суръати талаффузи ягон овоз (ҳиҷо, калима, синтагма ва ғ.) нисбат ба овозҳои дигари таркиби ҳамин калима, синтагма, фраза ва ғайра суръати талаффузи овоз (калима, синтагма ва ғ.) дар як ҳолати овозӣ нисбат ба ҳолатҳои дигар дар тӯли ҳамин синтагма, фраза ва ғайра муҳим мебошад.

Тағйирёбии суръати нутқ ҳам ба бори маънои воҳидҳои он вобаста мебошад. Калима ва синтагмае, ки бори бештари маъноӣ доранд, бо суръати камтар талаффуз мешаванд: талаффузи калимаҳои мустақилмаъно нисбат ба калимаҳои ёрирасон сусттар сурат мегирад.

Тағйирёбии суръат ба сохти синтаксисӣ низ вобаста аст: маъмулан, суръати талаффузи калимаҳо ва ҷумлаҳои истисноӣ, иловагӣ нисбат ба талаффузи ҷумлаҳои пайрав тезтар амалӣ мешавад. Тағйири суръати нутқ барои ифодаи маъноҳои гуногуни

таъсирбахшу эҳсосӣ истифода мешавад. Пайдоиши танфисҳои гуногунфосила дар ҷараёни нутқ ба суръати нутқ алоқаманд мебошанд: суръати нутқ ҳар қадар зиёд бошад, миқдор ва мӯҳлату муддати танфисҳо ҳамон дараҷа кам мешавад ва баръакс.

- ***Танфис*** гуфта бурида шудани талаффуз ё танаффусеро мегӯянд, ки дар ҷараёни нутқ дар байни ду порчаи нисбатан мустақили он (синтагма, фраза ва ғ.) воқеъ мегардад. Танфис дар ҷараёни нутқ аз зарурати нафасгирӣ (аз ҳаво пур кардани шуш) ба амал меояд, вале ҷои пайдоиши он комилан тобеи маъност: танфис дар он нуқтаи ҷараёни нутқ падид меояд, ки дар он ҷо буриши ҷараёни нутқ мумкин бошад ва ба маъно халале нарасонад. Ҳамин тариқ, танфис аз зарурати физиологӣ пайдо мешавад, аммо нуқтаи ба вуқӯъ пайвастани онро маъно муайян мекунад.

Танфис вобаста ба сабабҳои гуногун (ҳаҷму таркиби порчаҳои тақтеъшуда, муносибати маъноии байни ин порчаҳо, ифодаи тобишҳои гуногуни маъноҳои эҳсосӣ, модалӣ ва ғайра) дарозии (фосилаи) мухталиф дошта метавонад. Танфис ду навъ дорад: ҳатмӣ ва имконпазир.

- *Танфиси ҳатмӣ* аз зарурати ташкили овозии воҳидҳои нисбатан мустақил: синтагма, фраза, бандҳо ва ғайра пайдо шуда, ду вазифаи ба ҳам алоқамандро адо мекунад: вай *аз як тараф,* ҷараёни нутқро ба порчаҳои нисбатан мустақил ҷудо кунад, *аз тарафи дигар,* ин порчаҳоро бо ҳам алоқаманд месозад. Масалан, танфис бандҳои ҳаҷман гуногунро, ки аз як ё якчанд ҷумла иборат мешаванд, дар таркиби матн, ҷумлаҳои алоҳидаро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва синтагмаҳоро дар таркиби ҷумлаҳои содда фарқ карда, дар айни замон ба ҳам алоқаманд менамояд.

Танфис ба дараҷаи алоқаи порчаҳои тақтеъшуда вобастагӣ дорад, яъне алоқа дар байни ин порчаҳо ҳар қадар зичтар бошад, танфис ҳамон дараҷа кӯтоҳтар мешавад ва баръакс. Чунончи, дар ҷумлаи мураккаби тобеъ танфиси байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав нисбат ба танфиси байни ду ҷумлаи мустақил дар гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби пайваст кӯтоҳтар аст, зеро алоқаи байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав нисбат ба алоқаи ду ҷумлаи мустақил зичтар мебошад:

*Агар ту намеомадӣ, ман мерафтам.*

*Ту наомадӣ ва ман нарафтам.*

➢ *Танфиси имконпазир* алоқамандона бо сабабҳои гуногун: лаҳзаи нутқ, сабку ифодаи тобишҳои гуногуни маъно ва ғайра падид меояд. Масалан, агар нутқ дар шароити мавҷуд будани садои зиёди бегона ба вуқӯъ пайвандад, гӯянда маҷбур мешавад, ки қобилияти шунавоии нутқро зиёдтар кунад, яъне нерӯи талаффузро тақвият дода, ҳар як воҳиди овозиро равшантар талаффуз намояд. Дар натиҷа гӯянда миқдори зиёди захираи ҳаворо сарф мекунад ва эҳтиёҷи нафасгирӣ пеш меояд. Дар чунин шароит ҷараёни нутқ ба порчаҳои нисбатан кӯтоҳтар таҷзия ва мувофиқан миқдори танфисҳо зиёд мешавад. Ин ҳолат дар мавридҳои махсус (митинг, маҷлис ва ғ.) рӯй медиҳад. Гӯянда бо мақсади таъкиди маънои синтагма пас аз талаффузи равшани он лаҳзае таваққуф мекунад.

Пайдоиши танфис ба вазни маънои порчаи нутқ низ вобаста мебошад. Маъмулан, он порчаи нутқе, ки бори бештари маъноӣ дорад, нисбатан бо суръати камтар талаффуз мешавад, то ки шунаванда имкон пайдо карда, маълумоти заруриро дар тӯли нутқ дарк карда тавонад.

Танфис алоқамандона бо ифодаи тобишҳои таъсирнокӣ ва эҳсосӣ низ пайдо мешавад. Гӯянда нисбат ба маънои хабар бетараф буда наметавонад. Вай ҳангоми нутқ ба маънои умумӣ метавонад, тобишҳои гуногуни маъноӣ (шодӣ, изтироб, ғаму андӯҳ, тааҷҷуб...)-ро илова намояд ва ё як порчаи нутқро ҷудо кунад. Чунин ҳолатҳо низ боиси пайдоиши танфис мешаванд.

***Танин*** – тобиши сифатии овозҳо, ки ба миқдор ва таносуби лаҳнҳои асосию иловагӣ вобаста аст, низ аз ҷумлаи унсурҳои оҳанг мебошад. Тобишҳои гуногуни сифатӣ дар қатори тамдид, интенсивӣ ва лаҳн, пеш аз ҳама, моҳияти овозҳои нутқро ҳамчун ҳодисаҳои физикӣ муайян мекунад. Моҳияти овозии танин, асосан дар фарқ кардани овозҳои алоҳидаи нутқ ба назар мерасад. Бинобар ин дар ташкили оҳанг саҳми танин нисбат ба дигар унсурҳо камтар аст. Аз ҷиҳати оҳанг танин хоси нутқи эҳсосӣ буда, барои фарқ кардани оҳанги эҳсосӣ аз оҳанги ғайриэҳсосӣ хизмат мекунад.

Аён аст, ки унсурҳои оҳанг дар ташкили навъҳои асосии гуфтор саҳми ҷудогона доранд, аммо бо вуҷуди ин ҳамаи онҳо дар ташкили оҳанг иштирок мекунанд ва ин навъҳои гуногуни оҳанг дар заминаи воҳиди хурдтарини оҳанг – *синтагма* амалӣ мегардад. Аз ин рӯ бояд ҳамаи унсурҳо дар тавсифи системаи оҳангии забон ҷой дошта бошанд. Дар тавсифи навъҳои оҳанг чор сатҳи

оҳангнокӣ ба назар гирифта шудааст:

- Сатҳи поёнӣ, ки ба лаҳни пасттарини овоз баробар буда, ба сатҳи тамомшавии навои ҷумлаи хабарӣ рост меояд ва навои томро инъикос мекунад.
- Сатҳи баланд – дараҷаи баландтарини лаҳни овоз, ки маъмулан дар пурсиш истифода мешавад.
- Сатҳи миёнаи аввал, ки ба сатҳи поёнӣ наздиктар буда, мувофиқи лаҳни миёнаи овоз аст.
- Сатҳи миёнаи дуюм, ки ба сатҳи баланд наздиктар буда, баландшавии лаҳни овозро дар дохили ҷумла (навои нотамомро) инъикос мекунад.

Аммо мутаассифона, имрӯз паҳлуҳои нокушудаи навъҳои оҳанги тоҷикӣ талаби омӯзиш дорад. Бинобар ин тавсифи оҳанги навъҳои асосии гуфтори тоҷикӣ дар заминаи наво оварда мешавад, зеро нисбат ба дигар унсурҳои оҳанг наво беҳтар дарк мешавад ва инъикоси он низ саҳлтар аст.

***Фраза.*** Ҷараёни нутқ, пеш аз ҳама ба порчаҳои аз ҷиҳати маъною оҳанг тому муташаккил ҷудо мешаванд, ки онҳоро дар фонетика *фраза* меноманд. Бояд гуфт, ки фразаи овозӣ ҳамеша ба ҷумла рост намеояд, асосан оҳанг онро ба вуҷуд меорад ва яке аз вазифаҳои асосии оҳанг ҷудо кардан ва фарқ кунонидани ҳамин фразаҳост. Муташаккилии маъноию шаклии фраза дар он зоҳир мегардад, ки дорои маънои том, хати муайяни оҳанг ва маркази ягонаи маъно мебошанд. Маркази маъно ва оҳанги фразаро унсури аз ҷиҳати маъно асосии он муайян месозад ва унсурҳои дигари фраза тобеи ҳамин унсури асосӣ мебошанд.

Маркази маъноии фраза дар айни замон маркази оҳангии он, нуқтаи зоҳиршавии задаи фраза мебошад. Калимае, ки чун маркази маъноию оҳангӣ задаи фразаро қабул мекунад, дар аксар мавридҳо бо навои баландтар, қувватнокию тамдиди бештар фарқ мекунад. Ҳудуди фразаҳоро танфисҳои байни фразагӣ ва тағйири тарҳи умумии оҳанг нишон медиҳад. Маркази маъноиву оҳангии фраза ҷои доимиву устувор надорад. Дар фразаҳои ғайриэҳсосии ахборӣ маркази маъноии ҷумла бо хабар рост меояд. Дар ҳолатҳои дигари гуфтори хабарӣ (аввал, мобайн) ва дар навъҳои дигари гуфтор (савол, амр) маркази оҳангиву маъноиро задаи таъкид муайян

мекунад:

Донишҷӯён имтиҳонҳоро *тамом карданд.*

Нодир *кай омад?* – Нодир *дирӯз омад.*

Матнро *хонед!*

Фразаҳо метавонанд аз як ё якчанд *синтагма* иборат шаванд. Вобаста ба ин фразаҳо ба ду навъ: *яксинтагмагӣ (ё содда) ва чандсинтагмагӣ (ё мураккаб)* ҷудо мешаванд.

Фразаҳо вобаста ба алоқаю муносибатҳои мантиқии байни ҷузъҳояшон ва хати умумии оҳанг *яктаркиба ва дутаркиба* мешаванд. Ҳар як фразаи мураккаб метавонад яктаркиба ва дутаркиба талаффуз шавад. Талаффуз ва оҳанги яктаркибаю дутаркибаи фраза ба муҳити нутқу мароми гӯянда ва таҷзияи маъноии он вобаста аст.

Фраза бо вуҷуди воҳиди томи маънову оҳанг буданаш таҷзияпазир аст. Вай ба воҳидҳои аз худаш хурдтар – *синтагмаҳо* ҷудо мешавад. Масалан, фразаи – *Дар ҳамин асно//марди тануманди сафедмӯе//ба гап ҳамроҳ шуд* – ба се синтагма ҷудо мешавад.

Таҷзияи синтагма аз ҷудо кардани фразаҳо фарқ мекунад. Дар ҷудо кардани фразаҳо мо бо воҳидҳое сару кор дорем, ки комилан ташаккул ёфта, дорои маъною оҳанги том мебошанд. Ба туфайли ин хосият фразаҳо ҳамчун воҳидҳои тайёр истифода мегарданд ва аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Аммо синтагмаҳо дар ҷараёни нутқ ва вобаста ба муҳити нутқ, мароми гӯянда ва матн пайдо мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат ҳудуди синтагмаҳо дар ҷумла доимию устувор нест ва гӯянда метавонад як фразаро ба таври гуногун ба синтагмаҳо ҷудо кунад. Масалан, гӯянда метавонад фразаи зеринро ин тавр ба синтагмаҳо ҷудо кунад:

*Вай//ҳамеша дар ғами дигарон аст.*

*Вай ҳамеша//дар ғами дигарон аст.*

Бо вуҷуди ноустувории ҳудуди синтагмаҳо таҷзияи синтагмаҳо амри субъективӣ нест, зеро гӯянда дар ҷудо кардани синтагмаҳо комилан озод нест. Вай метавонад вобаста ба муҳити нутқ фразаро ба таври дилхоҳи худ ба синтагмаҳо ҷудо кунад, ба шарте ки ин тарзи таҷзия муносибату алоқаҳои маъноию грамматикии калимаҳоро вайрон накунад ва ба дарку фаҳмиши он мушкилӣ наорад.

Дар тақзияи синтагмаҳо алоқаи маъноию грамматикии байни калимаҳо ва оҳанги ташкилии ин алоқаҳо басо муҳим аст. Маъмулан алоқаи унсурҳои синтагма нисбат ба алоқаи синтагмаҳо қавитар аст. Табиист, ки ҳудуди синтагма бо нуқтаи сусти алоқа рост меояд, аммо ҳудуди синтагмаро ҳамеша аз рӯи дараҷаи алоқамандии калимаҳо муайян кардан мумкин нест. Ҳудуди синтагмаро мисли сарҳади фраза танфис муайян мекунад, аммо танфиси синтагма нисбат ба танфиси фраза кӯтоҳтар аст.

Тақзияи синтагматикии ҷараёни нутқ, чунон ки зикр гардид, хусусияти лаҳзагӣ дошта, ба матн ва мақсади гӯянда вобаста аст. Аз ҳамин сабаб тақзияи синтагма ҳодисаи доимӣ надорад ва тарзу қоидаи тақзияи синтагматикии фразаро дар заминаи ягон матни конкрет (шифоҳӣ ё хаттӣ) муайян кардан мумкин аст. Бо вуҷуди ин баъзе омилҳои умумиеро, ки боиси тақзияи синтагмаҳо мешаванд, зикр кардан мумкин аст.

- Талаффузи дутаркибаи фраза, ки дар он яке аз таркибҳо баёни таркиби дигар аст: *Баҳор//фасли зебои сол аст; Фасли зебои сол//баҳор аст;*
- Вобаста ба лаҳзаи нутқ зарурати ҷудо кардани яке аз калимаҳои ҷумла чун унсури аз ҷиҳати маъно муҳим: *Мӯҳсин аз мактаб//омад; Мӯҳсин//аз мактаб омад.*
- Тафсили ҷумла ба роҳи дохил шудани унсурҳои таъкидӣ, аъзоҳои тафсилдиҳандаи ҷумла ва ғайра: *Барф борид; Пагоҳ//барф меборад.*
- Мавҷудияти баёнияҳо, калимаю ибораҳои туфайлию иловагӣ, мухотаб: *Варзишгарони Ӯзбекистон,//далерона қадам гузоред! Ғалабаи ту шараф,//Ҳасанбой!*

Баръакси қоидаҳои ҷудо кардани синтагма воситаҳои тақзияи синтагма дар забон доимианд. Онҳо ҳангоми ҷудо кардани синтагма ҳамчун нишонаҳои он зоҳир мешаванд.

***Синтагма*** воҳиди хурдтарини оҳанг аст. Тамоми хелҳои асосии гуфтор (ахбор, пурсиш ва амр) ва навъҳои гуногуни онҳо дар заминаи синтагма ҳосил мешаванд. Синтагма як порчаи хаттии оҳанги гуфтор мебошад, ки дорои ягонагии маъноӣ, синтаксисӣ ва оҳангӣ мебошад.

Аз ҷиҳати маъно синтагма як порчаи овозии дуруст таҷзияшуда буда, камаш як мафҳуми мураккабро ифода мекунад: *Дастаи сайёҳон//пагоҳии барвақт//ба роҳ даромад.*

Табиист, ки воҳиди аз ҷиҳати маъно саҳеҳ таҷзияшуда аз лиҳози грамматика низ муташаккил аст. Ҷумлаи овардашуда ба се синтагмаи дорои маънои яклухт ва мустақил ҷудо шудааст, ки онҳо бо се аъзои ҷумла (мубтадо, ҳол ва хабар) мувофиқат мекунанд. Аммо дар байни аъзоҳои ҷумла ва таҷзияи синтагма ҳамеша мувофиқати комил дида намешавад. Масалан, ҷумлаи "Манижа омад" аз ду аъзо (сараъзоҳо) иборат аст, аммо метавонад чун як синтагма талаффуз шавад.

Муташаккилии овозии синтагмаро унсурҳои оҳанг таъмин менамоянд.

Муҳимтарин воситаи овозие, ки синтагмаро ҳамчун воҳиди яклухти овозӣ муттаҳид месозад*, задаи синтагма ва ягонагии тарҳи навои он* мебошад.

Хати умумии навои синтагмаро муносибатҳои маъноӣ ва то дараҷае ҷои синтагма дар сохтмони оҳангии фраза муайян мекунад. Синтагмаҳо вобаста ба ҷояшон дар тарҳи оҳанги фраза ду хел мешаванд:

**a.** ибтидоӣ (ё дохилӣ), ки дар қисми болорави тарҳи оҳанг дар аввал ё мобайни ҷумла истифода мешавад.

**b.** ниҳоӣ, ки дар қисми пастшавӣ (охири) тарҳи оҳанги ҷумла меояд.

➢ *Синтагмаи ибтидоӣ* оҳанги умумии болорав дорад. Вай аз аввал то ҳиҷои охири заданоки синтагма тадриҷан боло меравад, аммо фосилаи байни ҳиҷоҳо калон нест. Гоҳо чунин фосила дида намешавад ва хати умумии навои синтагма рост буда, дар охир ба боло майл мекунад. Наво дар ҳиҷоҳои заданоки дохили синтагма низ баланд мешавад.

➢ *Синтагмаи ниҳоӣ* дар фразаҳои ахборӣ оҳанги умумии пастшав дорад. Наво аз аввали синтагма тадриҷан паст шуда, ҳиҷоҳои заданок бо лаҳннокии худ фарқ мекунанд, аммо ин фарқияти онҳо барҷаста ва доимӣ нест. Тобишҳои маъноӣ ба навои умумии синтагмаи ниҳоӣ тағйирот дохил карда метавонад.

***Задаи синтагма.*** Муҳимтарин воситаи овозие, ки

синтагмаро чун воҳиди яклухти фонетикӣ муттаҳид месозад, задаи синтагма мебошад. Ба туфайли зада дар ҷараёни нутқ синтагма ба қисмҳо ҷудо шуда, чун воҳиди мустақил амал мекунад. Задаи синтагма яке аз унсурҳои муҳими оҳанг буда, тамоми тағйироти оҳангии гуфтор дар заминаи он сурат мегирад.

Дар забони тоҷикӣ дар истеъмоли задаи синтагма ду тамоюли асосии хилофи якдигар мушоҳида мешавад:

***a.*** дар як гурӯҳи синтагмаҳо зада маъмулан дар ҷузъи (калимаи) охири синтагма меояд. Ба ин гурӯҳ одатан, синтагмаи мубтадо, пуркунанда, муайянкунанда ва умуман синтагмаҳои номӣ (ибтидоӣ) дохил мешаванд: *Аз насими формами бомдодӣ//сайёҳон// ҳаловат мебурданд;*

**b.** дар гурӯҳи дигари синтагмаҳо зада ҳамеша дар ҷузъи аввали синтагма меояд. Ба ин гурӯҳ синтагмаҳои предикативӣ ва зарфӣ дохил мешаванд: *Варзишгарон//баргаштанд. Варзишгарон//дирӯз баргаштанд.*

**Ҳар ду тамоюли мазкур ба ҳолати асосии синтагмаҳо дар ҷумла вобаста аст.**

Тамоюли якум (синтагмаҳои ибтидоӣ) одатан (ба истиснои хабарҳои номии содда) ҳангоми дар охири фраза наомадани онҳо мушоҳида мешавад. Тамоюли дуюм хоси синтагмаи охири (ниҳоии) фраза мебошад. Агар аз баъзе ҷузъиёт сарфи назар кунем, метавонем, дар нутқи ғайриэҳсосӣ тамоюли аввалро хоси задаи синтагматикӣ дониста, синтагмаҳои ибтидоиро қатъ гардидани амалиёти он ҳисобем ва тамоюли дуюмро ба задаи фраза нисбат дода, синтагмаи ниҳоиро (предикативиро) мавзеи амалиёти он шуморем.

Ҷои задаи синтагма дар забони тоҷикӣ ҳамеша бо ҷои задаи калима рост меояд ва ба воситаи тақвият пайдо кардани задаи калима зоҳир мешавад. Аз ин рӯ ҳиҷои заданоки синтагмаро вобаста ба қолиби заданокии калима муайян кардан мумкин аст.

Моҳияти овозии задаи синтагма дар забони тоҷикӣ ҳанӯз тадқиқталаб аст. Аммо азбаски задаи синтагма ба воситаи тақвияти воситаҳои овозии задаи калима амалӣ мегардад, метавон дар асоси хусусиятҳои овозии задаи калимаи тоҷикӣ воситаҳои овозии задаи синтагмаро муайян намуд. Дар забони тоҷикӣ унсури асосии задаи

калима *лаҳну қувва* мебошад. Ин воситаҳо дар ҷудо кардани ҳиҷои заданоки синтагма низ иштирок мекунанд. Фарқ танҳо дар он аст, ки ҳангоми ҷудо кардани ҳиҷои заданоки синтагма ин воситаҳо равшантару барҷастатар намоён мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳангоми задаи синтагмаро қабул кардани калима қолиби заданокии он тағйир намеёбад, вале вобаста ба вазни калима дар ҷумла дараҷаи заданокии он тағйир меёбад, тақвият пайдо мекунад.

➢ *Вазифаи асосии задаи синтагма* ташкили овозии синтагма мебошад. Аз як тараф, унсурҳои нутқи овозиро дар воҳиди яклухт – синтагма муттаҳид кунад, аз тарафи дигар, ҳамин порчаи яклухти овозиро аз порчаҳои дигаре, ки бо чунин зада муттаҳид шудаанд, ҷудо месозад. Задаи синтагма дар якҷоягӣ бо наво ва тамдиду танфис воситаи таҷзияи синтагматикии ҷараёни нутқ мебошад. Ба туфайли зада ҳар як синтагма ҳамчун порчаи яклухти овозӣ ташкил дода, ба воҳиди мавзун (ритм) табдил меёбад.

➢ *Задаи синтагмаро аз задаи фраза* бояд фарқ кард. Дар зери мафҳуми задаи фраза задаи синтагмаи охирини фраза фаҳмида мешавад. Тафовути ин заданокӣ дар он аст, ки задаи фраза дар заминаи задаи синтагма ҳосил шавад ҳам, ба тамоми фраза мансуб аст ва навъи фразаро муайян карда, вазифаи фразасозиро мекунанд. Задаи синтагмаҳои дигар воситаи ташкили синтагмаи алоҳида буда, ба синтагмаи худ мансуб мебошад.

Задаи синтагма дар сохтмони фраза ҷои доимӣ дорад, аммо ҷои задаи фраза вобаста ба лаҳзаи нутқ ва мақсади гӯянда тағйир меёбад. Масалан, синтагмаи "донишҷӯёни боиқтидор" дар қадом қисми ҷумла ояд, дар он зада дар ҳиҷои охири ҷузъи дуюм қарор мегирад:

*Донишҷӯёни боиқтидор//дирӯз//ба тамошои намоишгоҳ рафтанд.*

*Дирӯз//донишҷӯёни боиқтидор//ба тамошои намоишгоҳ рафтанд.*

Аммо задаи фраза вобаста ба мақсади гуфтор ҷояшро тағйир медиҳад:

Фирдавс *омад.*

*Фирдавс* омад.

Фарқи дигари задаи фраза аз задаи синтагма ин аст, ки задаи синтагма то дараҷае вобастаи задаи фраза мебошад: тағйири ҷои

задаи фраза ва ташкили навъҳои гуногуни оҳанги гуфтор метавонад ба ташкили оҳанги синтагма ва задаи он таъсир расонад.

Чунон ки қайд шуд, ҷои задаи фраза дар фраза доимӣ нест. Задаи фраза вобаста ба мақсади гӯяндаву гуфтор, навъҳои гуфтор ва таҷзияи маъноӣ ҷояшро тағйир медиҳад. Бо вуҷуди ин баъзе қоидаҳои ҷойгиршавии онро дар таркиби фраза нишон додан мумкин аст.

Дар фразаҳои саволӣ ва амрӣ муайян кардани ҷои задаи фраза кори душвор нест, зеро худи тарзи гуфтор ҷои онро муайян месозад:

Зодаи *кадом* фасл ҳастед?

Ман дар *баҳор* зода шудаам.

Маҷлисро *ҷамъбаст* кунед!

Дар гуфтори хабарие, ки ягон калимаи аз ҷиҳати маъно муҳими он ба воситаи задаи таъкид ҷудо мешавад, муайян кардани ҷои задаи фраза ва маркази оҳангии ҷумла низ мушкил нест, зеро мисли гуфторҳои пурсишӣ ва амрӣ маркази маънои фразаро задаи таъкид муайян мекунад, ки он дар айни замон задаи фраза ҳисоб мешавад:

Дарахт меваи *ширин* дорад.

*Дарахт* меваи ширин дорад.

Муайян кардани ҷои задаи фраза маҳз дар фразаҳои хабарие душвор аст, ки бо оҳанги муқаррарӣ, тартиби объективии калима ва бе ҷудо кардани ягон калима гуфта мешавад. Задаи фраза дар ин маврид ҷои ягона надорад. Дар чунин маврид бояд, аз як тараф, таркиби ҷумла (хуллас ё тафсилӣ), аз тарафи дигар, тарзи ифодаи хабарҳо чун предикати мантиқӣ ба назар гирифта шавад.

**1.** Дар ҷумлаҳои хуллас задаро хабари ҷумла қабул мекунад, аммо вобаста ба тарзи ифодаи хабар зада ба ҳиҷоҳои гуногуни он меояд.

**2.** Дар ҷумлаҳои тафсилӣ (бетаҷзия ё таҷзияшуда) задаи фразаро аъзои ҷумлае қабул мекунад, ки пеш аз хабар омадааст ва ҷои зада ба қолаби заданокии ҳамин аъзо вобаста аст. Чунин аъзои ҷумла метавонад мубтадо, пуркунанда ва ё ҳол бошад. Аъзои пеш аз хабар омада ба воситаи задаи фраза бо хабар муттаҳид шуда, як синтагмаро ба вуҷуд меоранд.

**3.** Дар гуфторҳое, ки аъзоҳои ҷумла бо тартиби чаппа

омадаанд, задаро хабар қабул мекунад, ҷои зада низ ба қолаби заданокии хабар вобаста аст. Тафовути ин навъ фразаҳо танҳо дар он аст, ки хабар аз ҷои маъмулии худ ба дарунтар ё аввали ҷумла мекӯчад. Аз нуқтаи назари зада ин навъ фразаҳо аз мавридҳои зикршуда фарқ намекунанд.

**4.** Дар фразаҳои инкорӣ задаро ҳиссачаи инкорӣ қабул мекунад, яъне зада ба аъзоҳои пеш аз хабар омада намегузарад.

***Задаи таъкид.*** Ҳар як фраза дар нутқи маъмулӣ задаи хос дорад, ки он вобаста ба навъи мухобиротии ҷумла ва маркази маъною оҳанг дар таркиби фраза ҷой мегирад. Масалан, дар ҷумлаи *“Намоишнома ба мо писанд омад”* задаи фраза дар ҳиҷои заданоки калимаи *писанд* омадааст, ки он дар айни замон маркази маъною оҳанги ин фраза мебошад. Дар чунин фразаҳо вобаста ба навъи ҷумла ягон факте тасдиқ ё рад ва ё ягон паҳлуи маъно бо савол равшан карда мешавад ва ғайра. Аммо гоҳо вобаста ба муҳити нутқ ва матн гӯянда мехоҳад, диққати шунавандаро ба яке аз калимаҳои аз ҳамин ҷиҳати муҳити нутқ муҳим ҷалб намояд, муҳимии маънои ин калимаро дар ҳамин муҳити нутқ таъкид намояд. Вай бо ин мақсад ин калимаро нисбат ба калимаҳои дигари фраза барҷастатар, равшантару боқувваттар талаффуз мекунад. Масалан, ҳамаи калимаҳои мустақилмаънои ҷумлаи зерин метавонанд, бо чунин зада талаффуз шаванд:

- *Намоишнома ба мо писанд омад.*
- *Намоишнома ба мо писанд омад.*
- *Намоишнома ба мо писанд омад.*

Дар мисоли якум маҳз писанд омадан, дар мисоли дуюм маҳз ба мо писанд омадани он (шояд ба дигарон писанд наомада бошад) ва дар мисоли сеюм маҳз писанд омадани намоишнома таъкид мешавад. Фарқии маъноии мисолҳои болоро унсуридигари оҳанг – *задаи таъкид* (мантиқӣ) таъмин менамояд.

*Задаи таъкид задае мебошад, ки тавассути он калимаи барои ин ё он лаҳзаи нутқ аз ҷиҳати маъно муҳим аз калимаҳои дигар ҷудо карда мешавад.*

Задаи таъкид дар ҷумлаҳои саволие барҷастатар зоҳир мешавад, ки калимаи саволӣ надоранд. Дар ин маврид калимае, ки пурсида мешавад, задаи таъкид мегирад ва ҷавоби савол ба ҳамин

калима мансуб аст.

*Китобро ту овардӣ?*

*– Ҳа, ман овардам.*

*Китобро ту овардӣ?*

*– Ҳа, овардам.*

Фарқи задаи таъкид аз задаҳои дигари фраза ва синтагма дар лаҳзаҳои зерин ошкор мегардад:

- задаи синтагма ва фраза ҳамеша синтагмаю фразаро ҳамроҳӣ мекунад, аммо задаи таъкид дар нутқ, дар муҳит ва матни муайян падид меояд;
- задаҳои синтагма ва фраза ҳамеша дар таркиби фраза ва синтагма ҷои муайян доранд, лекин ҷои задаи таъкид ба муҳити нутқ ва калимаи муҳими он вобаста аст. Ин калима метавонад, дар аввал, мобайн ва ё охири фраза воқеъ гардад, вобаста ба ҷои он задаи таъкид ҷояшро иваз менамояд;
- задаи синтагма ба як қисми фраза (дар фразая серсинтагма) ва ё як синтагма хос аст, задаи таъкид дар як калима зоҳир шавад ҳам, ба тамоми фраза мансуб аст ва яке аз унсурҳои фраза ҳисоб меёбад;
- задаҳои фраза ва синтагма барои ташкили мавзунии нутқ, равшантару осон кардани дарки он хизмат кунанд, задаи таъкид ба фраза тобиши иловагии маъно мебахшад;
- задаҳои фразаю синтагма хусусияти объективӣ дошта, ба мақсаду мароми гӯянда вобастагӣ надоранд. Аммо задаи таъкид комилан ба матн ва мақсади гуфтору гӯянда вобаста аст. Гӯянда дар корбурди задаи синтагма ва фраза озод нест, ӯ бояд синтагма ва фразаро мувофиқи нормаи муқаррарӣ талаффуз намояд. Аммо дар задаи таъкид вай нисбатан озод аст ва метавонад бо задаи таъкид калимаи дилхоҳашро талаффуз намояд.
- задаи таъкид маъмулан барои муқобилгузорӣ истифода мешавад, аммо задаи синтагма аз чунин вазифа маҳрум аст.
- задаи таъкид дар фразаҳои пурсишӣ барои ташкили савол ёрӣ мерасонад, аммо задаи синтагма ва фраза дар ташкили савол иштирок надоранд.

Задаи таъкид аз задаҳои дигар бо моҳияти овозии худ низ фарқ мекунад. Вай табиати мураккаби савтӣ дошта, дар натиҷаи

ҳамкории унсурҳои оҳанг падид меояд. Дар ташкили задаи таъкид саҳми қувваю шиддатнокӣ ва навою тамдид назаррас аст. Ин унсурҳои оҳанг дар ташкили задаи таъкид ба воситаи задаи калима иштирок мекунанд. Дар сурати ба калима илова шудани задаи таъкид ҳамаи унсурҳои задаи он тақвият пайдо мекунанд ва махсусан шиддатнокию қувватнокии он бештар мегардад.

Задаи таъкид навъҳои гуногун дошта, яке аз воситаҳои асосии ҷудо кардани хабари нав аз кӯҳна, муҳим аз ғайримуҳим мебошад. Вай дар ин вазифа дар шароити муайян пайдо шуда, вазифаи муқобилгузориро адо мекунад. Дар муқобилгузорӣ метавонад, ҳарду ҳодиса иштирок дошта бошад:

*Ман имтиҳонро имрӯз не, дирӯз супурдам.*

Дар мисоли зерин як аъзои тазод зикр шуда, аъзои дуюмаш дар назар дошта шудааст: Ман китобро аз Тошканд овардам (аз ҷои дигар не – маҳз дар назар дошта шудааст).

Пайдоиши задаи таъкид ба истифодаи калимаҳои *албатта, ҳатман, хусусан, бешубҳа, бале, оре, маҳз, ҳама* ва амсоли онҳо, ки муносибати гӯяндаро ифода мекунанд, вобаста аст. Мавҷудиятн ин калимаҳо дар ҷумла нишонаи задаи таъкидист. Дар ҷумла задаи таъкидиро ё ҳамин калимаҳо (агар заданок бошанд), ё калимаҳои бо онҳо алоқаманд (агар безада бошанд) қабул мекунанд: *Шумо ин китобро, албатта, хонед.*

*Ҳатман, ба дарс иштирок кунед.*
*Маҳз, ҳамин фикратон дуруст аст, бале.*

**Оҳанги анвои асосии гуфтори тоҷикӣ.** Системаи оҳанги забонро бо ду роҳ метавон тавсиф кард:

a. дар асоси тазодҳои оҳанг, яъне мувофиқи қолабҳои оҳангнокӣ ва зикри мавридҳои истеъмоли онҳо.
b. дар асоси хелҳои фраза, қолабҳои синтаксисӣ ва оҳанги онҳо.

Аз нуқтаи назари фонетикӣ роҳи аввал ба мақсад мувофиқтар аст, зеро бо ин роҳ ҷиҳати соф овозии оҳанг, хелҳои асосии он ва воситаҳои ташкили онҳо равшан намоиш дода мешавад. Аммо азбаски ҳоло қолабҳои асосии оҳанг, мавридҳои истеъмол, семантика ва тағйироти онҳо дар ҷараёни гуфтор муайян карда нашудаанд ва умуман оҳанг мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст,

бо роҳи аввал тавсиф кардани он мушкил аст.

Дар ин вазъият роҳи дуюм беҳтар аст. Оҳанги забони тоҷикиро дар заминаи қолабҳои синтаксисӣ тавсиф карда, ду лаҳзаи муҳимро бояд ба ҳисоб гирифт. Аввал ин ки маъноҳое, ки категорияҳо ва қолибҳои синтаксисӣ ифода мекунанд, бо маъноҳои хелҳои асосии оҳанг ҳамеша рост намеоянд. Маъноҳои оҳанг нисбат ба маъно ва муносибатҳои синтаксисӣ умумитар мебошанд, аз ҳамин ҷиҳат бисёр маъноҳо ва муносибатҳои синтаксисӣ (масалан, муносибату алоқаҳои байни калимаҳо, аъзои ҷумла) дар тавсифи оҳанг акс намеёбанд. Сониян, қолабҳои асосии ҷумла (фраза) бо хелҳои асосии оҳанг рост намеоянд. Ҷумлаҳои аз ҷиҳати сохт гуногун (масалан, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, пайваст, соддаи тафсилӣ) метавонанд оҳанги якхела дошта бошанд ва ё баръакс ҷумлаҳои аз ҷиҳати таркиби синтаксисӣ монанд бо оҳанги гуногун талаффуз шаванд.

Мубодилаи афкор (мухобира) ба воситаи се навъи асосии гуфтор ба амал меояд:

- *ба ҳамсӯҳбат хабаре расондан;*
- *аз ҳамсӯҳбат чизеро пурсидан;*
- *ҳамсӯҳбатро ба иҷрои коре водор кардан.*

Вобаста ба ҳамин се навъи гуфтор ва ташкили оҳангии онҳо се хели асосии оҳанг фарқ карда мешавад: *ахборӣ, пурсиш ва ангезиш.*

***Оҳанги ахбор*** навъҳои гуногуни хабар: хабари соф, нақл, шикоят, рапорт ва ғайраро дар бар мегирад. Навъҳои гуногуни ахбор аз ҷиҳати сабкшиносии овозӣ (фоностилистика) фарқ кунанд ҳам, аз лиҳози оҳангсозӣ тобеи оҳанги ахборӣ мебошанд. Хусусияти хоси ҳамаи навъҳои хабар оҳанги том, тамомшаванда мебошад.

Оҳанги ахборӣ вобаста ба овози гӯянда (паст ё баланд) метавонад аз сатҳи дуюм ё сеюми оҳанг сар шавад ва дар тӯли талаффузи фраза ба тағйироти бешу кам дучор гардад, вале вай ҳамеша майли пастшавӣ дорад.

Гуфтори ахборӣ ду навъи асосӣ дорад: *яктаркиба ва дутаркиба*, ки ҳар кадоми онҳо шаклҳои тасдиқӣ ва инкорӣ доранд.

Дар фразаи яктаркибаи ахборӣ ягон факти ҳаёти моддӣ тасдиқ ё инкор карда мешавад. Оҳанги яктаркибаи ахборӣ бо он фарқ мекунад, ки хати умумии оҳанги он яклухт мебошад.

Фразаи яктаркибаи ахборӣ ягон ҳодисаи ҳаётро зикр мекунад ва бештар ҳангоми тавсифи ягон воқеа, ҳодиса, эълону хониш истифода мешавад. Дар чунин мавридҳо предметҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо эҳтиёҷи ҷудо кардан надорад. Дар ин гуна гуфторҳо муқобилгузории субъект ва предикати мантиқӣ мушоҳида намешавад. Аз ин рӯ ин навъи фразаҳо навои нисбатан ҳамвор ва хати яклухти оҳангӣ доранд.

Фразаи дутаркибаи ахбории тоҷикӣ аз ду қисми оҳангӣ иборат аст: *болорав ва пастшав.* Шикасти тарҳи умумии оҳанг ва ҷудо шудани ин қисматҳо дар ҳиҷои заданоки калимае ба амал меояд, ки қисми болорав бо он тамом мешавад. Дар фразаҳои ахборие, ки бо тартиби маъмулии калима талаффуз мешаванд, қисми болорави оҳанг ҳамеша пеш аз қисми пастшав меояд. Қисми болорави оҳанг як навъ хабаре мебошад, ки интизорӣ (маътал)-ро талаб мекунад ва бо навои баландтарин талаффуз мешавад. Пас аз қисми болорав танфис ба вуҷуд меояд, ки он дар шакли бурида шудани талаффуз ё дар кашишноктар талаффуз ёфтани садоноки охири қисми болорав зоҳир мегардад. Қисми пастшави оҳанги ахборӣ як навъ ҷавобе ба қисми аввали он мебошад. Ин қисм аз навои баланд (вале аз қисми болорав пасттар) сар шуда, бо навои паст ба охир мерасад. Тазоди байни ин қисмҳо ҳар қадар равшан бошад, унсурҳои оҳанг пеш аз танфис ҳамон дараҷа тақвият пайдо мекунанд.

Аммо мавҷудияти танфис ҳамеша шарт нест. Ин ду қисми фразаро шикасти тарҳи оҳанг метавонад фарқ кунонад. Сатҳи умумии навои қисми пастшави фраза хеле паст аст. Аз ҳамин сабаб дар байни қисмҳои фраза фосилаи калони наво мушоҳида мешавад.

Қисмҳои болораву пастшави фразаи хабарии дутаркиба метавонанд як ё якчанд синтагмаро дарбар гиранд, вале онҳо тобеи хати умумии оҳанги ин қисмҳо мебошанд: синтагмаҳои қисми болорав (ибтидоӣ) бо навои болорав ва спнтагмаҳои қисми пастшав (ниҳоӣ) бо навои пастшав гуфта мешавад.

***Оҳанги пурсиш.*** Гуфтори пурсишӣ дар забони тоҷикӣ қолиби махсуси синтаксисӣ надорад ва дорои хати ягона ва доимӣ

нест. Тарҳи умумии оҳанги пурсишро навъ ва мароми пурсиш, иштироки воситаҳои луғавию грамматикӣ дар ташкили савол, дараҷаи заданокӣ ва ҷои задаҳо дар (аввал, мобайн ва охири) фразаи саволӣ муайян менамояд. Бо вуҷуди роҳҳо ва воситаҳои гуногуни пурсиш дар забони тоҷикӣ воситаи асосии ташкили пурсишу савол оҳанг мебошад. Вай гоҳо мустақилона, гоҳо дар якҷоягӣ бо воситаҳои дигари лексикию грамматикӣ дар ташкили фраза иштирок намуда, хелҳои гуногуни оҳанги пурсишро ба вуҷуд меоранд. Дар забони тоҷикӣ пурсиш аз ҷиҳати маъно ва сохти синтаксисӣ навъҳои гуногун дорад:

- *Пурсиши умумӣ* бе иштироки воситаҳои лексикӣ ташкил мешавад ва дар ҷавоби тасдиқ – “ҳа” ва дар инкор – “не”-ро талаб мекунад. Ин навъ пурсиш ду хел дорад:

**a.** бо тартиби маъмулии (объективии) калимаҳо:

*Падару модар дорӣ, – пурсид Олег Иванович. (Ю.Акобиров)*
*Давлат Сафоев туӣ? (Ф.Ниёзӣ).*

**b.** бо тартиби чаппаи (инверсионии) калимаҳо:

*Сар кунем маҷлисро? Бас кунам хонданро?*

Воситаи асосии ташкили ҳар ду навъи пурсиш оҳанг мебошад, аммо тарҳи умумии оҳанг дар ин ду навъи пурсиш фарқ мекунад. Фарқи байни ин ду навъи пурсиш ва оҳанги онҳоро маркази маъноии фраза муайян мекунад. Дар пурсиши маъмулӣ маркази маъноии фраза хабар аст, ки дар охири ҷумла ҷой мегирад ва аз ҳамин рӯ оҳанги ин типи пурсиш болорав аст. Вобаста ба ҳиҷои авҷи оҳанг ду шакли оҳанги пурсиш умумӣ ба вуҷуд меояд: *оҳанги болорави холис ва оҳанги болорави пастшав.*

Дар оҳанги болорави пастшав қисми асосии фраза бо навои болорав талаффуз мешавад. Ҷузъи пастшави он қисми нисбатан хурди фразаро дар бар гирифта, танҳо бо қисми безадаи хабари феълӣ маҳдуд мегардад. Қисми безадаи хабари феълӣ вобаста ба миқдори компонентҳо ва таркиби ҳиҷогиашон аз як ё якчанд ҳиҷо иборат шуда метавонад. Бо вуҷуди ин тарҳи умумии оҳанг болорав аст ва ин навъи оҳангро як навъи оҳанги болорав ҳисобидан беҳтар аст.

Ин навъи оҳанги болорав пурсиши холисро бе тобишҳои иловагии маъноӣ ифода мекунад ва барои фразаҳое хос аст, ки дар онҳо гурӯҳи предикативиро хабари феълӣ ё хабарҳои номие, ки бо

бандакҳои хабарӣ (-ам, -ӣ, -аст (буд, мебошад), -ем, -ед, -анд) омада бошанд, ташкил диҳад.

Дар *пурсишҳои умумӣ* оҳанги болорави соф дар мавридҳое ба амал меояд, ки ба пурсиш тобиши маънои иловагии ҳавасмандӣ (ё тобиши дигар) илова шавад. Муқоиса кунед:

*Барф борид? (пурсиши холис).*
*Барф борид? (пурсиши бо тобиши ҳавасмандӣ).*

Дар пурсиши бо тобиши ҳавасмандӣ (ё интизорӣ) тарҳи оҳанг аз аввали фраза то хабари феълӣ мисли пурсиши соф аст, аммо дар хабар оҳанг аз ҳиҷои аввали он сар карда, то ҳиҷои охираш тадриҷан боло меравад ва дар ҳиҷои охир ба авҷ мерасад.

Фразаҳои пурсишие, ки хабари онҳо ба воситаи ҳиссаҳои номии нутқ, ифода шуда, бандакҳои хабариро нагирифтааст, низ бо оҳанги болорави холис талаффуз мешаванд ва пурсиши умумро бе тобишҳои иловагии маъно ифода мекунанд:

*Ин дастхати шумо?*
*Падарат муаллим?*
*Бобоят духтур?*
*– Бистум?*
*– Сафед?*

Пурсишҳои умумие, ки дар ташкили онҳо ҳиссачаҳои ***-мӣ, -чӣ*** иштирок мекунанд, низ бо оҳанги болорав талаффуз мешаванд. Ҳиссачаҳои ***-мӣ*** ва ***-чӣ*** мустақилияти маъноӣ надорад, зада қабул намекунанд ва аз ҳамин рӯ алоҳида маркази маъноию оҳангии фразаро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Маркази маъноии ҷумларо унсури пеш аз ин ҳиссачаҳо омадаи фраза ташкил медиҳад. Ин ҳиссачаҳо чун энклитикаҳо ба унсури асосӣ ҳамроҳ шуда, якҷоя талаффуз мешаванд:

*Вазифаро иҷро карди-мӣ?*
*Китобро ман гирам-чӣ?*

Бо вуҷуди ин ин ҳиссачаҳо (алалхусус -*мӣ*) дар бисёр мавридҳо дар нуқтаи авҷи оҳанг қарор мегиранд. Ин ҳиссачаҳо дар ташкили маънои асосии пурсиш саҳме надоранд ва як навъ воситаи зиёдатӣ ба назар мерасанд, зеро аз набудани онҳо маънои пурсиш зарар намебинад:

*Вазифаро иҷро карди-мӣ?*

*Вазифаро иҷро кардӣ?*

Оҳанги пурсишҳои умумии инверсионӣ акси оҳанги зикршуда аст. Дар гуфторҳои инверсионӣ ба туфайли инверсия маркази маъноии гуфтор (хабар) ҷояшро тағйир дода, ба аввали (ё мобайни) фраза мекӯчад. Хабари феълии ҷумла дар ин ҳолат задаро танҳо дар ҳиҷои (ё ҷузъи) якумаш қабул мекунад. Аз ҳамин рӯ оҳанги ин навъи ҷумлаҳо аз нуқтаи баландтарин (ҳиҷои аввали хабар) сар шуда, тадриҷан паст мешавад. Қисми охири оҳанги ин навъи пурсиш охири гуфтори ахбориро ба хотир меорад.

*Пурсиши хусусӣ* бо иштироки воситаҳои ёрирасони грамматикӣ (бештар бо ёрии ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ) ташкил шуда, ҷавоби муфассалро талаб мекунанд. Дар ташкили пурсишдои хусусӣ бештар ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ: *кӣ, чӣ, куҷо, аз куҷо, ба куҷо, дар куҷо, то куҷо, кай, то кай, аз кай, боз, барои кӣ, барои чӣ, чаро, аз чӣ сабаб, чанд, чӣ қадар, чӣ андоза, чӣ хел, кадом* ва амсоли инҳо истифода мешаванд. Семантикаи асосии ҳамаи ин навъ калимаҳо бо пурсиш алоқаманд бошад ҳам, онҳо маънои хусусии гуногуни пурсишӣ доранд ва ҷиҳатҳои мухталифи предметҳо, ҳолату аломат ва амалро далолат мекунанд:

- барои пурсиши шахсу ғайришахс ҷонишинҳои кӣ, чӣ;
- пурсиши объект – киро, чиро, кадом;
- пурсиши замон – кай, то кай, кай боз, аз кай;
- пурсиши макон – куҷо, дар куҷо, аз куҷо, ба куҷо, то куҷо;
- пурсиши сабабу мақсад – чаро, барои чӣ, аз чӣ сабаб, бо кадом сабаб;
- пурсиши аломату амал – чӣ хел, чӣ тавр, чӣ гуна, чӣ ранг, чӣ зайл;
- пурсиши миқдору андоза – чанд, чӣ қадар, чӣ андоза ва ғайра истифода мешаванд.

Ин калимаҳо дар сохтмони фразаи пурсишӣ ҷои муайян надоранд. Аксарияти мутлақи онҳо метавонад дар аввал, мобайн ва охири ҷумла оянд ва ё алоҳида пурсишро ташкил диҳанд. Ҳамаи ин калимаҳо дар ҷараёни нутқ дар бештари мавридҳо заданок (бо задаи таъкид) талаффуз шуда, маркази маъноии гуфторро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, вобаста ба ҷои ин калимаҳо дар сохтмони фраза тарҳи умумии оҳанги он низ тағйир меёбад.

Вобаста ба ҷои калимаҳои саволӣ дар сохтмони фраза се навъи тарҳи оҳанги пурсиши хусусӣ ба вуҷуд меояд:

Агар калимаи саволӣ дар аввал қарор дошта бошад, фраза бо оҳанги пастшав талаффуз мешавад.

*Барои чӣ хестӣ? – бо таҳқиқ пурсид Микола (Ю.Акобиров).*

*– Чӣ гуфтӣ? Ҳоло ту маро саг гуфтӣ?! – таҳқиқомез шӯрид доруға. (С.Улуғзода).*

Агар калимаи саволӣ дар мобайн ояд, фраза бо оҳанги болорави пастшав талаффуз мешавад:

*Ту хушбахтии шахсии одамро чи гуна мефаҳмӣ? (Ю.Акобиров).*

Агар калимаҳои саволӣ дар охир оянд, тарҳи умумии оҳанги фраза болорав мешавад:

*– Хуб, зиндагӣ чӣ хел? – ба пиёла ҷой рехта пурсид котиби партком (Ю.Акобиров). – Ҳа, боз ин кист? (С.Улуғзода).*

Оҳанги болораву пастшави пурсиши умумӣ, чӣ тавре ки зикр шуд, барои фразаҳои пурсишие хос аст, ки дар онҳо калимаи саволӣ дар мобайн меояд. Дар ин гуна фразаҳо оҳанг аз аввал то маркази маъно – калимаи саволӣ тадриҷан баланд мешавад (ё ба таври ҳамвор давом мекунад). Дар ҳиҷои заданоки калимаи саволӣ якбора баланд шуда, тез (дар ҳудуди дусе ҳиҷо) паст мешавад ва шакли қисми охири пурсиши ахбориро мегирад. Гумбази тарҳи оҳанг маъмулан бо калимаи саволӣ маҳдуд мешавад. Калимаи саволӣ дар сохтмони ҷумла вобаста ба таркиби лексикию синтагматикиаш дар марказ ё наздиктар ба аввал, ё ба охири ҷумла қарор мегирад. Вобаста ба ҳамин гунбази оҳанги ҷумла ҷои худро тағйир диҳад ва қисмҳои томарказӣ ба баъди марказии оҳанг ҳаҷму андозаи худро дигар мекунад.

Оҳанги болораву пастшави пурсиши хусусӣ бо ҳамин хусусият аз оҳанги болорави пурсиши умумӣ, ки қисми баъди марказӣ низ дорад, фарқ мекунад.

Дар ташкили гуфторҳои пурсишӣ метавонанд ду ё зиёда калимаҳои саволӣ истифода шаванд:

*Ӯ аз кӣ чӣ харидааст ва ба кӣ чӣ фурӯхтааст?(С.Айнӣ).*

Дар ин маврид дар байни пурсишҳо муносибати тазоди пайдо шавад ҳам, яктои онҳо (пурсиши дуюм) маркази маъноӣ қарор

мегирад ва оҳанги фраза ба навъи тавсифшуда монанд мешавад.

Дар хусуси саҳми калимаҳои пурсишӣ сухан ронда, бояд дар хотир дошт, ки дар ҷараёни нутқ, онҳо ҳамеша заданок нестанд ва маркази оҳангию маъноии фразаро муайян карда наметавонанд ва ба тарҳи умумии оҳанг таъсир намерасонанд. Масалан, дар ҷумлаи *Чаро худат бардошта овардӣ, отаи Ҳасан? (С.Улуғзода)* ба туфайли муқобилгузорӣ задаи таъкидро калима худ қабул кардааст, ки он маркази маъноиро ташкил медиҳад. Пурсишҷонишини “чаро” бошад, мисли унсурҳои дигари фраза тобеи тарҳи умумии оҳанг мебошад.

➢ *Пурсиши муқоисавӣ* ба воситаи муқоисаи ин ё он предмет, амалу аломат ва ҳолати номаълум бо ин ё он предмет, амалу аломат ва ҳолати аз гузашта маълум сохта мешавад:

*Ту шеър менависӣ. Мусиқӣ ҳам менавозӣ?*

*Парвиз ҳамаи имтиҳонҳоро бомуваффақият супорид. Аммо Шоҳин? (Шоҳин? ё Шоҳин чӣ?).*

Хусусияти хоси ин навъ пурсишҳо ин аст, ки онҳо бе контексти худ – ҷумлаи пешина вуҷуд дошта наметавонанд. Ҷумлаи пурсишӣ гуё давоми мантиқии ҷумлаи пешина буда, як навъ ҷумлаи нотамомро ба хотир меоранд, ки ба ҷумлаи тамомшуда (ахборӣ) муқобил меистад. Хусусияти дигари ин навъи пурсишҳо ин аст, ки дар онҳо ҳиссачаҳои **ку, ҳам** ва **чӣ** дар ҳар ду ҷумла ба таври ҷуфт истифода мешаванд. Маъмулан ҳиссачаи **ку** дар ҷумлаи пешина, **ҳам** ва **чӣ** дар ҷумлаи саволӣ меоянд:

*Ту шеър-ку менависӣ. Мусиқӣ ҳам менавозӣ?*

*Ту ба театр-ку рафтан намехоҳӣ. Кино равемчӣ?*

Муқобил истодани ҷумлаи пурсишӣ бо ҷумлаи пешина дар оҳанги онҳо низ мушоҳида мешавад. Вобаста ба мақсади гуфтор ин ҳиссачаҳо дар ҳар ду ҷумла ҷои худро озодона тағйир медиҳанд. Онҳо калимаҳои муқобил гузошташударо ҳамроҳӣ карда, дар аввал, мобайн ва охири ҷумла омада метавонанд, аммо онҳо ба оҳанги умумии ҷумла тағйироти ҷолиби қайд дароварда наметавонанд. Тарҳи умумии оҳанги ин тип пурсишҳоро хабар муайян мекунад. Хабари ин навъ пурсишҳо дар охир меояд ва оҳанги умумии ҷумлаи пурсишӣ мисли як шакли оҳанги пурсиши умумӣ болорав аст ва он бо оҳанги пастшави ҷумлаи аввал муқобил меистад.

➢ *Пурсиши хилофӣ* (тазод) ба воситаи муқобилгузории ду ё

зиёда предмет, амал, ҳолат ва аломати номаълуми бо ҳам зид ташкил мешавад ва аз ду ҷавоби мухолифи якдигар якеро талаб мекунад. Дар ташкили пурсишҳои хилофӣ ҳиссачаи “ё” ҳамкорӣ мекунад. Ин ҳиссача дар ин маврид дар байни аъзоёни тазод ҷо мегирад. Муносибати тазод дар байни аъзоёни гуногуни ҷумла зоҳир шуда метавонад.

*– Вай ҳамин вартиш будмӣ ё дигараш? (С.Улуғзода).*

*– Отаи Ҳасан, хобӣ ё бедор? (С.Улуғзода).*

*Ин чандумин бор? Садум ё саду якум? (Ю.Акобиров).*

Пурсиши хилофӣ аз ҷиҳати маъно ва сохти синтаксисӣ ба пурсиши умумӣ монандӣ дорад. Вай танҳо бо қисми дуюми худ, ки бо қисми якум бо пайвандаки “ё” пайваст мешавад, фарқ мекунад.

Қаробати маъноию синтаксисии пурсиши хилофӣ бо пурсиши умумӣ дар оҳанг низ инъикос мешавад. Тарҳи умумии оҳанги ин навъ пурсишҳо болорави пастшав аст. Ин навъ оҳанг бо оҳанги фразаҳое, ки маркази маъноии онҳо дар мобайн аст, монандӣ дорад. Мазмуни асосии пурсиши хилофӣ дар қисми якум (пеш аз пайвандак) ифода мешавад. Қисми дуюм як навъ илова ба мазмуни қисми аввал аст. Бо вуҷуди ин тарҳи умумии оҳанг муносибати тазоди чунин пурсишҳо дар шакли ду марказ дар қисми якум ва дуюм фраза ҳамеша маълум аст. Ин ду марказ вобаста ба лаҳзаи нутқ аз ҷиҳати вазни маъноию оҳангӣ бо якдигар табдил шуда метавонанд.

➢ *Пурсиши такрорӣ* ба воситаи такрор ташкил меёбад. Пурсиши такрорӣ метавонад бо ёрии калимаи саволӣ ё бе иштироки онҳо сохта шавад.

Дар пурсиши такрорӣ калимаҳои саволӣ ширкат дошта метавонанд.

*Шумо чандсолаед? – Ман чандсолаам? – Чил сола.*

*– Ин асари кист? – Асари кист? – Асари Адмади Дониш.*

*Шумо чӣ хел ӯро намешиносед? – Ман чӣ хел ӯро намешиносам? – Ман ӯро надидаам.*

Ҷумлаи аввали пурсишӣ мисли ҷумлаҳои маъмулии саволӣ (бо калимаи савол) вобаста ба мақсади пурсиш ва ҷои калимаи саволӣ оҳанги болорав, пастшав ё болорави пастшав дорад, аммо пурсиши такрорӣ одатан бо оҳанги болорав талаффуз мешавад. Наво дар чунин пурсишҳо дар ҳиҷои охир авҷ мегирад. Оҳанг аз аввали

ҷумла то ҳиҷои охири он нуқтаи авҷ нисбатан ҳамвор давом мекунад. Ин тип оҳанг ба навъи дуюми оҳанги пурсиши умумӣ, ки тобиши ҳавасмандию мунтазириро ифода мекунад, шабодат дорад.

Пурсишҳои такрорие, ки бе калимаи саволӣ сохта мешаванд, низ бо чунин оҳанг талаффуз мешаванд:

*Доруро ёфтед? – Доруро ёфтам? – Не, наёфтам.*

*Операи нав маъқул шуд? – Операи нав маъқул шуд? – Ҳа, операи хуб!*

*Шакли мураккабтари пурсиши такрорӣ пурсиши навъи зер аст:*

*План иҷро шуд? – План иҷро шуд? – Барфу боронро надидӣ?*

Дар чунин фразаҳо маънои асосӣ (пурсиш ва ҷавоби он) дар ҷумлаи якум ва сеюм муттамарказ мешавад, ки онҳо боҳам муносибати тазод доранд: ҷумлаи якум пурсиш ва ҷумлаи сеюм ҷавоби он аст. Аз ҳамин рӯ, ин ду ҷумла талаффузи равшани саволӣ доранд. Ҷумлаи дуюм аз рӯи тарҳи оҳангаш ба оҳанги нотамом монанд аст, вале сатҳи навои он пасттар ва ба оҳанги ахборӣ наздиктар аст. Ин фраза чун як қисми (нотамоми) ҷумлаи сеюм зоҳир мегардад.

***Оҳанги ангезиш*** ё амр барои фразаҳое хос мебошад, ки гӯянда ба воситаи онҳо шунавандаро тавассути навъҳои гуногун амр (*амр, фармон, илтимос, хоҳиш, маслиҳат, огоҳӣ ва ғайра*) ба иҷрои коре бармеангезонад, водор мекунад.

Дар забони тоҷикӣ оҳанги ангезиш дар се типи асосии ҷумлаҳо равшантар зоҳир мешавад:

- ҷумлаҳои амрие, ки хабари онҳо бо шакли сиғаи амрии феъл ифода мешавад: *Бандед ӯро! Китобро хонед!*
- ҷумлаҳои амрие, ки дар онҳо барои ифодаи амр ҳиссачаҳо, феълҳои ифодакунандаи маънодои иродавӣ ба кор бурда мешаванд: *Канӣ, тезтар сар кунед! Бигузор, ӯ аз ин ҷо равад!*
- ҷумлаҳои нопурраи амрие, ки дар онҳо хабар истифода намешавад, вале дар назар дошта мешавад: *Тезтар! Хомӯш! Бас! Марҳамат, як пиёла чой!*

Дар забони тоҷикӣ оҳанги ангезиш низ баръакси оҳанги ахбор тарҳи ягонаву муайян надорад. Тарҳи оҳанги ангезишро мисли оҳанги пурсиш маркази маъноӣ муайян мекунад. Вобаста ба

маркази маъноӣ дар ҷумлаҳои амрӣ се навъи асосии оҳанги ангезишро метавон қайд кард: *пастшав, болорави пастшав, болорав.*

- *Оҳанги пастшав* барои ҷумлаҳои амрие хос мебошад, ки бо шакли амрии феъл сар мешавад. Дар ин шаклҳои феълӣ, ки маркази маъноӣ ва оҳангии ҷумларо ташкил медиҳанд, задаи фраза дар ҳиҷои аввал меояд. Аз ҳамин сабаб оҳанги амр бо навои баландтари ҷумла, аз сатҳи чорум сар шуда, зина ба зина паст мешавад ва бо сатҳи пасттарин мерасад, ки он аз интиҳои ҷумла дарак медиҳад.
- *Оҳанги болорави пастшав* барои ҷумлаҳои амрие хос аст, ки бо тартиби маъмулии калима талаффуз мешаванд. Дар чунин ҷумлаҳо хабар дар ҷои маъмулии худ, дар охири ҷумла меояд ва оҳанг аз сатҳи паст (дуюм) сар карда, то хабар – маркази оҳанги ҷумла, баланд мешавад. Дар ҳиҷои заданоки калима ё синтагмае, ки маркази маънои фразаро ташкил медиҳад, ба авҷ расида, пас аз он рӯ ба пастшавӣ мекунад. Қисми пастшавии ин навъи оҳанги амр вобаста ба таркиби ҳиҷогии хабар (шакли феълӣ) ва ҷои задаи фраза аз як ё якчанд ҳиҷо иборат мешавад. Ин навъи оҳанги ангезиш ба оҳанги ахборӣ шабоҳат дорад.
- *Оҳанги болорави ангезиш* доираи нисбатан маҳдуди истеъмол дорад ва танҳо барои ҷумлаҳои амрие хос аст, ки дар онҳо хабар батамом истифода нашудааст ё қисман омадааст. Масалан, дар ҷумлаи амрии *“Марҳамат, як пиёла чой”* хабар мавҷуд нест, вале дар ҷумлаҳои навъи *Хомӯш! Бас!* ва амсоли онҳо фақат ҷузъи номии хабар омадааст: *Хомӯш бошед! Бас кунед!* Бинобар мавҷуд набудани хабар ё қисми феълии он оҳанги чунин фразаҳо болорав аст ва оҳанги нотамомро ба хотир меорад.

Агар дар чунин ҷумлаҳо феъл ё ҷузъҳои феълӣ барқарор шаванд, оҳанги онҳо болорави пастшав мешавад: *Хомӯш бошед! Оҳиста гап занед! Як пиёла ҷой гиред!*

Дар ҷумлаҳои амрӣ истифодаи задаи мантиқӣ хати умумии оҳанги зикршударо тағйир медиҳад. Масалан, ҷумлаи – *Гапро бас кунёд!* бо оҳанги маъмулии амр гуфта шавад, оҳанги болорави пастшав касб мекунад ва агар ба воситаи задаи мантиқӣ калимаи аввали онро ҷудо кунем, ҷумла оҳанги пастшав мегирад.

Тобишҳои гуногуни маънои эҳсосию муассирӣ дар хати оҳанги амрӣ тағйирот ба вуҷуд оварда метавонанд. Масалан, оҳанги амрӣ

қатъӣ ва раднопазир аст, *“Дастонашро бандед! – фармон дод сардор”* аз оҳанги амрии навозишкоронаи *“Бигир, садқаат шавам, дӯсти азиз!”* фарқ мекунад.

- ***Оҳанги мурочиат*** (мухотаб) – калима ва ибораҳое, ки ба кӣ равона карда шудани нуткро ифода мекунад, аз сохти оҳангии қисмҳои дигари ҷумла фарқ мекунад. Вай бештар ба оҳанги калима ва ибораҳои иловагии ҷумла шабоҳат дорад.

Дар мурочиат бештар исмҳо, ки номи шахс, предметҳои ҷондору беҷон, ҳодисаҳою воқеаҳои гуногуни табиатро ифода мекунанд, истифода мешаванд. Ин гуна калимаҳо ва ибораҳо дар қисмҳои мухталиф (аввал, мобайн ва охир)-и ҷумла истеъмол шуда, тарҳи оҳанги гуногун доранд.

Мурочиат аз як ё якчанд калима иборат шуда, синтагмаҳои яккалимагӣ ё чандкалимагиро ба вуҷуд меоварад. Оҳанги мурочиат ба ҷои калима ва ибораи ифодакунандаи мурочиат дар тарҳи умумии оҳанг вобаста аст.

Агар мухотаб бо калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ, дӯстона ҳамроҳ ояд, ин калимаҳо ба синтагмаҳои гуногун ҷудо намешаванд, балки дар якҷоягӣ бо калимаҳои асосӣ як синтагмаро ташкил медиҳанд.

*Додарам Хуршедҷон, шумо аз ин кор хабар надоред?*

*Акои Мирзо, ба шумо чӣ шуд?*

Агар ин гуна калимаҳо баъд аз мухотаб оянд, низ бо он як синтагмаро ташкил медиҳанд ва унсурҳои оҳанг дар ҳиҷои заданоки ҳамин калима афзалият пайдо мекунанд, вале маркази маънои ҷумла дар ҷои дигар аст.

*Бародар, асло ин корро накунед!*

Агар мурочиат дар аввали ҷумла ояд, вобаста ба таркибаш дар як (ё бештар) синтагма талаффуз мешавад. Дар чунин мавридҳо баъди мурочиат танфиси нисбатан тӯлонӣ падид меояд, задаи охири (ё аввали) синтагма бештар тақвият пайдо мекунад, садоноки ҳиҷои заданок кашидатар талаффуз мешавад. Дар ҷудо кардани синтагмаи мурочиат маҳз саҳми қувваю шиддатнокӣ калон аст. Навои мурочиати аввали ҷумла нотамом ва болорав аст.

Агар калимаи мурочиат дар охири ҷумла ояд, оҳанги он тобеи

тарҳи умумии оҳанги ҷумла гардида, бо оҳанги нотамом (дар ҷумлаи саволӣ) ё том (дар ҷумлаи ахборӣ ва ангезишӣ) талаффуз мешавад.

Унсурҳои оҳанги мухотаби охири ҷумла нисбат ба мухотаби аввали гуфтор заифтар аст. Наво паст, танфис кӯтоҳтар мешавад ва ин ҳолат гоҳо боиси он мешавад, ни мухотаби охири ҷумла ба қисми пеш аз худаш омада муттаҳид гардида, як синтагмаро ташкил медиҳад.

Мухотаб метавонад тарҳи умумии оҳангро шикаста, дар мобайни он қарор гирад. Вай дар ин маврид чун синтагмаи алоҳида аз ду тараф бо танфис ҷудо мешавад. Навои он нисбат ба сатҳи умумии оҳанги ҷумла пасттар ва нотамом аст, суръати талаффузи он тезтар мегардад. Дар ин маврид оҳанги муроҷиат ба оҳанги калима ва ибораҳои иловагӣ шабоҳат пайдо мекунад.

Муроҷиат дар талаффуз майли ба қисми пешинаи ҷумла ҳамроҳ шудан дорад, аммо ба қисми баъдинаи ҷумла ҳеҷ гоҳ ҳамроҳ намешавад.

Агар мухотаб чида шавад, оҳанги он аз аъзои якум тадриҷан боло меравад ва дар ҳиҷои заданоки аъзои охир ба авҷ мерасад. Дар ин маврид ба оҳанги чида тобишҳои эҳсосӣ ҳамроҳ мешаванд:

*Азизам, ҷонакам, ширинакам, ту гуноҳҳои маро бубахш!*

Дар нутқи маъмулӣ дар ҷумлаҳои мухотабдор (пурсишӣ, амрӣ, ахборӣ) тобишҳои гуногуну сершумори эҳсосӣ ифода мешаванд. Дар бештари мавридҳо ин тобишҳо ба воситаи мухотаб ифода мегарданд. Вобаста ба тобишҳои эҳсосӣ оҳанги мухотаб тағйир меёбад:

*Дӯсти ман, муаллим, шуморо мешиносад.*

*Ана ҳамин хел, муаллим, шаб мегузараду таб мегу зарад (Р.Ҷалил).*

Тобишҳои гуногуни эҳсосии муроҷиат гоҳо дар якҷоягӣ бо нидоҳои ифодакунандаи ҳолатҳои руҳӣ – ***э, эҳ, мана, оҳҳо, хайрият*** ва ғайра ҳиссачаҳои гуногун ***ҳо, ҳа, бале, рост, ҳамин тавр, майлаш*** ва ғайра ифода меёбанд:

*Канӣ, бародар, шумо сар кунед!*

*Ҳамин тавр, саркор, гап ҳамин! (Р.Ҷалил).*

Дар чунин мавридҳо мухотаб бо ин навъ калимаҳо дар як

синтагма талаффуз мешавад ва вобаста ба ҷояш дар ҷумла тарҳи оҳанги худро мегирад.

*Майлаш, дӯстон, ман меравам.*
*Албатта, модарҷон, ман бармегардам. (Р.Ҷалил).*

***Оҳанги номбарӣ*** (ё номбаркунӣ) ҳангоми бо тартиб номбар кардани предметҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо ва ғайра истифода мешавад. Масалан, ҳангоми ҳисоб бо тартиб номбар кардани ададҳо (як, ду, се, чор ва ғ.) ё ҷавобан ба саволе (масалан, ҷавобан ба пурсиши Дар рӯи миз чист?) номбар кардани предметҳо (ашёи рӯи миз: қоғаз, қалам, китоб ва ғ.) мо бо оҳанги номбарӣ дучор мешавем.

Дар синтаксис дар зери мафҳуми номбарӣ (чидашавӣ) такроран омадани аъзоҳои ҷумла (мубтадо, хабар, ҳол ва ғ.) фаҳмида мешавад.

Предметҳои номбаршаванда (ё аъзоҳои чидашуда) оҳанги алоҳида доранд.

Аъзоҳои чидаи ҷумларо оҳанг ва пайвандакҳои пайвасткунанда муттаҳид месозанд. Оҳанг чун воситаи овозии таҷзия ва ташкили ҷараёни нутқ ҳамеша дар ҷудо кардани аъзоҳои чида иштирок мекунад, аммо саҳми он маҳз дар мавридҳое калон аст, ки аъзоҳои чида бе ёрии воситаҳои грамматикӣ омада бошанд. Дар ин мавридҳ воситаи ягонаи ташкил ва ҷудо кардани аъзоҳои чида оҳанг аст.

Мо бо оҳанги номбарӣ дар мавридҳое сару кор дорем, ки предметҳо ё аломатҳои онҳо дорои алоқаи пайваст буда, ба тартиб ва паиҳам номбар мешаванд:

*Дӯсти ман одами хуб, доно, ростқавл, некандеш ва фурӯтан аст.*

Ҳамаи аъзоёни синтагмаи номбарӣ бо оҳанги нотамом талаффуз мешаванд. Баландии навои онҳо нисбатан як хел аст. Оҳанги аъзои (синтагмаи) охири номбаркунӣ ба ҷои он дар тарҳи умумии оҳанги ҷумла вобаста аст: агар аъзои охири номбаркунӣ дар дохили ҷумла ҷо гирад, мисли аъзоёни дигари силсила ҳамчун синтагмаи ибтидоӣ бо оҳанги нотамом гуфта мешавад: ҳиҷои заданоки охири ин синтагма нисбат ба синтагмаҳои дигар навои баландтар, дарозии бештар, танфиси тӯлонитар дошта, бо шиддатнокӣ ва равшании бештари талаффузи худ фарқ мекунад.

Агар аъзои охири силсилаи номбарӣ дар охири ҷумла қарор гирад, тобеи тарҳи умумии оҳанги ҷумла буда, бо оҳанги ахборӣ ё саволӣ талаффуз мешавад: *Мо зироати гуногун мекорем: пахта, гандум, зағир, шолӣ ва арзан.*

Баъзан дар ҷумла ҳамзамон бо аъзоёни чидаи ҷумла калимаҳое истеъмол мешаванд, ки аъзоёни чидашударо ҷамъбаст менамоянд, хулоса мекунад. Ин навъ калимаҳо (*ҳама, тамоми, хеле, якчанд, баъзе, як қисм ва ғайра*) пеш ё баъд аз аъзоёни чида меоянд. Онҳо ба ҷояшон нигоҳ накарда, ҳамеша нисбат ба унсурҳои номбаршаванда бо барҷастагии унсурҳои оҳангии худ фарқ мекунанд.

Агар калимаи хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида ояд, бо оҳанги нотамом талаффуз мегардад. Баъди калимаи хулосакунанда танфиси қобили таваҷҷӯҳе мушоҳида мешавад:

*Саҳни ҳавлиро гулҳои рангоранг: сафед, сурх, зард, сиёҳ оро медоданд.*

Хусусияти ба худ хоси воҳидҳои номбаркунӣ аз зеринҳо иборат аст:

- аъзоёни силсилаи номбаркунӣ дар як синтагма, талаффуз мешаванд;
- синтагмаҳо вобаста ба ҷояшон дар тарҳи оҳанг навои нотамом (ё том) дошта метавонанд;
- дар байни аъзоёни чида (синтагмаҳо) ҳамеша танфис мавҷуд аст, вале тамдиди он ба ифоданокии гуфтор вобаста аст: танфиси тулонӣ синтагмаро бештару равшантар ҷудо мекунад, танфиси кӯтоҳ – камтар;
- дар таҷзияи синтагматикии силсилаи номбаркунӣ саҳми задаи синтагма калон аст. Вай синтагмаҳо (аъзоёни чида)-ро чун унсурҳои зарб аз ҳам ҷудо карда, мавзунияти нутқро таъмин менамояд. Дар ҷудосозии чидаҳо тамдиди овозҳо, ки дар ҳиҷои

## Савол ва супоришот:

1. Навъҳои оҳангро номбар кунед.
2. Мавқеи оҳанг чун воситаи асосии нутқ.
3. Хусусияти ба худ хоси оҳанги ахборӣ?
4. Хусусияти ба худ хоси оҳанги пурсиш?

5. Хусусияти ба худ хоси оҳанги ангезиш?
6. Оҳанг дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ?
7. Ба оҳанги пурсиши такрор мисол биёред.
8. Вазифаи синтаксисии оҳангро шарҳ диҳед?
9. Ҳамчун воситаҳои ташкили нутқи ифоданок будани оҳангро шарҳ диҳед.
10. Зада ва мавқеи он дар созиши оҳанг.
11. Оҳанг ва унсурҳои асосии онро номбар кунед.

***Ҷустуҷӯи мустақилона:***

- Аз асари бадеии хондаистодаастон ба намудҳои оҳанги пурсиш (умумӣ, хусусӣ, муқоисавӣ, хилофӣ ва такрор) мисол оред.
- Матни мустақиле нависед ва намудҳои оҳангро (ахбор, пурсиш ва ангезиш) ба инобат гиред.
- Ғазали “Эй сорбон оҳиста рон...”-ро бо оҳангҳои мувофиқ хонед.
- Порчаҳои шеърироо қироат кунед ва калимаҳои бо як овоз тафовутдоштаро шарҳ диҳед.

*Таносоиву коҳилӣ дур кун,*
*Бикӯшу зи ранҷи танат сур кун.*
*Ки андар ҷаҳон суд беранҷ нест,*
*Ҳамонро, ки коҳил бувад, ганҷ нест.*
****
*Гар аз коҳилон ёр хоҳӣ ба кор,*
*Набошӣ ҷаҳонҷӯву мардумшумор,*
*Дигар хештанро надорӣ бузург*
*В-агар гоҳ ёбӣ, нагардӣ сутург.*

**Абулқосим Фирдавсӣ**

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I.– Душанбе: Дониш,1985.-с.57-78
2. Кодзасов С. В., Кривнова О.Ф. Общая фонетика. – М.: РГГУ, 2001.-592 с.
3. Наимов С. Хониши ифоданок. – Душанбе: Маориф, 1990.-

88с.
4. Файзов М. Гласные звуки таджикского литературного языка. – Душанбе: 1992.-185 с.
5. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони ҳозираи тоҷик.– Душанбе: Маориф. 1989.-с.153-195.
6. dic.academic.ru
7. http:// www.irandoc.ac.ir

## Орфоэпия(нутқи фасеҳ) дар забони тоҷикӣ

**Меъёрҳои талаффуз.** Дар китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ дар бораи яке аз рукнҳои асосӣ ва муҳими инкишофи нутқи шифоҳӣ – чигунагии меъёрҳои талаффузи адабӣ ва риояи онҳо қариб маълумоте ба назар намерасад. Аз ҷониби дигар, таҷриба нишон медиҳад, ки ғалату иштибоҳҳои талаффузӣ, ки ҳам дар нутқи хонандагон ва ҳам дар гуфтори баъзе омӯзгорон ба мушоҳида мерасад, аз надонистани қонуният ва хусусиятҳои талаффузи забони тоҷикӣ сар задаанд.

***Орфоэпия*** (юн. orthos дуруст ва epos нутқ, сухан) маҷмӯи қоидаҳои талаффузи адабии ягон забони миллиро гӯянд, ки ягонагии сохти овозии онро таъмин мекунад. Талаффузи ягонаи адабӣ мисли имло мубодилаи афкор ва муомилоти забониро осон карда, аз рукнҳои муҳимтарини нутқи фасеҳ ба шумор меравад.

Қоидаҳои талаффузи забони адабӣ якҷоя бо нормаҳои лексикӣ, грамматикӣ, фонетикӣ, услубӣ, имлоӣ ва ғайра мубодилаи афкорро байни намояндагони шеваҳои мухталиф осонтар мекунад. Қоидаҳои талаффузи адабӣ дар асоси маводи фонетикӣ муқаррар мешавад. Агар фонетика ба талаффуз такя карда, системаи овози забонро тавсиф ва қонуниятҳои онро ошкор созад, орфоэпия натиҷаи тадқиқоти фонетикиро истифода намуда, қоидаҳои талаффузи адабиро баён ва нормаҳои талаффузро пешниҳод мекунад. Аз ин рӯ орфоэпияро фонетикаи амалӣ ё нормативӣ метавон номид. Орфоэпия категорияи таърихист. Вай баробари ташаккул ёфтани забони адабӣ ба миён меояд, вале нормаҳои он баъдтар пайваста ба пайдоиши шаклҳои гуногуни нутқи гуфтугӯӣ ва васеъшавии ҷуғрофияи забони адабӣ шакл гирифта, тадриҷан суфта ва дар байни ҷамъият мустаҳкам мешаванд. Асоси нормаҳои талаффузи адабии тоҷикӣ ҳанӯз дар асрҳои IX-X шакл гирифтааст. Одатан талаффузи дуруст лаҳҷае دониста мешавад, ки бо он асоси забони адабӣ қарор ёфта бошад.

Дар забоншиносии муосир дар боби орфоэпия масъалаҳои ба системаи фонетикии забон алоқаманд: *таркиб, сифат ва истифодаи овозҳои ҷудогона, шакли овозӣ ва грамматикии калимаҳои алоҳида,*

*хелҳои гуногуни зада, ҳамчунин лаҳну оҳанги нутқро* меомӯзанд. Масалан, шаклҳои феълие, ки аз асоси замони гузаштаи феъли “навиштан” сохта мешаванд, мувофиқи меъёри талаффузи забони адабии тоҷик бо ҳамсадои **ш** ва баръакс, шаклҳои феълие, ки аз асоси замони ҳозираи ҳамин масдар ба вуҷуд меоянд, бо ҳамсадои **с** талаффуз мешаванд:

***Навиштам*** *номае дар некномӣ,*

*Ки Хусрав офарин гуфту Низомӣ.*

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

***Менависам*** *ман суруди сулҳро бо хуни дил,*

*Бо тапиданҳои бероми рӯзафзуни дил.*

**Мирзо Турсунзода**

Дар баробари ташаккули забони миллии тоҷик меъёрҳои талаффуз низ муқаррар шудаанд. Инкишофи босуръати намудҳои гуногуни нутқи расмӣ, афзудани нақши нутқи шифоҳӣ дар ҳаёти ҷамъият, тараққиёти бемайлони мактабу маориф, радиою телевизион ва киною театр барои тадриҷан шакл гирифтани қонуну меъёрҳои орфоэпии забони адабии тоҷик омилҳои асосианд.

**Дарозу кӯтоҳ талаффуз шудани садонокҳо.** Дар солҳои охир талаффузи калимаҳо ба навишти онҳо наздик шуда истодааст. Аз ҷумла, бисёр калимаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки мувофиқи меъёри фонетикӣ навишта мешаванд: ангур, анор, борон, бодом, даст, дил, мардум, модар, пахта, ҷигар. Аз тарафи дигар, имкониятҳои нутқи шифоҳӣ бештар буда, он аз нутқи хаттӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Вобаста ба ҳамин, як тамоюли зараровареро, ки дар гуфтори муаллимону омӯзгорон, агитаторону пропагандистон, ҳатто, дар нутқи баъзе дикторҳои радиою телевизион ва ҳунармандони киною театр мушоҳида мешавад, таъкид карданием. Моҳияти ин тамоюл ба инобат нагирифтани қонунҳои инкишофи забон, махсусан ҳодисаю хусусиятҳои ҷудогонаи нутқи овозӣ мебошад. Баъзеи ин қоидаҳоро, ки ба талаффузи садонокҳои ҷудогона алоқамандaнд, дида мебароем.

**Садоноки “и” дар мавридҳои зерин хусусияти ёдбарсарӣ зоҳир намуда, “йи” талаффуз мешавад:**

*a.* Дар калимабандии изофӣ пас аз садонокҳо: *хонайи накӯкорӣ, дояйи меҳрубон;*

Табиати забони тоҷикӣ тақозо мекунад, ки бандаки изофии -**и** пас аз калимаҳое, ки бо садонок ба охир мерасанд, **“йи”** талаффуз шавад: *чойи кабуд, баройи ҳамин, тӯйи арӯсӣ, ба сӯйи фардо, дар кӯйи ёр.*

*b.* Агар ҳамчун пасванди калимасоз ё бандаки хабарӣ пас аз садонокҳо ояд: *муаллимайӣ, нависандайӣ, норизойӣ, рӯшнойӣ, қофиягӯйӣ, фардойӣ.* Аммо дар калимасозӣ пас аз пешвандҳои бе-, бо-, на-, но-, ҳарфи **“и”** бо **и**-и соф талаффуз мешавад: *беинтиҳо, беибо, беихтиёр, боирода, боинтизом, ноилоҷ, ноинсоф.* Дар мобайни калима пас аз садонокҳо чи дар калимаҳои аслан тоҷикӣ ва чи дар калимаҳои иқтибосӣ ин садонок баъзан **“йи”** ва баъзан **“и”** талаффуз мешавад. Масалан, дар калимаҳои зерин **и**-и соф талаффуз мешавад: *шоир, саид, фоил, қоида, воиз, заиф, раис, маиб, маишат, оила.* Айнан дар ҳамин ҳолати фонетикӣ дар аксарияти калимаҳо садоноки **“и”** ҳамчун ёдбарсар талаффуз мешавад: *шойиста, пойидан, пойин, тайиб, тойир, тойифа, фойиз, хойидан, хойин, ғойиб (ғоибона), ҷойиз, ҷойиза, дойира, мӯйина, мойил, ойин, ойина.*

*c.* Пас аз аломатҳои ҷудоӣ ва сакта низ **“йи”** талаффуз мешавад: тағйир, тазйиқ, таъйин.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик дарозии садонокҳо арзишу қимати фонемагӣ надошта бошад ҳам, ба талаффузи дурусти он риоя намудан боиси хушоҳангии гуфтор мегардад.

Ин садонок дар мавридҳои зерин кашидатару дарозтар талаффуз мешавад:

Дар миқдори муайяни калимаҳое, ки таърихан **и**-и дароз доштанд: си:на, хи:ра, ши:р, ши:рин, пи:р, зи:на, зи:ра, зи:рак, ди:дор, ки:на, ди:рӯз. Дар як силсила калимаҳои арабӣ низ садоноки “и” каме кашидатар талаффуз мешавад: *ти:нат, ми:но, си:мо, зи:нат, Ра:ҳим, Ҷали:л, Ҳаки:м, Кари:м, рази:л, ғали:з, тави:л.* Зарурати дарозу кӯтоҳ талаффуз шудани ин садонок дар муқоисаи калимаҳои бино – би:но хеле равшан мушоҳида мешавад. **“Бино”** ҳамчун исм *“бинои мактаб”* бо **и**-и кӯтоҳ ва *би:но* ҳамчун сифати феълии замони ҳозира,

ки аз ҷиҳати морфологӣ сохта буда, аз асоси феълӣ (бин) ва *пасванди -о* сохта шудааст, бо **и**-и дароз талаффуз мешавад (чашми би:но).

Баъзан истилоҳи ғалат ба талаффузи нодурусти калима сабаб мегардад. Масалан, аломати графикиеро, ки танҳо дар интиҳои калима омада, овози таркиби калима (шолӣ, моҳӣ), пасванди калимасоз (некӣ, дӯстӣ) ва бандаки хабарию феълии шахси дуюми танҳоро ифода мекунад (хондӣ, хондаӣ), "и- и заданок" ё "и- и дароз" номидаанд. Ин истилоҳ хилофи табиати забони тоҷикист. Чунончи, дар мисраъҳои сеюм ва чоруми рубоии устод Рӯдакӣ:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нуқта нагирӣ, мардӣ.*
***Мардӣ** набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ,* ***мардӣ.***

Калимаи **"мардӣ"** вобаста ба ҷои зада ду хел талаффуз мешавад.

**"Мардӣ"**-и аввал исм аст ва бинобар ин задаро ҳиҷои дуюми калима мегирад. Дар ин сурат **"и"**- и охири калимаро заданок гуфтан ҷоиз аст. Дар "мардӣ"-и дуюм задаро ҳиҷои якум мегирад (мардӣ). Калимаҳои навъи *мардӣ, некӣ, бародарӣ, муаллимӣ* омофонанд, яъне навишти якхела дошта, вобаста ба матн гоҳе ҳамчун исм (мардӣ, бародарӣ) ва гоҳе ҳамчун хабари номии шахси дуюми танҳо (мардӣ, бародарӣ, муаллимӣ) истеъмол мешаванд.

**Истеъмоли садоноки у ва ӯ.** Масъалаи дигаре, ки ба талаффузи садонокҳо бевосита алоқаманд буда, баъзан боиси ғалатфаҳмӣ ё тағйири маънои калима мегардад, истеъмоли садонокҳои **"у"** ва **"ӯ"** мебошад.

Дар ҷараёни таълим садоноки **"ӯ"**-ро бо мақсади фарқ кардан аз дигар овозҳои садонокҳо (махсусан, аз садоноки **"у"**) **"у"** - и дароз ё **"у"** - и заданок мегӯянд, ки тамоман нодуруст аст. Зеро садоноки **"ӯ"** фонемаи мустақил буда, ҳаргиз ба **"у"** - и дароз баробар нест. Аз тарафи дигар, ин садонок на ҳамеша зада мегирад: *ӯрда, гӯсола, дӯкон, мӯҳтоҷ, бӯрон.* Дар забони адабии гуфтугӯӣ як гурӯҳ калимаҳо ҳам бо таркиби овозии "ав" ва ҳам бо садоноки **"ӯ"** талаффуз мешаванд: *навкар//нӯкар, равған//рӯған, равшан//рӯшан.* Ин хусусияти фонетикӣ, ки бо таърихи забонамон алоқаманд аст, дар луғатҳо низ инъикос ёфтааст: *шавла//шӯла.* Агар талаффузи дугонаи калимаҳои боло то дараҷае хусусияти умумӣ дошта бошад, талаф-

фузи калимаҳои *тавба, навбат*-ро, ки арабианд, ба тарзи *тӯба, нӯбат* бояд шевагӣ ё гуфтугӯӣ маънидод кард.

Асоси замони ҳозираи феъли "хӯрдан" дар калимасозӣ дар шакли **"хор"** низ омадааст. Дар айни замон ин қабил калимаҳо чи дар навишт ва чи дар талаффуз ифодаи дугона доранд: *ғамхор//ғамхӯр, ширхора//ширхӯра.* Ба назари мо, ифодаҳои одами ғамхор, ғамхорӣ нисбат ба одами ғамхӯр ва ғамхӯрӣ хушоҳангтар аст.

Миқдори муайяни калимаҳои бо садонокҳои **"у"** ва **"ӯ"** тамомшавандаро низ нодуруст талаффуз мекунанд ва менависанд. Масалан, *гесу-гесӯ, паҳлу-паҳлӯ, орзу-орзӯ, чарбу-чарбӯ* талаффуз кардан хатост. Тарзи адои садоноки охири ин калимаҳо аз садоноки **"у"**-и калимаҳои *каду, бону, дору, ҷоду, моку* фарқ намекунад. Афзалияти чунин тарзи талаффузи навишт дар калимасозӣ равшан мушоҳида мешавад: *гесубанд, гесудароз, паҳлударӣ, паҳлудор, орзуманд.*

Мафҳуми меъёри орфоэпии забони адабии тоҷик, пеш аз ҳама, истеъмоли дуруст ва бомавқеъ кор фармудани фонемаҳои ҷудогона, нигоҳ доштани таркиби овозӣ-фонемагии воҳидҳои маънодори забонро дар назар дорад.

Ба ҷои садоноки **"ӯ"** талаффуз кардани овози **"у"** шакли калимаро баъзан ба дараҷаи шинохтанашаванда тағйир медиҳад. Ҷудо карда натавонистани мавқеи истеъмоли ин садонокҳо боиси вайрон шудани меъёри имрӯзаи талаффузи забони адабӣ мегардад. Ивази бемавқеи ин фонемаҳо, аз як тараф, маънои калимаро тамоман тағйир диҳад, мисли *бӯз-буз (замини бӯз-бузи ҷингилапо), гӯл-гул (одами гӯл-гули садбарг), сӯм-сум (даҳ сӯм-суми асп), ӯрду-урду (ӯрдуи фашистӣ-забони урду),* аз тарафи дигар, қолаби овозии калимаро тахриф мекунад, мисли *арӯс-арус, тӯда-туда.* Баъзан ҳодисаи баръаксро мушоҳида мекунем: дар зери таъсири малакаҳои орфоэпии шевагӣ, ки басо устуворанд, ба ҷои садоноки **"у"** овози **"ӯ"** талаффуз мекунанд, ки ниҳоят гӯшхарош ва нофорам аст. Масалан, ба ҷои *суруд-сурӯд, ба ҷои маҷбур-маҷбӯр, ба ҷои махсус-махсӯс, ба ҷои мактуб-мактӯб.* Ҳарду тамоюл хилофи меъёри талаффузи забони адабист.

Меъёрҳои ягонаи нутқи хаттӣ, ки онро қоидаҳои мавҷудаи имло муқаррар ва муайян мекунанд, ягонагӣ дар талаффузи калимаю

ифодаҳои ҷудогона ва ҳатман риоя намудани онҳо характери ҷамъиятии имлою орфоэпияро нишон медиҳанд. Талаффузи ғайриадабӣ маъмулан дар зери таъсири хат ва малакаҳои шевагӣ, ки аз хурдсолӣ шакл гирифта, дер мепоянд, ба вуҷуд меоянд.

Гунанокӣ дар забони тоҷикӣ ҳодисаи маъмул аст. Аммо ҳангоми муқаррар намудани меъёрҳои талаффуз ва имло, агар ба фаҳмиш ва муомилоту мубодилаи афкор осебе нарасад, ҳаддалимкон аз он худдорӣ бояд кард. Мутаассифона, ин талаботи муҳим на ҳамеша риоя мешавад. Чунончи, дар "Луғати имлои забони адабии тоҷик", ки он бояд воситаи муҳимтарини саводнокӣ ва маданияти нутқ бошад, бисёр калимаҳо беҳудаю баҳуда дар ду-се шакл оварда шудаанд, ки ин ба талаффузи калима низ бетаъсир намемонад ва барои ба вуҷуд омадани гунаҳои орфоэпӣ – тарзҳои гуногуни талаффузи як калима сабаб мешавад: *номус//номӯс, хуруҷ//хурӯҷ, чуҷа//чӯҷа, угай//ӯгай, куҳансол//кӯҳансол, мастоба//мостоба.* Шакли дурусти ин калимаҳо мувофиқи нормаҳои эътирофшудаи забони адабии ҳозираи тоҷик бояд *номус, хурӯҷ, чӯҷа, угай, куҳансол, мастоба* бошад.

Дар баробари ин, вариантҳои комилҳуқуқи орфоэпӣ низ мавҷуданд, мисли *кӯдак-гӯдак, куҷо-гуҷо, гӯспанд-гӯсфанд, сеюм-саввум, дуюм-дуввум, китф-кифт, хишт-гишт, гавҳар-ҷавҳар, форсӣ-порсӣ, миҷгон-мижгон, маъно-маънӣ.*

Ивази бемавқеи **зада** калимаро гӯшхарош намуда, хушоҳангии суханро тамоман аз байн мебарад. Масалан, ба ҷои *номзад* талаффуз кардани *номзад,* ба ҷои *назария-назария,* ба ҷои *феврал-феврал,* ба ҷои *Маликов, Мансуров* талаффуз кардани *Маликов, Мансуров* кам бошад ҳам, мушоҳида мешавад. Иддае аз хонандагони шаҳрҳои марказӣ баъзе номҳои занонаи тоҷикиро (*Парвина, Таҳмина, Гулнора*) бо дигар кардани ҷои зада талаффуз мекунанд, ки пешгирӣ ва ислоҳи ин тарзи ғалат ва ғайри тоҷикии талаффуз вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорон мебошад.

Як силсила фамилияҳоро низ нодуруст ва дағал талаффуз мекунанд. Масалан, ба ҷои *Аҳмадов-Ахмедов, ба ҷои Неъматов-Негматов* ва м.и. Ба ғайр аз пасвандҳои -ӣ *(Ансорӣ, Раҳимӣ), -зода (Турсунзода, Раҳимзода)* фамилияҳои тоҷикӣ бо пасвандҳои насабсози *-ов, -ова, -ев, -ева* сохта мешаванд. Талаффузи ин пасвандҳо дар забони тоҷикӣ аз русӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар насабҳои занона ин пасвандҳо ба тағйирот кам дучор мешаванд.

*Бобойева, Мирзойева, Ғанийева.* Дар пасвандҳои насабсози мардона бошад, ҳам садонок ва ҳам ҳамсадо ба тарзи дигар талаффуз мешаванд. Садоноки **о** ба садоноки **у** ва ҳамсадои **в** ба овози бечаранги **ф** бадал мешавад. *Маҳмудуф (Маҳмудов), Акрамуф (Акрамов), Собируф (Собиров), Юсупуф (Юсуфов), Орипуф (Орифов).*

Муқаррар намудани қонуну қоида ва меъёрҳои талаффузи забони адабии тоҷик, мураттаб сохтани луғати орфоэпӣ, таълифи дастуру нишондодҳои таълимию методӣ барои кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла омӯзгорону хонандагон, вазифаи муҳимтарини забоншиносии тоҷик буда, тадқиқоти амиқ ва ҷиддиро тақозо мекунад.

## Савол ва супоришот:

1. Орфоэпия чист?
2. Мавқеи фонетика дар нутқи фасеҳ.
3. Нутқи шифоҳӣ аз нутқи хаттӣ чӣ фарқ дорад?
4. Тафовут дар талаффузи садонокҳо ва ҳамсадоҳо?
5. Овозҳои нутқро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
6. Калимаҳоеро номбар кунед, ки ҳарфи “ӯ” ва “у” иваз карда мешавад.
7. Мавқеи садонокҳоро дар талаффуз муайян кунед.
8. Ҳиҷо ва мавқеи он дар нутқи фасеҳ.

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

❖Аз калимаҳои додашуда овози **“ӯ”**-ро муайян кунед ва таҳлили фонетикӣ кунед: *куҳ, гул, сум, шур, руз, орзу, рузафзун, куза, дулона, дуд, тутӣ, чуб, Кулоб, дуст, дастур, духтур, узбек, гуруҳ, ду, дуғ, Шуробод, куҳна, хурд, мавзуъ, муҳлат, муъмин, муҳтарам, шуъла, суръат, бурё, абру, арус, ҷура, муъҷиза, мурғ, туруш, руймол, Рушон, кабутар, кудак, кутоҳ, муза, уқоб, духтан, туб, омухтан, дилсузона.*

❖Дигаргуниҳои овозии калимаи зерро муайян кунед: *касб-касп, санҷид-санҷит, кабуд-кабут, калид-калит, лагад-лагат,*

*сабад-сабат, тақсим-тахсим, анбор-амбор, дастнавис-даснавис, бадтар-баттар.*

❖Ба талаффуз ва навишти пайвандакҳо эътибор диҳед:

*Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,*
*З-ин ки бигзаштӣ, сабуксорӣ макун.*

**Аттор**

*Илм агар андак бувад, хораш мадор,*
*З-он ки дорад илм қадри бешумор.*

**Аттор**

*Ошиқ ба насаб чӣ кор дорад,*
*К-аз ҳар чӣ, на ишқ ор дорад.*

**Ҷомӣ**

*Он чи бомаънист, худ пайдо шавад,*
*В-он чи бемаънист, худ расво шавад.*

**Румӣ**

## Адабиёт:


1. Бобомуродова М., Шоев Р. Фонетика. (Роҳнамои таълим барои ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик). – Душанбе: “ЭР-граф”, 2017. - с.172-180
2. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. /Мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир, 2013.- 40 с.
3. Наимов С. Хониши ифоданок. – Душанбе: Маориф, 1990. -88 с.
4. Обидов У., Каримов Ш. Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф,1995.
5. Ӯктами Холиқназар. Ғалат менависем. Фарҳанги душвориҳои забони форсии тоҷикӣ. – Душанбе: 2000. – 252 с.
6. https://ru.m.wikipedia.org

## Орфография(имло) дар забони тоҷикӣ

**Тасдиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ.** Имло (*орфография* аз калимаи юнонии orthos – дуруст, саҳеҳ, grapho – менависам) дар бораи навишти калимаҳо ва қисмҳои маънодори онҳо, якҷоя ва ба воситаи тире навиштани калимаҳо, дар бораи кӯчонидани ҷузъи калима аз як сатр ба сатри дигар, бо ҳарфи калон ва хурд навиштани номҳои идораҳо, муассисаҳо ва ғайра нишондод медиҳад. Ба муносибати аз алифбои арабиасоси тоҷикӣ соли 1929 ба алифбои лотинӣ гузаштан аввалин имлои забони адабии тоҷик ба шакли китобча нашр гардид.

Соли 1939 масъалаи аз алифбои лотинӣ ба алифбои русиасос гузаштан ба майдон омад ва китобчае бо унвони *"Орфографияи забони тоҷикӣ. Муҳимтарин қоидаҳо"* аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шуда, августи соли 1940 аз нашр баромад. Азбаски ин қоидаи имло камбудиҳои зиёде дошт, дар охири соли 1953 таҳрири нави "Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик" қабул карда шуд. Забоншиносон дар хусуси такмили нормаҳои забони адабии тоҷикӣ ҳаракат намуда, дар асоси қарори ҷумҳурияти Тоҷикистон, комиссияи имло дар ҳайъати рафиқон Б.Ниёзмуҳаммедов (раис), А.Мирзоев (котиби илмӣ), Я.И.Калонтаров, А.Маниёзов, Н.Маъсумӣ, М.Шукуров, Р.Ғаффоров ва Р.Ҳошим ташкил намуданд. Дар асоси корбурди комиссия лоиҳаи нави имло соли 1967 ба муҳокимаи умум гузошта шуд ва он соли 1972 аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Ҳукумат бо мақсади бо муҳокимаи умум омода сохтани лоиҳаи имло бори дигар дар ҳайати олимон Т.Хаскашев (раис), М.Шукуров, М.Лутфуллоев, Б.Камолиддинов гурӯҳи корӣ созмон дод. Аз ҷониби ин гурӯҳи олимони шинохтаи тоҷик низ баъзе дигаргуниҳо дароварда шуд.

Алифбои муосири тоҷик то соли 1999 аз 39 ҳарф иборат буд. Ин 39 ҳарфро соли 1940 дар асоси алифбои арабӣ ва лотинӣ сохта буданд. Тадриҷан сурат гирифтани равандҳои демократӣ дар ҷомеа сабаб гардид, ки ба имлои ҷорӣ тағйирот ворид шавад. Имлои забони тоҷикӣ дар асоси талаботи санадҳои "Қонуни забон" ва дастовардҳои илмии забоншиносӣ таҳия гардид. Чунон ки

мебинем, имло дар асоси талаботи фонетикӣ, морфологӣ ва таърихӣ таълиф ёфтааст. Дар қоидаҳои асосии соли 1972 мувофиқати овозу ҳарф дар чанд маврид сарфи назар шуда буд. Чунончи, дар алифбо ҳарфҳое мавҷуд буданд, ки ягон овози забони тоҷикиро ифода намекарданд, баъзе ҳарфҳо аз ҳарфҳои ҳамгунаи худ дур афтода буданд. Ин норасоиҳо дар таълими забони тоҷикӣ ва талаффузи адабӣ боиси нофаҳмиҳо мегардиданд ва ҷараёни тадриси саводомӯзиро душвор мегардониданд. Дар имлои нав ин камбудиҳо ба назар гирифта шуданд, яъне соли 1999 бо қарори комиссияи тадбиқи Қонуни забони назди ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон "Имлои забони тоҷикӣ" аз нашр баромад, ки дар он ба тартиби алифбо тағйирот дохил карда, сарфи назар кардан аз ҳарфҳои ***ь, ы, щ, ц*** қайд шуда, шумори ҳарфҳо 35 то нишон дода шудааст. Инчунин мувофиқи талаботи имлои қабулгардида дар тартиби Алифбои тоҷикӣ ва номи ҳарфҳо тағйирот ба амал омад (ҳарфҳои ҳамгун – ҳаммонанд – ***г – ғ, к – қ, х – ҳ, ч – ҷ, у – ӯ, и – ӣ*** пайи ҳам оварда шуданд, номи ҳарфҳо низ тоҷикӣ шуд: ***ле, ме, не, пе, ре, се, те, фе, хе, че***.

Баъдтар 4 октябри соли 2011 низ бо қарордоди ҳукумат бо баъзе иловаҳо "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" дар ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки имрӯз мардуми тоҷикзабони мо дар асоси ҳамин имло корбарӣ доранд.

**Принсипҳои асосии имлои забони тоҷикӣ.** Вобаста ба талабот имлои забони тоҷикӣ дар заминаи се принсип ё асоси илмӣ сурат мегирад.




**1.** *Принсипи фонетикӣ (савтӣ).* Асоси савтии имло талаб мекунад, ки калима чӣ навъе ки талаффуз ёбад, дар хат ҳамон тавр тавассути ҳарфҳо ифода гардад. Масалан, забон, даст, овоз, дусад, нав ва ғ. Вале талаффузи дурусти калима на ҳама вақт риоя мегардад. Талаффузи носаҳеҳ метавонад ба ғалати имлоӣ оварда расонад. Чунончи: *моҳ, деҳ, панҷоҳ* дар талаффуз *мо, де, панҷо* ба гӯш мерасад. Дар ин сурат ба ёрии асоси фонетикӣ *принсипи морфологӣ (сарфӣ)* меояд.

**2.***Принсипи морфологӣ (сарфӣ).* Асоси сарфии имло талаб мекунад, ки дар навишт бутунии морфемаҳо риоя карда шавад ва калимаву ҳиссаҳои морфологӣ на аз рӯи талаффуз, балки мувофиқи сохти морфологӣ, вазифа ва маъно навишта шаванд. Чунончи, он нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ калимаи *ҷал* вуҷуд надорад, балки *ҷаҳл* ҳаст, ба мисли ҳамин бандча (банча), каландча (каланча), фаъол (фаол), дастнавис (даснавис), эълон (элон) ва монанди инҳо. Вале мавридҳое ҳаст, ки илми сарф низ шарҳи таркиби калимаҳо оҷиз аст. Ин ҳодиса бештар бо калимаи қадимаи тоҷикӣ рӯй медиҳад.

**3.***Принсипи анъанавӣ-таърихӣ.* Асоси анъанавӣ – таърихии имло иҷозат медиҳад, ки калимаҳои қадима имрӯз дар забони умумихалқӣ ба кадом шакл омада бошанд, бо ҳамон шакл навишта шаванд: дуюм – дуввум, сеюм – саввум, хизмат – хидмат, устоз – устод, чӯпон – шубон, навист – навишт ва ғ.

➢ Дар имло принсипи шартӣ низ амал мекунад, яъне *асоси шартии имло* талаб менамояд, ки барои фарқ кардани исмҳои хос аз исмҳои ҷинс яке бо ҳарфи калон навишта шавад, амсоли *Зебо – зебо, Сафар – сафар, Душанбе – душанбе, Муҳаббат – муҳаббат* ва ғ.

**Мафҳуми имло.** Гарчанд қоидаҳои "имло" тағйирпазиранд, бояд ҳар як шахси соҳибзабон дар роҳи пос доштани забони худ ҳамеша ба дуруст навиштану хондан кӯшиш намояд. Зеро маънои луғавии вожаи "**имло**" худ пур кардан ва аз ёд чизе навиштан ва оғоз кардан ва аз худ чизе гуфтан ва дар истилоҳ ба маънии расмулхат, яъне навиштани таркиби ҳуруф мувофиқи қоида аст.

Имло системаи ягонаю умумии таърихан ташаккулёфтаи тарзи навишт аст, ки дар шакли хаттӣ дар забони адабӣ истифода мешавад. Хат дар ташаккули забони адабӣ мақоми махсус дорад ва он яке аз рукнҳои тамаддуну маърифат аст. Дар устувору мустаҳкам шудани меъёрҳои савтӣ, луғавӣ ва дастурии забон низ хат нақши асосӣ дорад.

Имло аз рукнҳои асосии хат аст ва ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ ҳодисаю падидаи махсуси иҷтимоӣ буда, барои кулли ҷомеа яксон хизмат мекунад. Имлои имрӯзаи тоҷикӣ дар асоси хату алифбои кириллӣ таҳия шудааст.

Мафҳуми **"имло"** бо саводу саводнокӣ алоқаю робитаи ногусастанӣ дорад. Босавод шахсест, ки беғалат мегӯяду менависад

ва бо маданияти гуфтору рафтори хеш худро ба ҳозирон ошно месозад. Саъдии бузург ин нуктаро чунин васф намудааст:

*Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?*
*Калиди дари ганҷи соҳибҳунар.*
*Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,*
*Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар.*

*Саъдӣ*

Маданияти нутқ як ҷузъи ҷудонопазири маданияти умумии инсон аст, ки пеш аз ҳама, дар мактаб ташаккул ёфта, минбаъд дар зинаҳои болотар омӯзиш такмилу сайқал меёбад. Саводнокӣ ба дониши грамматикӣ вобаста буда, дар ҷараёни таълими он тафаккури мантиқӣ ва маданияти нутқи хаттию шифоҳии хонандагон инкишоф меёбад.

Усули таълими имло таваҷҷӯҳи як идда муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Танҳо дар асоси омӯхтани хатоҳои имлоӣ ва ошкор намудани сабабҳои содиршавии онҳо таълими босамари имлоро ба роҳ мондан имконнопазир аст. Бояд грамматика ва меъёрҳои забони адабиро дуруст омӯхта, дар амал татбиқ намуд, муаллимон бо хатоҳои имлоии хонандагон ба таври мунтазам корбарӣ намоянд. Дар боби бисёр масъалаҳои гуфториву навиштории солиму дуруст алоқамандона бо вожашиносӣ (лексикология), савтиёт (фонетика), сарф (морфология), наҳв (синтаксис) донишандӯзӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки омилҳои шунавоӣ, босиравӣ, ҳаракат ва кори узвҳои овозсоз ва ҳаракати дасте, ки хат менависад ва бошуурона дарку мулоҳиза намуда, чизе менависад, аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки барои бошуурона ҳифз намудани қоидаҳои имло ва ба вуҷуд овардани малакаҳои дурустнависӣ мусоидат мекунанд.

Сатҳи забондонии шогирдон ва маҳорати суханварии онҳо ҳамон вақт боло меравад, ки бароящон муҳити солими нутқи адабӣ ҳамеша таъмин бошад ва тарзи гуфтори атрофиён, муколамаю мунозираи онҳо мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ сурат гирад. Мутаассифона, чунин муҳити солимро гуфтору навиштори адабӣ ҷавобгӯи талаботи имрӯза нест.

Имлою меъёри дурусти талаффузи адабӣ, яъне орфографияву орфоэпия дар таълими забон вобастагию алоқамандӣ доранд. Бояд

таълими нутқи шифоҳӣ ва имло дар як вақт оғоз ёфта, баробар давом кунад, зеро талаффузи дурусти адабии калима барои муайян кардани шаклҳои саҳеҳи морфологии он омили муҳимест.

Агар талаффузи гуногуни калимаҳои “мардӣ” (исми сохтаи маънӣ, ки бо ёрии пасванди калимасози **-ӣ** сохта шудааст) ва “мардӣ” (ту мардӣ)-ро ба эътибор гирем (дар “мардӣ”-и аввал ҳиҷои дуюм заданок аст, дар “мардӣ”-и дуюм ҳиҷои якум заданок буда, **-ӣ** бандаки хабарии шахси дуюми танҳост), истилоҳи **и**-и заданок ё **и**-и дароз, ки дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ қариб дар ҳамаи мактабҳо мушоҳида мешаваду ҳатто дар таҳрири охирини “Имлои забони тоҷикӣ” низ роҳ ёфтааст, тамоман нодурусту бемаънист. Зада гирифтани **-ӣ** дар интиҳои калимаҳо ба сохт ва шакли морфологии калимаҳо вобаста аст. Муқоиса кунед: **Бародарӣ** шиори зиндагии мост. Ту барои ман мисли як **бародарӣ**. Ин ҳолат дар мавриди таълими имлои садоноки **“ӯ”** низ, ки барғалат беш аз ним аср **у**-и дароз ё **у**-и садонок мегӯянд, ба мушоҳида мерасад.

Таҷрибаи муаллимони мактабҳои миёна нишон медиҳад, ки хонандагон ҳангоми иҷрои корҳои хаттӣ ба як қатор ғалатҳои имлоӣ роҳ медиҳанд. Фарқ карда натавонистани мавқеи истеъмоли садонокҳои **ӯ** ва **у,** бо изофат (**-и**) омехта кардани ҳарфи **ӣ** аз ҳамин қабил ғалатҳоянд.

Дар навишти калимаҳои ташдиднок низ талабагон ва донишҷӯён ба душвориҳо дучор мешаванд. Масалан, калимаҳои қимат, маза, ҳила, киса-ро барғалат бо ташдид менависанду нодуруст талаффуз мекунанд. Мувофиқи таъкиди олимони савтшиноси тоҷик М.Бобомуродова ва Р.Шоев барои бартараф намудани ин камбудиҳо бояд пеш аз ҳама адабиёт ва матбуоту маорифи имрӯза ҳаракат намуда, луғатҳои имло доир ба навишти ин қабил калимаҳо ва принсипи ягонаву устувор ҷорӣ карда, таълими имлоро дар мактабҳои миёна мустаҳкам кунанд.

**Имлои баъзе аломатҳо.** Бояд дар ҷараёни таълим ба қоидаю қонунҳои ҷудогонаи имлои забони тоҷикӣ, бомаврид гузоштани ҳар як аломати китобат ва хусусияти шевагии нутқи хонандагон эътибор дод.

Дар нутқи хаттӣ аломатҳои китобатӣ мувофиқи талаботи хусусиятҳои грамматикӣ дар ҷудо кардани ҳудуди маъноии калима, ибора ва ҷумлаҳои гуногун хизмат мекунанд. Дар нутқи шифоҳӣ бошад, ин аломатҳои китобатӣ қонуниятҳои хоси худро дошта, барои ҷудо намудани ҳудуди маъноии оҳанги калимаю ибора ва ҷумлаҳо хизмат мекунанд. Онҳо дар муайяну муназзам ва хушоҳанг воқеъ гардидани фосилаи овозҳо ва ба бартараф намудани нуқсони қироати матн ёрӣ мерасонанд. Ҳама гуна фикрҳое, ки ба воситаи хат таҷассум меёбанд, дорои хусусиятҳои гуногуни синтаксисӣ буда, ба воситаи қонунҳои махсуси грамматикӣ ифода меёбанд. Аломатҳои китобатӣ дар нутқи хаттӣ бо хусусиятҳои синтаксисӣ ва сохти грамматикии забон робитаи мустаҳкам дошта, барои возеҳу муайян ва муқаррар кардани тобишҳои маъноӣ ва тарзи ифодаи нутқ ёрии амалӣ мерасонанд. Вазифаи амалии аломатҳои китобатӣ дар ҷумла он аст, ки онҳо фосилаи овозҳои гуногунро нишон медиҳанд, нозукиҳои фикрро ҳифз медоранд, паҳлуҳои мундариҷавӣ ва тарзҳои баёнро равшан мекунанд, робитаи грамматикии сохту тартиби матнҳоро таъмину таъйин менамоянд.

Паҳлуи дигари аҳамияти назарию амалии ин аломатҳои китобатӣ дар он аст, ки онҳо дар ҷумла моҳияти матнҳо, вижагиҳои синтаксисии калима, ибора ва ифодаҳои гуногунро ба дараҷаи дилхоҳ равшан таъкид менамоянд. Дар нутқи хаттии қадимаи мо ин аломатҳои китобатӣ аз ҷумла, дар хатҳои мехӣ, суғдӣ, паҳлавӣ, арабӣ ва арабиасоси форсӣ дар намудҳои гуногун (дар нақши шохчаи гул, шакли ситора, барги гул, шакли секунҷа) вуҷуд доштанд. Дар хати мехӣ ин шакл дар сурати “ < ”, дар хати арабиву форсӣ низ аломатҳои ҷудогона ба назар мерасад.

Аломатҳои китобатӣ дар забони тоҷикӣ баъди қабул кардани алифбои лотинӣ (с.1929) ва кирилли русӣ (с.1940) бо хусусиятҳои гуногуни худ дохил шуданд.

Зотан бисёр қоидаҳои аломатҳои китобатӣ дар забонҳои аврупоӣ ва аз ҷумла, дар забони русӣ тадқиқ шудаанд. Бинобар ин донишмандони мо дар партави забони русӣ қонунҳои аломати китобатиро дар забони тоҷикӣ низ тибқи табиати ин забон қабул ва ҷорӣ намуданд. Ин ҷо дар боби тарзи корбурди баъзе аломатҳо мухтасар маълумот медиҳем:

❖ ***Аломати нуқта ( . )*** Ҷумлаҳо аз ҷиҳати мазмун ва ифодаи фикр ба се гурӯҳ: ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ тақсим мешаванд.

**1.** Аломати нуқта дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ гузошта мешавад ва тамом шудани фикрро мефаҳмонад. Ҷумлае, ки дар охири он нуқта гузошта шудааст, мазмуни хабарӣ дошта, воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолат, вазъияту муносибат ва ё ҳодисаю воқеаро мефаҳмонад.

**2.** Дар ҳолати бо оҳанги оромона баён кардани орзу, дуои хайр, таҳсин ва ғайра дар охири ҷумла ба ҷои аломати хитоб нуқта гузошта мешавад:

Офарин бар ин гуна пешсафони мусобиқа. Эй ҳоқони аъзам, ҷовидон зинда ва фархунда бош.

**3.** Дар вақти ихтисор, кӯтоҳ кардани номҳо низ аломати нуқта гузошта мешавад:

**a.** дар вақти навиштани нишона вобаста ба калимаҳои маъмурию ҷуғрофӣ аз қабили вилоят, шаҳр, шаҳрак, деҳа ва ғ.;

**b.** дар вақти навиштани ному насаб ва ё лақабу тахаллуси одамон:

**c.** дар вақти кӯтоҳ карда шудани калимаҳои рафиқ, профессор, дотсент пас аз ҳиссаи сабтшуда;

**d.** дар вақти ба ҳисоб гирифтани тартибу миқдори предметҳои ҷудогона пас аз калимаҳои кӯтоҳшудаи сол, саҳифа, ҷилд, метр.

**4.** Ҳангоми тартиб додани феҳристи адабиёт чунин талабот муқаррар шудааст:

➢ *ному насаби муаллиф (нуқта), номи асар (нуқта ва тире), ҷои нашр (аломати баён), матбуот (вергул), соли нашр (нуқта ва нимтире), саҳифа(нуқта):*

Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. – Душанбе: Маориф,1985.-48 с.

**5.** Дар матн нуқта дар ҳолатҳои зерин гузошта намешавад:

**a.** дар охири сарлавҳаҳо;

**b.** дар охири фамилияи муаллиф, номи китобҳои дарсӣ, илмӣ, бадеӣ ва ғ…

**c.** дар охири унвонҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки моҳияти маъноии онҳо низ ба тамоми матн алоқа дорад;

**d.** дар охири калимаҳои кӯтоҳшудаи таркибӣ: ШМА, ВАО, АИ, ДДС…

**e.** дар охири калимаҳои грамм, кг, сентнер, см, метр, км ва монанди инҳо, ки ченакҳои миқдор ва ё ҳаҷму сатҳ мебошанд.

❖ ***Аломати хитоб ( ! ).*** Мо ҳангоми нақл, пурсиш ва амр кардан фикри худро дар ҳолатҳои ором, ҳиссиёт, ҳаяҷон, хурсанду андӯҳ ва тааҷҷубу тарс ва ё завқу шавқи баланд ифода мекунем. Бинобар ин дар ин ҳолатҳо аломати хитоб ду вазифаро иҷро мекунад:

**a.** дар охири ҷумла омада ҳудуди онро нишон медиҳад;

**b.** дар чӣ гуна ҳолат баён гардидани фикри моро муайян мекунад. Дар ин ҳолат ҷумла маъниҳои шодмонӣ, нафрат, хурсандӣ, нафрат, қаҳру ғазаб, исёну тааҷҷуб, ҳайрат ва ғайраро ифода мекунад;

**c.** дар чунин мавридҳо ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва амрӣ оҳанги хитоб мегиранд ва дар охири онҳо ҳатман аломати хитоб гузошта мешавад.

– *Аломати хитоб* дар охири ҳамон ҷумлаҳое гузошта мешавад, ки маънои пурраи фармоишро ифода мекунанд;

– *Аломати хитоб* дар охири ҳама гуна ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва яккалимагӣ гузошта мешавад, ки бо оҳанги хитоб талаффуз мегарданд;

– *Аломати хитоб* пас аз мухотабҳо, сарфи назар аз мавқеи онҳо (дар аввал, мобайн ё охири ҷумла), ки бо оҳанги баланд талаффуз мешаванд, гузошта мешавад;

– Пас аз нидоҳо ё калимаю ибораҳои ба вазифаи нидо омада, қатъи назар аз мавқеашон, онҳо агар аз дигар аъзои ҷумла бо шиддат талаффуз шаванд, бо аломати хитоб ҷудо карда мешаванд;

– Калимаҳои тасдиқу инкор *(ҳа, хуб ,бале, албатта, оре, не)* агар бо шиддат талаффуз шуда, маънии писханд ё қатъиятро фаҳмонанд, дар ҳар куҷои ҷумла омада бошанд ҳам, пас аз онҳо *аломати хитоб* гузошта мешавад;

– Агар дар ҷумлаҳои хитобӣ маънои таҳқир, қатъият ва ё ҳиссу ҳаяҷони пуршӯру баланд ифода ёфта бошад, баъди онҳо то се аломати хитоб гузошта мешавад.

❖ ***Аломати савол ( ? ).*** Аломати савол пурсишро мефаҳмонад ва монанди аломати хитоб ду вазифаро иҷро мекунад:

- Якум, аломати савол аз ҷиҳати синтаксисӣ ҳудуди ҷумлаи ба охир расидаро муайян мекунад.
- Дуюм, аз ҷиҳати маънию мантиқ мазмунҳои савол, пурсиш ва илтимосро ифода мекунад.

Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ барои ифодаи пурсиш се воситаи асосии саволӣ кор фармуда мешавад:

*a.* ҷонишинҳои саволӣ (пурсишҷонишинҳо): *кӣ, кадом, чанд, куҷо, чӣ гуна, чӣ сон, чӣ зайл, чӣ тариқа, чӣ тавр;*

b. ҳиссачаҳои саволӣ: *-а, -чӣ, -ё, магар, наход...;*

c. интонатсия (оҳанг) *тарзи талаффуз, оҳангҳои ахборӣ, пурсиш, ангезиш, мурочаат, номбарӣ.*

❖ ***Аломати вергул ( , ).*** Вергул ҳамон аломати китобатиест, ки дар ҷумла ҳудуди лаҳнро нишон медиҳад. Ин аломат дар таркиби ҷумлаҳои сода барои аз якдигар ҷудо кардани аъзоҳои чидаи ҷумла, барои нишон додани мухотаб, калимаю таркибҳо, ибораҳо, ҷумлаҳои туфайлӣ, нидоҳо, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб барои аз ҳамдигар ҷудо кардани фосилаи ҷумлаҳои сода ва махсусан, ҷумлаҳои пайрав хизмат мекунад.

Албатта, ин хизматҳо аз лиҳози вазифаҳои грамматикии вергул аст. Аммо *аломати вергул* бо маънои ҷумла ҳам алоқаи зичи ҷудонопазир дорад. Чунки ҳудуди ҷумлаҳо на танҳо ҳудуди грамматикиро ифода мекунанд, инчунин ҳудуди маъноҳоро низ нишон медиҳанд.

**1.** Ҷумлаҳои чидааъзо. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла дар он вақт вергул гузошта мешавад, ки агар онҳо ба ҳамдигар бо пайвандакҳои пайвандаки *ва, - у (-ю)* пайваст набошанд.

**2.** Барои ҷудо кардани мухотаб. Дар ин ҳолат чунин қоида бояд риоя карда шавад:

a. мухотаб дар аввали ҷумла ояд, баъд аз он вергул гузошта мешавад;

b. агар мухотаб дар мобайни ҷумла омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад;

c. агар мухотаб дар охири ҷумла омада бошад, вергул пеш аз он гузошта мешавад.

**3.** Барои ҷудо кардани нидо: *Оҳ, Салимхон, омадед?*

**4.** Барои ҷудо кардани нидои тасдиқ *(ҳа, бале, оре)* ва инкор *(не, на).*

**5.** Барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содае, ки дар таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак омадаанд: *Золи Зар зуд аз асп фуруд омада ба Баҳман таъзим кард, Баҳман ҳам пиёда шуд, дуяшон чанде пурсу посух карданд.*

**6.** Дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор бошад, вергул пеш аз пайвандакҳои хилофии *аммо, вале, лекин...* гузошта мешавад.

**7.** Дар байни сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав ҳама вақт аломати вергул гузошта мешавад.

❖ ***Нуқтавергул ( ; ).*** Нуқтавергул бештар дар байни ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккабе гузошта мешавад, ки байни ҷузъҳо аломати китобатии дигар, чунончи, вергулҳо ҷой дошта бошанд ва дар ин ҳолат ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб мустақилияти сохту таркиби худро нигоҳ дошта, танҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно бо якдигар алоқаманд мегарданд.

Ба ин тариқ, *нуқтавергул*, ки онҳо дар асл ҷумлаи содаи тафсилӣ ва ё мураккаб буда, байни худ якчанд вергул доранд ва дар вақти бепайвандак бо якдигар алоқаманд гардидан як ҷумлаи мураккаби типи пайваст ва ё мураккаби омехтаро ташкил мекунанд.

❖ ***Аломати баён ( : ).*** дар охири калима, ибора ё ҷумлаҳои шарҳу эзоҳталаб гузошта мешавад:

**1.** Дар охири калимаи хулосакунанда, ки пас аз он аъзоҳои ҷумла чида шуда меоянд: *Ба ҷашни Борбад аз мамлакатҳои дунё меҳмонони гуногун омадаанд: ҳиндуҳо, эрониҳо, олмонҳо...*

***2.*** Барои ҷудо кардани ҳудуди ҷумлаҳои сода, ки дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак омада, бо ҳамдигар муносибати сабабу натиҷа доранд ва яке дигареро шарҳ медиҳад: *Дили Сайфиддинов саҳл ором ёфт: инҳо ревизор набуданд.*

**3.** Дар муколама ва сӯҳбат ҳудуди суханони муаллифон ва нутқи айнан нақлшударо муқаррар мекунад.

***Эзоҳ:*** *Нутқи айнан нақлшуда гоҳо бо пайвандаки "ки" ҳам ба сухани муаллиф васл мешавад. Дар ин сурат аломати баён баъд аз пайвандак гузошта мешавад.*

Агар пайвандаки "ки" ҷумлаи пайравро, ки ба тарзи нутқи мазмунан нақлшуда сурат гирифтааст, ба сарҷумла (сухани муаллиф) тобеъ намояд, пас аз пайвандак аломати баён гузошта мешавад: ... *бо*

*афсӯсу надомат дар дил мегузаронд, ки: бо тани бесипар чӣ гуна разм мекарда бошад… (С.Улуғзода.).*

❖ ***Аломати бисёрнуқта (…).*** Нотамомии фикр, андешамандиро ифода карда, дар ҳолатҳои зерин вомехӯрад:

**1.** Дар ҷумла бисёрнуқта дар он мавридҳо гузошта мешавад, ки агар фикр нотамом, давомдор ва ё қатъ гардад. *Мисол: Ман гиря мекардам, ба эътироз кардан ё худ имдод талабидан ҷуръат ва мадоре надоштам... (Ф.Муҳаммадиев).*

**2.** Дар ҷумла, бисёрнуқта ба ҷои ҳамон калимаю ибораҳое гузошта мешавад, ки аз рӯи одоб навиштани онҳо раво нест.

**3.** Дар оғози ҷумла барои нишон додани ҷои канда (бурида) шудани нутқ, ки партофта шудаасту маҳз аз ҷои зарурӣ шурӯъ мегардад: *... Не, вай бояд фаҳмад, ки ҳозир вақти ...*

**4.** Дар иқтибос ба ихтисори матн (аз аввал, мобайн ва ё охир) далолат мекунад.

**5.** Дар вақти ҷавоб надодан ба пурсиш.

❖ ***Аломати қавс ( ).*** Ҳудуди калима, ибора, ҷумлаҳои сода ва ҳатто якчанд ҷумлаҳои шарҳу эзоҳшавандаро нишон медиҳад, ки ба матни асосӣ алоқаи грамматикӣ надорад, он баъзан аз ҷиҳати вазифа ба *“аломати тире”* ва калимаи *“яъне”* баробар шуда метавонад. Аммо дар иҷрои вазифаи грамматикӣ ва услубӣ ҳаргиз бо тире баробар шуда наметавонад. Аломати қавс дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

**1.** Барои ҷудо кардани аъзоҳои чидаи ҷумла, ки баъд аз калимаҳои хулосакунанда бо мақсади тавзеҳ кор фармуда мешавад:

*Зардолуҳои пешпазак (ҷавпазак, моҳтобӣ, лучак) кайҳо пухтаанд. Умуман, маъмурони амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимҳо ва дигарон) аз хазина моҳона намегирифтанд ва бо ягон роҳе, ки аз замони пеш одат шуда омадааст, маишати худро таъмин карда, ба амир ҳам пешкаш мекарданд.*

**2.** Барои ҷудо кардани воҳидҳои туфайлӣ, ки барои возеҳ намудани нутқ хизмат мекунанд ва ё маълумотеро ба гуфтаи аввал зам менамоянд:

*Дар он ҷо коллективона лӯбиёшӯрак пухта мехӯрдем (ман лӯбиёшӯракпазиро дар қисми дуввуми романи “Ғуломон” тасвир кардам).*

**3.** Барои эзоҳи калимаҳои камистеъмол, кӯҳнашудаю аз истеъмол монда, шевагӣ, истилоҳҳои соҳавӣ муродифҳои маълуму машҳури

онҳо дар дохили қавс зикр мешаванд. *М: Офтоби форами моҳи мизон (сентябр) ҳавои Ёвонро монанди ҳавои баҳорони беборон хушу хуррам гардонида буд.*

**4.** Барои шарҳу эзоҳи таъбири ибора ва ҷумлаҳои душворфаҳм ва мақолу зарбулмасалҳои арабӣ кор фармуда мешавад. *М: Хати "насаълиқ" (хате, ки аз хатҳои "насх" ва "таълиқ" ба вуҷуд омадааст) пеш аз замони Навоӣ баромада буд. Ё мурсаларриёҳ (Эй фиристонандаи бодҳо!) – гӯён ба дуохонии худ шиддат медод.*

**5.** Дар асарҳои драмавӣ (намоишӣ) қайду эзоҳҳое, ки оид ба амалу ҳолатҳои қаҳрамонон дахл доранд, дар қавс нишон дода мешаванд. Мисол:

*Тариэл (аз шипанг ҷаҳида баромада): Лайло, ман дар ин ҷо!*

*Марта: (ба тарафи Лайло меравад): Чӣ гап шуд, ҷони хола?*

❖ ***Аломати нохунак ( "" ).*** Барои аз матни умумӣ фарқ кунонидан сухани матлуб ба нохунак дар мавридҳои зерин гирифта мешавад:

***a.*** номи асарҳои илмӣ, бадеӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, тиббӣ: *"Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров, "Китоб-уш-шифо"-и Ибни Сино...*

**b.** номи маҳаллаю нашриёт, рӯзнома, муассисаю ташкилот, поезду киштиҳо, заводу фабрикаҳо: *Нашриёти "Дониш", рӯзномаи "Овози Самарқанд"*

**c.** нутқи айнан нақлшуда, иқтибосоти барои тасдиқи фикр аз асарҳои дигарон оварда: *Абӯ Солики Гургонӣ дар ситоиши маҳбубаи худ навиштааст:*

*"Дар ин замона буте нест аз ту некӯтар,*
*На бар ту бар шамане аз раҳит мушфиқтар"!*

*"Маснавиии "Офариннома" – мегӯяд, Абдулғанӣ Мирзоев – асари ахлоқӣ мебошад."*

**d.** калимаҳое, ки ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ омадаанд:

*Қадами "ворисон"-и Шоҳиҷаҳон,*
*Канда гардад зи хоки Ҳиндустон.*

❖ ***Аломати тире ( – ).*** Аломтати тире дар матн ба вазифаҳои маъноӣ, грамматикӣ ва услубӣ кор фармуда мешавад. Дар байни ҳамаи ин вазифаҳо вазифаи грамматикии тире зиёдтар аст. Чанд қоидаи истеъмоли он дар вазифаи зерин ошкор аст:

**a.** байни таркибҳои мубтадо ва хабарҳои номӣ:

Шумо – ба ҳирсу молу зар,
Шумо – ба фикри мулку шон …

**b.** пеш аз калимаҳои хулосакунанда: *Дар ин майдони сабзавот ва обчакорӣ, сабзӣ, пиёз, шалғамча, бодиринг – ҳама гуна сабзавот ёфт мешуданд.*

**c.** дар нутқи айнан нақлшуда: – *Агар ман, – гуфт касе, – дастҳои Бобомуродро нигоҳ намедоштам, ӯ, албатта, сари Ғафурро зада мекафонд.*

Агар *вергул* аломати ҷудокунандаи ҳудуди калимаҳо ва аъзои ҷумла бошад, *тире* аломати ҳамроҳкунанда ва якҷоякунандаи маънoҳо ҳам мебошад.

Ба воситаи тире якчанд мънои ба ҳамдигар наздик ва ҳатто алоқаманд низ нишон дода мешавад.

Агар хабари ҷумлаи хуллас бо исм ва бе бандакҳои хабарӣ ифода гардида бошад, дар байни мубтадою хабар аломати тире гузошта мешавад. Мисол: Тошкент – пойтахти Ӯзбекистон, Механика – қисми физика, Уқоб – паррандаи соҳибчангол.

❖ ***Аломати нимтире ( - )***. Нимтире аломати хеле серистеъмол аст. Ин аломат бештар дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

**a.** дар байни калимаҳои якхелаи такрор: *давон-давон, тозон-тозон…*

**b.** лақабҳои бо исми хос омадаи беизофӣ: *Қорӣ-Шикамба, Ҳошим-Корвон, Дилором-каниз…*

**c.** дар номҳои таркибии ҷуғрофӣ: *Порт-Артур, Волга-Дон, Порт-Саид…*

**d.** дар байни калимаҳое, ки ҷузъи дуюмашон ба сари худ маъно надоранд;

**e.** дар байни калимаҳои тақлидӣ;

**f.** дар байни сифатҳои таъкидӣ;

**g.** дар байни сифатҳои таркибии нисбӣ: *Корҳои оммавӣ-сиёсӣ, базаи моддӣ-техникӣ, китобҳои таърихӣ-адабӣ…*

**h.** дар назм ба ҷои пешоянд ва пайвандакҳои кӯтоҳшуда: *з-ин, з-он, в-он, к-аз…*

**i.** дар ҳиссачаҳои охири калимаҳо омада: *дидед-а, омадед-ку, гӯям-чӣ…*

**j.** дар байни нидоҳои такрор: *ҳай-ҳай, бай-бай, воҳ-воҳ…*

**k.** пеш аз пасоянди “-ро”, ки калимаҳо дар нохунак ё қавс гирифта шудаанд. *“Созӣ мунаввар”-ро ..., “Овози тоҷик”-ро...*

l. пеш аз бандаки изофӣ, ки калима ё ибораҳо дар қавс ё нохунак гирифта шудаанд: *Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърифи “Хамса”-и Навоӣ суханҳои дилписанде гуфтааст.*

Мавриди зикр аст, ки ҳамсадоҳои мушаддад дар калимаҳои аслии тоҷикӣ (эронӣ) ва ҳам дар калимаҳои иқтибосӣ (арабӣ, туркию ӯзбекӣ, русию аврупоӣ) дучор мешаванд. Муқаррар намудани қонуну қоидаҳои ташдиднок шудани калимаҳои иқтибосӣ мушкил аст, зеро хусусияти ҷудогонаи онҳо дар заминаи сарчашмаи аслии худ ба вуҷуд омада, ба табиату қонунҳои дохилии забони тоҷикӣ вобаста нест, аммо барои имлои дурусти забони тоҷикӣ мо дар қисмати алоҳида, бо рукни *“Моҳияти фонетикии ҳамсадоҳои мушаддад”* пешкаш намудем.

## Савол ва супоришот:

1. Принсипҳои имлоро шарҳ диҳед.
2. Алоқамандона бо қоидаҳои имло меъёрҳои талаффузи овозҳои ҳамсадоро ба хотир оред.
3. Таносуби овоз ва ҳарф, умумият ва тафовути онҳо дар чист?
4. Сабабҳои аз алифбои забони тоҷикӣ баровардани чор ҳарфи русиро фаҳмонед.
5. Вазифаи амалии аломатҳои китобатӣ дар ҷумла аз чӣ иборат аст?
6. Нуқтавергул дар кадом ҳолатҳо гузошта мешавад?
7. Вазифаҳои асосии аломати хитоб дар ҷумла аз чӣ иборат аст?
8. Дар кадом ҷумлаҳо аломати саволу хитоб якҷоя гузошта мешаванд?
9. Дар кадом ҳолат дар ҷумлаҳои хитобӣ ду ва ё зиёда аломати хитоб гузошта мешавад?
10. Ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ, амрӣ ва тобишҳои ҳиссӣ – муассирии онҳоро фаҳмонед. Мавқеи аломат дар ҷумлаҳои фавқуззикр.

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Бо назардошти мавқеи аломатҳои китобат матн тартиб диҳед ва иштироки аломатҳоро ба инобат гиред.

- ❖ Имлои вожаҳои зеринро мувофиқи имлои забони тоҷикӣ корбурд намуда ҷумла нависед: *Ассимиляция, диссимиляция, реакция, глобализация, апрель, автомобиль, объект, субъект, сентябрь, Нью-Йорк, Щорс.*
- ❖ Дар кадом ҳолат пайвандакҳо бо нимтире навишта мешаванд, бо мисол фикратонро мустаҳкам кунед.
- ❖ Присипҳои асосии имлои забони тоҷикиро шарҳ диҳед ва дар асоси ҳар як принсип аз асарҳои назмиву насрӣ мисол биёред.
- ❖ Андешаҳои бузургонро оид ба мақоми забон нависед ва ба аломатҳо эътибор дода хонед.

**Адабиёт:**


1. Бобомуродова М., Шоев Р. Фонетика. (Роҳнамои таълим барои ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик). – Душанбе: “ЭР-граф”, 2017.-200с.
2. Имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1999.-34 с.
3. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. /Мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир, 2013.-40 с.
4. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. /мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир, 2013.-40 с.
5. Маниёзов А., Мирзоев А. Луғати имло. – Душанбе: Маориф, 1991.
6. Обидов У., Каримов Ш. Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф,1995.
7. Ӯктами Холиқназар. Ғалат менависем. Фарҳанги душвориҳои забони форсии тоҷикӣ. – Душанбе: 2000.-252 с.
8. https://ru.m.wikipedia.org

# Хат ва пайдоиши он

**Хат ва пайдоиши он.** Хат бо таърихи башар алоқаи узвӣ дорад, вай баробари пешравию тараққии ҷамъият такмил ёфта, суфта шуда, дар шакли имрӯза то ба мо омада расид. Инсони ибтидоӣ на забон дошту на хат. Вақте ки байни инсонҳо барои фикри худро ба дигарон фаҳмонидан ва аз фикри дигарон бохабар шудан талаботе зуҳур ёфт, забон ба вуҷуд омад. Пайдоиши забон ҳодисаи ниҳоят мураккаб буда, ҷараёни дуру дарозро тай кардааст. Инсони ибтидоӣ тараққӣ кард, ба пеш ҳаракат намуд, дар натиҷа гурӯҳҳои хурд-хурди авлодӣ, қабилаҳо ва иттифоқи қабилаҳо ташкил ёфт. Акнун инсони ибтидоро лозим меомад, ки на танҳо ба авлоду қавми худ, балки бо қавму қабилаҳои дигар робитаю алоқа ба миён орад, мақсади худро ба мардум баён кунад. Аммо нутқи овозӣ дар ин шароити таърихӣ тамоми эҳтиёҷи ӯро қонеъ кунонида наметавонист, чунки нутқи овозиро аз як ҷо ба ҷои дигар фиристодан мумкин набуд ва барои ин эҳтиёҷ бевосита **хат** ихтироъ гардид.

Пайдоиш ва тараққиёти хат чун воситаи алоқа ба таърихи ҷамъияти инсон вобаста аст. Хат мувофиқи зарурати ҷамъият ба вуҷуд омада, на танҳо воситаи алоқаи байни одамон, балки воситаи муҳимтарини тараққиёти илму маданият ҳам гардидааст. Хатҳои аввалин тахминан 6-8 ҳазор сол пеш ба вуҷуд омадааст. Хат барои ба қабилаҳои дигар ва ба наслҳои минбаъда баён намудани фикр ба вуҷуд омадааст. Хатҳои аввалин аз номаҳо ва навиштаҷотҳои сари қабр иборат буд. Вале баъдтар бо мурури замон ва тараққиёти ҷамъият функсияи хат ҳам зиёд шуд. Роли хат дар тараққиёт ва инкишофи тафаккури илмӣ ниҳоят бузург аст, зеро азбаски навигариҳо қайд мешаванд, онро ҳар як шахси хоҳишманд истифода бурда метавонад.

То пайдоиши хат одамон аз предметҳо ва рамзи онҳо чун воситаи алоқа истифода мебурданд. Масалан бо навбат чилим кашидани қабилаҳои бо ҳам зид нишонаи сулҳ, ё ки пешкаш кардани нону намак (дар славянҳо), бардоштани парчами сафед (байроқ) нишонаи дӯстӣ мебошад.

**Асоситарин фарқи хат аз нутқи овозӣ дар он аст, ки агар хат ҳамчун ашёи аёнӣ ба воситаи қувваи босира (бинойӣ) дарк карда шавад, нутқи овозӣ бо ёрии қувваи сомеа (шунавоӣ) эҳсос мегардад.**

Пайдоиши хат яке аз кашфиётҳои бузурги инсонӣ аст, ки аҳамияти онро дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо пайдоиши оташ дар як радиф гузоштанд. Ин баробарвазнӣ асос дорад. Пайдоиши оташ инсониятро ба куллӣ аз ҳайвон фарқ кунонида бошад, пайдоиши хат дар инкишофи маънавию мадании одамон ва инкишофу тараққиёти забон як омили бузурге ба ҳисоб меравад.

Донишмандон хатро вобаста ба ифодаи нутқ ба чаҳор гурӯҳи асосӣ ҷудо намуданд:

1. Хати ҷумлавӣ ё ки фразограмма (фраза – ҷумла, графия – менависам) – хате, ки хабари томро мерасонад.
2. Хати калимавӣ ё (логос – калима) – хате, ки ҳар аломати он як калимаро нишон медод.
3. Хати ҳиҷоӣ ё силлабограмма (силлабос – ҳиҷо) – хате, ки ҳар аломати он ба як ҳиҷо баробар аст.
4. Хати овозӣ ё фонограмма (фонос – садо, овоз) – хате, ки ҳар аломати он як садо ва як овозро ифода мекунад.

**Хати ҷумлавӣ (фразограмма)** хабари томро расонида, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: **хати аксӣ, тасвирӣ ва аломатҳои шартии қадима.**

Пайдоиши хат ба санъати тасвирии қадим вобастагии қавӣ дорад, зеро санъати тасвирии қадим сарчашмаи пайдоиши аввалин хат гардидааст. Қадимтарин осори санъати тасвирӣ 30-40 ҳазор сол пеш аз мелод ба вуҷуд омадааст, вале он аксҳоро чун хат маънидод кардан мумкин нест. Онҳо ҷудо-ҷудо буда, ба якдигар вобастагӣ надоранд. Аммо дертар дар маданияти мезолит (10-15 ҳазор сол пеш аз м.) унсурҳои хат пайдо шуд ва комилан сурат гирифтани хати аксӣ ба давраи неолит (6-8 ҳазор сол пеш аз м.) тааллуқ дорад.

❖ **Хати аксӣ, тасвирӣ (пиктограмма).** Хати аввалинро ***хати аксӣ,*** тасвирӣ, нақшу нигорӣ (пиктограмма) мегӯянд. Калимаи **пиктография** аз ду ҷузъ "*pictus*" (расм ё тасвир) калимаи лотинӣ буда, "*grapho*" (менависам) юнонӣ аст. Дар ин хат фикр дар расм кашида мешавад (парранда, ҳайвонот, хона, дарахт, об, киштӣ,

одам ва ғ.) ва барои ин хат хониш ва навишти махсус низ лозим нест. Хати пиктографӣ барои халқҳои гуногунзабон фаҳмо мабошад. Ҳоло низ вариантҳои гуногуни ин хат ба кор бурда мешавад, дар намоишҳо ва нишонаҳо дида мешавад. Азбаски дар баъзе маврид корбурди ин хат ғайриимкон буд ва ҳамчунин вақти зиёдро талаб мекард мардум оҳиста-оҳиста намуди хати дигарро қабул карданд.

Навъи дигари хати ҷумлавӣ *аломатҳои шартии қадим* мебошад, ки пештар аз хати аксӣ ба вуҷуд омадааст. Аломатҳои шартӣ барои ба кӣ тааллуқ доштани ашё истифода мешуданд. Масалан, аломатҳои шахсӣ ва авлодию қабилавиро гирем. Онҳо дар аслиҳа, ҳайвоноти хонагӣ ва маснуоти сафолӣ гузошта мешуданд. Чорводор, барои он ки чорвояш ба моли дигарон иваз нашавад, ёки онҳоро зуд фарқ карда тавонад, дар гӯши онҳо ба тарзи махсус аломат мегузошт (ба бузу гӯсфанд). Ҳукмронон дар болои тангаҳо, мӯҳрҳо, гербу нишонҳои давлати худ ва ҳунармандон бар маҳсули эҷоди худ барои нишона аломатҳои махсус мегузоштанд. Унсурҳои аломатҳои шартии қадим имрӯз ҳам аз ҷониби ҷаҳониён дар истеъмол аст.

**Хати калимагӣ(логограмма)** дар асоси хати ҷумлавӣ, махсусан навъи асосии он – хати аксӣ ба вуҷуд омадааст. Хати аксӣ гарчанд таълими махсусро талаб намекард, аммо мантиқан дарк намудани он душвориҳо пеш меовард. Дар натиҷа бо мурури замон тасвирҳои аксиро ба аломатҳои тасвирӣ табдил доданд, дар шакли муайян, бо тартиб ҷобаҷо гузоштанд, ки як мазмун, ғоя (идея)-ро ифода намуда тавонист. Аз ин боис хати калимагиро логограмма ва ё идеограмма низ меноманд.

❖ *Идеография* калимаи юнонӣ буда, мафҳум ва маъниро ифода мекунад. Агар пиктограмма предметро тасвир кунад, идеограмма маъниро мефаҳмонад. Идеограмма айнан тасвир кардани расми предмети ифодашавандаро талаб намекунад, бинобар ин вай ба аломати шартии ифодакунандаи маъно мубаддал мешавад. Аломатҳои математикии ҷамъ (+), зарб (×), баробарӣ (=), тарҳ (-) ба хати идеографӣ мисол шуда метавонад. Яке аз намудҳои хати *идеографӣ иероглифика* мебошад. Ин калима юнонӣ буда, маънояш кандакории муқаддас ё хати муқаддас аст. Иероглифҳо чунин аломатҳои идеография мебошанд, ки дар кандакории онҳо то

андозае тасвири предмет, бо вуҷуди рамзӣ буданаш нигоҳ дошта мешавад. Масалан, дар иероглифҳои Миср расми пой ба маънои роҳ рафтан, доираи нуқтадор офтоб ва қаноти парранда ба маънои паридан истифода шудааст. Хати иероглифӣ устувор аст, зеро баъзе халқҳо (дар Хитой) то ҳол аз он истифода мебаранд. Хати иероглифӣ аз баъзе ҷиҳатҳо то андозае аз хати фонография, ки онро иваз кардааст, беҳбудӣ дорад. Ишораҳои ин хат аз тарафи халқҳои гуногун фаҳмида мешавад. Ҳоло низ аз ҷониби японҳо, хитоиҳо ва корейсҳо бетағйирот қабул карда шудааст.

Бояд гуфт, хати идеографӣ бо баъзе хусусиятҳояш аз хати пиктографӣ бартарӣ дорад:

**a.** Хати идеографӣ ҳама гуна маъниро хоҳ моддӣ ва хоҳ маънӣ саҳеҳ ва пурра ифода карда метавонад.

**b.** Хати идеографӣ баъзе унсурҳои сохти фикрро (монанди тартиби калимаҳо, таркиби шифоҳӣ, баъзе унсурҳои шакли грамматикӣ) ифода карда метавонад.

**c.** Вай аз маҷмӯи аломатҳои аник истифода мебарад.

Ҳамаи хатҳои калимавӣ оҳиста-оҳиста хусусияти тасвирии худро гум карда, сода мешуданд ва бо аломатҳои шартӣ табдил меёфтанд. Ин тағйирот натиҷаи дигар шудани маводи хатнависӣ буд. Дар ин вакт ба ҷои маводи сахт: санг, устухон, чӯб, оҳан ва монанди инҳо; маводи мулоим ва нафис: папирус, шоҳӣ, коғаз ва ғайраро истифода мебурданд.

***Хати ҳиҷогӣ. (силлабограмма).*** Баъди таҷриба ва тараққиёти дурударози ҷамъияту давлат, ки истифодаи хат низ вусъат ёфт, мардум бо хати калимавӣ эҳтиёҷи худро қонеъ карда натавонистанд. Зеро акнун на танҳо аҳли ҳукумат, балки барои табақаи зиёди мардум мулоқот бо хат лозим буд. Дар натиҷаи кӯшишу талаби мардум, қатъи назар аз зиддияти котибон хати ҳиҷогӣ ба миён омад, ки бо баъзе хусусиятҳояш аз хати калимавӣ бартарӣ дорад.

Бояд гуфт, ки аломатҳои ҳиҷоии қадимтарин дар хати шумерҳо – яке аз халқҳои арабзабон (тахминан се ҳазор сол пеш аз эраи мо) ба вуҷуд омадааст. Қабилаҳои Аккадӣ дар аввали ҳазораи III, Ошӯру Бобул дар охири ҳазорсолаи III хати шумериро қабул карданд.

**Муҳимтарин хатҳое, ки аз хати финикӣ – оромӣ шакл гирифтаанд:**

1. Хати яҳудӣ ва навъҳои он;
2. Сурёнӣ ва навъҳои он, ки яке аз онҳо монавист;
3. Хати форсӣ;
4. Хати арабӣ ва навъҳои он.

Дар охири ҳазорсолаи III пеш аз мелод хати эламӣ бо таъсири аккодиҳо шакли мехӣ гирифт. Хати мехӣ такомули худро дар хати мехии форсии ҳахоманишӣ дарёфт.

Дар *хати ҳиҷогӣ – силлабӣ* аломати графикӣ барои ифодаи ҳиҷо хизмат мекунад. Аломатҳои хати ҳиҷогӣ на як овоз, балки як ҳиҷоро ифода мекунад. Ин хусусият ба хати мехӣ, паҳлавӣ ва арабӣ, ҳиндӣ низ хос аст. Як намуди ин хат девонагарӣ ном дошта, дар забони санскрит истифода мешавад ва имрӯз баъзе забонҳои ҳиндӣ низ истифода мебаранд.

Хати қадимаи юнониён, хати мехии месопотамӣ ва хати ҳозираи идеографии хитоӣ буда, ба системаи маълуми хати идеографӣ тааллуқ дорад.

**Хати овозӣ (фонограмма).** Пайдоиши хати ҳарфӣ-овозӣ (фонограмма**)** ба нимаи дуюми ҳазорсолаи II-и пеш аз мелод тааллуқ дорад. Хати ҳарфӣ-овозӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад.

1. *Хати консонантӣ (овозӣ)* лот. consonans, consontantis - ҳамсадо. Системаи ҳамсадоҳои забон, хусусият ва муносибати онҳоро ифода мекунад. Ин хат, асосан аз забони сомӣ (арабӣ, яҳудӣ, финикӣ) ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Дар ин забонҳо решаи калима танҳо бо ҳамсадоҳо ифода мегардад. Садонокҳо бошад барои нишон додани маънои грамматикӣ хизмат карда, аломатҳои болоисатрӣ ва поёнисатрӣ (диакритикӣ) мегиранд. *Хати вокалӣ* (лот. vocalus – садонокҳо), ки аломатҳои он ҳамсадою садонокро баробар нишон медиҳад: а, б, о, у, г, д. Қадимтарин ёдгории хати финикӣ ба асрҳои XII-X пеш аз мелод тааллуқ дорад.

Хати ҳарфӣ-овозӣ аз ибтидои ҳазорсолаи пеш аз мелод паҳн шудан гирифт, ки он, асосан бо ду роҳ ҷараён ёфт:

1. Дар шарқ аз хати финикӣ хати оромӣ пайдо шуд, ки қариб аз он ҳамаи хатҳои ҳарфӣ-овозии қитъаи Осиё сарчашма гирифтаанд.
2. Дар ғарб аз хати финикӣ хати юнонӣ ба вуҷуд омад, ки асоси ҳамаи хатҳои аврупоӣ гардид. Хатҳои ғарб, аз юнонӣ сар карда, на бо роҳи консонантӣ, балки бо роҳи вакалӣ – овозӣ тараққӣ карданд.

Хати финикӣ қадимтарин хати овозӣ буда, танҳо ҳамсадоҳоро нишон медод. Он бо як тартиби муайян ҷой гирифта, ҳар як ҳарфаш ба худ ном дошт (алиф, бе, коф, мим, айн, нун).

Чуноне ки қайд намудем, хати финикӣ, оромӣ ва дигар хатҳои дар Шарқ аз онҳо ба вуҷудомада танҳо аз ҳамсадоҳо иборат буданд, садонокҳо навишта намешуданд. Овозҳои садонокро нахустин бор юнониҳо бо ҳарфҳои алифбоӣ ишора мекардагӣ шуданд. Ин боис шуд, ки ба воситаи он ҳар як забон аниқу равшан акс карда шавад. Ин воқеа дар асрҳои VIII-VII пеш аз мелод ба вуқӯъ пайваст. Хати юнонӣ низ аз хати финикӣ ба вуҷуд омадааст ва мисли он аввал аз рост ба чап навишта мешуд, аммо баъд баръакс аз чап ба рост менавиштагӣ шуданд.

Ҳамаи *хатҳои вокалӣ – овозӣ* аз хати юнонӣ ба вуҷуд омадаанд. Хати юнонӣ ба ду қисм ҷудо мешавад: *ғарбӣ ва шарқӣ.*

Аз хати юнонии ғарбӣ хатҳои *этрусӣ, лотинӣ, франсавӣ, немисӣ, англисӣ, итолиёӣ* ва ғайра пайдо шудаанд.

Аз хати юнонии шарқӣ хатҳои *контӣ, византиягӣ, арманӣ, гурузинӣ, славиянӣ, русӣ (асри IX), булғорӣ, сербӣ* ва ғ. ба вуҷуд омадаанд.

*Хати лотинӣ,* ки асоси бисёр хатҳои муосир гаштааст, дар асрҳои VIII-VII пеш аз мелод аз хати этрусии юнонӣ пайдо шудааст.

Хатҳои муосири немисию англисӣ (асри VIII), франсавӣ (асри XI), испанӣ, португалӣ, норвегӣ (асри XII), итолёӣ, шведӣ, даниягӣ, венгерӣ ва чехӣ (асри XIII) полякӣ (асри XV) аз *хати лотинӣ* ба вуҷуд омадаанд.

Хати лотинӣ имрӯз дар миқёси дунё мавқеи хос дорад. Ба ин ҳамаи нишонаҳои интернетӣ, номи доруворихо ва шакли овонависии хатҳои қадима мисол шуда метавонад.

Забони тоҷикӣ чунин хатҳоро аз сар гузаронидааст: *хати мехӣ, хати авестоӣ, суғдӣ, паҳлавӣ.* Аз асри IX то солҳои 1930 хати мо арабиасос буд. Аз соли 1930 то 1940 хати лотинӣ, аз соли 1940 то имрӯз хати тоҷикон русиасос (кириллӣ) мебошад.



**Расми 23. Намунаи хати мехӣ**

**Хати мехӣ.** Хати мехии форсии қадим хати расмии сулолаи Ҳахоманишиён буд, ки аз асри VII пеш аз мелод то истилои Искандари Мақдунӣ (соли 330 пеш аз мелод) ҳукмрон буданд ва давлати онҳо яке аз давлатҳои бузургтарини замона ба ҳисоб мерафт. Бунёдгузорони ин давлат Куруши Кабир (558-529 пеш аз мелод), Камбиз (529-522 пеш аз мелод) ва Доро 1 (522-486 пеш аз мелод) буданд. Давлати Ҳахоманишиён пас аз шӯриши қабилаҳои форс бар зидди ҳукумати мидиягиҳо ба миён омад ва баъдтар Мидияро низ ба худ тобеъ намуд. Ҳахоманишиён тамоми давлатҳои гирду атрофро забт намуданд ва ҳатто Мисрро чанде тобеи худ гардониданд.

Хати мехӣ, ки Ҳахоманишиён чун хати расмии давлатӣ қабул кардаанд, дар Бобулистони қадим пайдо шуда буд. Подшоҳони ҳахоманишӣ танҳо шакли ин хатро қабул кардаанду бас. Аломатҳои хати мехии онҳо аз хати мехии бобулӣ ва ошурӣ фарқ доштанд ва аз ин рӯ, хати мехии Ҳахоманишиён хати форсии қадим ном гирифтааст. Форсҳои қадим ба аломатҳои мехии бобулӣ ва ошурӣ аломатҳои дигар зам карда, бо ин восита садонокҳои забони худро ифода мекарданд.

Ақидаи дигаре ҳаст, ки гӯё хати мехии форсии қадим аз хати мехии мидиягӣ ба вуҷуд омада бошад, вале аз хати мидиягӣ то замони мо ҳеҷ аломате боқӣ намондааст.

Хати мехии форсии қадим баъди аз байн рафтани сулолаи Ҳахоманишиён барҳам хӯрд.

Хати мехии форсии қадим хати ҳиҷоист, яъне як аломат ба як ҳамсадо ва як садонок (мисли б:а, д:а, ф:а...) баробар аст. Вай 36 аломат дошт ва аз чап ба рост навишта мешуд. Танҳо чаҳор калима (бумӣ – замин, кишвар; худо – номи Аҳурамаздо; хшаявия – шоҳ; даҳю - вилоят)-ро бо аломатҳои махсус ишора мекарданд, ки он аз

хати калимавӣ боқӣ монда буд. Аз 36 аломати хати мехии форсӣ 3 адад ҳарфи садонок ва 33 то ҳамсадо буд.

Чунон ки маълум аст, хати мехӣ дар порчаҳои гилӣ навишта мешуд. Шоҳони ҳахоманишӣ корномаҳои худро дар санги мақбараҳо ва кӯҳи Бесутун (аслаш Бағастона, номи кӯҳест дар наздикии шаҳри Кирмоншоҳи Эрон) навиштаанд.

Қадимтарин ёдгории хати мехӣ ба давраи ҳукмронии шоҳони ҳахоманишӣ – Аршам ва Ариярамна (охири асри VII ва аввали асри V пеш аз мелод) нисбат дода мешавад, вале то ҳол ин ақида пурра исбот нагардидааст.

Яке аз муҳаққиқони сангнавиштаи Бесутун Р.Кент ин ёдгориҳоро ба асри V-IV пеш аз мелод нисбат медиҳад. Қадимтарин навиштаҷоти хати мехии форсии қадим ба номи Доро 1 алоқаманд аст. Баъзан ин хатро ба ӯ нисбат медиҳанд. Гарчи ин фикр дуруст нест, вале Доро барои ихтироъ ва ривоҷи хати мехии форсии қадим кӯшиш карда, корнома ва ғалабаҳои худро бо он дар кӯҳи Бесутун, 30 км дуртар аз Кирмоншоҳ, сабт кардааст. Дар ин мавзеъ навиштаҷоти дигаре низ пайдо шудааст, ки ба шоҳони сосонӣ дахл дорад ва яке аз онҳо Нақши Рустам ном гирифтааст. Дар бораи боқимондаҳои маданияти Ҳахоманишиён ва Сосониён дар байни мардум тасаввуроти нодуруст пайдо шудааст. Дар он ҷое, ки Нақши Рустам ном гирифтааст, подшоҳони сосонӣ Шопури 1 (241-272) ва империяи ҳафтодсолаи асирафтодаи Рим – Валерия, ки ба Шопур таъзим карда истодааст, нақш ёфтааст. Мардум тасвири Шопурро нақши паҳлавони машҳур – Рустами достон гумон кардаанд ва аз ин сабаб он ҷо ба номи Нақши Рустам машҳур гаштааст. Ё ки қабри Куруши Кабир (558-529 пеш аз мелод) мақбараи модари Сулаймон дониста мешуд.

То асри XV сангнавиштаҳои Ҳахоманишиён, аз ҷумла навиштаҷоти кӯҳи Бесутуни Дорошоҳ дар Европа маълум набуд.

Соли 1472 сафири Венетсия дар Эрон Иосифат Барбаро ҷойҳои таърихии Эрон (Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам)-ро дида, дар барои сафари худ чизҳои аҷибе навиштааст. Баъд аз ин сафири ва Испания ва Португалия де Гувеа (соли 1611), Ҷон Корбайти англис, Гарсиа де Силва Фигероаи португалӣ ба Эрон сафар карда, ба таърихи маданияти қадими он таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Нахустин

намунаи хати мехии форсии қадимро сайёҳи итолиёӣ Петро делла Валле соли 1621, ки аз вайронаҳои Пернесол (60 км дуртар аз Шероз)
ёфта буд, ба Венетсия мефиристад. Петро делла Валле аз рӯи аломати уреби такроршаванда исбот намуд, ки ин хат аз чап ба рост навишта шудааст.

Аввалин касе, ки ин хатро хати мехӣ номидааст, Энгелберт Кемпфер ном олими итолиёист, ки дар ин бора соли 1712 “Аҷоиботи кишварҳои дигар” ном китоберо ба табъ расонидааст. Баъдтар Карстен Нибур исбот кард, ки навиштаҷот ба се системаи хат тааллуқ дорад.

Соли 1798 Герхард Тихтен пешниҳод намуд, ки аломати уреб аломати калимаҳоро ҷудокунанда аст. Мюнтер аз рӯи сару либос ва аслиҳаи мардуми дар навиштаҷот аксёфта аз кадом халқҳо будани онҳоро муайян намуд ва ба асрҳои VI-V пеш аз мелод дахл доштани ин сарнавиштаҳоро қайд кард.

Як кашфиёти дигареро низ дар ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки он муайян намудани ном ва унвони шоҳони сосонӣ аз тарафи Силвестр де Саси мебошад. Ин кашфиёт дар қатори он кашфиёте, ки номбар кардем, ба муаллими гимназияи Германия – Гротефенд ёрӣ расонданд, ки якчанд аломати хати мехии форсии қадимро муайян намояд ва ба хондани қисматҳои аввали он муваффақ гардад. Гротефенд аз китобҳои таърихнависони юнонӣ низ истифода намуд ва гуфтан мумкин аст, ки ному унвони Доро ва пешвоёни ӯро аз сангнавишт хонда баромад (1802).

Беш аз ҳама дар кашфи асрори хати мехӣ афсари англис – Генрӣ Роулинсон муваффақият пайдо кард. Роулинсон (1810-1895) соли 1835 мушовири ҳарбии бародари шоҳи Эрон таъйин мегардад ва ба қароргоҳи ӯ шаҳри Кирмоншоҳ равон мешавад. Дар роҳ вай мефаҳмад, ки дар ҷанубтари шаҳри Ҳамадон, дар бағали кӯҳи Алванд навиштаҷоти хати мехӣ мавҷуд аст. Ӯ он навиштаҷотро, ки “Ганҷнома” ном дошт, нусхабардорӣ мекунад. Инчунин, вай дар Кирмоншоҳ хабар меёбад, ки дар кӯҳи Бесутун низ навиштаҷоте ба хати мехӣ вуҷуд дорад, ки ҳаҷмаш хеле калон аст. Баландии навиштаҷот 115 метр буда, 1000 сатр доштааст, ки 5 сутуни он (414 сатраш) ба забони форсии қадим, боқимондааш ба забони эламӣ ва бобулӣ мебошад. Роулинсон навиштаҷотро бо шавқи тамом пурра

рӯйнавис карда, баъди бозгашт ба Англия соли 1847 матни форсии қадими онро хонда тарҷума менамояд. Хониш ва тарҷумаи матнҳои эламӣ ва бобулиро соли 1851 анҷом медиҳад.

Дар миёнаи асри XIX бо кашфу тарҷума ва нашри хати мехии форсии қадим олимони дигар, аз ҷумла Т.Бенфей, Ж.Оппорт, Фр.Шпигел, К.Коссович машғул шудаанд. Бо вуҷуди ин бисёр олимон ба кашфи асрори хати мехӣ бовар надоштанд. Бинобар он Ҷамъияти осиёии шаҳаншоҳии Британияи Кабир барои тафтишу санҷиши ҳақиқати ҳол иқдоми ғайриоддие кард. Моҳи сентябри соли 1857, вақте ки чаҳор олими соҳаи хати мехӣ дар Лондон ҷамъ шуданд (Генри Роулинсон, Эдуард Хинкс, Фокс Талбот, Жюл Опперт), ба ҳар кадоми онҳо нусхаи хати мехии ба тозагӣ аксбардоришударо дода, илтимос намуданд, ки мустақил хонда, тарҷума кунанд. Олимон ба танҳоӣ матнҳоро тарҷума карда доданд. Ҷавобҳои онҳо дар вазъияти тантанадоре кушода шуд. Ҳайрати ҳозирон дар он буд, ки ҳар чаҳор тарҷума, ба ҳамдигар мувофиқ буд. Аз ин пас шакке намонд, ки сирри хати мехӣ ошкор шудааст. Дар аввалҳои асри XX ба Эрон аз мамлакатҳои Ғарб боз чандин экспедитсияҳо барои омӯзиши ёдгориҳои хати мехии форсии қадим ташкил шуданд.

Кори ҷамъбасткунанда оид ба сангнавиштаҳо (хати мехии форсии қадим) китоби олими амрикоӣ – Роланд Кент мебошад, ки соли 1953 чоп шудааст. Дар он тамоми матнҳо бо транскрипсияи лотинӣ оварда, ба забони англисӣ тарҷума шудаанд. Бар замми ин дар китоб грамматикаи забони форсии қадим ва лексикаи он таҳлил шудааст.

Умуман, кашфи асрори хати мехии форсии қадим барои хондани хати мехии бобулӣ, ошурӣ ва дигарҳо, ки аз хати мехии форсии қадим пештар навишта шуда, вале то асри XIX хонда нашуда буданд, калиде шуд. Бо ҳамин ба адабиёти қадими Бобулу Ошур роҳ кушода шуд. Ин як аҳамияти хати мехии форсии қадим аст. Аз тарафи дигар, сангнавиштаҳои хати мехии қадим аҳамияти калони таърихӣ, адабӣ ва забонӣ доранд. Онҳо ёдгориҳои қадимтарини забони форсӣ-тоҷикӣ мебошад.

**Хати авестоӣ.** “Авесто” яке аз ёдгорҳои адабӣ-бадеии халқҳои эронинажод мебошад, ки таърихи пайдоишаш ба ҳазорсолаи 1 пеш аз мелод мутааллиқ аст. Мувофиқи анъанаи дини

зардуштӣ ва ахбори китобҳои таърихии Масъудӣ – “Муруҷ-уз-заҳаб”, Ибни Балхӣ – “Форснома”, Табарӣ – “Таърих-ал-мулук ва-р-расул” ва тарҷумаи форсии он “Таърихи Балъамӣ”, “Авесто” пеш аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ як китоби бузурге буд, ки дар 1200 пӯсти гов навишта шуда буд. Аммо ӯ ин китоби муқаддасро сӯхта нобуд кард.

Павзанӣ ном таърихнигори юнонӣ менависад, ки ҳангоми ибодати зардуштиён “мӯбад аз рӯи китоб дуо мехонад”.

Чунин маълумотҳои ривоятӣ асоси таърихӣ низ доранд. Аз рӯи бозёфтҳои археологӣ илми ҳозиразамон исбот кардааст, ки забони авестоӣ дар асрҳои VI-V пеш аз мелод вуҷуд дошт ва порчаҳои ҷудогонаи он бо хати оромӣ навишта шуда буданд.

Соли 1938 аз Пули Дарунта (наздикии Кобул) навиштаҷоте ба номи шоҳи ҳиндӣ Ашокӣ ( асри III пеш аз мелод) пайдо шуд, ки дар он калимаҳои забони авестоӣ ба хати оромӣ навишта шудаанд.

Пас аз “Авесто”-ро сӯзондани Искандар аз нав навиштан ва барқарор кардани “Авесто” дар асри 1 мелодӣ, дар давраи шоҳи портӣ Валхашӣ 1 (51-78 мелодӣ) оғоз ёфт. Чунон ки гуфтем, то ин давра “Авесто” ба хати оромӣ навишта мешуд. Вале дар ин алифбо якчанд ҳарфҳо ихтироъ карда шудаанд, ки дар алифбои паҳлавӣ вуҷуд надоштанд. Мумкин аст, мӯбадони зардуштӣ аз алифбои юнонӣ ва ифодаи садонокҳо дар ин забон ибрат гирифта барои ифодаи садонокҳо ҳарфҳои алоҳида ихтиро намуда бошанд. Алифбои авестоӣ 48 ҳарф ва 49 аломатро дар бар мегирад, аз ҷумла, 14 ҳарф барои ифодаи овозҳои садонок ва 34 ҳарф барои овозҳои ҳамсадо ва сонантҳо муқаррар шуда буд. Барои ҳарфи “г” ду аломат истифода мешуд. Замони ихтирои хати авестоиро асрҳои III-IV мелодӣ гуфтан мумкин аст.

Пас аз ихтирои ин алифбо ғалатхониҳо рафъ шуданд. Фақат ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар замони Сосониён забони авестоӣ забони мурда ба ҳисоб мерафт ва тартибдиҳандагони “Авесто” на ҳамаи калима ва ибораҳои “Авесто”-ро дуруст ва бехато навиштаанд. Аз ин рӯ дар дастнависҳои “Авесто”, ки то давраи мо боқӣ мондаанд, ҷойҳои душворфаҳм хеле зиёд аст, чунки баъзе калимаҳои авестоӣ ба решаҳои забони ҳиндуориёӣ, ҳиндуаврупоӣ мутобиқ нестанд. Ба ғайр аз ин дар матнҳои авестоӣ

котибони минбаъда, ки онро пас аз давраи сосониён, пас аз ҳуҷуми хилофати араб китобат намуданд, ба хатоҳои зиёд роҳ доданд.



Расми 24. Хати авестоӣ

Яке аз нусхаҳои қадимтарини "Авесто", ки то замони мо расидааст, дар асри XIII мелодӣ китобат шудааст.

Азбаски дар шакли навиштаи матни "Авесто" ҳарфҳои садонок вуҷуд надошт, хондани он хеле мушкил шуда буд. Мӯбадону донишмандони зардуштӣ мехостанд "Авесто"-ро бо хате нависанд, ки хонданаш осон бошад ва тамоми овозҳои дар забони авестоӣ вуҷуддоштаро бо он ифода намудан имконпазир гардад. Дар дастнависҳои "Авесто", ки то замони мо расидаанд, матни авестоӣ бо тарҷумаи паҳлавӣ якҷоя омадааст ва ин шакл "Авесто ва Занд" ном дошт. Аввалин муҳаққиқони ғарбӣ забони авестоиро "забони зандӣ" номиданд. Баъдтар аз ин ақида даст кашида шуд ва истилоҳи "забони авестоӣ" қабул гардид.

Забони авестоӣ ба забонҳои суғдӣ, яғнобӣ ва помирӣ наздикӣ дорад. Хати авестоӣ "дин дабира" ном дошт. Вай, асосан аз хати оромӣ сар зада аст ва аз рост ба чап навишта мешавад. Шакли навишти ҳарфҳои авестоӣ чун ҳарфҳои паҳлавист.

Дар замони хилофати арабҳо "Авесто" бори дуввум зарар дид. Пайравони дини зардуштӣ, онҳое, ки дини исломро напазируфтанд, аксаран ба ҳинд ҳиҷрат карданд. Дар тоату ибодат ҳуҷҷатҳои динӣ порсиён аз забон ва хати авестоӣ истифода мебаранд. Дар корҳои идорӣ, ҳуҷҷатҳои давлатӣ забони гуҷаратӣ истифода мешавад. Аз байни порсиён олимони бузурги авестошинос, мутарҷимони бомаҳорати "Авесто" ба забони англисӣ, гуҷаратӣ, форсӣ баромаданд. Дар Эрон имрӯз низ пайравони дини зардуштӣ "Авесто"-ро дар ибодат корбурд мекунанд, вале хати он истифода намешавад.

## *Савол ва супоришот:*

1. Хат ва аҳамияти он.
2. Дар бораи хатҳои аввалин маълумот диҳед.
3. Мавқеи ҷамъият дар инкишофи хат.
4. Хати пиктографӣ – қадимтарин хат.
5. Хати меҳӣ ва боқимондаҳои он дар замони имрӯз.
6. Ёдгориҳои хаттие, ки бо хати меҳӣ сабт шудаанд?
7. Хати консонантиро шарҳ диҳед.
8. Хатҳои маъмултарини замони имрӯз.
9. Хати кириллӣ ва таърихи он.
10. Забони тоҷикӣ ва хатҳои корбурди он.

### *Ҷустуҷӯи мустақилона:*

- Аз осорхонаҳои маҳалли зисти худ доир ба хатҳои қадима маълумот пайдо кунед;
- Гузоштани аломатҳои китобатро дар асоси хатҳое, ки медонед ба мушоҳида гиред. (форсӣ, арабӣ, кириллӣ, лотинӣ...);
- Дар бораи хатҳои гузаштаи забони тоҷикӣ, асосан паҳлавӣ ва суғдӣ маълумот диҳед;
- Мутолиа ва конспекти китоби “Хат ва пайдоиши он” (А.Афсаҳов, Ҳ.Қаҳҳоров).

### **Адабиёт:**


1. Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он. – Душанбе: Маориф, 1994. -50 с.
2. Бобомуродова М., Шоев Р. Фонетика. (Роҳнамои таълим барои ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик). – Душанбе: “ЭР-граф”, 2017. -200 с.
3. Ӯктами Холиқназар. Ғалат менависем. Фарҳанги душвориҳои забони форсии тоҷикӣ. – Душанбе: 2000. -252 с.
4. https://ru.m.wikipedia.org
5. https://www.twirpx.com

## *Таҳлили фонетикӣ*

Самаранок ташкил намудани таҳлили фонетикӣ яке аз усулҳои натиҷабахш ва мустаҳкам намудани донишҳои савтист. Гузаронидани ҳар як навъи таҳлил, марбут ба ин ё он ҳодисаи забон низоми худро дорад, ки риояи он дар ҷараёни таълим ҳатмист. Барои муайян намудан ва шарҳ додани ҳодисаҳои фонетикӣ таҳлили пурра, яъне таҳлили пурраи овозӣ лозим аст ва он бояд дорои чунин амалҳо бошад.

- Ба синтагма ҷудо намудани ҷумла ва дарёфти фраза;
- калимаи интихобшударо ба ҳиҷоҳо ҷудо намудан;
- ҳиҷои заданоки онро муайян карда, ба болои ҳарфи зададор аломати якхатча (апостроф: `) кашидан;
- сатҳи фонетикии калимаи додашударо ёфтан;
- муайян кардани миқдори садонокҳо ва таснифоти онҳо;
- муайян намудани миқдори ҳамсадоҳо ва таснифоти онҳо;
- миқдори овоз ва ҳарфҳоро муайян намудан.

Ҳамчунин вазифаи **“й”-**и заданок ва аломати сакта **“ъ”,** шарҳи баъзе ҳодисаҳои фонетикие, ки дар талаффуз ва навишти ин ё он калима дар матн вуҷуд доранд ва шарҳи роҳҳои ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи як ё якчанд калима махсус пешниҳодшударо бояд муайян намуд.

Бояд гуфт, ки таҳлили фонетикӣ дар ду шакл – шифоҳиву хаттӣ гузаронида мешавад. Намуна:

***Офтоб*** – аз 2 ҳиҷо **оф-то`б**, 5 ҳарф (3 ҳамсадо, 2 садонок) ва 5 овоз иборат аст:

О – [о] – садонок, қатори қафо, бардошти миёна, лабӣ, устувор, безада;

Ф – [ф] – ҳамсадо, лабудандонӣ, беҷаранг, шавшувдор, роғи якмахраҷа, ғайридимоғӣ;

Т – [т] – ҳамсадо, ҳамсадои пешизабонӣ, зичи тарканда, беҷаранг, ғайридимоғӣ;

О – [о`] – садонок, қатори қафо, бардошти миёна, лабӣ, устувор, зададор;

Б – [б] – лабӣ, зичи тарканда, шавшувнок, ҷарангнок ва ғайридимоғӣ.

***Нур* –** аз 1 ҳиҷо – **нур**, 3 ҳарф (2 ҳамсадо, 1 садонок) ва 3 овоз иборат аст:

Н – [н] – ҳамсадо, ҳамсадои пешизабонӣ, сонорӣ, зич, бешавшув, лаҳндор, димоғӣ;

У – [у] – садонок, садоноки қатори қафо, бардошти боло, лабӣ, ноустувор, зададор аст.

Р – [р] – ҳамсадо, ҳамсадои забонӣ, пешизабонӣ, пешикомӣ, бешавшув, лаҳндор, сонорӣ ва ларзон;

*Ба таври кӯтоҳ:* Нур – 3 ҳарф, 3 овоз, 2 ҳамсадо, 1 садонок ва 1 ҳиҷо дорад.

## Саволномаҳои тестӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | **Шаклҳои мавҷудияти забонро номбар кунед:** | 2 | **Фонетика чиро меомӯзад?** |
| | **A.** Овозӣ ва хаттӣ.<br>**B.** Овозӣ.<br>**C.** Хаттӣ.<br>**D.** Овозӣ ва шифоҳӣ.<br>**E.** Овозӣ ва ғайриовозӣ. | | **A.** Ҳиссаҳои нутқро.<br>**B.** Калима ва ибораро.<br>**C.** Ҷиҳати калимасозии забонро.<br>**D.** Таркиби овозии калимаҳоро.<br>**E.** Қоидаҳои имлоро. |
| 3 | **Хусусиятҳои муҳими воҳидҳои сатҳи овозии забон кадомҳоянд?** | 4 | **Барои мавҷудияти калимаи <u>омад</u> кадом воситаҳои овозӣ (фонетикӣ) заруранд?** |
| | **A.** Маъно надоранд ва дар сохтани воҳидҳои маънодори забон иштирок мекунанд.<br>**B.** Дар сохтмони баъзе воҳидҳои маънодор истифода мешаванд.<br>**C.** Барои шинохтани калимаҳо истифода мешаванд.<br>**D.** Ҷиҳати маъноӣ ва овозӣ доранд.<br>**E.** Маъно надоранд. | | **A.** Тартиби муайяни овозҳо (о-м-а- д).<br>**B.** Миқдори муайяни овозҳо (о, м, а, д).<br>**C.** Тартиби ҳиҷоҳо (о-мад).<br>**D.** Миқдор ва тартиби муайяни овозҳою ҳиҷоҳо.<br>**E.** Таркиб, таркиби муайяни овозҳо ва ҳиҷоҳои заданоку безада. |
| 5 | **Пойгаҳи овозсозӣ чист?** | 6 | **Ҷиҳатҳои омӯзиши нутқи овозӣ кадомҳоянд?** |
| | **A.** Низом, ҳолату вазъият, кори узвҳои гуфтор ва малакаҳои талаффузӣ.<br>**B.** Ҳолату вазъияти узвҳои гуфтор.<br>**C.** Малакаҳои талаффузӣ.<br>**D.** Кори узвҳои гуфтор ва малакаҳои талаффузӣ.<br>**E.** Низоми кори узвҳои гуфтор | | **A.** Ҷиҳати биологӣ (тавлидӣ), эзоҳӣ ва забоншиносӣ.<br>**B.** Ҷиҳатҳои шунавоӣ, тавлидӣ ва забоншиносӣ.<br>**C.** Ҷиҳатҳои физикӣ ва биологӣ.<br>**D.** Ҷиҳати забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ.<br>**E.** Тадқиқи овоз. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7 | **Фонетика бештар бо кадом илмҳои ғайри забоншиносӣ алоқаманд аст?** | 8 | **Узвҳои фаъоли овозсозро номбар кунед.** |
| | **A.** Физика, ҷуғрофия ва технология<br>**B.** Физика (акустика), психология, биология, тиб, радиотехника.<br>**C.** Математика, информатика, кимё ва таърих<br>**D.** Таърих, адабиёт, кибернетика, физика.<br>**E.** Кибернетика | | **A.** Садопардаҳо, деворҳои халқ, коми мулоим бо забонча, забон ва лабҳо.<br>**B.** Забон, лабҳо, дандонҳо.<br>**C.** Садопардаҳо, забон, ками сахт.<br>**D.** Милкҳои дандонҳо, деворҳои қала, забон ва лабҳо.<br>**E.** Холигии бинӣ, забон. |
| 9 | **Кадом воҳидҳои фонетика истеъмоли пайдарҳам доранд?** | 10 | **Аз рӯйи аломати асосии заданокӣ чанд хели задаи калимаро фарқ мекунанд?** |
| | **A.** Овоз, ҳиҷо, зада<br>**B.** Овозҳои нутқ.<br>**C.** Ҳиҷо, зада, ҷумла.<br>**D.** Калимаҳо, ҷумлаҳо<br>**E.** Овозҳои нутқ ва зада. | | **A.** 2<br>**B.** 4<br>**C.** 3<br>**D.** 6<br>**E.** 5 |
| 11 | **Фонетика бо кадом фанҳои забоншиносӣ алоқа дорад?** | 12 | **Овозҳои нутқ дар таркиби воҳидҳои маънодор кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?** |
| | **A.** Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърихи забон, назмшиносӣ, орфография, орфоэпия.<br>**B.** Таърих, математика, забон ва адабиёт.<br>**C.** Назмшиносӣ, мантиқ, ҷуғрофия ва кимё<br>**D.** Физика (акустика), психология, биология, тиб, радиотехника.<br>**E.** Таърихи забон, таърихи адабиёт, маданияти нутқ. | | **A.** Вазифаи калимасозӣ ва калимафарқкуниро (маънофарқкунӣ).<br>**B.** Вазифаи калимасозӣ ва корбариро<br>**C.** Вазифаи ба тартиб овардани калима, синтагма ва фразаро.<br>**D.** Вазифадор нестанд<br>**E.** Вазифаи ба қисматҳо ҷудо кардани калима ва ҷумларо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 13 | **Истилоҳҳои “зада”, “зарба” (зарб) дар забони тоҷикӣ кай пайдо шудааст?** | 14 | **Дар кадоме аз ин калимаҳо тарзи дурусти кӯчонидани ҳиссаи калима нишон дода шудааст?** |
| | A. Аввалҳои соли ҳафтод.<br>B. Охири солҳои бист.<br>C. Аввалҳои солҳои сиюм.<br>D. Аввали солҳои панҷоҳум.<br>E. Охири солҳои чил. | | **A.** Са-о-дат<br>**B.** А-роба<br>**C.** Сао-дат<br>**D.** Таби-ӣ<br>**E.** Арр-а |
| 15 | **Ҷиҳатҳои омӯзиши нутқи овозӣ кадомҳоянд?** | 16 | **Воситаи асосии ҳиҷосозӣ кадом овозҳоянд?** |
| | **A.** Ҷиҳати физикӣ (акустикӣ).<br>**B.** Ҷиҳати биологӣ (тавлидӣ).<br>**C.** Ҷиҳатҳои физикӣ ва биологӣ.<br>**D.** Ҷиҳатҳои шунавоӣ, тавлидӣ ва забоншиносӣ.<br>**E.** Ҷиҳати забоншиносӣ | | **A.** Садонокҳо.<br>**B.** Ҳамсадоҳо.<br>**C.** Ҳамсадоҳои ҷарангдор.<br>**D.** Ҳамсадоҳои санорӣ.<br>**E.** Садонокҳо ва ҳамсадоҳои санорӣ. |
| 17 | **Ҳарфи “ъ” чиро ифода мекунад?** | 18 | **Ҷузъи дуюми калимаҳои: ор-зу, об-рӯ чӣ гуна ҳиҷост?** |
| | **A.** Аломати ҷудоӣ<br>**B.** Аломати сактаро<br>**C.** Ҳамсадои ҳалқӣ<br>**D.** Овозро<br>**E.** Ҳарфи алоҳидаро | | **A.** Ҳиҷои боз<br>**B.** Ҳиҷои баста<br>**C.** Ҳиҷои заданок<br>**D.** Ҳиҷои бастаю заданок<br>**E.** Ҳиҷои бозу заданок |
| 19 | **Овозҳои нутқ дар таркиби воҳидҳои маънидор кадом вазифаҳоро адо мекунанд?** | 20 | **Ҳиҷо воҳиди хурдтарини кадом ҷиҳати нутқу забон аст?** |
| | **A.** Шаклсозиро<br>**B.** Калимашиносиро<br>**C.** Калимасозию калимашиносиро<br>**D.** Калимасозиро<br>**E.** Шаклсозию калимашиносиро | | **A.** Нутқи хаттию шифоҳӣ<br>**B.** Нутқи хаттӣ<br>**C.** Гуфтори шифоҳӣ<br>**D.** Талаффуз<br>**E.** Забон |
| 21 | **Дар таҳлили забоншиносӣ воҳидҳои хурдтарини таҷзия кадом аст?** | 22 | **Тафовутҳои садонокҳою ҳамсадоҳоро забоншиносон дар кадом заминаҳо нишон** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **додаанд?** |
| | **A.** Морфология<br>**B.** Ҳиҷо<br>**C.** Зада<br>**D.** Калима<br>**E.** Фонема | | **A.** Заминаи ҳиҷосозӣ.<br>**B.** Заминаи тавлидӣ.<br>**C.** Заминаи акустикӣ.<br>**D.** Ҳиҷосозӣ, тавлидӣ ва акустикӣ.<br>**E.** Шунавоӣ ва забониву равонӣ |
| **23** | **Фонема чист?** | **24** | **Хат чист?** |
| | **A.** Хурдтарин воҳиди забон аст.<br>**B.** Хурдтарин воҳиди талаффуз аст.<br>**C.** Овозҳое, ки қобилияти калимафарққунӣ надоранд.<br>**D.** Овозҳое, ки бе тағйири маънои калима якдигарро иваз карда метавонанд.<br>**E.** Овозҳое, ки бе тағйири маънои калима якдигарро иваз карда наметавонанд. | | **A.** Хат воситаи сабти нутқ буда, қироати матнро ифода мекунад.<br>**B.** Ба касе мактуб, нома фиристоданро ифода мекунад<br>**C.** Хат маҷмӯи воситаҳои хатии ин ё он забон дар якҷоягӣ бо ҳарфҳо, қоидаҳои истемол ва пайвастшавии онҳост.<br>**D.** Хат ин алифбои ҳар як забонро ифода мекунад.<br>**E.** Хат навистани маълумотҳои таърихиву адабии қадима аст. |
| **25** | **Аломатҳои ҳамсадои /қ/-ро муайян кунед:** | **26** | **Сабабҳои ҷойивазкунии овозҳоро номбар кунед.** |
| | A. Шовшувдор, зич, беҷаранг, забончагӣ ва ғайридимоғӣ.<br>B. Роғ, беҷаранг, забончагӣ, димоғӣ.<br>C. Ларзанда, ҷарангдор, пешизабонӣ, ғайридимоғӣ.<br>D. Зич, беҷаранг, забончагӣ ва ғайридимоғӣ ва ҷуфт дорад.<br>E. Зич, беҷаранг, димоғӣ ва | | **A.** Осон кардани талаффуз.<br>**B.** Ҳамнишинии дугонаю сегонаи ҳамсадоҳо.<br>**C.** Сабуку кӯтоҳ кардани калимаҳо.<br>**D.** Ҳамнишинӣ ва осон кардани Ҳамнишинии фонемаҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мобайнизабонӣ.. | | **E.** талаффуз. |
| **27** | **Масъалаҳои зайл намунаи кадом падидаи овозист (занбӯр (замбӯр), зудтар (зуттар).** | **2 8** | **Тағйирёбии овозҳо дар ҷараёни нутқ дар асоси кадом қонунҳо сурат мегирад?** |
| | **A.** Монандшавӣ<br>**B.** Мувофиқат<br>**C.** Бадалшавӣ<br>**D.** Коҳиш<br>**E.** Афзоиш | | **A.** Бадалшавии овозҳо.<br>**B.** Мутобиқати овозҳо.<br>**C.** Мувофиқати овозҳо.<br>**D.** Мутобиқат ва бадалшавии овозҳо.<br>**E.** Монандшавии овозҳо. |
| **29** | **Бештари муҳаққиқон чанд то садонокро эътироф намуданд?** | **30** | **Дар ҷараёни нутқ мутобиқати ду гурӯҳ овозҳоро фарқ мекунанд:** |
| | **A.** Шаш<br>**B.** Ҳафт<br>**C.** Ҳашт<br>**D.** Дар бораи миқдори садонокҳо чизе нагуфтаанд.<br>**E.** Нӯҳ | | **A.** Мутобиқати ҳамсадоҳо ва садонокҳо<br>**B.** Ҷавоби А ва В дуруст<br>**C.** Мутобиқати байниҳамдигарии ҳамсадоҳо<br>**D.** Мутобиқати байни садонокҳо<br>**E.** Мувофиқати садонокҳо ва сонориҳо. |
| **31** | **Дар системаи вокализми тоҷикӣ кадом нишонаҳои фарқкунанда амал мекунанд?** | **32** | **Дар кадом мавридҳо ҳарфи ъ-и охири калима партофта мешавад?** |
| | **A.** Лабӣ ва ғайрилабӣ.<br>**B.** Бардошт ва иштироки лабҳо<br>**C.** Ёдбарсар ва сонорӣ. | | **A.** Агар калима бандаки изофӣ гирад.<br>**B.** Агар калима пасоянд гирад.<br>**C.** Агар калима пасванди |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **D.** Дараҷаи устуворӣ ва роғу зич<br>**E.** Қатор ва баробарии лабҳо | | ҷамъбандӣ гирад.<br>**D.** Агар калима унсури дастурӣ қабул кунад.<br>**E.** Ҳамаи нишонаҳои дар боло зикрёфта. |
| **33** | **Ҳангоми талаффузи фонемаи [и]:** | **34** | **Синтагма чист?** |
| | **A.** Нӯги забон ба поён моил шуда, дар паси дандонҳои поён қарор мегирад.<br>**B.** Нӯги забон ё ба дандонҳои поён мерасад, лабҳо гирд намешаванд ва ба пеш майл намекунанд.<br>**C.** Лабҳо ва дараҷаи устуворӣ қарор мегиранд.<br>**D.** Қобилияти ҳиҷосозӣ ва бардошт.<br>**E.** Забон бардошта шуда, нӯги он қафо меравад ва қисми марказиаш нуқтаи баландтаринро ишғол менамояд. | | **A.** Синтагма як порчаи хаттии оҳанги гуфтор мебошад.<br>**B.** Ҳамаи ҷавобҳо дуруст.<br>**C.** Синтагма воҳиди хурдтарини оҳанг ва як қисми фраза аст.<br>**D.** Синтагма барои пурра кардани зада корбурд мешавад.<br>**E.** Баъд аз калима синтагма вазифаи асосӣ дорад. |
| **35** | **Бадалшавии фонемаҳои зерин ба чӣ далолат мекунанд?** а//у (бар-бурд), о//у (супор-супурд), у//ӯ (гуфт-гӯй) | **36** | **Ҷуфтҳои ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷарангро нишон диҳед:** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Ба мустақилияти ин фонемаҳо.<br>**B.** Ба садонок будани ин фонемаҳо.<br>**C.** Ба ҳамсадо набудани ин фонемаҳо.<br>**D.** Ба қобилияти калимасозии ин фонемаҳо.<br>**E.** Ба қобилияти калимашиносии ин фонемаҳо. | | **A.** ж-ш, ч-б, д-т, қ, ҳ, ъ.<br>**B.** б-п, в-ф, н-р.<br>**C.** б-п, в-ф, д-т, г-к, ҷ-ч, ғ-х, з-с, ж-ш.<br>**D.** б-п, д-т, в-ф, ҷ-ч, г-к, ғ-х.<br>**E.** з-с, ч-қ, ғ-х, г-к, в-ф, ж-д, ҷ-ч, г-т. |
| **37** | **Аз намунаҳои зерин садонокҳои лабиро муайян кунед:** | **38** | **Аз рӯйи тарзи тавлид ҳамсадоҳоро бо кадом гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?** |
| | **A.** о, ӯ, у.<br>**B.** о, а.<br>**C.** о, а, и.<br>**D.** а, и, ӯ.<br>**E.** и, у, ӯ. | | **A.** Зич ва димоғӣ.<br>**B.** Димоғӣ ва роғ.<br>**C.** Пешизабонӣ, ларзанда.<br>**D.** Зич, роғ ва ларзанда.<br>**E.** Ларзанда, ҷарангдор ва зич. |
| **39** | **Аз намунаҳои зерин садонокҳои қатори омехтаро нишон диҳед:** | **40** | **Ҳамсадоҳои ҷарангдорро нишон диҳед:** |
| | **A.** ӯ, а.<br>**B.** у, о.<br>**C.** и, э.<br>**D.** а, и.<br>**E.** э, ӯ. | | **A.** б, в, д, ж, ҷ, г, ғ, з.<br>**B.** ҷ, ч, ж,<br>**C.** ж, ш, з, с.<br>**D.** б, п, в, ф.<br>**E.** р, л, м, н. |
| **41** | **Аз намунаҳои зерин садонокҳои устуворро ёбед.** | **42** | **Ҳамсадоҳои димоғиро муайян кунед:** |
| | **A.** э, ӯ, о.<br>**B.** и, а, о.<br>**C.** э, а, у.<br>**D.** а, о. | | **A.** м, н.<br>**B.** ғ, қ, з.<br>**C.** в, ф, б.<br>**D.** д, т, с, ш. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **E.** и, э. | | **E.** ч, ш, к. |
| **43** | **Задаи тоҷикиро таъриф кунед:** | **44** | **Сифати ҳамсадоҳои ҷ ва ч – ро ишора кунед:** |
| | **A.** Яке аз ҳиҷоҳои калима.<br>**B.** Мухтасар талаффуз кардани яке аз ҳиҷоҳои калима.<br>**C.** Бо лаҳни зиёд талаффуз шудани яке аз калимаҳо.<br>**D.** Равшантару кашидатар талаффуз шудани яке аз ҳиссаҳои калима.<br>**E.** Пасттар садо додани яке аз ҳиҷоҳои калима. | | **A.Ҷ** ва **ч** ҳамсадоҳои лабӣ ва димоғӣ мебошад.<br>**B.** Дар тавлиди **ҷ** ва **ч** садопардаҳо мураттаб ларзида, зудиҳои мудаввар ва лаҳнеро ҳосил мекунанд.<br>**C.** Ҳангоми тавлиди **ҷ ва ч** пеши холигии даҳон кушода аст.<br>**D.Ҷ** ва **ч** ҳамсадоҳои ғайрилабӣ ва ғайридимоғӣ мебошанд.<br>**E.** Ҳамаи сифатҳо нодуруст аст. |
| **45** | **Аз рӯйи кори узви фаъол ҳамсадоҳои тоҷикиро ба кадом гурӯҳ ҷудо мекунанд?** | **46** | **Ҳамсадоҳои лабиро аз намунаҳои зерин ёбед.** |
| | **A.** Лабӣ ва забонӣ.<br>**B.** Забончагӣ ва ҳалқӣ.<br>**C.** Лабӣ ва забончагӣ.<br>**D.** Лабӣ, забонӣ ва ҳалқӣ.<br>**E.** Лабӣ, забонӣ, забончагӣ ва ҳалқӣ. | | **A.** б, д, т, в, ф, з.<br>**B.** м, ф, з, с, ш.<br>**C.** м, п, б, в, т, д.<br>**D.** б, п, м, в, ф.<br>**E.** в, ф, м, ч, д. |
| **47** | **Ҳиҷо чист?** | **48** | **Имло чиро меомӯзад?** |
| | **A.** Як қисми калима.<br>**B.** Воҳиди хурдтарини талаффуз.<br>**C.** Қисми маънодори калима. | | **A.** Дуруст хонданро.<br>**B.** Қоидаи навишти калимаҳоро.<br>**C.** Талаффузи дурустро.<br>**D.** Сохти калимаҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **D.** Овозҳои ҳамшафат.<br>**E.** Воҳиди забон. | | **E.** Таркиби луғавии забонро. |
| **49** | **Садонокҳои қатори пешро муайян кунед:** | **50** | **Кадом аз ин навиштаҳо дуруст аст?** |
| | **A.** и, э.<br>**B.** о, а.<br>**C.** э, у.<br>**D.** у, ӯ.<br>**E.** о, у, ӯ | | **A.** Қадимулайём<br>**B.** Қадиммулайём<br>**C.** Қадимъулайём<br>**D.** Қадимулаём<br>**E.** Қадиъмулайём |
| **51** | **Кадом унсурҳои морфологӣ зада қабул намекунанд?** | **52** | **Чаро қоидаи имло аз тарафи ҳукумат тасдиқ карда мешавад?** |
| | **A.** Бандакҳои хабарӣ ва номӣ зада қабул намекунанд.<br>**B.** Ҳамаи калимаҳо зада мегиранд.<br>**C.** Ҳиссачаҳои ***-мӣ*** ва ***-чӣ*** мустақилияти маъноӣ надорад, зада қабул намекунанд.<br>**D.** Калимаҳои вомӣ задаи худро ҳамеша нигоҳ медоранд.<br>**E.** Агар калима пасванд қабул кунад зада намегирад. | | **A.** Дар калимасозӣ ба худсариҳо роҳ дода нашавад.<br>**B.** Грамматика тақозо дорад.<br>**C.** Қонуни забон талаб мекунад.<br>**D.** Дар қатори қисматҳои дигари забон тасдиқ мешавад.<br>**E.** Бояд ба қоидаи имло итоат кард. |
| **53** | **Дар калимаҳои *дирӯз, имрӯз, фардо, меравем, вақте ки, аммо* задаро кадом ҳиҷо мегирад?** | **54** | **Дар талаффузи ҳамсадоҳо кадом узвҳо саҳми бештар доранд?** |
| | **A.** Якум<br>**B.** Дуюм<br>**C.** Дуввум ва якум | | **A.** Садопардаҳо, дандон ва шуш.<br>**B.** Лабҳо, забон, забонча, ҳалқ, садопардаҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **D.** Ин калимаҳо бе зада талаффуз мешаванд<br>**E.** Ба садонокҳо | | **C.** Дандонҳо, милки болову поён ва лаб.<br>**D.** Лабҳо ва забону дандонҳо<br>**E.** Намедонам. |
| **55** | **Мо алифбои имрӯзаро кай қабул кардем?** | **56** | **Имлои дуруст кадом аст?** |
| | **A.** 1940<br>**B.** 1917<br>**C.** 1920<br>**D.** 1928<br>**E.** 1935 | | **A.** Аънана, мутакаббир, тааддӣ.<br>**B.** Мушарраф, тафакур, сабур.<br>**C.** Анъана, ташаккур, тановул.<br>**D.** Ансор, асрор, ҷабор.<br>**E.** Макотиб, тасовир, хатоб. |
| **57** | **Дар ҷуфти калимаҳои навъи *омад-омад, сӯзон-сӯзон* зада кадом вазифаро адо намудааст?** | **58** | **Ҳамсадоҳои лабиро нишон диҳед.** |
| | **A.** Калимасозиро ва ҳиссаи нуткро<br>**B.** Фарқ кардани гурӯҳи лексикию грамматикии калимаҳо.<br>**C.** Ҳиссаҳои нуткро фарқ кунонидааст.<br>**D.** Шаклсозиро.<br>**E.** Калимашиносиро. | | **A.** б, п, м.<br>**B.** з, с, ш.<br>**C.** д, т, н<br>**D.** ғ, қ, х<br>**E.** к, ҳ, г |
| **59** | **Ифодаи алоқаи синтаксисӣ кадом хусусияти оҳанг аст?** | **60** | **Дар забони тоҷикӣ чанд фонемаи ҳамсадо мавҷуд аст?** |
| | **A.** Яке аз унсурҳои оҳанг.<br>**B.** Яке аз вазифаҳои оҳанг.<br>**C.** Ҷиҳати эҳсосии оҳанг.<br>**D.** Ҷиҳати мухобиротии оҳанг.<br>**E.** Ягон хусусияти оҳангро ифода намекунад. | | **A.** 24<br>**B.** 31<br>**C.** 21<br>**D.** 29<br>**E.** 27 |
| **61** | **Наво чист?** | **62** | **Ҳамсадоҳо чӣ гуна овозҳоянд?** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Бурида шудани талаффуз ва ё исти бомаврид дар гуфтор.<br>**B.** Ҷилоҳои гуногуни сифатии овозҳои нутқ.<br>**C.** Муҳиту лаҳзаи нутқ ҳангоми муоширaт.<br>**D.** Пасту баландшавии лаҳни гуфтор ҳангоми талаффузи ягон фраза (ҷумла).<br>**E.** Яке аз вазифаҳои оҳанг, ки барои бартарии гуфтор корбурд мешавад. | | **A.** Овозҳое, ки қобилияти ҳиҷосозӣ доранд.<br>**B.** Овозҳое, ки микдори ҳиҷоҳоро нишон медиҳанд.<br>**C.** Овозҳое, ки аз садоҳои мусиқавӣ иборат буда, оҳанги талаффуз онҳоро давом додан мумкин аст.<br>**D.** Овозҳое, ки аз садонокҳо фарқ мекунанд.<br>**E.** Овозҳое, ки дар вақти тавлаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор мешавад. |
| **63** | **Кадом хели фонетика ҳодисаҳои овозии нуткро ба воситаи асбобҳо ва дастгоҳҳои гуногун меомӯзад?** | **64** | **Фонема дар кадом қисмати забоншиносӣ омӯхта мешавад?** |
| | **A.** Фонетикаи умумӣ<br>**B.** Фонетикаи хусусӣ<br>**C.** Фонетикаи таҷрибавӣ<br>**D.** Фонетикаи таърихӣ<br>**E.** Фонетикаи муқоисавӣ | | **A.** Морфология<br>**B.** Лексикология<br>**C.** Фонетика<br>**D.** Услубшиносӣ<br>**E.** Синтаксис |
| **65** | **Ба қисмҳо ҷудо шудани ҷумларо чӣ меноманд?** | **66** | **Овозҳои нутқ ба чанд гуруҳ ҷудо мешаванд?** |
| | **A.** Синтагма, фраза.<br>**B.** Артикулятсия, аъзои ҷумла.<br>**C.** Танфис, қувва.<br>**D.** Фраза наво.<br>**E.** Фонема, ҳамсадоҳо. | | **A.** Панҷ<br>**B.** Чор<br>**C.** Як<br>**D.** Се<br>**E.** Ду |
| **67** | **Дар шакли ғайритасрифии феъл (масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол) зада дар кадом ҳиҷо меояд?** | **68** | **Кадом хели фонетика сохти овозии забони алоҳидаро меомӯзад?** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Дар ҳиҷои аввал<br>**B.** Дар ҳиҷои мобайн<br>**C.** Зада намегирад<br>**D.** Дар ҳиҷои охир<br>**E.** Дар ҳиҷои аввал ва охир | | **A.** Фонетикаи таърихӣ<br>**B.** Фонетикаи муқоисавӣ<br>**C.** Фонетикаи умумӣ<br>**D.** Фонетикаи тавлидӣ<br>**E.** Фонетикаи хусусӣ |
| **69** | **Зада воҳиди кадом бахш аст?** | **70** | **Задаи тоҷикӣ чӣ гуна аст?** |
| | **A.** Воҳиди бахши лексика<br>**B.** Воҳиди бахши морфология<br>**C.** Воҳиди бахши фонетика<br>**D.** Воҳиди бахши синтаксис<br>**E.** Воҳиди бахши услубшиносӣ | | **A.** Микдорӣ<br>**B.** Лаҳнӣ<br>**C.** Қуввагӣ<br>**D.** Сифатӣ<br>**E.** Овозӣ |
| **71** | **Имлои саҳеҳ кадом аст?** | **72** | **Воҳидҳои занҷирӣ ва забарзанҷирӣ дар кадом қисмати забоншиносӣ омӯхта мешавад?** |
| | **A.** Тааҷҷуб<br>**B.** Таҷуб<br>**C.** Таҷҷуб<br>**D.** Тааҷуб<br>**E.** Таъаҷҷуб | | **A.** Лексикология<br>**B.** Фонетика<br>**C.** Услубшиносӣ<br>**D.** Морфология<br>**E.** Синтаксис |
| **73** | **Дар феълҳои *медидам, медидагистам, мехондам* зада дар кадом ҳиҷо меояд?** | **74** | **Китоби “Махориҷ-ул-ҳуруф” ба кадом донишманд тааллуқ дорад?** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Дуюм<br>**B.** Сеюм<br>**C.** Якум ва дуюм<br>**D.** Зада надорад<br>**E.** Якум | | **A.** Носири Хусрав<br>**B.** Закариёи Розӣ<br>**C.** Абӯалӣ ибни Сино<br>**D.** Хоҷа Ҳасани Нисорӣ<br>**E.** Шамси Қайси Розӣ |
| 75 | **Фонетика бештар бо кадом илмҳои ғайризабоншиносӣ алоқаманд аст?** | 76 | **Аз ин намунаҳо таърифи оҳангро муайян кунед.** |
| | **A.** Таърих ва кибернетика, равоншиносӣ ва мантиқ.<br>**B.** Кибернетика забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, табиатшиносӣ.<br>**C.** Бо фанҳои ғайризабоншиносӣ алоқаманд нест<br>**D.** Таърихи забон ва биология<br>**E.** физика (акустика), психология, биология, тиб, радиотехника. | | **A.** Оҳанг ин баланду паст, кӯтоҳ ва кашишнок ифода шудани овоз аст.<br>**B.** Оҳанг ин ҳамагуна овози мусиқист.<br>**C.** Оҳанг ин овози инсон ва булбул аст.<br>**D.** Оҳанг танҳо овози инсонро мегӯянд, ки барои ифодаи фикр мебошад.<br>**E.** Оҳанг ин овози мусиқист. |
| 77 | **Алифбои имрӯзаи тоҷикӣ дар асоси кадом алифбо сохта шудааст?** | 78 | **Оҳанг чанд унсур дорад?** |
| | **A.** Алифбои мехӣ.<br>**B.** Алифбои лотинӣ.<br>**C.** Алифбои арабӣ.<br>**D.** Алифбои кириллӣ.<br>**E.** Иероглифҳо. | | **A.** 5<br>**B.** 6<br>**C.** 4<br>**D.** 2<br>**E.** 5 |
| 79 | **Мақсади имло чист?** | 80 | **Воҳидҳои фонетика кадомҳоянд?** |
| | **A.** Ҷорӣ кардани гуногуннависӣ.<br>**B.** Ҷорӣ намудани меъёри | | **A.** Ҷумла ва ибора.<br>**B.** Овозҳо, ҳиҷоҳо, оҳанг, (синтагма, фраза). |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ягонаи нутқи хаттӣ.<br>**C.** Ҷории кардани меъёри талаффуз.<br>**D.** Риояи аломатҳои китобат.<br>**E.** Риояи меъёри талаффуз. | | **C.** Ибора, ҷумла, калима<br>**D.** Ҳиссаҳои мустақил ва ғайримустақили нутқ<br>**E.** Калима, овоз, ҳарф, морфема ва фонема. |
| **81** | **Имлои кадом калима нодуруст аст?** | **82** | **Кадом воҳиди забон маъно надорад?** |
| | **A.** Муваффақият<br>**B.** Тааҷҷуб<br>**C.** Тахайюл<br>**D.** Мутаҳаийр<br>**E.** Баландтар | | **A.** Калима<br>**B.** Овоз<br>**C.** Ибора<br>**D.** Ҷумла<br>**E.** Морфема |
| **83** | **Орфоэпия чиро меомӯзад?** | **84** | **Муаллифи китоби “Фонетикаи забони адабии тоҷик” кист?** |
| | **A.** Талаффузи ҷумлаҳоро.<br>**B.** Талаффузи калимаҳоро.<br>**C.** Меъёри талаффузро.<br>**D.** Меъёри гуфтугӯиро.<br>**E.** Меъёри навишти дурустро. | | **A.** Тоҷиев Д.Т.<br>**B.** Расторгуева В.С.<br>**C.** Хаскашев Т.Н.<br>**D.** Андреев А.А<br>**E.** Қосимова М.Н. |
| **85** | **Садонокҳо чӣ гуна овозҳоянд?** | **86** | **Задаи таъкид (мантиқӣ) чист?** |
| | **A.** Садои ғайримусиқӣ доранд.<br>**B.** Кӯтоҳталаффуз мебошанд.<br>**C.** Аз садоҳои мусиқавӣ иборат буда, қобилияти ҳиҷосозӣ доранд.<br>**D.** Бо ҷараёни зӯри ҳаво талаффуз мешаванд.<br>**E.** Овозҳое, ки ба сонориҳо наздиканд. | | **A.** Кашидатар талаффуз шудани ҳиҷо.<br>**B.** Баландтар садо додани яке аз садонокҳои калима.<br>**C.** Равшантар талаффуз шудани калимаи муҳим.<br>**D.** Задаи ибора.<br>**E.** Мантиқан талаффуз намудан |
| **87** | **Тарзи дурусти навишти ин номро муайян кунед?** | **88** | **Оҳанги навъҳои асосии гуфтори тоҷикӣ кадомҳоянд?** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Ал-Берунӣ.<br>**B.** Ал-берунӣ.<br>**C.** Ал - Берунӣ.<br>**D.** Алберунӣ.<br>**E.** Ал-беруниӣ. | | **A.** Ахборӣ, пурсиш, ангезиш (водоркунӣ).<br>**B.** Ахборӣ, пурсиш.<br>**C.** Ангезиш ва мураккаб.<br>**D.** Ангезиш, ахборӣ.<br>**E.** Ахборӣ, сода. |
| **89** | **Дар *исм, сифат ва шумора* зада ба кадом ҳиҷо меафтад?** | **90** | **Таҷзияи синтагматикии ҷараёни нутқ ба чӣ вобаста аст?** |
| | **A.** Ҳиҷои охир.<br>**B.** Ҳиҷои аввал.<br>**C.** Ҳиҷои миёна.<br>**D.** Зада қабул намекунад.<br>**E.** Ба ҳиҷои аввалу охир. | | **A.** Ба матн ва мақсади гӯянда.<br>**B.** Ба хели ҷумла.<br>**C.** Ба контекст.<br>**D.** Ба муҳити нутқ ва вазъият.<br>**E.** Контекст ва мақсад. |
| **91** | **Меъёри талаффуз ба кадом қисмати забон мансуб аст?** | **92** | **Имлои забони тоҷикӣ ба кадом қонунҳо такя мекунад?** |
| | **A.** Ба фонетика.<br>**B.** Ба морфология.<br>**C.** Ба лексикология.<br>**D.** Ба грамматика.<br>**E.** Ба ҳамаи қисматҳои забон. | | **A.** Исмӣ, сифатӣ, феълӣ.<br>**B.** Сода, сохта, мураккаб.<br>**C.** Хабарӣ, амрӣ, эҳтимолӣ.<br>**D.** Ба қонуни забон.<br>**E.** Фонетикӣ, морфологӣ, анъанавӣ-таърихӣ. |
| **93** | **Алифбои кириллӣ бо чӣ тағйирот пазируфта шуд?** | **94** | **Фраза чист?** |
| | **A.** Ҳарфҳои тоҷикӣ ва ҳарфҳои монандашон оварда шуданд.<br>**B.** Ҳарфҳои хоси русӣ партофта, ҳамгунаҳо паҳлуи ҳам оварда, ба ҳарфҳо номи тоҷикӣ дода шуд.<br>**C.** Талаффуз ва навишти ҳарфҳо тоҷикӣ шуд.<br>**D.** Ҳарфҳои хоси русӣ партофта шуданд.<br>**E.** Ҷойи ҳарфҳо иваз шуд. | | **A.** Ду ва зиёда ҷумлаҳои ба ҳам алоқаманд.<br>**B.** Порчаҳои аз ҷиҳати маъно муташаккил.<br>**C.** Порчаҳои аз ҷиҳати оҳанг, муташаккил.<br>**D.** Воситаи фонетики алоқамандии ҷумлаҳо.<br>**E.** Порчаҳои аз ҷиҳати маъною оҳанг муташаккил. |
| **95** | **Кадоме аз навъи ҳиҷоҷудокунӣ дуруст аст?** | **96** | **Унсурҳои оҳангро номбар кунед.** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** Мо-ва-ро-ун-наҳр.<br>**B.** Мов-ар-оун-наҳр.<br>**C.** Мов-аро-ун-наҳр.<br>**D.** Мов-ар-о-ун-наҳр.<br>**E.** Мовар-оун-наҳр. | | **A.** Наво, суръат, танфис, қувва, танин.<br>**B.** Наво, баландшавии овоз, қувва.<br>**C.** Наво, суръат, фраза, синтагма.<br>**D.** Қувва, танин.<br>**E.** Қувва, танфис, наво ва оҳанг |
| **97** | **Миқдори ҳиҷо ба чӣ вобастааст?** | **98** | **Асосгузори фонема ва назарияи он кист?** |
| | **A.** Ба зада ва оҳанг.<br>**B.** Ба ҳамсадоҳо.<br>**C.** Ҳамсадоҳои сонорӣ.<br>**D.** Ба оҳанг ва ҳамсадоҳои санорӣ.<br>**E.** Ба садонокҳо | | **A.** А.А. Рефарматский.<br>**B.** Бодуэн де Куртенэ.<br>**C.** П.Р. Зиндер.<br>**D.** Л.В. Шерба.<br>**E.** П.С. Кузнетсов. |
| **99** | **Гурӯҳи овозҳои ёдбарсар кадом аст?** | **100** | **Ҷойи ҳамдигарро иваз кардани овозҳо чӣ ном дорад?** |
| | **A.** й, ё, ю, я.<br>**B.** э, е, ё, й.<br>**C.** э, ю, я, е.<br>**D.** е, ё, ю, я.<br>**E.** й, э, я, ю. | | **A.** Ассимилятсия.<br>**B.** Диссимилятсия.<br>**C.** Метатеза.<br>**D.** Аккомодатсия.<br>**E.** Афзоиш. |
| **101** | **Гурӯҳи садонокҳо кадом аст?** | **102** | **Ҳамсадоҳои зичро аз намунаҳои зер ёбед.** |
| | **A.** и, э, а, о, у, ӯ.<br>**B.** р, м, о, и, а.<br>**C.** а, о, у, ч, х.<br>**D.** о, п, и, у, ӣ.<br>**E.** и, е, т, а, ӯ, у. | | **A.** з, б, п, м, т, д, к, г, қ, н, ъ.<br>**B.** м, ф, з, с, ш, р, т, д, ғ, й, л, г, ч.<br>**C.** ш, п, б, в, т, д, с, ф, ч, ҳ.<br>**D.** б, п, м, д, т, н, ч, ҷ, г, к, қ, ъ.<br>**E.** ф, в, м, ч, д, ҷ, з, н, б, т, г. |
| **103** | **Миқдори ҳарфу овозҳои калимаи "дарё"- ро муайян** | **104** | **Аз намунаҳои зерин садонокҳои ноустуворро** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **кунед?** | | **нишон диҳед.** |
| | **A.** 4 ҳарфу 6 овоз.<br>**B.** 4 ҳарфу 4 овоз.<br>**C.** 4 ҳарфу 5 овоз.<br>**D.** 4 ҳарфу 3 овоз.<br>**E.** 5 ҳарфу 5 овоз. | | **A.** и, а, у.<br>**B.** а,у,о.<br>**C.** ӯ, у, о.<br>**D.** о, а, у.<br>**E.** а, и, э. |
| **105** | **Дар забони тоҷикӣ чанд садонок ва чанд ҳамсадо ҳаст?** | **106** | **Ҳамсадоҳои бехизабониро аз ин қаторҳо нишон диҳед.** |
| | **A.** 8 садоноку 27 ҳамасадо.<br>**B.** 6 садоноку 24 ҳамасадо.<br>**C.** 6 садоноку 28 ҳамасадо.<br>**D.** 6 садоноку 31 ҳамасадо.<br>**E.** 8 садоноку 25 ҳамасадо. | | **A.** г, к.<br>**B.** к, г, ю.<br>**C.** к, ҳ, ғ, қ, г.<br>**D.** қ, ғ, х.<br>**E.** к, ъ, х, ҳ, г. |
| **107** | **Дар забони тоҷикӣ чанд овоз ва чанд ҳарф мавҷуд аст?** | **108** | **Ҳамсадоҳои байнизабониро муайян кунед.** |
| | **A.** 8 овоз ва 27 ҳарф.<br>**B.** 31 овоз ва 31 ҳарф.<br>**C.** 28 овоз ва 39 ҳарф.<br>**D.** 30 овоз ва 35 ҳарф.<br>**E.** 23 овоз ва 33 ҳарф. | | **A.** й<br>**B.** ж<br>**C.** қ<br>**D.** с<br>**E.** р |
| **109** | **Алифбо чист?** | **110** | **Калимаҳои** дуюм – дуввум, сеюм – саввум, хизмат – хидмат, устоз – устод, чӯпон – шубон бо кадом принсип навишта шудааст. |
| | **A.** Номи ҳарфҳо, ки барои навиштани калима.<br>**B.** Аломатҳои шартии овозҳои нутқ, ки бо тартиби муайян гузошта шудаанд.<br>**C.** Маҷмӯаи ҳарфҳо, ки аз алифбои кириллӣ гирифта шудааст.<br>**D.** Қатор шудани ҳарфҳо ва | | **A.** Принсипи морфологӣ (сарфӣ)<br>**B.** Принсипи фонетикӣ (савтӣ)<br>**C.** Принсипи анъанавӣ-таърихӣ<br>**D.** Принсипи синтаксисӣ<br>**E.** Принсипи забоншиносӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | овозҳо.<br>**E.** Нақши овозҳо ва аломатҳо. | | |
| **111** | **Ҳиссаҳои калимае, ки аз рӯи садонокҳо ҷудо мешаванд, чӣ ном доранд?** | **112** | **Воҳиди хурдтарини забон чӣ ном дорад?** |
| | **A.** Морфема<br>**B.** Пасванд<br>**C.** Ҷузъи калима<br>**D.** Ҳиҷо<br>**E.** Пешванд | | **A.** Ҷумла<br>**B.** Ҳиҷо<br>**C.** Калима<br>**D.** Ибора<br>**E.** Фонема |
| **113** | **Хешии забонҳо ба ёрии кадом метод муаян карда мешавад?** | **114** | **Кадоме аз инҳо ҳиҷои кушода аст?** |
| | **A.** Синтактикӣ<br>**B.** Муқоисавӣ-таърихӣ<br>**C.** Каммуникативӣ<br>**D.** Тақсимоти забонҳо<br>**E.** Сӯҳбат | | **A.** Гул-нор<br>**B.** Зин-ҳор<br>**C.** Бо-ло<br>**D.** Саф<br>**E.** Соз |
| **115** | **Аз намунаҳои зерин ҳамсадоҳои роғро муайян кунед.** | **116** | **Аз намунаи зер калимаҳои аслан тоҷикии мушаддаддорро муайян кунед.** |
| | **A.** в, ф, з, с, ж, ш, ғ, х, ҳ, л, й.<br>**B.** т, д, ф, в, к, г, ш, ж, ш, з, с, қ.<br>**C.** з, с, д, т, г, х, б, п, м, в, н, ъ.<br>**D.** а, в, с, з, ш, ж, й, ғ, х, ҳ.<br>**E.** б, т, г, ч, х, д, з, в, ш, м, ч, в. | | **A.** Иттиҳод, ғалла.<br>**B.** Бутта, маккор.<br>**C.** Арра, ғалла.<br>**D.** Ҷаллод, муаллиф.<br>**E.** Муҳаббат, муаллим. |
| **117** | **Аз рӯи махраҷи тавлид ҳамсадоҳои роғ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?** | **118** | **Мақсади таълими фанни “Забони тоҷикӣ” дар макотиби олӣ аз чӣ иборат аст?** |
| | **A.** Ду гурӯҳ: ҳамсадоҳои якмахраҷа ва думахраҷа.<br>**B.** Се гурӯҳ: забоншиносӣ, тавлидӣ ва шунавоӣ.<br>**C.** Ба гурӯҳ ҷудо намешаванд.<br>**D.** Чор гурӯҳ: забонӣ, забончагӣ, лабӣ, лабу лабӣ.<br>**E.** Ду гурӯҳ: садонок ва ҳамсадо | | **A.** Аз қоидаҳои калимасозӣ, ибораоройӣ, ҷумлабандӣ ва меъёри талаффуз огоҳ шуда, онҳоро дар амал корбаст кардан.<br>**B.** Бо таърихи забон шинос шудан ва худшиносии миллӣ.<br>**C.** Забонҳоро муқоиса кардан.<br>**D.** Алифборо ёд кардан. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **E.** Аз таърихи гузаштагон огоҳӣ ёфтан. |
| 119 | **Аз намунаҳои зерин аффрикатаҳоро муайян кунед.** | 120 | **Фонетикаи таҷрибавӣ ва ҷиҳатҳои омӯзиши он:** |
| | **A.** ч, ҷ.<br>**B.** б, с.<br>**C.** з, х.<br>**D.** м, н.<br>**E.** й, п. | | **A.** Бо воситаи асбобҳо омӯхтани вижагиҳои овозӣ.<br>**B.** Вобаста бо хусусиятҳои таърихӣ омӯхтани овозҳо.<br>**C.** Дар асоси хешигарии забонҳо омӯхтани овозҳо.<br>**D.** Забони ҳозираро ба муқоиса гирифтан.<br>**E.** Дар асоси таҷриба омӯхтани шеваву лаҳҷаҳо. |
| 121 | **Аз намунаҳои овардашуда ҷуфтҳои ҷарангноки ҳамсадоҳои п, ф, с, ш, т, ч, к, х-ро нишон диҳед.** | 122 | **Қонуни фонетикии имло (орфография) ҳангоми навиштан чиро ба асос мегирад?** |
| | **A.** б, в, з, ж, д, ҷ, г, ғ.<br>**B.** д, ч, ж, к, э, ҳ, х, з.<br>**C.** б, п, в, ф, з, ж, д, ҷ, ғ, г.<br>**D.** м, р, й г, к, х.<br>**E.** к, х, ж, д, ҷ. | | **A.** Вазифаи синтаксисии калимаро.<br>**B.** Ҷиҳати семантикии онро.<br>**C.** Тарзи дуруст навиштанро.<br>**D.** Шакли аслии калимаро.<br>**E.** Калимасозии онро. |
| 123 | **Овозҳое, ки дар талаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор мешавад, чӣ ном доранд?** | 124 | **Дар кадом калимаҳо ташдид афтад маъно дигар мешавад?** |
| | **A.** Садонок.<br>**B.** Нимсадо.<br>**C.** Ҳамсадо.<br>**D.** Бесадо.<br>**E.** Ҷарангдор. | | **A.** тизза, каллак, баззоз.<br>**B.** Маккон, арра, ғалла, дурр.<br>**C.** Акка, дарра, курра, модда.<br>**D.** Муҳаббат, ҷаббор, ғаффор.<br>**E.** Ғуррон, паррон, занн, сирр. |
| 125 | **Танфис чист?** | 126 | **Калимаҳои вомӣ аз рӯи хусусиятҳои заданокӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд:** |
| | **A.** Қатъ гардидани талаффуз бинобар эҳтиёҷоти физиологӣ.<br>**B.** Вақте, ки дар талаффузи ин ё он порчаи овозӣ сарф мешавад.<br>**C.** Тавоноие, ки дар талаффузи овозҳо сарф | | **A.** Калимаҳои вомие, ки задаи забони вомшавандаро нигоҳ медоранд.<br>**B.** Ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки дар ҷавоби А ва В қайд шудааст.<br>**C.** 3 гурӯҳ – зада намегиранд, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мешавад.<br>**D.** Бурида шудани талаффуз ва дам гирифтан дар байни синтагмаҳо ва фразаҳо.<br>**E.** Тобиши сифатии овозҳо, ки ба миқдор ва таносуби лаҳнҳои асосию иловагӣ вобаста аст. | | задаи худро нигоҳ медоранд ва зада дар ҳиҷои охир меафтад.<br>**D.** Калимаҳои вомие, ки бо задаи тоҷикӣ талаффуз мешаванд.<br>**E.** Хусусияти заданокии худро нигоҳ медоранд. |
| **127** | **Гурӯҳи калимаҳое, ки дар ҳиҷои аввал зада гирифтаанд нишон диҳед.** | **128** | **Дар кадом ҳиссаҳои нутқ зада бештар дар ҳиҷои охир меояд?** |
| | **A.** Перорсол, ҳамоно, парерӯз<br>**B.** Хондан, дидан, омадан.<br>**C.** Оҳанин, симин, сафед.<br>**D.** Дирӯз, имрӯз, дина, фардо.<br>**E.** Мактаб, қадбаланд, саҳро | | **A.** Дар исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, ҷонишин.<br>**B.** Дар ҳиссаҳои мустақили нутқ.<br>**C.** Дар ҳиссаҳои ёвари нутқ.<br>**D.** Дар ҳиҷои охир намеояд.<br>**E.** Сифатҳое, ки дар ҷумла як аломати морфологӣ қабул кардаанд. |
| **129** | **Агар калимаҳои вомӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ ҷамъ баста шавад чӣ гуна зада мегирад?** | **130** | **Қолаби заданокӣ ҳангоми ба исм ва сифат гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ** |
| | **A.** Қолабҳои заданокӣ зарурати мувофиқшавӣ надоранд.<br>**B.** Заданокии миллии худро дар забони тоҷикӣ иваз намекунанд<br>**C.** Зада намегиранд.<br>**D.** Қолаби заданокии аслиашонро тағйир медиҳанд.<br>**E.** Дар ҳиҷои аввал зада мегиранд. | | **A.** Қолаби аслии худро гум карда, қолаби заданокии исмҳо ва сифатҳоро қабул мекунанд.<br>**B.** Қолаби заданокии худро нигоҳ медоранд.<br>**C.** Зада намегиранд.<br>**D.** Фақат дар ҳиҷои аввал зада мегиранд.<br>**E.** Исм задаи худро нигоҳ медорад, сифат задаашро иваз мекунад. |
| **131** | **Вазифаи қувваро чун унсури овозии оҳанг нишон диҳед.** | **132** | **Вазифаи асосии оҳангро муайян кунед.** |
| | **A.** Тавоне, ки дар талаффузи овозҳо сарф мешавад.<br>**B.** Сифати талаффузи овозҳо (унсури сифатӣ).<br>**C.** Вақте, ки дар | | **A.** Ба мардум хабар расонидан.<br>**B.** Воситаҳои асосии фарқ кунонидани хелҳои асосии ҷумла мебошад.<br>**C.** Боқироат шеъру ғазал |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | талаффузи ин ё он порчаи овозӣ сарф мешавад (унсури суръат).<br>**D.** Вақте, ки дар талаффузи ин ё он порчаи овозӣ сарф мешавад (унсури суръат).<br>**E.** Қувва ин динамики овоз аст. | | хондан.<br>**D.** Аломатҳои китобатро дар гуфтор маълум кардан.<br>**E.** Сухани ботакаллуф |
| **133** | **Ҳарфи “э” дар кадом мавридҳо навишта мешавад?** | **134** | **Дар кадоме аз ин калимаҳо тарзи дуруст кӯчонидани ҳиссаи калима нишон дода шудааст?** |
| | **A.** Дар аввал, мобайн ва охири калима.<br>**B.** Дар ҳамаи калимаҳо.<br>**C.** Дар аввали калима ва баъди калимаҳои иқтибосӣ.<br>**D.** Дар байни калима.<br>**E.** Дар калимаҳои иқтибосӣ. | | **A.** Са-о-дат.<br>**B.** А-роба.<br>**C.** Таби-и.<br>**D.** Сао-дат.<br>**E.** Арр-а. |
| **135** | **Аз ин намунаҳои овардашуда садонокҳои қатори қафоро ёбед.** | **136** | **Ҳамсадоҳои ҳалқиро аз ин қаторҳо муайян кунед.** |
| | **A.** у, о.<br>**B.** и, э, о.<br>**C.** у, ӯ.<br>**D.** о, и.<br>**E.** о, а. | | **A.** ъ, ҳ<br>**B.** г, к.<br>**C.** ъ, р.<br>**D.** г, х, ҳ, қ.<br>**E.** ч, ҷ, г, к. |
| **137** | **Дар тадқиқоти илмӣ барои пурратар ошкор намудани хусусиятҳои нутқи овозӣ хати махсус ... истифода мекунанд.** | **138** | **Ҳамсадоҳои димоғиро аз ин қаторҳо муайян кунед.** |
| | **A.** Семантикаро<br>**B.** Транскрипсияро<br>**C.** Транслитератсияро<br>**D.** Фонетикаро<br>**E.** калимашиносиро | | **A.** ч, ш, е.<br>**B.** м, н.<br>**C.** в, ф, б.<br>**D.** д, т, с, ш.<br>**E.** г, к, э. |
| **139** | **Транскрипсия чанд хел мешавад?** | **140** | **Дар калимаҳои *тақсим, тақсир, иқтисод, вақт* кадом ҳодисаи фонетикӣ дида мешавад?** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **A.** 2 хел – садонок ва ҳамсадо<br>**B.** 2 хел – илмӣ ва адабӣ<br>**C.** 2 хел – фонетикӣ ва фонологӣ<br>**D.** Ба гурӯҳ ҷудо намешавад<br>**E.** 3 хел – фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ | | **A.** Метатеза<br>**B.** Ассимилятся<br>**C.** Диссимилятсия<br>**D.** Ҷойивазкунӣ<br>**E.** Фонетикӣ |
| **141** | **Таснифоти генеалогии забонҳо гуфта чиро мефаҳмед?** | **142** | **Калимаҳои *амр, фармон, илтимос, хоҳиш, маслиҳат, огоҳӣ* кадом навъи оҳанг аст?** |
| | **A.**Дурии забонҳо<br>**B.**Забонҳои бегона<br>**C.**Гуногунии забонҳо<br>**D.**Хеши ва қаработии забонҳо<br>**E.**Системаи фонемаҳо | | **A.** Оҳанги пурсиш<br>**B.** Оҳанги ахбор<br>**C.** Оҳанги ҳикоягӣ<br>**D.** Оҳанги ангезиш<br>**E.** Оҳанги амрӣ |
| **143** | **Овозҳои асосии ҳиҷосоз кадом овозҳоянд?** | **144** | **Ҳамсадоҳои сонориро нишон диҳед.** |
| | **A.** Садонокҳои лабӣ.<br>**B.** Ҳамсадоҳои ҷарангдор.<br>**C.** Ҳамсадоҳои лабӣ.<br>**D.** Ҳамсадоҳои сонорӣ.<br>**E.** Садонокҳо, сонориҳо. | | **A.** л, м, н, р, й.<br>**B.** в, з, с, ж, м.<br>**C.** б, м, п, в, ф.<br>**D.** г, к, ғ, х, с.<br>**E.** д, т, н, ч, ҷ. |
| **145** | **Дар намунаҳои овардашуда кадом гурӯҳи калимаҳо бо “ӯ” навишта мешаванд?** | **146** | **Ҳарфи “ӯ” дар кадом мавридҳо навишта мешавад?** |
| | **A.** Муҳит, дуруст, рустанӣ.<br>**B.** Хурок, руй, дулона.<br>**C.** Дуруғ, дуруст, сурх.<br>**D.** Шуъба, шуъла, мурод.<br>**E.** Буд, зуд, зур. | | **A.** Дар охири калима.<br>**B.** Дар байни калимаву ибора.<br>**C.** Дар аввали калимаҳои аслан тоҷикӣ.<br>**D.** Дар калимаҳое, ки таърихан ӯ- и дароз доштанд.<br>**E.** Дар бандакҳои хабарӣ. |
| **147** | **Кадом калимаҳо бо ҳарфи “ӯ” навишта мешаванд?** | **148** | **Забони тоҷикӣ ба кадом гурухи забонҳо дохил мешавад?** |
| | **A.** Нур, гул, сулҳ. | | **A.** Гурӯҳи забонҳои германӣ. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **B.** Шуш, муш, хуш.<br>**C.** Хун, пур, дуд, дурр.<br>**D.** Нул, гуш, муй, ҷуй.<br>**E.** нун, чун, гул, мул. | | **B.** Гурӯҳи забонҳои ҳиндӣ.<br>**C.** Гурӯҳи забонҳои юнонӣ.<br>**D.** Гурӯҳи забонҳои албанӣ.<br>**E.** Гурӯҳи забонҳои эронӣ. |
| **149** | **Этимология кадом ҷиҳати калимаро меомӯзад:** | **150** | **Калимаҳои *омад, гузар, барор, чаро, даромад* дар кадом ҳолат ду маъноро ифода мекунанд?** |
| | **A.** Бойигарии луғавии забонро меомӯзад.<br>**B.** Тағйироти маъноиро меомӯзад.<br>**C.** Калимасозиро меомӯзад.<br>**D.** Калимафаққуниро.<br>**E.** Пайдоиши калимаҳоро меомӯзад. | | **A.** Бо иваз шудани ҷои зада.<br>**B.** Бо тағйири шакл кардани калима.<br>**C.** Бо воситаи оҳанг.<br>**D.** Бо ҳамроҳ шудани пешванду пасванд.<br>**E.** дар асоси калимасозӣ. |
| **151** | **Семасиология кадом ҷиҳати калимаро меомӯзад?** | **152** | **Овозҳои нутқ аз ҷиҳати вазифа ба чанд гурух ҷудо мешаванд?** |
| | **A.** Шакли калимаро меомӯзад.<br>**B.** Калимасозиро меомӯзад.<br>**C.** Маънои калимаро меомӯзад.<br>**D.** Баромади калимаро меомӯзад.<br>**E.** Ибораро меомӯзад. | | **A.** 2.<br>**B.** 4.<br>**C.** 3.<br>**D.** 5.<br>**E.** Ҷудо намешаванд. |
| **153** | **Дар фонетика овозҳои нутқ аз кадом ҷиҳат омӯхта мешавад:** | **154** | **Аз калимаи *абрешим* ҳамсадоҳои ҷарангдорро ёбед.** |
| | **A.** Аз ҷиҳати фонетикӣ.<br>**B.** Физиологӣ, забоншиносӣ.<br>**C.** Тағйироти таркиби овозӣ.<br>**D.** Аз ҷиҳати шакл.<br>**E.** Аз ҷиҳати пайдоиш. | | **A.** б.<br>**B.** р.<br>**C.** б, р, м.<br>**D.** р, м.<br>**E.** б, р. |
| **155** | **Таъриферо, ки нисбати оҳанг оварда шудааст ишора кунед:** | **156** | **Зада дар куҷо намеафтад?** |
| | **A.** Баландтар садо додани | | **A.** Ба пайвандаки |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | садонок.<br>**B.** Воситаҳои муҳими ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла.<br>**C.** Бемонеа талаффуз шудани овоз<br>**D.** Шиддатнок гуфта шудани ҳиҷо.<br>**E.** Таъкиди калима. | | пайвасткунандаи -у (-ю)<br>**B.** Ба ҳиҷои охирин<br>**C.** Ба пешванди феълии ме-, би-<br>**D.** Ба пасвандҳои калимасоз<br>**E.** Ба ҳиҷои аввал |
| **157** | **Лексикология чиро меомӯзад?** | **158** | **Кадом ибора нодуруст навишта шудааст?** |
| | **A.** Сохти калимаро<br>**B.** Ҳиссаҳои нутқро<br>**C.** Калимашиносиро.<br>**D.** Ибораву ҷумларо<br>**E.** Аломати тағйирёбии калимаҳоро | | **A.** Мавзӯъи дарс<br>**B.** Мавқеи хуб<br>**C.** Масъалаи осон<br>**D.** Ҷамъи мардум<br>**E.** Духтари зебо |
| **159** | **Маънои калимаи *фараҳ* кадом аст?** | **160** | **Алифбои ҳозираи тоҷикӣ (кириллӣ) кай ҷорӣ гардид?** |
| | **A.** Палид, зишт, бад<br>**B.** Зебой, покӣ, орӣ<br>**C.** Ягона, танҳо, якка<br>**D.** Шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ<br>**E.** Бофайзу тараб | | **A.** Октябри соли 1939<br>**B.** Феврали соли 1928<br>**C.** Соли 1925<br>**D.** Соли 1940<br>**E.** Соли 1900 |
| **161** | **Маънои мувофиқро ишора кунед:** | **162** | **Илм дар ҳаёти ҷомеа чӣ аҳамият дорад?** |
| | **A.** Хотам – номи шахс, суд – қозӣ<br>**B.** Фавқуззикр – мазкур, гав – азимҷусса, қабеҳ – хуб<br>**C.** Қабеҳ – зишт, палид – хуб.<br>**D.** Ровӣ – ривояткунанда, доҳӣ – зирак, хор – хас.<br>**E.** Хотам – ангуштарӣ, суд – фоида, гав – азимҷусса. | | **A.** Илм асоси пешрафти ҷамъият аст.<br>**B.** Илм барои ташкили мактабҳо лозим аст.<br>**C.** Илм барои бо кор таъмин кардани олимон лозим аст.<br>**D.** Он барои таъмини китобхонаҳо лозим аст.<br>**E.** Олим меофаранд. |
| **163** | **Забони тоҷикӣ дар кадом аср ташаккул ёфт?** | **164** | **Дар забони тоҷикӣ ҳиҷои заданок чӣ тавр талаффуз карда мешавад?** |
| | **A.** Дар асри XX<br>**B.** Дар асрҳои IX-X<br>**C.** Дар асри XV | | **A.** Шиддатнок<br>**B.** Нарм<br>**C.** Беовоз |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **D.** Дар асри XII<br>**E.** Дар асри X | | **D.** Оҳиста<br>**E.** Боилтифот |
| **165** | **Ҷумлаи зерин аз рӯи оҳанг ва мақсад чӣ гуна ҷумла аст?**<br>*Гузаштагони халқи тоҷик аз худ боигарии маънавии бузургеро ба мо мерос гузоштаанд.* | **166** | “Нависанда бояд ба дараҷае сода ва оммафаҳм нависад, ки ҳар хонанда гуфтаҳои ӯро равшан фаҳмад ва дар айни замон навиштаҳои ӯ мувофиқи қоидаҳои забон буда, дилчаспу шавқангез барояд” – **фикри кист?** |
| | **A.** Саволӣ<br>**B.** Хабарӣ<br>**C.** Амрӣ<br>**D.** Хитобӣ<br>**E.** Ангезиш | | **A.** Расул Ғамзатов<br>**B.** Раззоқ Ғаффоров<br>**C.** Носирҷон Маъсумӣ<br>**D.** Садриддин Айнӣ<br>**E.** Саидризо Ализода |
| **167** | **Калимаҳои *дастча, ҷаҳл, гирдбод, каландча* дар асоси кадом принсипи имло навишта шудааст?** | **168** | **Ҷараёну сабаби ба вуҷуд омадани овоз** |
| | A. Принсипи морфологӣ (сарфӣ).<br>B. Принсипи фонетикӣ (савтӣ).<br>C. Принсипи анъанавӣ-таърихӣ<br>D. Принсипи синтаксисӣ<br>E. Принсипи забоншиносӣ | | **A.** Мавзӯи баҳси фонетикаи шунавоист.<br>**B.** Мавзӯи баҳси фонетикаи забоншиносист.<br>**C.** Мавзӯи баҳси фонетикаи тавлидист.<br>**D.** Мавзӯи баҳси фонетикаи таърихист.<br>**E.** Фонетика меомӯзад. |
| **169** | **Алифбо ва имлои забони тоҷикӣ кай тасдиқ шудааст?** | **170** | **Чӣ навъ бояд навишт?** |
| | **A.**4-уми октябри соли 2011<br>**B.**3-уми сентябри соли 1998<br>**C.**1-уми декабри соли 1995<br>**D.**22-уми июли соли 1989<br>**E.**5-уми июни соли 1988 | | **A.** Тахсир, мақсад, вақт<br>**B.** Вахт, тақсим, тахт<br>**C.** Тақсим, тақсир, иқтисод<br>**D.** Рахт, бахт, замбар, вахт<br>**E.** Замбур, амбор, ихтисод. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **171** | **Вазифаи зада дар калимаҳои равон, давон, киро, баромад, биҳишт дар чист?** | **172** | **“Адаб” аз кадом забон гирифта шудааст?** |
| | **A.** Калимасозӣ<br>**B.** Овозшиносӣ<br>**C.** Калимафарққунӣ<br>**D.** Оҳангсозӣ<br>**E.** Шумори ҳиҷо | | **A.** Лотинӣ<br>**B.** Юнонӣ<br>**C.** Эронӣ<br>**D.** Арабӣ<br>**E.** Англисӣ |
| **173** | **Сохти калимаи “китобхона”-ро муайян кунед.** | **174** | **Абёт чист?** |
| | **A.** Сохта<br>**B.** Таркибӣ<br>**C.** Мураккаб<br>**D.** Сода<br>**E.** Омехта | | **A.** Адабиёт<br>**B.** Ҷамъи адаб<br>**C.** Одоб<br>**D.** Ҷамъи байт<br>**E.** Рубоӣ |
| **175** | **Калимаҳои “кӣ” ва “чӣ” дар кадом маврид бо “й” навишта мешаванд?** | **176** | **Чӣ тавр бояд навишт?** |
| | **A.** Чун пайвандак.<br>**B.** Чун пурсишҷонишин.<br>**C.** Чун калимаи ёридиҳанда.<br>**D.** Дар ҳама маврид.<br>**E.** Чун пешоянд. | | **A.** Базоз, конститутсия<br>**B.** Таррох, ташакур, бахт<br>**C.** Муҳаббат, вахт, иқтисод<br>**D.** Ташаккур, чаҳл, принсип<br>**E.** Хидмат, ки?, ҳила, қиммат |
| **177** | **Ономастика чиро меомӯзад?** | **178** | **Услубшиносӣ чиро меомӯзад?** |
| | **A.** Калимашиносиро<br>**B.** Шаклсозиро<br>**C.** Нутқи фасеҳро<br>**D.** Калимаҳои қабеҳро<br>**E.** Санъати номмониро | | **A.** Таркиби луғавии забонро.<br>**B.** Ҳиссаҳои нутқро.<br>**C.** Услубҳо ва воситаҳои услубии забонро.<br>**D.** Ибораҳои рехта ва устуворро.<br>**E.** Нутқи айнан нақлшударо. |
| **179** | **Чӣ навъ бояд навишт?** | **180** | **Навишти дурустро нишон диҳед:** |
| | **A.** Барои онки<br>**B.** Барои он кӣ<br>**C.** Барои он ки<br>**D.** Барои он, ки<br>**E.** Ба рои онки | | **A.** Кур, нул, мӯл, дастча<br>**B.** Мӯр, кул, гӯл, махсад<br>**C.** Каланд, машҳур, занбӯр, кӯр<br>**D.** Ташакул, табаррук, тойифа |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | **E.** Тағйир, тахсим, дарё |
| **181** | **Дар алифбои тоҷикӣ чанд ҳарф ва чанд овоз мавҷуд аст?** | **182** | **Аз ин овозҳо садоноки бардошти болоро нишон диҳед.** |
| | **A.** 35 ҳарф ва 30 овоз<br>**B.** 35 ҳарф ва 31 овоз<br>**C.** 31 ҳарф ва 35 овоз<br>**D.** 35 ҳарф ва 39 овоз<br>**E.** 45 ҳарф ва 39 овоз | | **A.** а, о, э.<br>**B.** и, у, ӯ.<br>**C.** э, ӯ, о.<br>**D.** о, у, а.<br>**E.** и, а, у. |
| **183** | **Миқдори ҳарфу овозҳои калимаи “сиёҳ”-ро муайян кунед.** | **184** | **Маънои калимаҳои “тааддӣ”, “забарҷад”, “мабдаъ”:** |
| | **A.** 4 ҳарфу 6 овоз<br>**B.** 4 ҳарфу 5 овоз<br>**C.** 4 ҳарфу 3 овоз<br>**D.** 4 ҳарфу 4 овоз<br>**E.** 5 ҳарфу 4 овоз | | **A.** Тоб, номи инсон, ғазал.<br>**B.** Ташнагӣ, ҳарфи арабӣ, охир.<br>**C.** Зулм, санги қиматбаҳо, асосу маншаъ.<br>**D.** Шодӣ, зебогӣ, асосу пайдоиш.<br>**E.** Зулм, навъи санг, охирин. |
| **185** | **Калимаҳои мушаддадро нишон диҳед?** | **186** | **Шарҳи дурусти мавриди гузоштани аломати вергул:** |
| | **A.** Муарраб, муаттар, мубаддал, мудаввар, музаффар, муаллим, муаллиф, муаррих.<br>**B.** Таълим, тадрис, теъдод, баъд, раъд, шамъ, навъ.<br>**C.** Мадраса, мударрис, дараса, дарс.<br>**D.** Ҷавоби дуруст нест.<br>**E.** Синтаксис, фразеология, услубшиносӣ. | | **A.** Пеш аз ҳар як калимаи ихтисоршуда.<br>**B.** Дар охири калима, ибора ё ҷумлаҳои шарҳу эзоҳталаб гузошта мешавад.<br>**C.** Пеш аз пайвандакҳои хилофии аммо, вале, лекин…<br>**D.** Дар охири калимаҳои кӯтоҳшудаи таркибӣ: ШМА, ВАО, АИ, ДДС…<br>**E.** Танҳо пеш аз пайвандакҳои пайвасткунандаи тобеъ. |
| **187** | **Дар навишти ибораи сифатӣ имлои кадоме дуруст аст?** | **188** | **Кадом тарзи навишт дуруст аст?** |
| | **A.**Боақл-у фаросат<br>**B.**Боақлу фаросат<br>**C.**Бо ақлу фаросат<br>**D.**Бо ақлу фар-осат<br>**E.** Бо ақл у фурсат | | **A.** Ҳаштсад<br>**B.** Ҳашсад<br>**C.** Ҳашт сад<br>**D.** Ҳашт-сад<br>**E.** Ҳаш сад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **189** | **Аломати қавс дар кадом ҳолат ба кор бурда мешавад?** | **190** | **Мавриди истифодаи аломати баён:** |
| | **A.** Дар охири калимаҳои грамм, кг, сентнер, см, метр, км ва монанди инҳо.<br><br>**B.** Барои шарҳу эзоҳи калимаҳои камистеъмол, кӯҳнашудаю шевагӣ, истилоҳҳои соҳавӣ муродифҳои маълуму машҳури онҳо.Ҳамаи ҷавобҳо дуруст.<br><br>**C.** Дар охири калимаҳое, ки ба маънои аслии худ не, балки ба маънои маҷозӣ омадаанд.<br><br>**D.** Пеш аз пайвандакҳои хилофии аммо, вале, лекин… | | **A.** Дар охири калима, ибора ё ҷумлаҳои шарҳу эзоҳталаб гузошта мешавад.<br><br>**B.** Дар байни ҷумлаҳои мустақили баробарҳуқуқ гузошта мешавад.<br><br>**C.** Ба ҷои ҳамон калимаю ибораҳое гузошта мешавад, ки аз рӯи одоб навиштани онҳо раво нест.<br><br>**D.** Дар вақти ҷавоб надодан ба пурсиш.<br><br>**E.** Дар байни ҷумлаҳои мустақили баробарҳуқуқ ва сода. |
| **191** | **Хати пиктографӣ чӣ гуна хат аст?** | **192** | **Мавриди дуруст корбаст шудани аломати нохунак:** |
| | **A.** Хате, ки хабари томро мерасонад.<br><br>**B.** Аломатҳои ишоравии қадима<br><br>**C.** Хати ҳиҷоӣ<br><br>**D.** Хати тасвирӣ, овозӣ.<br><br>**E.** Хати аксӣ, тасвирӣ, нақшу нигорӣ. | | **A.** “Тоҷикони” Бобоҷон Ғафуров<br><br>**B.** “Паҳлавон-ро” “Оллоҳу акбар”<br><br>**C.** “Ҷӯгӣ”-и Сорбон<br><br>**D.** “Китобушшифо”-и Ибни Сино”<br><br>**E.** “Марги судхӯри” С.Айнӣ |
| **193** | **Миқдори ҳарфу овозҳои калимаи “ёдгор”-ро муайян кунед.** | **194** | **Дарки маъно кунед:** |
| | **A.** 5 ҳарфу 6 овоз | | **A.** Набз – тапиши дил, ваъғаз – аланга, пора – тӯҳфа. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **B.** 6 ҳарфу 5 овоз<br>**C.** 6 ҳарфу 5 овоз<br>**D.** 4 ҳарфу 3 овоз<br>**E.** 6 ҳарфу 5 овоз | | **B.** Хор – ҳақир, набард – ҷанг.<br>**C.** Дабир – нависанда, тааннӣ-соз.<br>**D.** Тааннӣ – таъхир, набз – тапиш.<br>**E.** Тааммул – фикр, хор – ниҳол. |
| **195** | **Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ барои ифодаи пурсиш кадом воситаҳо кор фармуда мешавад:** | **196** | **Дар матн нуқта дар ҳолатҳои зерин гузошта намешавад:** |
| | **A.** Ҷавоби A, B, C дуруст.<br>**B.** Ҷонишинҳои саволӣ (пурсишҷонишинҳо): кӣ, кадом, чанд, куҷо, чӣ гуна, чӣ сон, чӣ зайл, чӣ тариқа, чӣ тавр.<br>**C.** Ҳиссачаҳои саволӣ: -а, -чӣ, -ё, магар, наход….<br>**D.** Интонатсия (оҳанг) тарзи талаффуз, оҳангҳои ахборӣ, пурсиш, ангезиш, муроҷаат, номбарӣ.<br>**E.** Дар охири ҳама гуна ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва яккалимагӣ гузошта мешавад. | | **A.** Ҳамаи ҷавобҳо дуруст.<br>**B.** Дар охири сарлавҳаҳо ва дар охири фамилияи муаллиф, номи китобҳои дарсӣ, илмӣ, бадеӣ…<br>**C.** Дар охири унвонҳои ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки моҳияти маъноии онҳо низ ба тамоми матн алоқа дорад.<br>**D.** Дар охири калимаҳои кӯтоҳшудаи таркибӣ: ШМА, ВАО, АИ, ДДС…<br>**E.** Дар охири калимаҳои грамм, кг, сентнер, см, метр, км ва монанди инҳо, ки ченакҳои миқдор ва ё ҳаҷму сатҳ мебошанд. |
| **197** | **Дарки маъно кунед:** | **198** | **Имлои дурустро муайян кунед:** |
| | **A.** Пул – кӯпрук, сипос – ҳамду сано, вом – бегона.<br>**B.** Муншӣ – нависанда, тааҷҷуб – ҳавас, суд – фойда.<br>**C.** Интишор – паҳншавӣ, гӯл – растанӣ.<br>**D.** Кул – танҳо, ҳирс – дунё.<br>**E.** Вом – бегоҳ, вожа – калима. | | **A.** Касб, кабуд, сабад<br>**B.** Касп, санҷит, кабут<br>**C.** Далер, амбор, тахсим<br>**D.** Касб, қассоб, расим<br>**E.** Санҷит, хуб, ҳаш |

| 199 | **Аломати нимтире дар кадом ҳолатҳо гузошта мешавад?** | 200 | **Аломати хитоб дар кадом ҳолатҳо гузошта мешавад?** |
|---|---|---|---|
| | **A.** Дар байни калимаҳое, ки ҷузъи дуюмашон ҷузъи якумро пурра мекунанд.<br>**B.** Дар байни калимаҳои тақлидӣ ва сифатҳои таъкидӣ.<br>**C.** Дар байни сифатҳои мураккаб ва нидоҳо.<br>**D.** Пеш аз сархат ҳамеша тире гузошта мешавад.<br>**E.** Барои шарҳ додани калимаҳои шевагӣ ва кӯҳна. | | **A.** Агар ҷумла маънои пурраи фармоишро ифода кунад.<br>**B.** Дар охири ҳама гуна ҷумлаҳои содаи яктаркиба.<br>**C.** Пас аз калимаҳои чида ва тақлидӣ гузошта мешавад.<br>**D.** Агар ҷумла оҳанги пурсишро дошта бошад.<br>**E.** Баъд аз сифатҳои дараҷаи олӣ гузошта мешавад. |

# Вожанома

| Тоҷикӣ | Ўзбекӣ | Англисӣ | Форсӣ | Русӣ |
|---|---|---|---|---|
| Алифбо | Алифбо | ABC | الفبای | Алфавит |
| Аъзоҳои нутқ | Нутқ аъзолари | Member speech | اندامهای گفتار | Члены речи |
| Ванд | Қўшимча | Affixes | وند | Аффикс |
| Грамматика | Грамматика | Grammar | دستور | Грамматика |
| Дастгоҳи нафас | Нафас олиш органлари | Breathing organs | اندامهای تنفسی | Органы дыхания |
| Дастгоҳи гуфтор | Нутқ аъзолари | Speech organs | اندامهای گفتار | Члены речи |
| Дигаргуниҳои фонетикӣ | Фонетик ўзгариш | Phonetic change | تغییر واجی | Фонетическое изменение |
| Забон | Тил | Language | زبان | Язык |
| Зада | Урғу | Stressed | تاکید | Ударение |
| Инфинитив | Инфинитив | Infinitive | مصدر | Инфинитив |
| Имло | Орфография | Ortho-graphy | رسم الخط | Орфография |
| Исм | От | Noun | اسم | Существи-тельное |
| Изофа | Изофа | Ezāfa | اضافه | Изафет |
| Истилоҳ | Термин | Term | اصطلاحات رشته خاص | Термин |
| Калима | Сўз | Word | واژه | Слово |
| Калимаҳои нав | Янги сўзлар | New words | واژه جدید | Неологизм |
| Калимаҳои мансух | Эски сўзлар | Archaism | قدمت | Архаизм |
| Калимаҳои таърихӣ | Тарихий сўзлар | Historicism | مکتب تاریخی | Историзм |
| Калимаҳои вомӣ | Иқтибосий сўзлар | Borrowed words | کلمه قرضی و وام | Заимствованны е слова |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | واژگانی | |
| Қадима | Қадимий | Ancient | باستانی | Древний |
| Луғатшиносӣ | Луғатшунослик | lexicology | واژۀ شناسی | Лексикология |
| Луғатнависӣ | Луғат ёзиш | Lexicography | واژه نگار | Лексикография |
| Маъно | Маъно | Meaning | سطح معنایی | Смысл |
| Маҷоз | Мажоз | metaphor | مجاز | Метафора |
| Мубтадо | Эга | Subjekt | نهاد | Подлежащее |
| Муродиф | Синоним | Synonim | اسم مترادف | Синоним |
| Мутазод | Антоним | Antonym | اسم متضاد | Антоним |
| Наҳв | Синтаксис | Syntax | نحو | Синтаксис |
| Нусхабардорӣ | Нусха кўчириш | Copying | ردیابی مقاله | Калька |
| Овоз | Фонема | Phoneme | واج | Фоне́ма |
| Овозшиносӣ | Транскрипсия | Transcrip-tion | آوانویسی، واجنویسی | Транскрипция |
| Овози ҳамсадо | Ундош товуш | Consonant | همخوان | Согласный |
| Овози садонок | Унли товуш | Vowel | واکه | Гласный |
| Овозҳои нутқ | Нутқ товушлари | Speech sounds | | Звуки речи |
| Орфоэпия | Орфоэпия | Orphoepics | تجوید | Орфоэпия |
| Оҳанг | Оҳанг | Tune | لحن | Интонация |
| Пайвастаҳо (лигатура) | Лигатура | Ligature | حروف متصل | Лигатура |
| Пешоянд | Олд кўмакчилар | Preposi-tion | حروف اضافه | Предлог |
| Савтиёт | Фонетика | Phonetics | آواشناسی | Фоне́тика |
| Сарф | Морфология | Morphology | صرف سازه شناسی | Морфология |
| Сермаъно | Кўпмаъноли | Polysemy | چند معنایی | Полисемия |
| Сифат | Сифат | Adjective | صفت | Прилагатель ное |
| Узвҳои шунавоӣ | Эшитиш органлари | Hearing organs | اندامهای شنوایی | Органы слуха |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Услубшиносӣ | Услубшунослик | Stylistics | سبکشناسی | Стилистика |
| Феъл | Феъл | Verb | فعل | Глагол |
| Фразеология | Фразеология | Phraseology | عبارت پردازی | Фразеология |
| Хабар | Кесим | Predicate | گزاره | Сказуемое |
| Ҳамгуна | Омоним | Omonym | اسم متشابه | Омоним |
| Ҳарф | Ҳарф | Letter | حروف خطی | Буква |
| Ҳиҷо | Бӯғин | Syllable | هجا | Слог |
| Шумора | Сон | Numeral | عدد | Числительное |
| Ҷумла | Гап | Sentence | جمله | Предложение |
| Ҷонишин | Олмош | Pronoun | ضمیر | Местоимение |
| Ҷамъият | Жамъият | Society | | Общество |
| Этимология | Этимология | Etimology | ریشه شناختی | Этимология |
| Якмаъно | Бирмаъноли | Monosemy | یک معنا | Моносемия |

## КИТОБНОМА:


1. Абӯалӣ ибн Сино. Осори мунтахаб. ҷ.I. – Душанбе: 1983.-478 с.
2. Абӯалӣ ибн Сино. Осори мунтахаб. ҷ.II. – Душанбе: 1983.-560 с.
3. Афсаҳов А., Қаҳҳоров Ҳ. Хат ва пайдоиши он. – Душанбе: Маориф, 1994.-50 с.
4. Бобомуродова М., Шоев Р. Фонетика. (Роҳнамои таълим барои ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик). – Душанбе: "ЭР-граф", 2017.-200 с.
5. Бобомуродов Ш. Садоноки "ӯ" ва мавқеи он дар системаи вокализми забони адабии тоҷик: Дастури методӣ. – Душанбе: 1978.-54 с.
6. Бобомуродов Ш. Ҳамсадоҳои такрор дар забои адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1988.-32 с.
7. Бобомуродов Ш., Бобомуродова М. Таълими баъзе масъалаҳои душвори фонетика ва имлои тоҷикӣ. – Душанбе: 2016. -200 с.
8. Бондарко Л.В. и др. Основа общей фонетики. – Л.: 1983.
9. Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Сталинобод. 1940.-.
10. Бузургзода Л., Ниёзмуҳаммедов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. – Сталинобод: 1949.
11. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. – Самарқанд, 2006.
12. Воҳидов А. Фарҳангнигори форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои X-XIX. – Самарқанд, 2018.
13. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985.-356 с.
14. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.ҷ.2. – Душанбе: Дониш, 1989.-220 с.
15. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 1989.-225 с.
16. Давлатбеки Хоҷа. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе: 1998.
17. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Қисми 1. Лексикология, фонетика, морфология. – Душанбе: 1973.-450 с.
18. Зализняк А. А. Древнерусское ударение: Общие сведения и словарь. – М.: Языки славянской культуры, 2014.-728 с.
19. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992.-301с.
20. Зиндер Л.Р. Обшая фонетика. – Изд. 2. – М.:1979.-с.4.
21. Имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1999.-34 с.

22. Кабиров М., Воҳидов А. Забони адабии ҳозираи тоҷик. қ.1. – Самарқанд: 2010.-160 с.
23. Калонтаров Я. И. Луғати имлои забони адабии тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1974.-333 с.
24. Климов Г.А. Фонема и морфема. К проблеме лингвистических единиц. – Либроком.2009.-130 с.
25. Кодзасов С.В., Кривнова О.Ф. Общая фонетика. – М.: РГГУ, 2001.-592 с.
26. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. /Мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир, 2013.-40 с.
27. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. /мураттиб: Аслиддин Қамарзода/, – Тошкент: Муҳарир, 2013.-40 с.
28. Маниёзов А., Мирзоев А. Луғати имло. – Душанбе: Маориф, 1991.
29. Маслов Ю.С. Введение в языкознание. М. – 1975.-с.36.
30. Маслов Ю.С. Избранные труды: Аспектология. Общее языкознание. – М.: Языки славянской культуры, 2004.
31. Матусевич М.И. Введение в общую фонетику. – М.: 1959.
32. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷ.2. Забоншиносӣ. – Душанбе: Ирфон,1980.-294 с.
33. Наимов С. Хониши ифоданок. – Душанбе: Маориф, 1990.-88 с.
34. Насриддини Тӯсӣ. Меъёр ул-ашъор. – Душанбе: 1992.
35. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995. -176 с.
36. Обидов У., Каримов Ш. Аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф,1995.
37. Овчинникова И.К., Иванов В.Б. Учебник персидского языка. – М., 2002.
38. Расторгуева В.С. Краткий очерк фонетики таджикского языка (Учеб. Пособие для филол. Факултетов тадж. вузов), Сталинобод, 1955, стр.24-25.
39. Розенталь Д.Э. Русский язык. Орфография. Пунктуация. Орфографический словарь. (Классический справочник). – М.; 2011. -736 с.
40. Рубинчик Ю.А. Грамматика современного персидского литературного языка. – М., 2001.
41. Селиверстова В.И. Понятийно-терминологический словарь логопеда /Под редакцией. – Москва:1997. -400 с.

42. Убайдуллоев Р.М. Таджикский вокализм. Учен. записки ДГПИ, т. 90, сер. “иност. языки”. – Душанбе: 1974.-193 стр.
43. Ӯктами Холиқназар. Ғалат менависем. Фарҳанги душвориҳои забони форсии тоҷикӣ. – Душанбе: 2000. -252 с.
44. Файзов М. Гласные звуки таджикского литературного языка. – Душанбе: 1992. -185 с.
45. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Ҷ.1. – М., 1969. -951с.
46. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Ҷ.2. – М., 1969. -947 с.
47. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1989.-198 с.
48. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони ҳозираи тоҷик. қисми I. – Душанбе: Маориф,1984.
49. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони ҳозираи тоҷик. қисми II. – Душанбе: Маориф,1984.
50. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе: 1998.-166 с.
51. Хоҷаев Д., Кабиров Ш. Синтаксис ва пунктуатсия. – Душанбе: Маориф, 1991.-60 с.
52. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011.-230 с.
53. Хоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX. – Душанбе: Дониш, 1987.
54. Ҳусейнзода Х., Шукуров К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. – Душанбе: 1983.-с.143.
55. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991.-463 с.
56. Щерба П.В. Теория русского писма. – Л., 1983.-с.128
57. dic.academic.ru
58. http:// www.irandoc.ac.ir
59. www.mt.tashgiv.uz
60. https://ru.m.wikipedia.org
61. https://www.twirpx.com

**Мундарича**

ПЕШГУФТОР ........................................................................................3
**Боби I. Аз таърихи омӯзиши фонетикаи забони тоҷикӣ...........6**
1.1. Мавқеи фонетика (савтиёт) дар байни қисматҳои дигари забон..........................................................................................6
1.2. Қайду мулоҳизаҳои Ибни Сино, Носири Хусрав, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ роҷеъ ба масъалаҳои савтиёт ..............................6
1.3. Саҳми эроншиносони рус ва савтшиносони тоҷик дар омӯзиши сохтори овозии забони тоҷикӣ.....................................12
**Боби II. Фонетика – илм дар бораи сохтмони овозии забон.......15**
2.1. Мафҳуми сохтмони овозии забон.....................................15
2.2. Мавзӯи баҳси фонетика....................................................16
2.3. Воҳидҳои асосии фонетика...............................................18
2.4. Алоқаи фонетика бо фанҳои дигар...................................21
2.5. Аҳамияти фонетика..........................................................25
2.6. Овознависӣ (транскрипсия)..............................................27
**Боби III. Ҷиҳати сегонаи воҳидҳои овозӣ....................................32**
**3.1. Омӯзиши сохтмони овозии забон...........................................32**
**3.2. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати шунавоии(акустикӣ) воҳидҳои овозӣ..........................................................................32**
a. *Вақти талаффуз ва тамдиди овоз.....................................33*
b. *Зудии лаппиш ва баландии овоз.......................................34*
c. *Қувваи талаффуз ва сахтии овоз.......................................34*
d. *Танини овоз......................................................................36*
**3.3. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати тавлидии(физиологӣ) воҳидҳои овозӣ........................................................................38**
a. *Дастгоҳи нафас.................................................................39*
b. *Дастгоҳи садо...................................................................41*
c. *Дастгоҳи овоз....................................................................43*
d. *Пойгоҳи овозсозӣ..............................................................45*
**3.4. Хусусияти ба худ хоси ҷиҳати забоншиносии(лингвистӣ) воҳидҳои овозӣ........................................................................46**
a. *Фонема.............................................................................46*
b. *Таҷзияи ҷараёни нутқ.......................................................47*
c. *Фонема ва тобишҳои он....................................................48*
d. *Нишонаҳои фонема...........................................................52*
**Боби IV. Фонемаҳои забони тоҷикӣ.........................................57**
*4.1.* **Миқдори фонемаҳо..............................................................57**
4.2. **Низоми садонокҳои забони тоҷикӣ......................................60**
a. *Тазодҳои садонокҳо...........................................................59*
b. *Гурӯҳбандии садонокҳо.....................................................61*

*c. Тавсифи садонокҳо*.....................................................63
*d. Ёдбарсарҳо*..............................................................69
4.3. **Низоми ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ**......................................**69**
*a. Гурӯҳбандии ҳамсадоҳо*..................................................70
*b. Аз рӯи тарзи тавлид*....................................................72
*c. Нишонаҳои фарқкунандаи ҳамсадоҳо*......................................75
*d. Тавсифи ҳамсадоҳо*......................................................76
**Боби V. Моҳияти фонетикии ҳамсадоҳои мушаддад**.............................**91**
5.1. Ташдиди овозҳо.........................................................91
5.2. Тавсифи фонетикӣ.......................................................91
5.3. Тавсифи фонологӣ.......................................................94
5.4. Калимаҳои мушаддад аз ҷиҳати баромад....................................95
**a. Калимаҳои аслан тоҷикӣ**................................................95
**b. Калимаҳои вомӣ**........................................................96
**c.** Ҳамсадоҳои мушаддад дар таркиби калимаҳои русию аврупоӣ................98
5.5. **Сабаб ва роҳҳои пайдоиши ҳамсадоҳои мушаддад**..........................**99**
**a.** Морфологӣ.............................................................99
***b.*** Фонетикӣ..............................................................100
**Боби VI. Фонемаҳо дар ҷараёни нутқ**......................................104
6.1. Мутобиқат..............................................................104
6.2. Мувофиқат..............................................................105
6.3.Монандшавӣ.............................................................106
6.4. Мувофиқати мавқеӣ......................................................106
6.5. Тахфиф.................................................................107
6.6. Афзоиш.................................................................108
6.7. Коҳиш..................................................................109
6.8. Ҷойивазкунӣ............................................................110
6.9. Табдил.................................................................110
**Боби VII.** ***Ҳиҷо ва мавқеи он дар забони тоҷикӣ***.............................***117***
7.1. Мафҳуми ҳиҷо...........................................................117
7.2. Хелҳои ҳиҷо............................................................117
7.3. Ҳиҷосозӣ...............................................................119
7.4. Ҳиҷоҷудокунӣ...........................................................119
**Боби VIII.** ***Зада дар забони тоҷикӣ (аксентология)*** ...........................***124***
*8.1. Мафҳуми зада*..........................................................124
*8.2. Моҳияти овозии зада*...................................................125
*8.3. Ҷои зада дар калима*...................................................127
*8.4. Зада дар калимаҳои вомӣ*...............................................134
*8.5. Калима ва морфемаҳои безада*...........................................136
*8.6. Вазифаи задаи калима*..................................................138

**Боби IX. Оҳанг *дар забони тоҷикӣ (интонология)*.................141**
9.1. Мафҳуми оҳанг (интонатсия)........................................141
9.2. Вазифаҳои оҳанг...........................................................143
9.3. Унсурҳои асосии оҳанг.................................................145
***a.*** *Наво*..................................................................................146
***b.*** *Тамдид*..............................................................................148
***c.*** *Танфис*..............................................................................149
***d.*** *Танин*................................................................................150
9.4. Фраза.................................................................................151
9.5. Синтагма............................................................................153
9.6. Задаи синтагма...................................................................154
9.7. Задаи таъкид.......................................................................158
9.8. **Оҳанги анвои асосии гуфтори тоҷикӣ.........................160**
a. *Оҳанги ахбор*.........................................................................161
b. *Оҳанги пурсиш*......................................................................162
c. *Оҳанги ангезиш*.....................................................................169
d. *Оҳанги муроҷиат*...................................................................171
e. *Оҳанги номбарӣ*....................................................................173
**Боби X. Орфоэпия(нутқи фасеҳ) дар забони тоҷикӣ..............177**
10.1. Меъёрҳои талаффуз.........................................................177
10.2. Дарозу кӯтоҳ талаффуз шудани садонок......................178
10.3. Истеъмоли садоноки у ва ӯ......................................... 180
**Боби XI. Орфография(имло) дар забони тоҷикӣ....................185**
11.1. Тасдиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ.......................185
11.2. Принсипҳои асосии имлои забони тоҷикӣ....................186
11.3. Мафҳуми имло...................................................................187
11.4. Имлои баъзе аломатҳо.....................................................189
**Боби XII. Хат ва пайдоиши он.................................................200**
12.1. Хати ҷумлавӣ (фразограмма).........................................201
12.2. Хати аксӣ, тасвирӣ (пиктограмма)................................201
12.3. Хати калимагӣ (логограмма)..........................................202
12.4. Хати ҳиҷогӣ (силлабограмма)........................................203
12.5. Хати овозӣ (фонограмма)...............................................204
2.6. Хати мехӣ..............................................................................206
12.7. Хати авестоӣ.......................................................................209
Намунаи таҳлили фонетикӣ......................................................213
Саволномаҳои тестӣ…...............................................................215
Вожанома.......................................................................................245
Китобнома......................................................................................248

**Алифбо 4 октябри соли 2011 тасдиқ шудааст.**

# 1. АЛИФБО. ТАРТИБ ВА НОМИ ҲАРФҲО

1) Алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф дорад:

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аа** | **Бб** | **Вв** | **Гг** | **Ғғ** | **Дд** | **Ее** | **Ёё** | **Жж** | **Зз** | **Ии** | **Ӣӣ** |
| *а* | *бэ* | *вэ* | *гэ* | *ғэ* | *дэ* | *йэ* | *Йо* | *жэ* | *зэ* | *и* | *(и-и дароз)* |
| **Йй** | **Кк** | **Ққ** | **Лл** | **Мм** | **Нн** | **Оо** | **Пп** | **Рр** | **Сс** | **Тт** | **Уу** |
| *йот* | *ка* | *қэ* | *эл* | *эм* | *эн* | *о* | *Пэ* | *эр* | *эс* | *тэ* | *у* |
| **Ӯӯ** | **Фф** | **Хх** | **Ҳҳ** | **Чч** | **Ҷҷ** | **Шш** | **Ъъ** | **Ээ** | **Юю** | **Яя** | |
| *(у-и дароз)* | *эф* | *ха* | *ҳэ* | *чэ* | *ҷэ* | *ша* | *Сак та* | *э* | *йу* | *йа* | |

**Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна**

# ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК

***Фонетика (савтиёт)***

**ISBN – 978-9943-**

Ба матбаа 12.12.2019 таҳвил гардид. Чопаш 15.12.2019

Ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи $60x84_{1/8.}$

Ҷузъи чопии шартӣ 8.75. Адади нашр 100 нусха.

Супориши № 12/10.

Дар нашриёти таҳририи Донишгоҳи давлатии

Самарқанд чоп карда шудааст.

Шаҳри Самарқанд, хиёбони Донишгоҳ, 15.